# 2-ЮМ ҲИСОБОТИ МИЛЛӢ

## ОИД БА ТАТБИҚИ ТАШАББУСИ ШАФФОФИЯТ ДАР СОҲАҲОИ ИСТИХРОҶ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## ДАР СОЛҲОИ 2015 - 2016



**МУНДАРИҶА**


ИХТИСОРАҲО 4

1. МАЪЛУМОТИ УМУМӢ ...5

1.1. ТАШАББУСИ ШАФФОФИЯТ ДАР СОҲАҲОИ ИСТИХРОҶ (ТШСИ) 5

1.2. ТШСИ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН 5

2. МАЪЛУМОТИ МУХТАСАР ДАР БОРАИ БАХШИ ИСТИХРОҶИ ТОҶИКИСТОН 8

2.1. ЗАМИНАИ ҲУҚУҚӢ ВА НИЗОМИ МОЛИЯВИИ СОҲАИ ИСТИХРОҶ 8

2.2. ИҶОЗАТНОМАҲО ВА ШАРТНОМАҲО 33

2.3. ФЕҲРИСТИ ИҶОЗАТНОМАҲО 40

2.4. МАЪЛУМОТ ДАР БОРАИ ШАРТНОМАҲО, СОЗИШНОМАҲО ВА КОНСЕССИЯҲО 42

2.5. ҲУҚУҚИ МАНФИАТДОРӢ (БЕНЕФИТСИАРӢ) 45

2.6. ТАВСИФИ СОҲАИ ИСТИХРОҶ 51

2.7. САҲМИ БАХШИ ИСТИХРОҶ ДАР ИҚТИСОДИ МАМЛАКАТ 71

2.8. ИСТЕҲСОЛ (ҲАҶМИ ИСТИХРОҶ) 84

2.9. СОДИРОТИ МАҲСУЛОТИ БАХШИ ИСТИХРОҶ (ҲАҶМИ СОДИРОТ) 89

2.10. ИШТИРОКИ ДАВЛАТ ДАР СОҲАИ ИСТИХРОҶ 93

2.11. ХАРОҶОТИ КВАЗИМОЛИЯВИИ ШИРКАТҲОИ ДАВЛАТӢ 106

2.12. ХАРОҶОТИ ИҶТИМОИИ ШИРКАТҲОИ ИСТИХРОҶ 108

2.13. ТАҚСИМИ ДАРОМАДҲО АЗ СОҲАҲОИ ИСТИХРОҶ 115

2.14. ИДОРАКУНИИ ДАРОМАДУ ХАРОҶОТ 117

3. ҲИСОБОТ ДАР БОРАИ НАТИҶАҲОИ ВОҚЕИИ МУҚОИСАИ ПАРДОХТҲО 125

3.1. ТАВСИФИ СУПОРИШ 125

3.1.1 МАҚСАДИ СУПОРИШ 125

3.1.2 ҲАҶМИ СУПОРИШ 125

3.1.3 ТАВСИФИ МУФАССАЛИ УСУЛУ РАСМИЁТИ МУҚОИСАИ МАЪЛУМОТ 128

3.2. НАТИҶАҲОИ МУҚОИСАИ ПАРДОХТҲО 139

3.2.1 ҶАРАЁНИ УМУМИИ МАБЛАҒҲОИ ПУЛӢ АЗ РӮИ НАМУДҲОИ ПАРДОХТ 139

3.2.2 ФАРҚИЯТҲОИ ҲАЛНАШУДА ВА ШИРКАТҲОЕ, КИ ҲИСОБОТ НАДОДААНД 144

3.2.3 ҶАРАЁНИ УМУМИИ МАБЛАҒҲОИ ПУЛӢ АЗ РӮИ ПАРДОХТИ АНДОЗ 153

3.2.4 ҶАРАЁНИ УМУМИИ МАБЛАҒҲОИ ПУЛӢ АЗ РӮИ ПАРДОХТИ ГУМРУК 158

3.2.5 ҶАРАЁНИ УМУМИИ МАБЛАҒҲОИ ПУЛӢ АЗ РӮИ ДИГАР ПАРДОХТҲОИ АСОСӢ 160

3.2.6 ҶАРАЁНИ УМУМИИ МАБЛАҒҲОИ ПУЛӢ АЗ РӮИ ХАРОҶОТҲОИ ИЛОВАГӢ 163

3.2.7 ҶАРАЁНИ УМУМИИ МАБЛАҒҲОИ ПУЛӢ АЗ РӮИ НАМУДҲОИ ФАЪОЛИЯТИ ШИРКАТҲО (НАФТУ ГАЗ ВА БАХШИ ИСТИХРОҶИ МАЪДАНҲОИ КӮҲӢ) 166

3.2.8 ҶАРАЁНИ УМУМИИ МАБЛАҒҲОИ ПУЛӢ МУВОФИҚИ ШИРКАТҲОИ АЛОҲИДА 170

3.3. ТАФСИРИ УМУМИИ ФАРҚИЯТҲОИ МАЪЛУМ КАРДАНАШУДА 179

3.3.1 ФАРҚИЯТҲОИ УМУМИИ МАЪЛУМ КАРДАНАШУДА АЗ РӮИ НАМУДҲОИ ПАРДОХТ . 179

3.4. МАЪЛУМОТ ДАР БОРАИ АУДИТИ ҲИСОБОТИ МОЛИЯВИИ ШИРКАТҲО 183

3.5. ТАВСИЯҲОИ МАЪМУРИ МУСТАҚИЛ 185

3.5.1 ИҶРОИ ТАВСИЯҲОЕ, КИ ДАР ҲИСОБОТИ ЯКУМИ МИЛЛИИ ТШСИ БАРОИ СОЛИ 2014 ДОДА ШУДААНД 185

3.5.2 ТАВСИЯҲО БАРОИ ҲИСОБОТИ ОЯНДА 186

**ЗАМИМАҲО**

1. Тағйиру иловаҳое, ки дар солҳои 2015 – 2016 ба қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид карда шудаанд.
2. Феҳристи иҷозатномаҳо барои ҳуқуқи гузарондани иктишофи геологӣ, ки ҲҶТ дар солҳои 2015 – 2016 додааст.
3. Феҳристи иҷозатномаҳо барои истихроҷи маъданҳои фоиданок, ки ҲҶТ дар солҳои 2015 – 2016 додааст.
4. Феҳристи иҷозатномаҳое, ки Вазорати энергетика ва захираҳои об додааст.
5. Феҳристи ягонаи иҷозатномаҳо барои иктишофи геологӣ.
6. Феҳристи ягонаи иҷозатномаҳо барои истихроҷи маъданҳои фоиданок
7. Рӯихати ширкатҳое, ки барои истихроҷи маъданҳои фоиданок иҷозатнома доранд.
8. Феҳристи ягонаи иҷозатномаҳо барои омӯзиш, иктишоф ва истихроҷи нафту газ, ки Ҳукумати ҶТ додааст.
9. Феҳристи умумӣ барои чоп.
10. а) Маълумот дар бораи муассисони ширкатҳое, ки бо муқоиса фаро гирифта шудаанд, талабот оид ба ҳуқуқи бенефитсиарӣ.

    б) Маълумот дар бораи моликони ҳуқуқии ширкатҳои истихроҷ.
11. Рӯихати моддаҳои буҷети давлатӣ барои солҳои 2015 – 2016.
12. Тавсифи раванди таҳияи буҷети давлатӣ.
13. Муқоисаи пардохтҳои ҳар як ширкат дар солҳои 2015 - 2016.

**ИХТИСОРАҲО**

| | |
|---|---|
| ТШСИ | Ташаббуси шаффофият дар соҳаҳои истихроҷ |
| ҶДММ | Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуд |
| КВ | Корхонаи воҳид |
| КВД | Корхонаи воҳиди давлатӣ |
| ҶСК | Ҷамъияти саҳомии кушода |
| ҶСМП | Ҷамъияти саҳомии муштараки пӯшида |
| КМ | Корхонаи муштарак |
| ММД | Маҷмуи маҳсулоти дохилӣ |
| ҶТ | Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| МГИ | Минтақаи геологӣ-иқтисодӣ |
| т | Тонна |
| млн | Миллион |
| ҚҶТ | Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| ҲҶТ | Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| КА | Кодекси андоз |
| КМ | Кодекси меҳнат |
| МОИ | Минтақаи озоди иқтисодӣ |
| ААИ | Андоз аз арзиши иловашуда |
| СТМ | Созишнома оид ба тақсими маҳсулот |
| ГБТМ | Гурӯҳи бисёрҷонибаи тарафҳои манфиатдор |
| КБ ТШСИ | Котиботи байналмилалии Ташаббуси шаффофият дар соҳаҳои истихроҷ |
| СМХ | Сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ |
| СИ | Соҳаи истихроҷ |
| КФ | Корхонаи фаръӣ |
| МН МО | Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олӣ |
| Иттифоқи ТҶШ | Иттифоқи ташкилотҳои ҷомеаи шаҳрвандии ҶТ «Шаффофият барои рушд» |
| ВМ | Вазорати молия |
| ФКМ | Фаъолияти квазимолиявӣ |
| АКМ | Арзёбии квазимолиявӣ |

# 1. МАЪЛУМОТИ УМУМӢ

## 1.1. Ташаббуси шаффофият дар соҳаҳои истихроҷ (ТШСИ)

ТШСИ стандарти байналмилалии таъмини шаффофияти даромад аз захираҳои табиӣ ба шумор меравад. Он имконият медиҳад истихроҷ ва иктишоф зери назорат гирифта, тамоми даромад аз ин соҳа бо ёрии гурӯҳи бисёрҷонибаи шахсони манфиатдор стандартӣ кунонда шавад.

ТШСИ методологияи асоснок, вале тағйирпазир буда, риояи стандарти байналмилалиро дар ҳамаи мамлакатҳое, ки ТШСИ-ро амалӣ менамоянд, таъмин мекунад. Раёсат ва Котиботи байналмилалии ТШСИ ба риояи ин методология масъул мебошанд, аммо масъулият барои иҷрои он бар дӯши ҳар як мамлакати алоҳида аст. Хуллас, ТШСИ стандарти умумиҷаҳониест, ки ба таъмини шаффофияти даромадҳо дар сатҳи маҳал мусоидат менамояд. Қоидаҳои ТШСИ методологияеро муқаррар мекунанд, ки мамлакатҳо бояд онро барои мутобиқшавӣ бо талаботи ТШСИ риоя намоянд.

ТШСИ иттиҳоди ҳукуматҳо, ширкатҳои истихроҷкунанда, ҷомеаи шаҳрвандӣ, сармоягузорон ва ташкилотҳои байналмилалӣ мебошад. Ин дар равандҳои ТШСИ чи дар сатҳи маҳаллӣ ва чи дар сатҳи байналмилалӣ инъикос мегардад: Раёсати ТШСИ аз 20 аъзо – намояндагони ҳукуматҳо, ширкатҳо ва ташкилотҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ иборат аст, ки онҳо дар се сол як маротиба дар Конференсияи Байналмилалии ТШСИ таъйин карда мешаванд.

## 1.2. ТШСИ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

Ҷумҳурии Тоҷикистон раванди ҳамроҳшавӣ ба Ташаббусро моҳи июни соли 2011 баъди конференсияи байналмилалӣ бахшида ба ТШСИ оғоз намуд. Моҳи августи соли 2011-ум 21 ташкилоти ҷомеаи шаҳрвандӣ ҷонибдории худро ба ТШСИ изҳор намуда, Иттифоқи ташкилотҳои ҷомеаи шаҳрвандии «Шаффофият барои рушд»-ро ташкил намуданд. Яке аз мақсадҳои асосии Иттифоқи ТҶШ мусоидат ба ҷорӣ намудани Стандартҳои ТШСИ дар ҶТ ва иштироки фаъолона дар иҷрои Ташаббус мебошад.
Бо мақсади омода намудани мамлакат ба ҳамроҳшавӣ ба ин ташаббус бо супориши ҳукумат аз зумраи вазоратҳои дахлдор, ширкатҳо ва ҷомеаи шаҳрвандӣ гурӯҳи кории байниидоравӣ (минбаъд – ГКБ) ташкил карда шуд. ГКБ маҷмуи ҳуҷҷатҳо, аз он ҷумла Аризаи Ҳукумати ҶТ-ро дар бораи ҳамроҳшавӣ ба ТШСИ таҳия намуд.
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси Ҳукумати ҶТ Эмомалӣ Раҳмон бо мақсади такмил додани усулҳои идоракунӣ дар соҳаҳои истихроҷ, беҳтар намудани муҳити сармоягузорӣ дар мамлакат, пурзӯр намудани мубориза бо коррупсия, таъмини иштироки ҷомеаи шаҳрвандӣ дар назорат ба рафти буҷет, ба буҷети давлатӣ пурра дохил гардидани маблағҳое, ки аз истихроҷи маъданҳо ба даст омадаанд, 31 августи соли 2012 ба Қарори Ҳукумати ҶТ, №449 «Дар бораи ҳамроҳшавии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Ташаббуси шаффофият дар соҳаҳои истихроҷ» имзо гузошт.

Тоҷикистон бо санади мазкур иттилоъ дод, ки ҶТ тайёр аст узви ТШСИ гардад ва Стандартҳои онро риоя намояд.

Бо мақсади иҷрои Қарори ҲҶТ №449 аз ҳисоби намояндагони мақомоти давлатӣ, корхонаҳои истихроҷи маъданҳои фоиданок ва ташкилотҳои ҷомеаи шаҳрвандии Ҷумҳурии

Тоҷикистон, ки ба иҷрои ТШСИ манфиатдоранд, дар асоси баробарҳуқуқӣ Шӯрои ТШСИ-и ҶТ ташкил карда шуд. Бо амри Вазири молияи ҶТ аз 14 ноябри соли 2013 №100 Котибот ташкил карда шуд, ки он мақоми иҷроияи Шӯрои ТШСИ-и ҶТ ба шумор меравад. Бо ҳамин амр инчунин ҳайати Котиботи мазкур тасдиқ карда шуд, ки ба он ҳамоҳангсози миллӣ, мутахассиси техникӣ ва мутахассиси робита бо ҷомеа дохил мешаванд.

26-27 феврали соли 2013 дар шаҳри Ослои Шоҳигарии Норвегия ҷаласаи 22-юми Раёсати Ташаббуси шаффофият дар соҳаҳои истихроҷ баргузор гардид, ки дар он дархости Ҷумҳурии Тоҷикистон барои гирифтани мақоми мамлакати номзад ба Ташаббуси шаффофият дар соҳаҳои истихроҷ (ТШСИ) маъқул дониста шуд.

Ҳисоботи Якуми Миллии Тоҷикистон оид ба ТШСИ (минбаъд – Ҳисоботи миллии ТШСИ) моҳи октябри соли 2015 пешниҳод карда шуд, ки он 14 ширкати бахши истихроҷ ва пардохтҳои онҳоро дар соли 2014 фаро мегирифт.

Аз соли 2011 то соли 2014 дар ҶТ як қатор чорабиниҳое амалӣ карда шуданд, ки ба баланд бардоштани нерӯи тарафҳои манфиатдор равона гардидаанд, пеш аз ҳама бо роҳи мубодилаи таҷриба бо тарафҳое, ки ТШСИ-ро бомуваффақият ҷорӣ менамоянд, инчунин дар мамлакат семинарҳои омӯзишӣ ва чорабиниҳои иттилоотӣ гузаронда шуданд.

Се тараф – Ҳукумат, ТҶШ ва ширкатҳо – бар он мекӯшанд, ки иттилоот дар бораи ТШСИ барои доираи васеи аҳли ҷомеа дастрас бошад. Ин иттилоот дар сомонаҳои зерин ҷой дода шудааст:

- Сомонаи Вазорати молияи ҶТ - www.minfin.tj
- Сомонаи Шӯрои ТШСИ-и ҶТ - www.eiti.tj
- Сомони Иттифоқи ТҶШ-и ТҶ «Шаффофият барои рушд» - www.tfd.tj
- Саҳифа дар Facebook - www.facebook.com/eiti.tajikistan

Моҳи октябри соли 2014 Бонки Ҷаҳонӣ барои дастгирии татбиқи ТШСИ дар ҶТ грант ҷудо намуд, ки азхудсозии маблағҳои он амалан моҳи майи соли 2015 оғоз ёфт. Дар чаҳорчӯбаи ин грант Котиботи Шӯрои ТШСИ-и ҶТ ба фаъолият шурӯъ намуд.

Бо сабаби таъхир ёфтани пешниҳоди Ҳисоботи якуми миллии ТШСИ моҳи апрели соли 2015 мақоми мамлакат боздошта шуд ва фақат баъди пешниҳод намудани ин ҳисобот моҳи октябри худи ҳамон сол мақоми он барқарор карда шуд. Муаррифии Ҳисоботи якуми миллии ТШСИ моҳи ноябри соли 2015 дар конференсияи минтақавӣ бо иштироки намояндагони Арманистон, Озарбойҷон, Қазоқистон, Қирғизистон ва Украина баргузор гардид.

Валидатсияи (тафтиши ба Стандартҳои ТШСИ мувофиқат кардани) Тоҷикистон барои соли 2016 1 июли соли 2016 оғоз ёфт. Котиботи байналмилалии ТШСИ марҳалаи якуми валидатсияро – ҷамъоварии пешакии маълумот, машварат бо тарафҳои манфиатдор ва тайёрӣ ба арзёбии ибтидоии корҳои иҷрошударо дар асоси талаботи ТШСИ гузаронд.

Барои арзёбии он ки кори иҷронамудаи Котибот то кадом андоза ба муқаррароти Стандарти ТШСИ мувофиқат мекунад, Гурӯҳи «Стратегияи рушди устувор» (ГСРУ) ба сифати валидатори мустақил таъйин карда шуд. Валидатор Арзёбии ибтидоиро тавзеҳ дода, ба Раёсати ТШСИ тавассути Кумитаи валидатсионӣ Ҳисоботи валидатсионӣ пешниҳод намуд.

Шӯрои ТШСИ-и ҶТ ва Иттифоқи ТҶШ, дар навбати худ, аз рӯи натиҷаҳои Арзёбии ибтидоии таҳиянамудаи Котиботи байналмилалии ТШСИ (минбаъд – КБ ТШСИ) сари вақт тадбирҳои ҷавобӣ андешиданд. Маводи дахлдори иттилоотӣ таҳия намуда, аз номи Шӯрои ТШСИ-и ҶТ ва Иттифоқи ТҶШ ба КБ ТШСИ фиристода шуд, моҳи декабри соли 2016 бо мақсади андешидани тадбирҳо баҳри иҷрои самараноки талаботи Стандартҳои ТШСИ семинари корӣ гузаронда шуд.

Моҳи октябри соли 2016 Ҳисоботи валидатсионӣ пешниҳод карда шуд, ки он барои мамлакат чандон хурсандибахш набуд. Мувофиқи арзёбии валидатор, раванди татбиқи Стандартҳои ТШСИ дар Тоҷикистон ба қадри кофӣ фаъолона набуда, аз рӯи 17 талаботи Стандарти ТШСИ «пешрафти нокифоя» мушоҳида карда шуд.

Дастоварди муҳими соли 2016 аз он иборат аст, ки коршиносон аз ҷомеаи шаҳрвандӣ бо тавсияи Шӯрои ТШСИ-и ҶТ ба Гурӯҳи кории байниидоравӣ оид ба таҳияи лоиҳаи Қонуни нави ҶТ «Дар бораи сарватҳои зеризаминӣ ва истифодаи сарватҳои зеризаминӣ» (минбаъд – ҚҶТ) дохил карда шуданд. Ҳоло лоиҳаи қонун дар Ҳукумати ҶТ баррасӣ карда мешавад.

Шӯрои ТШСИ-и ҶТ «Сиёсати шаффофияти маълумот» ва «Харитаи роҳнамо оид ба ҳуқуқи бенефитсиарӣ барои солҳои 2017 – 2020»-ро қабул намуд. Инчунин дар минтақаҳои мамлакат мубоҳисаҳои оммавӣ ташкил намуда, барои шарҳу тафсир додани масъалаҳои ТШСИ ва ҷалб намудани ҳамаи тарафҳои манфиатдор ба раванди иҷрои Ташаббусҳо бо иштироки вакилони МН МО ҶТ муҳокимаҳои парламентӣ гузаронда шуданд.

Ҳуҷҷати «Сиёсати шаффофияти маълумот», ки 26 декабри соли 2016 Шӯрои ТШСИ-и ҶТ тасдиқ намудааст (бо мақсади иҷрои банди 4.13 тавсияҳои валидатор), ба истифодаи маълумотҳои шаффоф барои минбаъд ба даст овандани мақсадҳои ТШСИ ва муваффақ гардидан ба шаффофияти бештар баҳри рушди устувор мусоидат менамояд. Бо ин мақсад таҳия намудани нақшаи дахлдори амалиёт ва методологияи ифшои маълумоти ширкатҳои истихроҷкунанда бо назардошти риояи меъёрҳои ҚҶТ «Дар бораи сири давлатӣ» ба нақша гирифта шудааст.

Инчунин дар ин ҷаласаи Шӯрои ТШСИ-и ҶТ Харитаи роҳнамо оид ба ҳуқуқи бенефитсиарӣ барои солҳои 2017–2020 тасдиқ карда шуд.

Дар Шӯрои ТШСИ-и ҶТ (протоколи ҷаласаи Шӯро аз 31 марти соли 2017) ҳуҷҷати таҳияшудаи «Нақшаи иҷрои амалҳои ислоҳие, ки аз ҷониби Раёсати Байналмилалии ТШСИ (минбаъд – Раёсати ТШСИ) муайян карда шудаанд» муҳокима карда шуд. Ҳуҷҷат тавсияҳои валидатор, амалҳои ислоҳии муайянкардаи Раёсати ТШСИ, инчунин амалҳои Шӯрои ТШСИ-ии ҶТ-ро инъикос намуда, барои иҷрои онҳо масъулинро таъйин мекунад.
Ҳамин тариқ, Шӯрои ТШСИ-и ҶТ баҳри иҷрои минбаъдаи ТШСИ дар Тоҷикистон ва қонеъ гардондани талаботи Стандартҳои ТШСИ ҷидду ҷаҳд менамояд.

# 2. МАЪЛУМОТИ МУХТАСАР ДАР БОРАИ БАХШИ ИСТИХРОҶИ ТОҶИКИСТОН

Тоҷикистон кишвари кӯҳии Осиёи Марказӣ аст, ки баландиҳои мутлақи он аз 300 м то 7495 м-ро ташкил медиҳанд. 93% ҳудуди ҷумҳурӣ аз кӯҳҳое иборат аст, ки ба баландтарин системаҳои кӯҳии Помиру Тиёншон дохил мешаванд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон сарватҳои фаровону гуногуни табиӣ, нерӯи зиёди истеҳсолӣ ва захираҳои калони маъдан ва ашёи хом дорад, ки барои рушди иқтисод шароитҳои мусоид фароҳам меоранд. Дар Тоҷикистон зиёда аз 600 кон ва 800 зуҳуроти маъданҳои фоиданок ошкор, иктишоф ва қисман ба азхудкунии саноатӣ тайёр карда шудаанд. Тоҷикистон дорои конҳои сурма, симоб, сурб, руҳ, нуқра ва намаксанг мебошад, ки дар ҳудуди ИДМ конҳои калонтарин ба шумор меравaнд. Дар ҷумҳурӣ зиёда аз 70 намуд маъдани фоиданок истихроҷ карда мешавад, аз ҷумла тилло, нуқра, волфрам, ангишт, сурб, қалъагӣ ва маъданҳои дигар. Аз ин маълум мешавад, ки бахши истихроҷи Тоҷикистон нерӯи азим дорад.

## 2.1. ЗАМИНАИ ҲУҚУҚӢ ВА НИЗОМИ МОЛИЯВИИ СОҲАИ ИСТИХРОҶ

### Заминаи ҳуқуқӣ

Тибқи моддаи 13 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, сарватҳои зеризаминӣ ва дигар захираҳои табиӣ моликияти истисноии давлат буда, давлат истифодаи самараноки онҳоро ба манфиати халқ кафолат медиҳад. Аз ин бармеояд, ки вазифаи давлат муҳофизат намудани манфиатҳои умумимиллӣ ҳангоми азхуд кардани ҳама гуна захираҳои минералӣ мебошад.

Ҳуҷҷати асосии стратегии мамлакат Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 (минбаъд СМР-2030) мебошад, ки бо қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии ҶТ аз 1 декабри с. 2016, №636 тасдиқ шудааст.

Дар СМР-2030 баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолӣ дар асоси таъмин намудани рушди устувори иқтисод мақсади олии рушди дарозмуҳлати Тоҷикистон эълон карда шудааст. Дар он гуфта мешавад: «Умуман ҳуҷҷати мазкур нақшаи директивии амалиёт барои тамоми мақомоти идоракунии давлатӣ ва нақшаи инфиродии амалиёт барои бахши хусусӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ буда, барномаҳои ёрии техникию молиявӣ ба мамлакат ба он асос меёбанд»[1].

Дар СМР-2030 дар қатори самтҳои афзалиятноки рушди иқтисоди миллӣ дар солҳои оянда инчунин оид ба истифодаи самараноки сарватҳои табиӣ вазифа ба миён гузошта шудааст. Масалан, барои саноати истихроҷ афзоиши баландтарини ҳаҷми истеҳсол – 5,7 маротиба аз рӯи стсенарияи индустриалӣ ва 6,4 маротиба аз рӯи стсенарияи индустриалӣ-инноватсионӣ пешбинӣ гардидааст. Мувофиқи СМР-30, иктишоф ва истихроҷи маъданҳои фоиданок (тилло, нуқра, сангҳои қиматбаҳо ва ғ.) яке аз самтҳои афзалиятноки рушди иқтисод ба шумор меравад.

Дар паёми Президенти ҶТ ба Маҷлиси Олии ҶТ (соли 2016) таъкид гардидааст, ки «дар якчанд ноҳияи мамлакат имсол ва солҳои оянда сохтмон ва ба истифода додани минтақаҳои саноатӣ, аз ҷумла ду корхонаи коркарди нафт бо иқтидори 2 млн тонна, се корхонаи семент бо иқтидори зиёда аз 3 млн тонна, корхонаҳои бофандагӣ бо иқтидори коркарди 52 ҳазор тонна пахта ва истеҳсоли 150 млн метри мураббаъ матои пахтагӣ, сохтмони се корхонаи

[1] http://medt.tj/documents/main/strategic_national_programm/strategic_national_prog_ru.pdf

саноати химия, коркарди металлҳои ранга бо иқтидори истеҳсолии 1400 кг тилло, корхонаи калони металлургӣ бо иқтидори 59 ҳазор тонна руҳ ва 50 ҳазор тонна сурб ва боз як корхонаи металлургӣ бо иқтидори 400 ҳазор тонна пешбинӣ гардидааст»[2].

## *Вазифаю уҳдадориҳои мақомоти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон*

Танзим ва идоракунии бахши истихроҷи маъданҳо аз ҷониби мақомоти гуногуни давлатӣ мувофиқи ваколатҳои онҳо, ки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ намудааст, амалӣ карда мешавад.

Соли 2014 дар асоси Фармони Президенти ҶТ аз 19 ноябри соли 2013, №12 низоми идоракунии давлатии мамлакат, аз ҷумла дар соҳаҳои истихроҷ, мавриди ислоҳот қарор дода шуд. Аз сабаби барҳам дода шудани Вазорати энергетика ва саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон ваколат ва вазифаҳои он дар байни Вазорати энергетика ва захираҳои оби ҶТ ва Вазорати саноат ва технологияҳои нави ҶТ тақсим карда шуданд. Бо назардошти тақсимоти мазкур идоракунии давлатии соҳаи нафту газ аз ҷониби  Вазорати энергетика ва захираҳои оби ҶТ, идоракунии давлатии соҳаи истихроҷи маъданҳо бошад, аз ҷониби  Вазорати саноат ва технологияҳои нави ҶТ сурат мегирад.

***Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон*** (минбаъд - ВСТН) тибқи Қарори ҲҶТ аз 3 марти соли 2014, №147 вазифаҳои зеринро иҷро мекунад: ҷорӣ намудани сиёсати ягонаи давлатӣ ва танзими меъёрию ҳуқуқӣ дар соҳаҳои саноат, комплекси сӯзишворӣ ва рушди технологияҳои нав, аз он ҷумла дар соҳаи саноати мудофиа, мошинсозӣ, **коркарди металлҳо** ва химия, **маъданҳои кӯҳӣ**, **масолеҳи сохтмон, саноати ангишт**, хӯрокворӣ ва коркарди маҳсулот**.** ВСТН дар ташаккул ва иҷрои стратегияҳои рушди онҳо, банақшагирӣ ва амалисозии технологияҳои нав дар асоси барномаҳои давлатӣ ва соҳавӣ бевосита иштирок мекунад; сиёсати илмию техникӣ, иқтисодӣ, сармоягузорӣ, таълимӣ, кадрӣ ва иҷтимоиро дар комплекси саноатӣ ташкил ва амалӣ менамояд; ҳамоҳангсозии фаъолияти корхонаҳои саноатӣ, ташкилотҳо ва комплекси сӯзишвориро, сарфи назар аз шаклҳои моликияташон, инчунин танзими муносибатҳои байнисоҳвии мақомоти давлатиро дар соҳаҳое, ки ба салоҳияти Вазорат дохил мешаванд, таъмин мекунад; дар ҳамкорӣ бо мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дурнамои рушди соҳаҳои саноат ва сӯзишвориро дар асоси имкониятҳои ташкили корхонаҳои нави саноатӣ, аз ҷумла корхонаҳои коркарди маҳсулот дар минтақаҳои дорои ашёи хом таҳия менамояд.

***Вазорати энергетика ва захираҳои оби Ҷумҳурии Тоҷикистон*** (минбаъд – ВЭЗО), тибқи Қарори ҲҶТ аз 3 марти соли 2014, №149 мақоми марказии ҳокимияти иҷроия мебошад, ки сиёсати давлатӣ ва танзими меъёрию ҳуқуқиро дар соҳаҳои комплекси сӯзишворию энергетикӣ ва захираҳои об амалӣ менамояд. ВЭЗО **дар соҳаи нафту газ** ваколатҳои зерин дорад:

- тайёр кардани пешниҳодҳо дар бораи ба консессия (истифодаи муваққатӣ) додани объектҳои давлатии энергетика ва об бо мақсади лоиҳакашӣ ва сохтмон;
- ташкили самараноки корҳои иктишофи конҳои нафту газ бо мақсади пур кардани захираҳои ашёи хоми энергетикӣ;
- танзими фаъолияти ширкатҳо ва корхонаҳои ғайридавлатие, ки фаъолияти худро дар соҳаҳои нафту газ, коркарди нафт ва содироту воридоти маҳсулоти нафт амалӣ менамоянд;

[2]http://www.president.tj/ru/node/10587

- назорат ба лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар соҳаҳои нафту газ ва коркарди нафт;
- мусоидат ба ҷалби сармоягузорӣ барои пеш бурдани корҳои иктишоф ва кушодани конҳои нафту газ, коркарди нафт, ҷорӣ намудани технологияҳои муосири истифодабарии конҳо, истихроҷ ва коркарди нафту газ;
- таҳия, мувофиқа ва бо тартиби муқарраршуда тасдиқ намудани лоиҳаҳои сармоягузорӣ оид ба парма кардани чоҳҳо, коркарди нафт, истифодаи маҳсулоти истеҳсолшуда ва ғ.

***Сарраёсати геологияи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон*** (минбаъд – СРГ) тибқи Қарори ҲҶТ аз 28 декабри соли 2006, №617 мақоми марказии ҳокимияти иҷроия мебошад, ки сиёсати давлатӣ, идоракунӣ ва ҳамоҳангсозии корҳоро дар соҳаи омӯзиши геологии сарватҳои зеризаминӣ, истифодаи оқилона ва барқарорсозии захираҳои минералӣ ва ашёи хом, инчунин иттилооти давлатии геологиро оид ба сарватҳои табиии Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ менамояд. СРГ корҳои ҷустуҷӯи геологии маъданҳои фоиданок, аз ҷумла обҳои зеризаминӣ (обҳои ошомиданӣ, минералӣ, саноатӣ, гарм) ва захираҳои сӯзишворию энергетикиро амалӣ намуда, омӯзиши мунтазам ва маҷмуии сарватҳои зеризаминиро бо мақсади барқарорсозии захираҳои минералию ашёи хом ба роҳ мемонад; афзоиши саривақтии захираҳои маъданҳои фоиданокро таъмин мекунад; назорати идоравиро ба истифодаи оқилона ва маҷмуии сарватҳои зеризаминӣ ва муҳофизати онҳо, инчунин ба иҷрои талаботи қонунгузорӣ дар соҳаи истифодаи сарватҳои зеризаминӣ ба роҳ мемонад; низоми ягонаи хазинаи иттилооти геологиро ташкил мекунад. СРГ иҷозатномаҳо ва қарордодҳоеро, ки аз тарафи мақомоти салоҳиятдор бо тартиби муқарраршуда барои ҳамаи намудҳои истифодаи сарватҳои зеризаминӣ дода шудаанд, дар Хазинаи давлатии иттилооти геологӣ оид ба сарватҳои зеризаминии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайди давлатӣ мегирад; баҳисобгирии давлатии қитъаҳои сарватҳои зеризаминиро, ки барои истихроҷи маъданҳои фоиданок истифода мешаванд, инчунин иншоотҳои зеризаминиеро, ки бо истихроҷи маъданҳои фоиданок алоқаманд нестанд, анҷом медиҳад; бақайдгирӣ ва баҳисобгирии давлатии корҳои омӯзиши геологии сарватҳои зеризаминии ҷумҳурӣ ва корҳоеро, ки тибқи созишномаҳои байналмилалӣ анҷом дода мешаванд, инчунин ҳамаи корҳои истифодабарии сарватҳои зеризаминиро, сарфи назар аз манбаъҳои маблағгузориашон, амалӣ менамояд. СРГ инчунин лоиҳаҳои корҳои ҷустуҷӯи геологиеро, ки сарфи назар аз манбаъҳои маблағузориашон ҳамаи ташкилотҳо дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷо меоранд, ва иҷрои марҳала ба марҳалаи ин корҳоро мувофиқа намуда, дар Хазинаи давлатии иттилооти геологӣ оид ба сарватҳои зеризаминии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд мегирад; тартиби пешниҳод намудани маълумоти геологиро ба Хазинаи давлатии иттилооти геологӣ оид ба сарватҳои зеризаминии Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар мекунад, ба риояи он назорат менамояд, инчунин нигоҳдорӣ, истифода ва баҳисобгирии мутамаркази онҳоро таъмин менамояд; вазифаи мақоми иҷроияи иҷозатдиҳиро (литсензиядиҳиро) барои сарватҳои зеризаминии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин вазифаи мақоми салоҳиятдорро оид ба бастани шартномаҳои истифодаи сарватҳои зеризаминӣ иҷро мекунад; риояи қонунгузориро дар бораи сири давлатӣ ва рӯихати маълумотеро, ки бо сири давлатӣ марбут мебошанд, таъмин менамояд; захираҳои конҳои пурра иктишофшударо барои тасдиқ ба Комиссияи давлатии захираҳои маъданҳои фоиданоки Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод мекунад.

***Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон*** (минбаъд - КДС) тибқи Қарори ҲҶТ аз 28 декабри соли 2006, №590 мақоми марказии ҳокимияти иҷроия мебошад, ки дар доираи ваколатҳои худ сиёсати давлатӣ ва танзими меъёрию ҳуқуқиро дар соҳаи сармоягузорӣ, ҷалби мақсаднок, ҳамоҳангсозӣ ва мониторинги ёрии беруна, идоракунии амволи давлатиро амалӣ менамояд, манфиатҳои давлатро чун молик ҳимоя мекунад, бахри иҷрои барномаҳои дастгирии соҳибкорӣ фаъолият мекунад *(дар таҳрири Қарори ҳуқумати ҶТ аз 03.03.2011, №135)*. КДС инчунин дар таҳия ва иҷрои барномаҳои

сармоягузорӣ, ташаккул додани шартҳои шартномаҳои консессионӣ иштирок намуда, ҳангоми ин дар доираи санадҳои меъёрию ҳуқуқии дахлдори Ҷумҳурии Тоҷикистон манфиатҳои давлатро чун молик ҳимоя мекунад; бо тартиби муқарраршуда созишномаҳои сармоягузорӣ ва шартномаҳои дахлдорро таҳия менамояд; ба сармоягузорон оид ба масъалаҳои хизматрасонии давлатӣ машваратҳо медиҳад; дар таҳия ва ба расмият даровардани ҳуҷҷатҳои зарурӣ барои гирифтани хизматҳои давлатӣ, пешниҳоди натиҷаҳои хизматрасониҳои давлатӣ ва ғ. ёрӣ мерасонад.

***Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон*** (минбаъд - ВРИС) тибқи Қарори ҲҶТ аз 28 декабри с. 2006, №589 «Дар бораи Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон» вазифаи таҳия ва иҷрои сиёсати давлатӣ ва танзими меъёрию ҳуқуқиро дар соҳаи таҳлил ва таҳияи консепсияҳо, стратегияҳои кӯтоҳмуҳлат, дарозмуҳлат ва миёнамуҳлат, барномаю пешгӯиҳои рушди иҷтимоию иқтисодии мамлакат, фаъолияти иқтисодии берунӣ, савдо, рушди иқтисодии минтақаҳо, ташаккул додани захираҳои иттилоотӣ амалӣ менамояд; масъалаҳои гузарондани мониторинг ва арзёбии иҷрои стратегияҳои миллӣ, паст кардани сатҳи камбизоатӣ ва барномаҳои сармоягузории давлатиро аз ҷумла дар бахши истихроҷи мамлакат ҳамоҳанг месозад. ВРИС асоснокии техникию иқтисодии лоиҳаҳои иктишоф ва истихроҷро аз нуқтаи назари самаранокии иҷтисодӣ баррасӣ мекунад. ВРИС барномаҳои рушди соҳаҳо ва минтақаҳоро ҳамоҳанг менамояд; дар таҳияи сиёсати буҷет, ташаккули меъёрҳои буҷетӣ барои таъмини иҷрои барномаҳои минтақавӣ, соҳавӣ ва ҷумҳуриявӣ иштирок мекунад; оид ба муқаррар намудани тарофаҳои гумрукӣ, аниқ кардани феҳристи номи молҳо ва кору хизматҳое, ки содироту воридоти онҳо манъ ё маҳдуд карда шудааст, пешниҳодҳо таҳия менамояд; корҳои ташкил, идоракунӣ, фаъолият ва такмили минбаъдаи минтақаҳои озоди иқтисодиро ҳамоҳанг месозад (дар таҳрири Қарори Ҳукумати ҶТ аз 31.08.2009 №475); оид ба тартиби ворид ва содир намудани металлҳои қиматбаҳо, сангҳои қиматбаҳо, маснуоти аз онҳо сохташуда, шикастапораҳои металлу сангҳои қиматбаҳо, партови коркарди онҳо ва пайвастҳои химиявии дорои металлҳои қиматбаҳо пешниҳодҳо тайёр мекунад.

***Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон*** (минбаъд - ВМ) тибқи Қарори ҲҶТ аз 2 апрели с. 2015 №187 амалисозии сиёсати ягонаи давлатӣ ва танзими меъёрию ҳуқуқии фаъолияти молиявӣ, буҷетӣ, андоз, баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ (ғайр аз низоми бонкӣ), бозори молиявии суғурта ва асъор, коғазҳои қиматнок ва хазинаи давлатии сарватҳоро таъмин менамояд ва дар ин соҳа фаъолияти мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатиро оид ба иҷро ва риояи қонунгузории андоз, назорат ба дурустии ҳиссаҷудокуниҳо, пурра ва сари вақт ворид гардидани андозҳо, боҷҳо ва дигар пардохтҳои ҳатмии андозсупорандагон ба буҷети давлатӣ ва фондҳои давлатӣ ҳамоҳанг менамояд, молияи давлатиро идора мекунад. Вазорати молия идоракунии қарзи давлатии берунӣ ва хизматрасонии он, аз ҷумла иҷрои уҳдадориҳои қарзиро аз рӯи кафолатҳои пешниҳоднамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, фаъолияти қарзгирӣ, бақайдгирӣ, баҳисобгирӣ, мониторинг ва назоратро ба истифодаи маблағҳое, ки мувофиқи шартнома (созишнома) қарз гирифта шудаанд ва бо тартиби муқаррарнамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дорои кафолати давлатӣ мебошанд, таъмин менамояд; дар муайян ва амалӣ намудани сиёсати давлат дар соҳаи ташаккул ва истифодаи захираҳои давлатии металлҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳо, истихроҷ, коркард, истеҳсол ва рушди бозори металлҳои қиматбаҳо, сангҳои қиматбаҳо ва сарватҳои дигар иштирок мекунад.

***Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон*** (минбаъд - КА) тибқи Қарори ҲҶТ аз 31 августи с.2012, №456 мақоми иҷроияи марказии ҳокимияти давлатӣ мебошад, ки назорати давлатиро ба пурра ва сари вақт супурдани андозҳо таъмин менамояд, ба истисноии мавридҳое, ки Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон рӯёндани андозҳоро ба мақомоти дигар вогузор намудааст. КА иҷро ва риояи қонунгузории андоз, таҳияи механизмҳои

идоракунии андозро бо мақсади сари вақт ва пурра ворид гардидани андозҳо ба буҷетҳои дахлдор таъмин менамояд, дар таҳияи лоиҳаҳои қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ оид ба масъалаҳои андозбандӣ, аз ҷумла шартномаҳо бо давлатҳои дигар иштирок мекунад.

КА бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ, соҳибкорони инфиродӣ, филиалҳо ва намояндагиҳои шахсони ҳуқуқии хориҷиро амалӣ менамояд, ба ҳар як андозсупоранда рақами мушаххасгардонӣ медиҳад ва Феҳристи ягонаи давлатии андозсупорандагон, аз ҷумла Феҳристи супорандагони андоз аз арзиши иловашударо тартиб дода, дастрасиро ба иттилооти он таъмин менамояд; ба дурустии ҳиссаҷудокуниҳо, аз ҷониби шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ пурра ва саривақт гузаронданн андозҳо ва пардохтҳои дигар ба буҷетҳои дахлдор назорат мекунад.

***Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон*** (минбаъд – Агентии омор) тибқи Фармони Президенти ҶТ аз 22 апрели соли 2010, №862 дар соҳаи сиёсати баҳисобгирию оморӣ ва таҳлили иқтисодӣ мақоми давлатӣ ба шумор рафта, дар фаъолияти худ ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тобеъ мебошад. Вазифаҳои асосии Агентии омор:

- ташкили баҳисобгирии оморӣ ва системаи нишондиҳандаҳои оморие, ки дар марҳалаи ҳозира ба талаботи ҷомеа, инчунин ба стандартҳои байналмилалӣ ҷавобгӯ мебошанд;
- ҳамоҳангсозии фаъолияти омории мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ;
- бо тартиби муқарраршуда муайян ва тасдиқ намудани феҳристи умумии намудҳои фаъолияти иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- таъмини амали регистри давлатии корхонаҳо ва ташкилотҳои дигар дар асоси ба ҳисоб гирифтани ҳамаи субъектҳои хоҷагидорӣ дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба онҳо додани рамзҳои мушаххасгардонӣ дар асоси феҳристҳои (классификаторҳои) иттилооти техникию иқтисодӣ ва иҷтимоӣ.

## *Қонунгузорӣ оид ба истифодаи сарватҳои зеризаминӣ*

Рӯйихати санадҳои меъёрию ҳуқуқие, ки соҳаи истифодаи сарватҳои зеризаминиро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон танзим менамоянд:

- Конститутсияи ҶТ (1994, дар солҳои 1999, 2003, 2016 тағйиру иловаҳо ворид карда шуданд)
- Кодекси граждании ҶТ (1999)
- Кодекси андози ҶТ (2012)
- Кодекси гумруки ҶТ (2004)
- Кодекси меҳнати ҶТ (дар таҳрири соли 2016)
- Қонуни ҶТ «Дар бораи сарватҳои зеризаминӣ» (1994)
- Қонуни ҶТ «Дар бораи сармоягузорӣ» (дар таҳрири соли 2016)
- Қонуни ҶТ «Дар бораи иҷозатномадиҳӣ ба баъзе намудҳои фаҳолият» (2004)
- Қонуни ҶТ «Дар бораи созишномаҳо оид ба тақсими маҳсулот» (2007)
- Қонуни ҶТ «Дар бораи консессияҳо» (2011)
- Қонуни ҶТ «Дар бораи сирри давлатӣ» (2014)
- Қонуни ҶТ «Дар бораи металлҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳо» (2001)
- Қонуни ҶТ «Дар бораи созишномаҳои сармоягузорӣ» (2013)
- Қонуни ҶТ «Дар бораи нафт ва газ» (2015)
- Қонуни ҶТ «Дар бораи танзими давлатии истеҳсол ва муомилоти баъзе намудҳои маҳсулоти нафт» (2007)

- Қонуни ҶТ «Дар бораи ангишт» (2012)
- Қонуни ҶТ «Дар бораи муомилоти маводи таркандаи таъйиноти граждании» (2004)
- Қонуни ҶТ «Дар бораи бехатарии саноатии иншооти истеҳсолии хатарнок» (2004)
- Қонуни ҶТ «Дар бораи танзими асъорӣ ва назорати асъорӣ» (1995)
- Қонуни ҶТ «Дар бораи бехатарии радиатсионӣ» (2003)
- Қонуни ҶТ «Дар бораи бақайдгирии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ» (2009)
- Қонуни ҶТ «Дар бораи бақайдгирии давлатии молу мулки ғайриманқул ва ҳуқуқҳо ба он» (2008)
- Қонуни ҶТ «Дар бораи санҷиши фаъолияти субъектҳои хоҷагидор» (2015)
- Қонуни ҶТ «Дар бораи минтақаҳои озоди иқтисодӣ дар ҶТ» (2004)
- Низомнома «Оид ба хусусиятҳои иҷозатномадиҳӣ ба намудҳои алоҳидаи фаъолият» (2007)
- Низомнома «Оид ба Фонди давлатии иттилооти геологӣ дар бораи сарватҳои觀 зеризаминии ҶТ» (1997)
- Низомнома «Оид ба Вазорати рушди иқтисод ва савдои ҶТ» (2006)
- Низомнома «Оид ба Вазорати молияи ҶТ» (2015)
- Низомнома «Оид ба Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии ҶТ» (2006)
- Низомнома «Оид ба Сарраёсати геологияи назди ҲҶТ» (2006)
- Низомнома «Оид ба Вазорати саноат ва технологияҳои нави ҶТ» (2014)
- Низомнома «Оид ба Вазорати энергетика ва захираҳои оби ҶТ» (2014)
- Низомнома «Оид ба Хадамоти назорати давлатии бехатарии корҳо дар саноат ва соҳаи кӯҳкории назди ҲҶТ» (2014)
- Низомнома «Оид ба Агентии омори назди Президенти ҶТ» (2010)
- Низомнома «Оид ба Кумитаи андози назди Ҳукумати ҶТ» (2012).

Фаъолияти шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, ки бо лоиҳакашӣ, ҷустуҷӯ, иктишоф, истихроҷ, коркард, ҳамлу нақл ва нигоҳдории сарватҳои зеризаминӣ алоқаманд мебошад, бо қонунҳои зерин танзим карда мешавад: «Дар бораи сарватҳои зеризаминӣ», «Дар бораи нафт ва газ», «Дар бораи ангишт», «Дар бораи металлҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳо», «Дар бораи иҷозатномадиҳӣ ба баъзе намудҳои фаъолият», «Дар бораи созишномаҳо оид ба тақсими маҳсулот», «Дар бораи сармоягузорӣ», «Дар бораи консессияҳо», Кодексҳои андоз ва гумруки ҶТ ва ғ.

**ҚҶТ «Дар бораи сарватҳои зеризаминӣ»**

ҚҶТ «Дар бораи сарватҳои зеризаминӣ» 20 июли соли 1994 таҳти рақами 984 қабул шудааст. Қонуни мазкур истилоҳоти асосии соҳаро тафсир медиҳад, категорияҳои асосии ҳуқуқиеро, ки дар соҳаи истихроҷи маъданҳои кӯҳӣ истифода мешаванд, мушаххас мегардонад, ваколатҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва як қатор мақомоти давлатии ваколатдорро дар соҳаи саноати кӯҳӣ, инчунин марҳалаҳои иҷрои корҳои кӯҳиро муайян мекунад. Тибқи моддаи Қонун, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба моликияти хусусӣ табдил додани сарватҳои зеризаминӣ иҷозат дода намешавад. Хариду фурӯш, ҳадя намудан, ба гарав гузоштани қитъаи сарватҳои зеризаминӣ, мустақилона иваз кардани он манъ аст.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи танзими муносибатҳои истифодаи сарватҳои зеризаминӣ тартиби истифодаи сарватҳои зеризаминӣ ва муҳофизати онҳо, инчунин стандартҳои (меъёрҳо, қоидаҳои) дахлдорро муқаррар менамояд; фонди давлатии сарватҳои зеризаминиро, аз ҷумла якҷоя бо мақомоти ҳокимияти давлатии вилояти мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳрҳо ва ноҳияҳо, бо фонди маъданҳои фоиданоки маъмулӣ

ихтиёрдорӣ ва идора мекунад (дар таҳрири ҚҶТ аз 05.01.2008, №351). Ҳукумат барои истифодаи сарватҳои зеризаминӣ ва коркарди ашёи хоми минералӣ иҷозатнома медиҳад (дар таҳрири ҚҶТ аз 04.11.1995, №120), тартиби ҷалб намудани сармоягузории хориҷӣ, додани иҷозатномаҳо ва консессияҳоро ба шахсони ҳуқуқӣ ва шаҳрвандони хориҷӣ барои ҷустуҷӯ, иктишоф, истихроҷ ва коркарди ашёи хоми минералӣ, инчунин барои истифодаи сарватҳои зеризаминӣ бо мақсадҳои дигар муқаррар менамояд ва риояи онро таҳти назорат мегирад. Масъалаи ташкили низоми ягонаи Фонди давлатии маълумоти геологӣ дар бораи сарватҳои зеризаминӣ, ихтиёрдории иттилооти аз ҳисоби маблағҳои давлатӣ ба даст овардашуда ба қатори ваколатҳои Ҳукумати ҶТ дохил мешавад (ҚҶТ «Дар бораи сарватҳои зеризаминӣ», моддаи 5).

Сарватҳои зеризаминӣ аз ҷумла барои омӯзиши геологӣ, истихроҷи маъданҳои фоиданок, истифодаи партови корхонаҳои истихроҷи маъдан ва коркарди он мавриди истифода қарор мегиранд (ҚҶТ «Дар бораи сарватҳои зеризаминӣ», моддаи 7).

Истифодабарандаи сарватҳои зеризаминӣ, ки барои ҳуқуқи истифодаи сарватҳои зеризаминӣ иҷозатнома гирифтааст, вазифадор аст, ки талаботро нисбати истифодаи оқилонаи сарватҳои зеризаминӣ ва муҳофизати онҳо риоя намояд.

Дар мавриди ба ҷо наовардани ин талабот ҳуқуқи истифодаи сарватҳои зеризаминӣ мувофиқи қонунгузорӣ аз ҷониби мақомоти давлатии ваколатдор маҳдуд карда, муваққатан боздошта ва ё қатъ карда мешавад.

Ба Қонуни мазкур дар солҳои 1995, 2008 ва 2010 тағйиру иловаҳо дохил карда шуданд.

Тибқи ислоҳот ба Қонун аз 31.12.2008, №471, «сармоягузоре, ки аз ҳисоби маблағҳои худ корҳои ҷустуҷӯӣ геологӣ гузарондааст, акнун ҳуқуқи истисноӣ дорад, ки барои истихроҷи маъдан иҷозатнома гирад» (ҚҶТ «Дар бораи сарватҳои зеризаминӣ», моддаи 8).

Ба моддаи 10-и Қонун низ тағйирот дароварда шуд (ҚҶТ аз 31.12.2008, №471). Пештар фақат корхонаҳои давлатӣ имконият доштанд, ки бо омӯзиш, истихроҷ ва нигоҳ доштани партови ашёи хоми радиоактивӣ машғул шаванд. Баъди ворид намудани тағйирот, акнун бо ин фаъолият метавонанд шахсони ҳуқуқӣ, ташкилотҳо, корхонаҳо ва шаҳрвандон, инчунин шаҳрвандони хориҷие, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шудаанд, сарфи назар аз шакли моликияташон машғул шаванд.

Агар истифодабарандаи сарватҳои зеризаминӣ корҳои ҷустуҷӯӣ, арзёбӣ ва иктишофӣ гузаронда бошад, тибқи ислоҳи ба моддаи 46 Қонун даровардашуда (ҚҶТ аз 31.12.2008, №471) ба ӯ ҷуброни хароҷот кафолат дода мешавад.

**ҚҶТ «Дар бораи нафт ва газ»**

ҚҶТ «Дар бораи нафт ва газ» 18 марти соли 2015, №1190 қабул карда шудааст. Он асосҳои ҳуқуқӣ, иқтисодӣ, ташкилии соҳаи нафту газ, инчунин сиёсати давлатро дар ин соҳа муқаррар намуда, ба рушди соҳаи нафту гази Ҷумҳурии Тоҷикистон равона карда шудааст.

Конҳои нафту газ моликияти истисноии давлат ба шумор меравaнд. Нафт ва гази истихроҷшуда вобаста ба шартҳои иҷозатнома метавонанд, моликияти шахсони ҳуқуқӣ, аз ҷумла моликияти муштараки шахсони воқеӣ ва ҳуқуқии хориҷӣ бошанд.

Шартнома оид ба гузаронидани корҳои иктишофӣ ба мӯҳлати то 5 сол ба имзо расонида шуда, дар ҳолатҳои зарурӣ тамдид мегардад. Иҷозатномадорон барои тамдид намудани мӯҳлати иҷрои шартнома ҳуқуқи афзалиятнок доранд, ба шарте ки аз тарафи онҳо ӯҳдадориҳои дар шартнома муайянгардида иҷро шуда бошанд. Дар ҳолати муайян шудани захираи нафт ва газ иҷозатномадор ҳуқуқ дорад, ки барои тамдиди мӯҳлати иҷрои шартнома то арзёбии тиҷоратии нафт ва гази кашфшуда ба мақомоти дахлдор муроҷиат намояд. Ҳудуди шартномавӣ метавонад як ва ё якчанд майдонро дар бар гирад. Майдони ба

сифати ҳудуди шартномавӣ ҷудокардашуда бо майдон ва чуқурии муайянкардашуда маҳдуд карда мешавад. Агар дар рафти амалиёти нафтугазӣ маълум гардад, ки сарҳади ҷуғрофии кон аз ҳудуди шартномавӣ берун мебарояд, масъалаи мазкур аз тарафи мақоми ваколатдори давлатӣ ҳал карда мешавад. Шартҳои баргардонидани ҳудуди шартномавӣ ба ҳолати аввала бо Қонунгузории ҶТ дар бораи консерватсия ва барҳамдиҳӣ бо тартиби муқарраршуда муайян карда мешаванд.

Иҷозатномадор оид ба омӯзиши захираҳо ва истихроҷи нафт ва газ дар ҳудуди қитъаи замини ҷудошуда ӯҳдадор аст:

- пешбурди корҳоро дар асоси лоиҳаҳои тасдиқшуда тибқи стандартҳо, қоидаҳо ва меъёрҳои тасдиқгардида амалӣ намояд;

- нишондиҳандаҳои кӯҳию техникӣ ва геологию физикии қаъри замини нафт ва газдошта, таркиби нафт, газ, конденсати газ ва омехтаҳои ба он ҳамроҳро муайян намояд;

- тарзу усулҳои омӯзиши геологии сарватҳои зеризаминиро, ки талафшавӣ ва пастшавии сифати нафт ва газро дар қаъри замин пешгирӣ мекунанд, ҷорӣ намояд;

- мувофиқи дастурамалҳои соҳавӣ корҳоро дар чоҳҳо ва дигар иншоот, ки истифодаи минбаъдаашон самаранок намебошад, қатъ намояд;

- корҳои бехатариро пеш барад;

- заминҳои дар натиҷаи амалиёти нафтугазӣ зарардидаро барқарор намояд;

- ҳангоми кашфи конҳои нафт ва газ мақоми ваколатдори давлатиро бетаъхир огоҳ намояд;

- сарватҳои зеризаминӣ ва муҳити зистро ҳифз кунад;

- лоиҳаи сохтмони анборҳои нафт ва газро бо мақоми ваколатдори давлатӣ мувофиқа намояд;

- баъд аз муайян гардидани ҳаҷми захираҳои нафт ва газ лоиҳаи тарзи истифодабарии конҳоро таҳия карда, барои мувофиқа ба мақоми ваколатдор дар соҳаи бехатарии саноат пешниҳод намояд;

- барои истифодабарии сарватҳои зеризаминӣ бо мақсади ҷустуҷӯ ва баҳодиҳӣ пас аз анҷоми корҳои геологию иктишофи сейсмикӣ маълумотҳоро оид ба тақсими маҳсулот дар созишнома нишон диҳад.

Лоиҳакашии иншооти қубурҳои магистралии интиқоли нафт ва газро ташкилотҳое иҷро менамоянд, ки иҷозатнома доранд. Соҳибмулкони иншооти қубурҳои магистралии интиқоли нафт ва газ ҳуқуқ доранд иншооти худро мустақилона ва ё дар асоси шартномаҳои интиқоли нафт ва газ барои пешбурди хоҷагидорӣ истифода баранд.

Истифодабарии қубурҳои магистралии интиқоли нафт ва газ дар асоси иҷозатнома амалӣ карда мешавад.

**ҚҶТ «Дар бораи ангишт»**

ҚҶТ «Дар бораи ангишт» 3 июли соли 2012, № 870 қабул гардидааст. Он асосҳои ҳуқуқӣ, молиявӣ ва ташкилии соҳаи ангиштро муқаррар намуда, муносибати байни шахсони воқеӣ ва ҳуқуқиро дар ин соҳа танзим менамояд.

Қонун фаъолияти ташкилотҳоро дар ҷараёни иктишоф, истихроҷ, коркарди ангишт, сохтмони шахтаҳо, хизматрасонии садамавию наҷотдиҳӣ ва инчунин бартарафсозии оқибатҳои вобаста ба корҳои кӯҳӣ, таъмини кафолати иҷтимоии кормандони ин ташкилотҳо, аз ҷумла назорати давлатӣ оид ба таъмини бехатариро фаро мегирад.

Ба мақсади таъмини рақобатпазирии соҳаи ангишт дар бозори дохилӣ ва хориҷӣ ташкилотҳои соҳаи ангишт новобаста аз шакли моликияташон дар самтҳои зерин аз дастгирии давлатии молиявӣ бархурдор мешаванд:

- дастгирии давлатии молиявии соҳаи ангишт ва истеҳсоли намудҳои сӯзишвории алтернативӣ аз ангишт;

- барқарорсозии иқтидорҳои истеҳсолии ташкилотҳо оид ба истихроҷ ва коркарди ангишт, таҷҳизонии техникӣ ва тавсеаи онҳо;

- дастгирии молиявии ташкилотҳои зараровари соҳаи ангишт, ки маҳсулоти онҳо аз рӯи меъёрҳои технологӣ ивазнашаванда аст ё таъмин намудани минтақаҳо бо сӯзишвории дигар бо сабабҳои иқтисодӣ ғайримақсаднок аст;

- маблағгузории фаъолияти ташкилотҳои соҳаи ангишт дар давраи муваққатан паст шудани талабот ба ангишт;

- мутобиқсозии иқтидорҳои истеҳсолии соҳаи ангишт ба талаботи тавозуни сӯзишворӣ - энергетикии давлатӣ;

- ҳифзи иҷтимоии кормандони соҳаи ангишт;

- гузаронидани чорабиниҳо оид ба татбиқи сиёсати давлатӣ дар соҳаи таъмини бехатарии иҷрои корҳои соҳаи ангишт.

Дастгирии давлатии молиявии ташкилотҳои соҳаи ангишт бо назардошти талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба сиёсати зиддиинҳисорӣ амалӣ шуда, набояд ба рақобатпазирии ташкилотҳои нафъовари истихроҷкунанда ва коркарди ангишт таъсири манфӣ расонад. Маблағи дастгирии давлатии молиявии ташкилотҳои соҳаи ангишт, иҷрои корҳои иктишофи геологӣ ҳамасола дар буҷети давлатӣ алоҳида нишон дода мешавад.

Ташкилотҳои соҳаи ангишт новобаста ба иштироки давлат дар сармояи оинномавии онҳо аз дастгирии давлатии молиявӣ истифода мебаранд.

Номгӯи ташкилотҳои соҳаи ангиштро, ки аз дастгирии давлатии молиявӣ истифода мебаранд, бо пешниҳоди мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи ангишт Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян мекунад.

Ташкилотҳои соҳаи ангишт, ки маблағи дастгирии давлатии молиявиро тибқи таъиноташон истифода намебаранд, аз номгӯи ташкилотҳои аз чунин дастгирӣ истифодабаранда хориҷ карда шуда, ин маблағ байни дигар ташкилотҳои соҳа бо тартиби муқаррарнамудаи мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи ангишт аз нав тақсим карда мешавад.

Истихроҷ ва коркарди ангишт тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси лоиҳаҳои тасдиқшуда амалӣ мегардад.

Лоиҳаҳои истихроҷ ва коркарди конҳои ангишт мавриди экспертизаи давлатии геологӣ, иқтисодӣ, экологӣ ва муҳандисӣ-сохтмонӣ қарор дода мешаванд.

Тартиб ва тарзи коркарди конҳои ангишт мувофиқи шароити кӯҳию геологӣ ба роҳ монда шуда, истихроҷи самаранок ва пурраи захираҳои қаъри замин таъмин карда мешавад.

Захираҳои ангишт аз тарафи ташкилотҳое, ки ба истихроҷ ва коркарди саноатии он машғуланд, бо тартиби муқарраргардидаи назорати сифати ангишт ва сари вақт иҷро намудани корҳои геологӣ ва маркшейдерӣ истифода карда мешаванд.

**ҚҶТ «Дар бораи сармоягузорӣ» (дар таҳрири соли 2016)**

ҚҶТ «Дар бораи сармоягузорӣ» муносибатҳои вобаста ба амалӣ намудани фаъолияти сармоягузориро ба танзим даровcovarda, асосҳои ҳуқуқию иқтисодии ҳавасмандгардонӣ ва

дастгирии давлатии сармоягузориро бо роҳи пешниҳоди низоми ҳуқуқии баробар ва кафолати ҳимояи ҳуқуқи сармоягузорон муайян менамояд.

Мафҳумҳои асосие, ки дар Қонун истифода шудаанд:

- сармоягузорӣ – аз ҷониби сармоягузор дар шакли дороиҳои моддӣ ва ғайримоддӣ гузоштани сармоя дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади гирифтани фоида;
- сармоягузор – шахси воқеӣ ва ҳуқуқӣ, инчунин ташкилот бе таъсиси шахси ҳуқуқӣ, ки дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияти сармоягузориро амалӣ менамояд;

- фаъолияти сармоягузорӣ – раванди сармоягузорӣ, ки марҳилаҳои таҳия, иҷро ва идоракунии лоиҳаҳои вобаста ба сармоягузориро дар бар мегирад;
- сармоягузории дарозмуҳлат – гузоштани сармоя ба лоиҳаи сармоягузорӣ бо давомнокии зиёда аз даҳ сол;
- сармоягузори хориҷӣ – давлати хориҷӣ, шахси ҳуқуқии хориҷӣ, ташкилоти хориҷӣ бе таъсиси шахси ҳуқуқӣ, шаҳрванди хориҷӣ, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки берун аз ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври доимӣ зиндагӣ мекунад, инчунин ташкилоти байналмилалӣ, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи қонунгузории кишвари будубоши худ сармоягузорӣ менамояд;
- сармоягузори ақаллият – сармоягузоре, ки сармоягузориро дар ҳаҷми камтар аз даҳ фоизи саҳмияҳои овоздор амалӣ менамояд (камтар аз даҳ фоизи овозҳо аз шумораи умумии овоздиҳии иштирокчиён);
- сармоягузориҳои мустақим – аз тарафи сармоягузор соҳибӣ, харидорӣ намудани на камтар аз даҳ фоизи ҳисса, ҳиссаҳо (саҳм) дар сармояи оинномавии ташкилоти тиҷоратӣ, ки дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода шудааст ё аз нав таъсис дода мешавад, инчунин сармоягузорӣ ба воситаҳои асосии филиали шахси ҳуқуқии хориҷии дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсисёбанда.

Сармоягузор метавонад ба фаъолияти сармоягузорӣ ҳама гуна молу мулк ва ҳуқуқ ба онҳоро, ки ба ӯ ҳамчун моликият ва дигар асоси ҳуқуқӣ мансуб мебошад, гузорад, аз ҷумла:

- молу мулки ғайриманқул;
- воситаҳои пулӣ;
- саҳмияҳо, ҳиссаҳо дар фонди оинномавӣ ва дигар шаклҳои иштирок дар шахси ҳуқуқӣ;
- ҳуқуқҳои молумулкӣ;
- моликияти зеҳнӣ ва дигар намудҳои ҳуқуқҳои ғайримолумулкӣ;
- дигар объектҳои ҳуқуқҳои граждание, ки дар муомилот бо қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳдуд карда нашудаанд.

Сармоягузорони хориҷӣ ҳуқуқ доранд сармоягузориро дар шаклҳои зерин амалӣ намоянд:

- ташкили корхонаҳо, ки пурра ба сармоягузорони хориҷӣ тааллуқ доранд, инчунин филиалҳо ва намояндагиҳо, ки ба шахсони ҳуқуқии хориҷӣ мансубият доранд ё ба воситаи ба даст овардани ҳуқуқи моликияти корхонаҳои мавҷуда;
- таъсиси шахсони ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо иштироки шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон ё ба даст овардани ҳисса дар корхонаҳои мавҷуда;

- ба даст овардани саҳмияҳо, вомбаргҳо ва дигар коғазҳои қиматноки муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- мустақилона ё бо иштироки шахсони ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон ба даст овардани ҳуқуқи консессияҳо барои истифодаи объектҳои моликияти давлатӣ ва захираҳои табиӣ дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- ба даст овардани дигар ҳуқуқҳои молумулкӣ;
- дар дигар шаклҳое, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон манъ накардааст.

Дар ҳолати ворид намудани тағйиру иловаҳо ба қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ё қабули санадҳои меъёрии ҳуқуқии нав, ки боиси бадшавии шартҳои амалисозии фаъолияти сармоягузорӣ мегарданд, сармоягузороне, ки сармоягузории дарозмуҳлат мекунанд, дар давоми даҳ сол аз рӯзи мавриди амал қарор дода шудани ин қонунҳо барои интихоби шароити ба онҳо мусоид ҳуқуқ доранд.

Бадшавии шароити сармоягузорӣ ин ворид кардани тағйиру иловаҳо ба қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва инчунин қабули санадҳои меъёрии ҳуқуқии нави Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравfamilyанд, ки ҳолатҳои зеринро пешбинӣ менамоянд:

- афзоиши гаронии андоз нисбат ба гаронии андоз аз рӯзи оғози маблағгузории лоиҳаи сармоягузорӣ;
- ҷорӣ намудани маҳдудияти миқдорӣ ба ҳаҷми сармоягузорӣ ва дигар талаботи иловагӣ вобаста ба андозаи сармоя, муқаррар намудани дигар ҳолатҳои маҳдудкунӣ ё манъкунӣ;
- ҷорӣ намудани маҳдудият нисбат ба ҳиссаи саҳми сармоягузори хориҷӣ дар фондҳои оинномавии (сармояи оинномавии) шахсони ҳуқуқӣ.

  Низоми мазкур нисбат ба тағйиру иловаҳо ба Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ба масъалаҳои амнияти миллӣ, тандурустӣ, ҳифзи муҳити зист алоқаманд мебошанд, паҳн намегардад.

Ба сармоягузорони хориҷӣ ҳуқуқи ба берун аз ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон интиқол додани маблағи даромади онҳо бо асъори хориҷӣ, ки бо роҳи қонунӣ дар натиҷаи фаъолияти сармоягузорӣ ва истеҳсолӣ ба даст омадаанд, кафолат дода мешавад. Сармоягузор метавонад дар хусусигардонии иншооти моликияти давлатӣ тавассути ба даст овардани ҳуқуқи моликият ба молу мулки давлатӣ ё ҳисса, ҳиссаҳо (саҳм) дар сармояи оинномавии ташкилоти хусусигардондашаванда иштирок намояд. Молу мулки сармоягузор миллӣ гардонида намешавад.

Экспроприатсия, аз ҷумла экспроприатсияи бавоситаи (ғайримустақими) сармоя дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ё қабули чораҳои баробар ба экспроприатсияи сармоя манъ аст, ба истиснои экспроприатсия ба манфиати давлат ё ҷомеа, дар асоси поймол нагаштани ҳуқуқ, тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, бо пардохти саривақтӣ, муносиб ва самарабахши ҷуброн.

Сармоягузорӣ ва дигар дороиҳои сармоягузорон, ба ғайр аз ҳолатҳои фавқулода, офатҳои табиӣ, садама, касалиҳои сироятӣ (эпидемия), талафоти ҳайвонот (эпизоотия), таҳти реквизитсия қарор намегиранд.

Сармоягузор метавонад ҳуқуқ ва уҳдадориҳои (гузаронидани қарз) худро тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шахси дигар диҳад (гузашт кунад). Додани ҳуқуқу уҳдадориҳо аз рӯи намудҳои фаъолияти иҷозатномадодашаванда баъди мувофиқа бо

мақоме, ки барои амалӣ кардани ин намуди фаъолият иҷозатнома додааст, анҷом дода мешавад.

Сармоягузор ҳангоми амалӣ намудани сармоягузорӣ ҷиҳати таъсиси ҷойҳои нави корӣ ва тайёр кардани кормандони баландихтисос аз ҳисоби шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон тадбирҳои зарурӣ меандешад.

Бо мақсади мусоидат ба сармоягузорон ҳангоми хизматрасонии давлатӣ мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи сармоягузорӣ равзанаи ягонаро барои сармоягузорон таъсис медиҳад.

## Низоми молиявӣ

Ба низоми буҷетии Тоҷикистон дараҷаи баланди мутамарказгардонии даромадҳо ба буҷети ҷумҳуриявӣ хос мебошад. Боби 7 ҚҶТ «Дар бораи молияи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 28.06.2011 №723[3] муносибатҳои байнибуҷетиро тавсиф менамояд.

Мувофиқи моддаи 6 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон[4] андозҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон (ҷадвали 1), мувофиқи моддаи 4 ҚҶТ «Дар бораи пардохтҳои дигари ҳатмӣ ба буҷет» аз 28 июли соли 2006, №197[5] - намудҳои пардохтҳои дигари ҳатмӣ ба буҷет (ҷадвали 2) муайян гардидаанд.

**Ҷадвали 1**

**Намудҳои андоз дар соҳаи истихроҷи Тоҷикистон[6]**

| Воридоти андоз | | Мақомоти давлатие, ки барои андозғундорӣ масъул мебошанд |
|---|---|---|
| **Андозҳои умумидавлатӣ** | | Хадамоти гумруки назди ҲҶТ |
| 1 | Пардохтҳои гумрукӣ:<br>- боҷҳои гумрукӣ;<br>- аксизҳо (аксизҳое, ки тавассути мақомоти гумрук ворид мешаванд);<br>- андоз аз арзиши иловашуда барои молҳое, ки ба қаламрави ҶТ ворид карда мешаванд;<br>- хироҷҳои гумрукӣ. | |
| 2 | Андоз аз даромад:<br>- аз шахсони воқеӣ (13%);<br>- аз даромадҳои ғайрирезидент аз манбаъҳо дар ҶТ (25%);<br>- андоз аз дивидендҳо (12%). | Кумитаи андози назди ҲҶТ |

[3] http://www.mmk.tj/ru/legislation/legislation-base/2011

[4] http://andoz.tj/ru/nalogovyy-kodeks.html

[5] minfin.tj/downloads/files/zakobpl.doc

[6] Намудҳои андоз тибқи Кодексҳои андоз ва гумруки ТҶ нишон дода шудаанд.

| | | |
|---|---|---|
| 3 | Андоз аз фоида:<br>- 14 фоиз, вале на камтар аз 1 фоизи даромади умумӣ (пешпардохти андоз аз фоида);<br>- андоз аз фоидаи софи муассисаи доимии шахси ҳуқуқии хориҷӣ (15%). | |
| 4 | Андоз барои захираҳои табиӣ:<br>- бонуси обунавӣ барои омӯзиши геологии қаъри замин;<br>- бонуси обунавӣ барои истихроҷ;<br>- бонуси кашфи тиҷоратӣ[7];<br>- роялти барои истихроҷ;<br>- роялти барои об. | |
| 5 | Андоз аз истифодабарандагони роҳҳои автомобилгард<br>(ба андозаи 0,25 фоиз барои фаъолияти савдо, маҳсулотайёркунӣ, таъминоту фурӯш ва ба андозаи 1 фоиз барои фаъолияти дигар) | |
| 6 | Андоз аз арзиши иловашуда:<br>- барои таҳвили молҳо ва иҷрои кору хизматҳо (18%);<br>- аз ғайрирезидентҳо аз манбаи пардохт нигоҳ дошташаванда (18%). | |
| 7 | Аксизҳо (аксизҳое, ки аз аз муомилоти дохилӣ ворид мешаванд)[8] | |
| 8 | Андозе, ки субъектҳои бизнеси хурд месупоранд (андоз аз рӯйи низоми содакардашуда 5-6%) | |
| 9 | Андози иҷтимоӣ:<br>- аз шахсони воқеӣ нигоҳ дошташаванда (1%);<br>- аз кордиҳанда (25%). | Кумитаи андози назди ҲҶТ |
| 10 | Андозҳои дигар, аз ҷумла ҷаримаҳо ва пеняҳо | Кумитаи андози назди ҲҶТ |
| **Андозҳои маҳаллӣ** | | |
| 1<br>2 | - андоз аз воситаҳои нақлиёт<br>- андоз аз молу мулки ғайриманқул | Кумитаи андози назди ҲҶТ |

7 Андозаи бонуси обунавӣ тибқи қоидаҳои муайяннамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар карда мешавад ва он дар шартномаи истифодаи сарватҳои зеризаминӣ инъикос меёбад

8 Меъёрҳои андози аксизии молҳои зераксизӣ аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқи Номгӯи молии фаъолияти берунии иқтисодӣ муқаррар карда мешаванд (моддаи 200 КА ҶТ).

**Ҷадвали 2**

**Намудҳои дигари пардохт дар бахши истихроҷи Тоҷикистон**

| **№** | **Намудҳои дигари пардохт** | **Мақомоти давлатие, ки барои ғундоштан масъул мебошанд** |
|---|---|---|
| 1 | Пардохти намудҳои ҳатмии суғурта | КВД «Тоҷиксуғурта» |
| 2 | Пардохт барои консессия | Вобаста ба он ки дар созишномаи консессиявӣ кадом мақомоти давлатии ваколатдор таъйин шудааст |
| 3 | Дивидендҳое, ки ба маҷмуи (пакети) давлатӣ пардохт карда шудаанд | Кумитаи андоз |
| 4 | Пардохт барои ҳиссаи давлат, ки ширкат харидааст | Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| 5 | Боҷи давлатӣ ва хироҷҳои литсензионӣ барои ҳуқуқи истифодаи сарватҳои зеризаминӣ | - Вазорати саноат ва технологияҳои нав;<br>- Вазорати энергетика ва захираҳои об;<br>- Сарраёсати геология |
| 6 | Боҷҳо ва хироҷҳо барои ба расмият даровардани ҳуқуқи истифодаи замин | Кумитаи давлатии замин ва геодезии Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| 7 | Ҷуброни фоидаи аз даст додашуда ҳангоми додани қитъаҳои замин | Кумитаи давлатии замин ва геодезии Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| 8 | Ҷуброни талафоти истеҳсолоти кишоварзӣ ва ҷуброни поймолшавии киштзорҳо | Кумитаи давлатии замин ва геодезии Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| 9 | Ҷуброни талафоти хоҷагии ҷангал | Кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| 10 | Пардохт барои гузаронидани экспертиза, иҷозатдиҳӣ ва мувофиқасозии лоиҳаи корҳо (ҲЛС, АТМЗ ва ғ.) | Сарраёсати геологияи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| 11 | Пардохти маблағ барои ифлос кардани муҳити атроф ва ҷуброни зарари ба муҳити зист расондашуда | Кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| 12 | Пардохтҳое, ки дар созишномаҳои бо Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон басташуда муқаррар гардидаанд | Вобаста ба он ки дар созишномаи сармоягузорӣ кадом мақомоти давлатии ваколатдор таъйин карда шудааст |
| 13 | Пардохтҳои ҳатмӣ барои додани шаҳодатномаҳо ва дигар ҳуҷҷатҳои иҷозатдиҳанда | Мақомоти давлатии ваколатдор ё мақомоти худидоракунии маҳаллӣ вобаста ба намуди пардохт |

## Низоми андоз

Дар бахши истихроҷи Тоҷикистон ду низоми андоз амал мекунад:

- низоми умумии андоз, ки ҳангоми он тартиби ҳисоб ва пардохт намудани андозҳои умумидавлатӣ ва маҳаллӣ тибқи Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд – КА ҶТ) истифода мегардад, ба истисноии низомҳои имтиёзноки андози КА ҶТ ва баъзе санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ;
- низоми андози имтиёзнок ё махсус, ки ҳангоми он дар муқоиса бо низоми умумии андоз тартиби дигари ҳисоб ва пардохти андозҳо муайян шудааст.

***Низоми умумии андоз***

Қоидаҳои низоми умумии андоз барои истифодабарандагони сарватҳои зеризаминӣ дар фасли XII КАҶТ муайян гардидаанд. Тибқи қисми 5 моддаи 219 боби 34 КА, дар мавриди истифода бурдани сарватҳои зеризаминӣ андозҳо барои захираҳои табиӣ пардохт карда мешаванд ва истифодабарандагони сарватҳои зеризаминӣ ғайр аз пардохтҳои андоз, ки барои ҳамаи ширкатҳо умумӣ мебошанд, андоз аз истифодабарандагони сарватҳои зеризаминӣ – бонуси обунавӣ, бонуси кашфи тиҷоратӣ, роялти барои истихроҷ ва роялти барои об месупоранд.

Бонуси обунавӣ ва бонуси кашфи тиҷоратӣ андозҳои устувори яккаратае мебошанд, ки истифодабарандагони сарватҳои зеризаминӣ месупоранд, ба истисноии корхонаҳои давлатие, ки бо иҷрои корҳои аз ҳисоби буҷети давлатӣ маблағгузоришавандаи омӯзиши геологии сарватҳои зеризаминӣ машғуланд.

Роялти барои истихроҷ андози доимие мебошад, ки андозсупоранда (истифодабарандаи қаъри замин) ҳангоми истихроҷи маъданҳои фоиданок месупорад.

Андозаи бонуси обунавӣ алоҳида барои ҳар як намуди фаъолияти вобаста бо истифодаи сарватҳои зеризаминӣ тибқи Қоидаҳои муайян кардани андозаи бонуси обунавӣ, андозаи бонуси кашфи тиҷоратӣ ва бастани шартномаҳо барои истифодаи сарватҳои зеризаминӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 августи с. 2011, №426 тасдиқ карда шудаанд, муқаррар карда мешавад[9].

Истифодабарандаи сарватҳои зеризаминӣ, ки барои ҳуқуқи истифодаи сарватҳои зеризаминӣ иҷозатнома гирифтааст, вазифадор аст, ки барои истифодаи сарватҳои зеризаминӣ мувофиқи қарори мазкур шартнома бандад. Ин шартнома дар байни мақоме, ки барои бастани шартномаҳо ваколатдор шудааст, ва истифодабарандаи сарватҳои зеризаминӣ баста мешавад. Мақоме, ки барои бастани шартномаҳо ваколатдор шудааст, Сарраёсати геологияи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Сарраёсати геология дар муҳлати то як моҳ дархости истифодабарандаи сарватҳои зеризаминиро баррасӣ менамояд, лоиҳаи шартномаро тайёр мекунад ва онро барои баррасӣ ба Комиссияи оид ба гузаронидани экспертизаи ҳатмии андоз мефиристад.

Сарраёсати геология баъди гирифтани хулосаи экспертии андоз дар давоми 15 рӯз шартномаро бо истифодабарандаи сарватҳои зеризаминӣ имзо мекунад. Муҳлати амали шартнома мувофиқи муҳлати амали иҷозатнома муқаррар карда мешавад.

Андозаи ҳадди ақали бонуси обунавӣ алоҳида барои ҳар як намуди фаъолият доир ба истифодаи сарватҳои зеризаминӣ муқаррар карда мешавад.

Фаъолият доир ба истифодаи сарватҳои зеризаминӣ инҳоро дар бар мегирад:

---

9 http://andoz.tj/ru/postanovleniya-pravitelstva.html

- омӯзиши геологӣ, аз ҷумла ҷустуҷӯ, арзёбӣ ва иктишофи конҳои маъданҳои фоиданок ва тадқиқотҳои дигари геологӣ;
- истихроҷи маъданҳои фоиданок;
- истифодаи партовҳои истихроҷи маъданҳои фоиданок ва маҳсулоти коркарди онҳо;
- истифодаи маъданҳои фоиданоки маъмулӣ;
- ҷамъоварии ҷинсҳои минералогӣ, палеонтологӣ ва кӯҳӣ.

Андозаи ҳадди ақали бонуси обунавӣ барои омӯзиши геологӣ алоҳида барои ҳар як шартномаи истифодаи сарватҳои зеризаминӣ ба андозаҳои зерин муқаррар карда мешавад:

**Ҷадвали 3**

**Андозаи ҳадди ақали бонуси обунавӣ**

| **Намудҳои омӯзиши геологӣ** | **Андозаи ҳадди ақали бонуси обунавӣ (карат нисбати нишондиҳанда барои ҳисоб[10])** |
|---|---|
| а) корҳои иктишофӣ дар майдонҳои нафту газдор | 5000 |
| б) корҳои иктишофӣ дар майдонҳои маъданҳои фоиданоки маъданӣ | 3000 |
| в) корҳои иктишофӣ дар майдонҳои маъданҳои фоиданоки ғайримаъданӣ, ғайр аз корҳои иктишофи маъданҳои фоиданоки маъмул, инчунин корҳои ҷустуҷӯӣ ва ҷустуҷӯию арзёбӣ | 1000 |
| г) корҳои иктишофӣ дар объектҳои партовҳои истихроҷи маъданҳои фоиданок ва маҳсулоти коркарди онҳо | 100 |
| д) ҷамъоварии ҷинсҳои минералогӣ, палеонтологӣ ва кӯҳӣ | 50 |

Андозаҳои ҳадди ақали бонусҳои обунавӣ барои истихроҷи маъданҳои фоиданок ба таври зайл муайян карда мешаванд:

а) барои истихроҷи нафти хом, конденсати газ ва гази табиӣ аз рӯи формулаи *(С х 0,04) + (Сп х 0,01)*, вале на камтар аз андозаи 20000-каратаи нишондиҳанда барои ҳисоб барои конҳои калон, 10000- каратаи нишондиҳанда барои ҳисоб барои конҳои миёна ва 5000- каратаи нишондиҳанда барои ҳисоб барои конҳои хурд;

б) барои истихроҷи маъданҳои фоиданок, ба истиснои маъданҳои фоиданоки бо зербандҳои а) ва в) ҳамин банд муқарраршуда аз рӯи формулаи *(С х 0,01) + (Сп х 0,005)*, вале на камтар аз андозаи 10000-каратаи нишондиҳанда барои ҳисоб барои конҳои калон, 5000- каратаи нишондиҳанда барои ҳисоб барои конҳои миёна ва 2500-каратаи нишондиҳанда барои ҳисоб барои конҳои хурд;

в) барои истихроҷи партовҳои истихроҷи маъданҳои фоиданок ва маҳсулоти коркарди онҳо аз рӯйи формулаи (*С х 0,01*), вале на камтар аз андозаи 500-каратаи нишондиҳанда барои ҳисоб,

[10] Як нишондиҳанда барои ҳисоб дар давраи ҳисоботӣ (солҳои 2015 – 2016) 40 сомониро ташкил медиҳад.

дар ин ҷо, С – арзиши захираҳои умумии маъданҳои фоиданок, ки Комиссияи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба захираҳои маъданҳои фоиданок аз рӯйи категорияҳои саноатии А, В, С(1) тасдиқ намудааст;

**Сп** – арзиши умумии захираҳои пешакӣ арзёбишудаи маъданҳои фоиданоки категорияи С(2), ки Комиссияи давлатии Ҷумҳурии Тооҷикистон оид ба захираҳои маъданҳои фоиданок тасдиқ намудааст ва (ё) дар хулосаи Комиссияи мазкур ба маълумот гирифта шудааст.

Конҳои калон, миёна ва хурди маъданҳои фоиданок мувофиқи Таснифоти захираи конҳо ва захираҳои пешгӯишудаи маъданҳои фоиданок муайян карда мешаванд.

Бонуси кашфи тиҷоратӣ барои ҳар як кашфи нави тиҷоратии маъданҳои фоиданок дар ҳудуди ҷудошуда муқаррар карда мешавад. Бонуси кашфи тиҷоратӣ барои ҳар як кашфи тиҷоратии маъданҳои фоиданок аз истифодабарандаи сарватҳои зеризаминӣ аз рӯйи меъёри 0,01% аз арзиши захираҳои табиии кашфшуда, ки Комиссияи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба захираҳои маъданҳои фоиданок тасдиқ намудааст, гирифта мешавад[11].

Меъёрҳои роялти барои истихроҷи маъданҳои фоиданок ба андозаи зерин муқаррар карда шудаанд:

**Ҷадвали 4**

**Меъёрҳои роялти барои истихроҷи маъданҳои фоиданок**

| № | ***<u>Номи маъданҳои фоиданок</u>*** | **Меъёр (ба ҳисоби % аз манбаи андоз)** |
|---|---|---|
| 1. | Нафт, конденсати газ ва гази табиӣ | 6 |
| 2. | Ангишт ва торф | 4 |
| 3. | Металлҳои сиёҳ (оҳан, марганетс, хром, ванадий) | 4 |
| 4. | Металлҳои ранга ва нодир (мис, сурб, руҳ, қалъагӣ, никел, кобалт, молибден, симоб, сурма, висмут, кадмий, алюминий, стронсий, титан, сирконий, литий, волфрам, тантал, ниобий ва ғ.) | 6 |
| 5. | Маъданҳои фоиданоки пошхӯрда | 9 |
| 6. | Металлҳои асил (тилло, нуқра, платиноидҳо) | 6 |
| 7. | Сангҳои қиматбаҳо | 8 |
| 8. | Сангҳои ранга (ҷавоҳирот) ва (ё) ашёи хоми пйезооптикӣ | 8 |
| 9. | Ашёи хоми радиоактивӣ | 5 |
| 10. | Ашёи хоми кӯҳӣ-химиявӣ ва обҳои термалӣ | 5 |
| 11. | Ашёи хоми маъданҳои кӯҳӣ (консентрат) ва (ё) ашёи хоми ғайримаъданӣ барои металлургия | 5 |

[11] Қарори ҲҶТ аз 30.08.2011, №426

| | | |
|---|---|---|
| 12. | Маъданҳои фоиданоки дигаре, ки дар ин ҷадвал нишон дода нашудаанд | 3 |
| 13. | Металлҳои ранга ва нодир (мис, сурб, руҳ, қалъагӣ, никел, кобалт, молибден, симоб, сурма, висмут, кадмий, алюминий, стронсий, титан, сирконий, литий, волфрам, тантал, ниобий ва ғ.), металлҳои асил (тилло, нуқра, платиноидҳо), ки аз пайдоишҳои техногении минералӣ (партови корхонаҳои истихроҷ) гирифта мешаванд | 0,5 |

Чи тавре дар боло қайд кардем, пардохти андозҳо аз истифодаи сарватҳои зеризаминӣ истифодабарандаи сарватҳои зеризаминиро аз супурдани андозҳои дигар, ки КА ҶТ муқаррар намудааст, инчунин аз иҷрои уҳдадориҳои андоз ҳангоми амалисозии фаъолияти дигар (ба истифодаи сарватҳои зеризаминӣ дахлнадошта) тибқи қонунгузории андоз, ки дар санаи ба вуҷуд омадани чунин ҳолатҳо (ба истифодаи сарватҳои зеризаминӣ дахлнадошта) амал мекунад, озод наменамояд. Чунин андозҳо аз ҷумла инҳо мебошанд: андоз аз фоида, андоз аз арзиши иловашуда, андоз аз истифодабарандагони роҳҳои автомобилгард, андози ҳадди ақал аз даромади корхонаҳо, андози замин, боҷҳои гумрукӣ ва давлатӣ, андоз аз соҳибони воситаҳои нақлиёт, андоз аз молу мулки ғайриманқул.

Бояд таъкид намуд, ки барои истифодабарандагони сарватҳои зеризаминӣ дар низоми умумии андоз 5 воситаи ҳавасмандгардонии сармоягузорӣ вуҷуд дорад. Аз ҷумла, озод кардан аз ААИ ҳангоми содир намудан, ворид намудан ва таҳвили молҳо, озод кардан аз супурдани андоз аз фоида ва аксиз.

***Андоз аз фоида***

Мутобиқи моддаи 109 КА ҶТ барои фаъолият оид ба истеҳсоли молҳо меъёри андоз аз фоида миқдори зеринро ташкил медиҳад:

- аз 1-уми январи соли 2015 - 14 фоиз, вале на кам аз 1 фоизи даромади умумӣ;
- аз 1-уми январи соли 2017 - 13 фоиз, вале на кам аз 1 фоизи даромади умумӣ.

Барои дигар намудҳои фаъолият:

- аз 1-уми январи соли 2015 – 24 фоиз, вале на кам аз 1 фоизи даромади умумӣ;
- аз 1-уми январи соли 2017 - 23 фоиз, вале на кам аз 1 фоизи даромади умумӣ.

Тибқи моддаи 110 КА ҶТ корхонаҳои нави молистеҳсолкунанда аз санаи бақайдгирии ибтидоии давлатӣ ҳангоми аз ҷониби муассисони онҳо дар мӯҳлати 12 моҳи тақвимии аз санаи бақайдгирии давлатӣ ба фонди оинномавии чунин корхонаҳо ворид намудани ҳаҷмҳои дар поён пешбинигардидаи сармоягузориҳо ба мӯҳлати:

(i) 2 сол, агар ҳаҷми сармоягузориҳо бештар аз 200 ҳазор доллари ИМА то 500 ҳазор доллари ИМА бошанд;
(ii) 3 сол, агар ҳаҷми сармоягузориҳо бештар аз 500 ҳазор доллари ИМА то 2 миллион доллари ИМА бошанд;
(iii) 4 сол, агар ҳаҷми сармоягузориҳо бештар аз 2 миллион то 5 миллион доллари ИМА бошанд;
(iv) 5 сол, агар ҳаҷми сармоягузориҳо бештар аз 5 миллион доллари ИМА бошанд.

***Андоз аз арзиши иловашуда***

Меъёри андоз аз арзиши иловашуда (ААИ) 18% муомилоти андозбандишавандаро ташкил медиҳад, ба истисноли содирот ва 18% воридоти андозбандишаванда (моддаи 181 КА ҶТ). Тибқи моддаи 169 КА, содироти молҳо, аз ҷумла аз соҳаи истихроҷ, аз ААИ озод карда мешавад.

Воридоти таҷҳизоти истеҳсолию технологӣ ва маснуоти такмилии (комплектии) онҳо, ки маҷмӯи ягонаи технологиро ташкил медиҳанд, аз ААИ ва боҷҳои гумрукӣ озод карда мешавад. Номгӯи таҷҳизоти истеҳсолию технологӣ ва маснуоти такмилӣ ба он мутобиқи номгӯи молҳои фаъолияти иқтисодии хориҷӣ аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда мешавад. Номгӯи мазкур бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 марти соли 2013, №93 тасдиқ карда шудааст[12].

***Аксизҳо***

Тибқи моддаи 197 КА ҶТ намудҳои алоҳидаи мол молҳои зераксизӣ ба шумор меравандд, аз ҷумла:

- сӯзишвории минералӣ, ҳамаи намудҳои нафти хом ва маҳсулоти коркарди он;
- моддаҳои битуминозӣ;
- мумҳои минералӣ;
- гази моеъ.

Меъёрҳои андози аксиз барои молҳои зераксизӣ аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқи Номгӯи молҳои фаъолияти иқтисодии хориҷӣ муқаррар карда мешаванд (қ.1 моддаи 200 КА ҶТ). Тибқи Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тасдиқ намудани меъёрҳои андози аксизӣ барои баъзе молҳое, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон истеҳсол карда мешаванд ва ба ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид карда мешаванд» №102 аз 15 феврали соли 2014, меъёрҳои андози аксизӣ тасдиқ карда шудаанд.

Содироти молҳои зераксизӣ аз пардохти аксиз озод карда мешаванд, агар чунин содирот ба талаботи моддаи 202 КА ҶТ ҷавоб диҳад.

***Андози иҷтимоӣ***

Корхонаҳо аз рӯи меъёри 25 фоиз андози иҷтимоӣ месупоранд.

Супорандагони андози иҷтимоӣ инҳо мебошанд: шахсони ҳуқуқӣ, воҳидҳои алоҳидаи онҳо, муассисаҳои доимии ғайрирезидентҳо ва соҳибкорони инфиродӣ – корфармоён, ки ба шахсони воқеӣ-резидентҳои бо онҳо дар асоси шартномаҳои (қарордодҳои) меҳнатӣ ё бе шартнома ҳамчун коргарони кироя коркунанда музди меҳнат, подошпулӣ ва манфиатҳои дигар медиҳанд, шахсони воқеӣ – резидентҳое, ки ба сифати соҳибкори инфиродӣ ба қайд гирифта нашудаанд, дар асоси шартномаҳои дорои хусусияти граждании ҳуқуқӣ ё бе онҳо.

Объекти андозбандии андози иҷтимоӣ инҳо мебошанд: музди меҳнат, подошпулӣ ва даромадҳои дигаре, ки андозсупорандагон ба манфиати кормандони кироя месупоранд, пардохтҳо, подошпулӣ ва даромадҳои дигари ба манфиати шахси воқеӣ пардохтшванда.

***Андоз аз истифодабарандагони роҳҳои автомобилгард***

Меъёрҳо, пардохткунандагон ва объектҳои андозбандӣ дар боби 37 КА ҶТ муайян карда шудаанд.

---

[12] http://www.adlia.tj/show_doc.fwx?rgn=118983

Супорандагони андоз аз истифодабарандагони роҳҳои автомобилгард шахсоне мебошанд, ки низоми умумии андозбандиро истифода мебаранд (корхонаҳое, ки муомилоташон дар 12 моҳи гузашта аз 1 млн зиёд буд) ва дорои объекти андозбандӣ мебошанд.

Манбаи андози аз объекти андозбандӣ бароянда бо роҳи ҷамъ намудани ҳамаи маблағҳое, ки андозсупоранда дар давраи ҳисоботӣ дар ҳаҷми пурра харҷ кардааст (бояд харҷ кунад), ҳисоб карда мешавад, аз ҷумла:

- хароҷот дар шакли пулӣ ва шакли молӣ барои молҳо, корҳо ва хизматрасониҳо, ба истиснои пардохтҳо оид ба хароҷот барои сохтмон, хариди воситаҳои асосӣ ва насб кардани онҳо, дигар хароҷоте, ки мутобиқи моддаи 153 Кодекси мазкур хусусияти капиталӣ дошта, бояд минбаъд дар шакли ҳиссаҷудокуниҳои истеҳлокӣ аз рӯи воситаҳои асосӣ тарҳ карда шаванд;
- хароҷоти дигаре, ки дар сархати якуми ҳамин қисм нишон дода нашудаанд, аз ҷумла хароҷоти коргарони кироя (хароҷоти фонди музди меҳнат).

Меъёри андоз аз истифодабарандагони роҳҳои автомобилгард аз 1 январи соли 2015 барои фаъолияти савдо, маҳсулоттайёркунӣ, таъминоту фурӯш 0,25 фоиз ва барои фаъолияти дигар 1 фоизро ташкил медиҳад.

***Андозҳои маҳаллӣ***

Ба андозҳои маҳаллӣ андоз барои воситаҳои нақлиёт ва андоз барои молу мулки ғайриманқул дохил мешаванд (фасли XV КА ҶТ).

Аз ҷумла, тибқи моддаи 6 КА ҶТ ба андозҳои маҳаллӣ андоз барои воситаҳои нақлиёт ва андоз барои молу мулки ғайриманқул дохил мешаванд.

Объектҳои андозбандӣ дар мавриди рӯёндани андоз аз воситаҳои нақлиёт воситаҳои нақлиёт, мошинаҳо ва механизмҳои худгард, воситаҳои шинокунанда ва локомотивҳои дар роҳи оҳан истифодашаванда мебошанд, ки бояд ба қайди давлатӣ гирифта шаванд ва (ё) дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб гирифта шуда, номгӯи онҳоро Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян менамояд. Барои воситаи нақлиёти худгард иқтидори муҳаррик, ки бо воҳидҳои қувваи асп ифода ёфтааст, манбаи андоз ба ҳисоб меравад. Дар моддаи 266 КА ҶТ меъёрҳои ин андоз муқаррар гардидаанд.

Андозҳои зерин аз молу мулки ғайриманқули барои истифодаи (ихтиёрдории) қитъаҳои замин ва (ё) объектҳои ғайриманқул пардохтшаванда муқаррар карда мешаванд:

- андози замин;
- андоз барои объектҳои ғайриманқул.

Объекти андозбандии андози замин заминҳои маҳалҳои аҳолинишин, заминҳои берун аз маҳалҳои аҳолинишин бо дарназардошти сифат, баҳои кадастрии замин, таъиноти истифодабарӣ ва хусусиятҳои экологии қитъаи замин мебошанд, ки мансубияти онҳоро қонунгузории замини Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян мекунад.

Объектҳои андозбандӣ дар мавриди рӯёндани андоз аз объектҳои ғайриманқул иморатҳо, хонаҳои истиқоматӣ, биноҳо, бӯстонсаройҳо, гаражҳо ва дигар биною иморатҳои дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон воқеъбуда, инчунин объектҳои сохтмонашон нотамом аз лаҳзаи зиндагонӣ кардан, истифода бурдан мебошанд.

***Низоми имтиёзнок ё махсуси андоз***

Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади ҷалб намудани сармоягузорӣ ба иқтисод омилҳои зиёди ҳавасмандгардонӣ муқаррар намудааст, аз ҷумла дар соҳаи истихроҷ.

*1. Дар асоси Қонуни ҶТ «Дар бораи созишномаҳо оид ба тақсими маҳсулот»*

Мутобиқи боби 48 КА ҶТ, сармоягузоре, ки бо Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба тақсими маҳсулот созишнома бастааст, барои низоми имтиёзноки андозбандӣ ҳуқуқ пайдо мекунад. Амали чунин низом ҳам барои сармоягузор ва ҳам барои давлат фоиданок аст: сармоягузор барои маблағгузорӣ ба ҷустуҷӯ, иктишоф ва истихроҷи маъданҳои фоиданок шароитҳои мусоид пайдо мекунад; давлат, дар навбати худ, барои гирифтани як қисми фоида аз ин фаъолият кафолат ба даст меорад. Низоми имтиёзнок дар тамоми муҳлати амали созишнома оид ба тақсими маҳсулот (СТМ) татбиқ мегардад. Дар чаҳорчӯбаи СТМ имтиёзҳои зерини андоз пешниҳод карда мешаванд:

- озод намудан аз андоз аз арзиши иловашуда ва аксиз ҳангоми таҳвили маҳсулоти истеҳсолшуда;
- озод намудан аз андоз аз фоида;
- озод намудан аз андоз аз арзиши иловагӣ ҳангоми ворид намудани молҳо барои иҷрои корҳо тибқи СТМ.

Дар чаҳорчӯбаи СТМ андозҳо ва дигар пардохтҳои ҳатмиро сармоягузор пардохт менамояд.

*2. Дар асоси Қонуни ҶТ «Дар бораи созишномаи сармоягузорӣ»*

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи созишномаи сармоягузорӣ», ки моҳи марти соли 2013 қабул гардидааст, механизми махсуси танзими муносибатҳоеро, ки дар байни давлат ва сармоягузор дар асоси созишномаи сармоягузорӣ ба миён меоянд, пешбинӣ менамояд. Чунин намуди созишнома хусусияти инфиродӣ дошта, барои сармоягузорони алоҳида низоми махсуси ҳуқуқие муқаррар менамояд, ки аз низоми ҳуқуқии умумие, ки барои сармоягузорони дигар муқаррар гардидааст, фарқ дорад.

Амали Қонун ба лоиҳаҳои сармоягузорие дахл мекунад, ки ҳаҷми назарраси сармоягузориро пешбинӣ намуда, дараҷаи баланди таваккалҳои молиявӣ, технологӣ, экологӣ ва дигарро дар бар мегирад ва барои рушди иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон, сарфи назар аз мавзуи лоиҳаҳо, муҳим мебошанд.

Мутобиқи қонуни мазкур дар доираи созишномаи сармоягузорӣ ба сармоягузор ҳуқуқҳо, кафолатҳо ва имтиёзҳои махсус, аз ҷумла низоми имтиёзноки махсуси андозӣ ва гумрукӣ пешниҳод кардан мумкин аст.

Бо мақсади таҳкими эътибори ҳуқуқии муқаррароти созишномаи сармоягузорӣ, инчунин таҳкими ҳуқуқҳо, кафолатҳо ва имтиёзҳои ба сармоягузор додашуда Қонун расмиёти тасвиби созишномаи сармоягузории имзошударо аз ҷониби Маҷлиси Намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ менамояд.

*3. Дар асоси Қонуни ҶТ «Дар бораи консессияҳо»*

Мутобиқи Қонуни ҶТ «Дар бораи консессияҳо» аз 28 декабри соли 2011, консессиядорон метавонанд шахсони воқеӣ ва ҳуқуқии маҳаллӣ ва хориҷӣ бошанд, ба истиснои ташкилоту муассисаҳои давлатӣ. Объектҳо дар асоси озмун ё дар асоси гуфтушуниди мустақими байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва сармоягузорони имконпазир ба консессия дода мешаванд.

Бар хилофи механизмҳои созишномаи сармоягузорӣ ва СТМ шартномаи консессия чораҳои махсуси ҳавасмандгардониро, ба монанди имтиёзҳои андозӣ ё гумрукӣ муқаррар намекунад. Вале бо вуҷуди ин, мутобиқи моддаи 11 Қонуни ҶТ «Дар бораи консессияҳо» ва моддаи 2 КА ҶТ шартномаи консессия дар бораи пардохти андозҳои муқарраршуда ва дигар пардохтҳо тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон талабот пешниҳод менамояд. Дар ин маврид

шартномаи консессияро Парламенти Ҷумҳурии Тоҷикистон – Маҷлиси Намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ мекунад.

### *Ислоҳот, такмили қонунгузории ҶТ, иҷрои стратегияю барномаҳое, ки масъалаҳои бахши истихроҷро танзим менамоянд*

Умуман дар солҳои 2015 - 2016 қонунҳои зерин дар таҳрири нав қабул намуда, ба санадҳои зерини қонунгузории ҶТ, ки соҳаи истихроҷи Ҷумҳурии Тоҷикистонро танзим менамоянд, тағйиру иловаҳо дохил карда шуданд:

1. Кодексҳо: Гражданӣ̣ (қисми 1), Андоз, Гумрук ва Меҳнат.
2. Қонунҳо: қонуни ҶТ «Дар бораи сармоягузорӣ» аз 15 марти соли 2016, № 1299 дар таҳрири нав қабул карда шуд; ба қонунҳо «Дар бораи иҷозатномадиҳӣ ба баъзе намудҳои фаъолият», «Дар бораи сири давлатӣ», «Дар бораи бақайдгирии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ» тағйирот ворид карда шуд.
3. Низомномаҳо: «Оид ба хусусиятҳои иҷозатномадиҳӣ ба намудҳои алоҳидаи фаъолият», «Оид ба Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Оид ба Вазорати энергетика ва захираҳои оби Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Оид ба Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Оид ба Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон».

Матни пурраи тағйироту илдоваҳое, ки дар солҳои 2015 – 2016 ба санадҳои мазкури қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон доир ба соҳаи истихроҷ ворид карда шудаанд, дар Замимаи 1 оварда шудааст.

Солҳои 2015 - 2016 бо мақсади деофшоризатсия, роҳ надодан ба саркашӣ аз супурдани андозҳо ва ҳавасмандгардонии иловагӣ ба КА ҶТ тағйиротҳои дахлдор ворид карда шуданд, аз ҷумла:

- ба моддаи 17 мафҳуми «минтақаҳои офшорӣ» ворид карда шуд; ба қисми 1 моддаи 126 маҳдудиятҳо ворид карда шудаанд, ки мувофиқи онҳо озодкунӣ аз пардохти андозҳо барои дивидендҳои корхонаҳои резидентӣ, ки дигар корхонаҳои резидентӣ пардохт кардаанд, нисбати корхонаҳои резидентие, ки дорои саҳми корхонаҳои иштирокчии минтақаҳои офшорӣ мебошанд, татбиқ намегардад;
- тибқи тағйирот ба қисми 1 моддаи 225 КА ҶТ, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонад мухлати муқарраршудаи пардохти бонуси обунавиро тағйир диҳад. Тағйироти мазкур имконият медиҳад, ки мухлати пардохти бонуси обунавӣ тамдид карда шавад;
- мувофиқи зербанди в) банди 8) моддаи 104 барои афзоиши арзиш аз фурӯхтан, додан, гузашт кардан ва дигар намуди бегонакунии саҳмияҳо ва ҳиссаҳои иштирок дар сармояи оинномавии корхонаҳо андоз аз даромади шахсони воқеӣ гирифта намешавад;
- ба низоми имтиёзноки КА ҶТ боби нави $47^2$ «Хусусиятҳои андозбандии субъектҳои бозори коғазҳои қиматнок» илова карда шуд, ки мувофиқи он иштирокчиёни касбӣ, эмитентҳо ва сармоягузорон ба мухлати 5 сол аз супурдани андоз аз фоида, ААИ ва андоз аз даромад озод карда мешаванд;
- меъёри андоз аз фоида барои истеҳсолкунандагон аз 15% то 14% ва барои фаъолияти дигар аз 25% то 24% кам карда шуд.

Ҳоло гурӯҳи кории давлатии байниидоравӣ оид ба бознигарии Қоидаҳои муайян кардани андозаи бонуси обунавӣ, бонуси кашфи тиҷоратӣ ва бастани шартномаҳо барои истифодаи

сарватҳои зеризаминӣ, ки бо Қарори ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 августи соли 2011, №426 тасдиқ гардидаанд, ташкил ёфтааст. Мақсади бознигарӣ такмил додани қоидаҳои муқаррар намудани андозаи бонуси обунавӣ ва ба муҳлати иҷозатнома вобаста кардани андозаи бонус мебошад.

Қайд кардан лозим аст, ки соли 2014 бо дастгирии Бонки Ҷаҳонӣ дар Сарраёсати геологияи ҶТ лоиҳаи «Таҷдиди Кадастри кӯҳии Ҷумҳурии Тоҷикистон» амалӣ карда мешавад. Дар чаҳорчӯбаи ин лоиҳа дар нимсолаи дуюми соли 2018 анҷом додани таҳияи Кадастри ҳозиразамони кӯҳӣ ба нақша гирифта шудааст.

Дар мамлакат дар чаҳорчӯбаи сиёсати қабулшудаи истифодаи сарватҳои зеризаминӣ стратегияю барномаҳои гуногун амалӣ карда мешаванд, аз қабили: СМР-2030, Барномаи рушди содироти Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2015, Консепсияи гузариши Ҷумҳурии Тоҷикистон ба рушди устувор, Барномаи давлатии экологии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2009–2019, Барномаи давлатии рушди соҳаи геологияи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2012–2020, Барномаи рушди миёнамуҳлати ҶТ барои солҳои 2016–2020.

Барномаи беҳдошти ҷолибияти сармоягузории соҳаи истифодаи сарватҳои зеризаминӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2012–2015, ки бо Қарори ҲҶТ аз 1 августи соли 2012, №385 тасдиқ гардидааст, умуман ба амалисозии чораҳои умумидавлатӣ барои беҳтар намудани муҳити сармоягузорӣ дар мамлакат, такмил додани низоми ниҳодӣ ва сохтори идоракунии соҳа, русумоти иҷозатномадиҳӣ ва гирифтани иҷозат дар соҳаи истифодаи сарватҳои зеризаминӣ, таҳияи механизмҳои экспертизаи лоиҳаҳо ва пешбурди лоиҳаҳои сармоягузорӣ, ташкили манбаи ягонаи ахбори геологӣ дар ҳомилони электронӣ, механизмҳои дастрасии содакардашуда ба ахбори геологӣ ва истифодаи он, гузариш ба низоми байналмилалии таснифи захираҳои маъданҳои фоиданок, таҳия ва тасдиқи стандартҳои ҳисобот барои истифодабарандагони сарватҳои зеризаминӣ мусоидат намуд.

Дар чаҳорчӯбаи иҷрои ин Барнома бо фармони раиси Кумитаи давлатии сармоягузорӣ гурӯҳи кории байниидоравӣ (минбаъд – ГКБ) ташкил намуда, ба зиммаи он таҳияи лоиҳаи нави Қонуни ҶТ «Дар бораи сарватҳои зеризаминӣ ва истифодаи сарватҳои зеризаминӣ» гузошта шуд.

Қайд кардан лозим аст, ки дар тавсияҳои Ҳисоботи якуми миллии ТШСИ, инчунин дар ҳисоботи Валидатор зарурати такмил додани қонунгузории соҳаи истихроҷи маъдани мамлакат, аз ҷумла оид ба масъалаи ба он ворид намудани меъёрҳои талаботи Стандарти ТШСИ таъкид гардидааст. Дар робита бо ин Шӯрои ТШСИ-и ҶТ соли 2016 ба лоиҳаи Қонуни ҶТ «Дар бораи сарватҳои зеризаминӣ ва истифодаи сарватҳои зеризаминӣ» бо мақсади эътибори қонунӣ бахшидан ба принсипҳо ва талаботи ТШСИ тағйиру иловаҳои дахлдор таҳия намуд. Бо назардошти таҷрибаи байналмилалӣ ва тибқи Стандарти ТШСИ Шӯрои ТШСИ-и ҶТ дар соли 2016 иловаҳои зеринро барои ворид намудан ба қонунгузории мазкур таҳия намуда, ба ГКБ пешниҳод кард: таърифи мафҳумҳои «бенефитсиар», «мақомоти давлатии барои иҷрои ТШСИ ваколатдор», «Ташаббуси шаффофияти соҳаҳои истихроҷ (ТШСИ)»; моддаи алоҳида дар бораи шаффофияти **гузарондани амалиётҳо оид ба истифодаи сарватҳои зеризаминӣ;** талабот нисбати пешниҳод намудани иттилооти зарурӣ барои арзёбии шаффофияти соҳаҳои истихроҷ, чи аз тарафи ширкатҳои истихроҷ ва чи аз тарафи мақомоти давлатии ваколатдор, таъмини дастрасии аҳли ҷомеа ба феҳристи иҷозатномаҳо барои истифодаи сарватҳои зеризаминӣ ва феҳристи бенефитсиарҳои ташкилотҳои корпоративие, ки дар тендер иштирок менамоянд, дороиҳои соҳаҳои истихроҷкунандаро истифода мебаранд ё ба онҳо сармоягузорӣ мекунанд, инчунин аз тарафи истифодабарандагони сарватҳои зеризаминӣ гузарондани аудити ҳатмӣ ва чоп кардани ҳисоботи молиявии худ.

Бо мақсади ворид намудани пешниҳодҳои дар боло номбаршудаи Шӯрои ТШСИ-и ҶТ ба қонунгузории мазкур ва тасбиту пешбурди онҳо бо фармони раиси Кумитаи сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии ҶТ аъзоёни Шӯрои ТШСИ-и ҶТ ба ҳайати ГКБ дохил карда шуданд. Дар чаҳорчӯбаи фаъолияти ГКБ ҳамаи иловаҳои дар боло зикршуда оид ба қонунигардонии принсипҳои муҳимтарини ТШСИ аз ҷониби вазорату идораҳои дахлдори мамлакат дастгирӣ ёфта, ба лоиҳаи Қонуни ҶТ «Дар бораи сарватҳои зеризаминӣ ва истифодаи сарватҳои зеризаминӣ» ворид карда шуданд. Таҳияи лоиҳаи қонуни мазкур соли 2016 анҷом ёфт. Дар фаслҳои дахлдори ин Ҳисобот моддаю меъёрҳои мушаххасе, ки Шӯрои ТШСИ-и ҶТ ба таври илова ба ин лоиҳаи қонун ворид намудааст, оварда мешаванд.
Ҳоло лоиҳаи қонун барои баррасӣ ба Ҳукумати ҶТ пешниҳод карда шудааст. Мақоми асосии давлатӣ оид ба пешбурди лоиҳаи ҚҶТ «Дар бораи сарватҳои зеризаминӣ ва истифодаи сарватҳои зеризаминӣ» Кумитаи давлатии сармоягузории ҶТ ба шумор меравад.

Бо Қарори ҲҶТ аз 28 ноябри соли 2015, №728 Барномаи давлатии омӯзиш ва арзёбии захираҳои металлҳои нодир барои солҳои 2016–2026 тасдиқ карда шудааст. Барнома ба афзун гардондани захираҳои минералӣ ва ашёи хом барои фаъолияти мунтазами корхонаҳои амалкунанда, сохташаванда ва ба нақша гирифташуда, инчунин таъмин намудани талаботи саноати мамлакат ба захираҳои минералию ашёи хом ва кам кардани вобастагии ҷумҳурӣ аз воридоти ашёи хоми маъданӣ равона гардидааст.

Қайд кардан зарур аст, ки соли 2015 марҳалаи дуюми иҷрои Барномаи дастгирии давлатии соҳибкорӣ барои солҳои 2012–2020 оғоз ёфт. Ин Барнома бо Қарори ҲҶТ аз 1 декабри соли 2014, №740 тасдиқ шуда, дар он идома додани ислоҳоте, ки барои беҳтар намудани муҳити сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ мусоидат менамояд, пешбинӣ гардидааст. Тибқи банди 12 Нақшаи чорабиниҳои ҲҶТ оид ба иҷрои Барномаи мазкур бо мақсади ихтисор намудани номгӯи фаъолиятҳое, ки дар асоси иҷозатнома амалӣ карда мешаванд, ва бартараф намудани монеаҳои маъмурӣ барои соҳибкорӣ дар мамлакат дар солҳои 2015 – 2017 бояд ислоҳоти низоми иҷозатномадиҳӣ гузаронда шавад. Дар робита бо ин Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон қонунгузориро оид ба низоми иҷозатдиҳӣ ва иҷозатномадиҳиро ба баъзе намудҳои фаъолият мавриди таҳлил қарор дода, дар ин соҳа гузарондани ислоҳотро зарур донист. Дар асоси ин таҳлил лоиҳаи Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ислоҳоти иҷозатномадиҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" таҳия намуда, барои баррасӣ ба Дастгоҳи иҷроияи Президенти ҶТ пешниҳод карда шуд.

Бо мақсади химоя ва дастгирии субъектҳои хоҷагидори тафтишшаванда, таъмини амнияти ва саломатии шаҳрвандони мамлакат, инчунин амнияти давлат бо назардошти таҷрибаи пешқадами байналмилалӣ 25 декабри соли 2015 ҚҶТ "Дар бораи тафтиши фаъолияти субъектҳои хоҷагидор" қабул карда шуд, ки он аз 1 июли соли 2016 эътибор пайдо намуд.

Бо қабули ин қонун аввалин маротиба дар Тоҷикистон тафтиши субъектҳои хоҷагидор дар асоси низоми баҳисобгирии хатарҳо гузаронда, ҳангоми тафтишҳо манбаъҳои маълумот ва технологияҳои иттилоотӣ истифода бурда мешаванд. Тибқи қонуни мазкур яке аз мақсадҳои асосии фаъолияти мақомоти тафтишкунанда гузарондани корҳои фаҳмондадиҳӣ мебошад.

Соли 2015 Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дастгирии Бонки рушди Осиё ба ҷорӣ намудани Таҳлили таъсиррасонии танзимӣ (ТТТ) шурӯъ кард. Ҳоло ТТТ ҳангоми таҳияи санадҳои қонунгузорӣ ва дигар василаҳои сиёсати давлатӣ васеъ ба кор бурда мешавад. Он пеш аз ҳама ба таҳлили омилҳои имконпазири таъсир (мусбат ва манфӣ), ки дар натиҷаи истифода бурдани ин ё он чораи танзимкунанда ба вуҷуд омада метавонанд, асос мeёбад. ТТТ имконият медиҳад, ки натиҷаҳои имконпазири қабули қонунҳои нав, хароҷоти имконпазири соҳибкорон ва, ниҳоят, самаранокии тадбирҳои пешниҳодшуда аз нуқтаи

назари мақсадҳои сиёсати давлат ва проблемаҳое, ки қонунгузорӣ барои ҳалли онҳо равона гардидааст, пешакӣ арзёбӣ карда шаванд.

Дар давоми солҳои ислоҳот ҷумҳурӣ ба муваффақиятҳои калон ноил гардид, аз ҷумла дар соҳаи ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои сармоягузорон. Ба ин чунин далел гувоҳӣ медиҳад, ки соли 2016 Ҷумҳурии Тоҷикистон дар рейтинги "Пешбурди бизнес" аз рӯи нишондиҳандаи ҳимояи сармоягузорони миноритарӣ дар байни 189 мамлакат, дар қатори Испания, Фаронса ва ҶХХ ҷои 25-умро соҳиб гардида, ҳатто аз ИМА, Австрия, Италия ва як қатор мамлакатҳои дигар пеш гузашт. Дар ин рейтинг мамлакати мо инчунин аз рӯи нишондиҳандаи таъмини иҷрои созишномаҳо баъди Канада, Япония ва Белгия ҷои 55-умро ишғол намуда, аз Полша, Таиланд, Эрон ва дигар мамлакатҳо пеш гузашт.

Ҷумҳурии Тоҷикистон солҳои 2010, 2011 ва 2015 дар ҳисоботи Бонки Ҷаҳонӣ «Пешбурди бизнес» ба рӯихати мамлакатҳои ислоҳотгари беҳтарин (топ-реформатор) шомил гардид, ки ин нишонаи эътирофи пешравиҳои он дар ислоҳот мебошад. Соли 2016 бошад, Тоҷикистон аз рӯи чунин нишондиҳандаҳо, ба монанди бақайдгирии соҳибкорӣ, андозбандӣ, қарзгирӣ ва савдои байналмилалӣ аз ҷои 166-ум ба ҷои 130-юм баромада, мавқеи худро хеле беҳтар намуд. Ҳамин тариқ, тибқи арзёбии коршиносони Бонки Ҷаҳонӣ, дар Тоҷикистон нишондиҳандаи ҳадди пеш 1,36 % (пункт) беҳтар гардид: аз 53% (пункт)-и соли 2016 то 55,4% (пункт) дар соли 2017. Нишондиҳандаи мазкур имконият медиҳад, ки дурии ҳар як мамлакат аз "ҳадди пеш", яъне аз натиҷаи беҳтарин аз рӯи ҳар як нишондиҳандаи "Пешбурди бизнес" дар ҳамаи мамлакатҳое, ки ба тадқиқот дохил мешаванд, мушоҳида карда шавад. Дурии ҳар як мамлакат аз "ҳадди пеш" аз рӯи ҷадвали аз 0 то 100 ҳисоб карда мешавад, ки дар он 0 натиҷаи бадтарин ва 100 "ҳадди пеш" ба ҳисоб меравад.

Илова бар ин, Тоҷикистон мавқеи худро аз 10 нишондиҳанда дар 4 нишондиҳандаи ҳисобот баланд бардошт, аз ҷумла дар:

I. андозбандӣ;
II. пайвастшавӣ ба системаи таъмини барқ;
III. бақайдгирии молу мулк;
IV. таъмини иҷрои шартномаҳо

Тибқи Қонуни ҶТ «Дар бораи сири давлатӣ», дар Тоҷикистон маълумот оид ба миқдори умумии захираи металлҳо ва сангҳои қиматбаҳо сири махфӣ ба шумор меравад. Масалан. дар моддаи 16 ин қонун «*Маълумот дар соҳаи иқтисод, молия, саноат, илм ва техника, ки ба сирри давлатӣ мансубанд*», маълумоти зеринро ба сирри давлатӣ мансуб медонад: «…(6) ошкоркунандаи иқтидори захиравӣ ва захираҳои тавозунии сарватҳои зеризаминӣ, афзоиши захираҳои кашфшуда ва истихроҷи ин сарватҳои зеризаминӣ дар маҷмӯъ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар тавсифоти конҳо доир ба ҳар як иншооти мушаххас, ки аз ҷониби Сарраёсати геологияи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мувофиқа бо мақоми ваколатдори давлатӣ муайян карда мешаванд; (22) ошкоркунандаи рақамҳои дурнамо оид ба истеҳсоли тилло, дар давраи аз як сол ва бештар аз он бо ифодаи аслӣ дар маҷмӯъ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон; (33) оид ба ҳаҷми нақшавии воридот ё содироти тилло, нуқра ва сангҳои қиматбаҳо бо ифодаи аслӣ ё арзиши пулӣ дар маҷмӯъ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон». Бинобар ин дар Ҳисоботи якуми миллии ТШСИ ҳамаи маълумоте, ки ба истеҳсол, содирот ва воридоти металлҳо ва сангҳои қиматбаҳо дахл доранд, пешниҳод карда нашуданд.

Бо мақсади пурра тавсиф намудани Стандарти ТШСИ дар Ҳисоботи дуюми миллии ТШСИ Вазорати молияи ҶТ ба Ҳукумати ҶТ дар бораи ғайримахфигардонии маълумот дар бораи истеҳсол, содирот ва воридоти металлҳо ва сангҳои қиматбаҳо дар солҳои 2015 – 2016 бо ифодаи молӣ ва пулӣ таклиф пешниҳод намуд. Пешниҳоди Вазорати молияро ҳамаи сохторҳои соҳавии давлатӣ дастгирӣ намуданд.

Дар робита бо ин, Вазорати молия лоиҳаи Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистонро «Дар бораи ғайримахфигардонии маълумот дар бораи истеҳсол, содирот ва воридоти металлҳо ва сангҳои қиматбаҳо дар солҳои 2015 – 2016» таҳия намуд, ки онро Президенти мамлакат аз 17 марти соли 2018, №1040 имзо намуд. Тибқи Фармони мазкур иҷозат дода шуд, ки маълумоти ғайримахфишуда ба Ҳисоботи дуюми миллии ТШСИ дохил карда шавад. Поёнтар дар фаслҳои дахлдор оид ба истеҳсол, содирот ва воридоти металлҳо ва сангҳои қиматбаҳо бо ифодаи молӣ ва пулӣ маълумоти зарурӣ дода мешавад.

## 2.2. ИҶОЗАТНОМАҲО ВА ШАРТНОМАҲО

***Тартиби додани иҷозатномаҳо***

Иҷозатномаҳо барои истифодаи сарватҳои зеризаминӣ тибқи қонунҳо «Дар бораи сарватҳои зеризаминӣ», «Дар бораи иҷозатномадиҳӣ ба баъзе намудҳои фаъолият» ва дар асоси «Низомнома оид ба хусусиятҳои иҷозатномадиҳӣ ба намудҳои алоҳидаи фаъолият», ки бо Қарори ҲҶТ аз 03 апрели соли 2007, №172 тасдиқ гардидааст, дода мешаванд.

Сарватҳои зеризаминӣ барои инҳо ба истифода дода мешаванд:

- омӯзиши геологӣ,
- истихроҷи маъданҳои фоиданок, аз ҷумла истифодаи партови корхонаҳои истихроҷи маъдан ва коркарди он,
- сохтан ва истифода бурдани иншоотҳои зеризаминӣ,
- ташкили объектҳои бахусус ҳифзшавандаи геологӣ,
- ҷамъ кардани маводи минералогӣ, палеонтологӣ ва маводи дигари коллексионии геологӣ (ҚҶТ «Дар бораи сарватҳои зеризаминӣ», моддаи 7)

Ҳоло дар Тоҷикистон ду низоми додани ҳуқуқи истифодаи сарватҳои табиӣ вуҷуд дорад – бо роҳи иҷозатномадиҳӣ ва бо роҳи гуфтушуниди мустақим.

Тибқи моддаи 1 Қонуни ҶТ «Дар бораи иҷозатномадиҳӣ ба баъзе намудҳои фаъолият»:

иҷозатнома (литсензия) – иҷозати махсусест, ки барои амалӣ намудани фаъолияти мушаххас бо риояи ҳатмии шарту талаботи иҷозатномадиҳӣ онро мақомоти иҷозатномадиҳанда ба шахси ҳуқуқӣ ё соҳибкори инфиродӣ додааст;

намуди фаъолияти иҷозатномадодашаванда (литсензияшаванда) – фаъолиятест, ки барои амалӣ намудани он дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқи Қонуни мазкур бояд иҷозатнома гирифта шавад;

иҷозатномадиҳӣ (литсензиякунонӣ) – чорабиниҳоест, ки ба иҷозатномадиҳӣ, аз нав ба расмиятдарории ҳуҷҷатҳое, ки мавҷудияти иҷозатномаро тасдиқ мекунанд, боздоштан ва барқарор намудани амали иҷозатнома, бекор кардани он ва ба назорати мақомоти иҷозатномадиҳанда оиди аз тарафи иҷозатномадор риояи шарту талаботи иҷозатномадиҳӣ ҳангоми ба амал баровардани намудҳои фаъолияти иҷозатномадодашаванда вобаста мебошад;

шарту талаботи иҷозатномадиҳӣ – маҷмӯи шарту талаботе, ки бо низомнома дар бораи хусусиятҳои иҷозатномадиҳӣ ба баъзе намудҳои фаъолият муқаррар шудаанд, ки иҷрояшон барои иҷозатномадор ҳатмист;

мақомоти иҷозатномадиҳанда – мақомоти ҳокимияти иҷроия, ки мутобиқи Қонуни мазкур иҷозатнома медиҳад.

Мақоми иҷозатномадиҳанда Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад, мақомоти иҷроияи иҷозатномагиранда инҳо ба шумор мераванд:

- барои ҷустуҷӯ, арзёбӣ ва иктишофи маъданҳои геологӣ ва ҷамъ кардани ҷинсҳои минералогӣ, палеонтологӣ ва кӯҳӣ – Сарраёсати геологияи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- барои истихроҷи нафт ва газ – Вазорати энергетика ва захираҳои оби ҶТ;
- барои истихроҷи ангишт, истифодаи дигар маъданҳои фоиданоки дорои хусусияти маъдани кӯҳӣ ва ғайри маъдани кӯҳӣ, аз ҷумла истифодаи партовҳои истеҳсолии саноати кӯҳӣ ва коркарди онҳо – Вазорати саноат ва технологияҳои нави ҶТ (Қарори ҲҶТ аз 31.12.2014, №830).

Мақомоти иҷозатномадиҳанда салоҳият доранд, ки (ҚҶТ «Дар бораи иҷозатномадиҳӣ ба баъзе намудҳои фаъолият», моддаи 6):

- иҷозатнома диҳанд;
- ҳуҷҷатҳоеро аз нав ба расмият дароранд, ки вуҷуд доштани иҷозатномаро тасдиқ менамоянд;
- мӯҳлати амали иҷозатномаҳоро дароз намоянд (дар таҳрири ҚҶТ аз 28.07.2006, №195);
- амали иҷозатномаро боздоранд;
- амали иҷозатномаро барқарор созанд;
- иҷозатномаро бекор кунанд;
- феҳристи иҷозатномаҳоро тартиб диҳанд;
- назорати аз тарафи иҷозатномадорон риоя шудани шарту талаботи иҷозатномаро ба амал бароранд.

Тибқи талаботи ҚҶТ «Дар бораи иҷозатномадиҳӣ ба баъзе намудҳои фаъолият» ва Низомнома «Оид ба хусусиятҳои иҷозатномадиҳӣ ба намудҳои алоҳидаи фаъолият», иҷозатнома ба номи шахси ҳуқуқии мушаххас дода мешавад. Дар иҷозатнома номи ин ширкат нишон дода мешавад, бинобар ин иҷозатномаро ба шахси дигар фурӯхтан ё додан мумкин нест. Инчунин тибқи боби 12 Низомнома «Оид ба хусусиятҳои иҷозатномадиҳӣ ба намудҳои алоҳидаи фаъолият», ба шахси дигари воқеӣ ё ҳуқуқӣ додани иҷозатнома боиси муваққатан боздоштани амали иҷозатнома мегардад.

Дар давоми солҳои 2015–2016 иҷозатномаҳо ба шахсони дигар дода ё фурӯхта нашудаанд.

*<u>Ҳуҷҷатҳое, ки барои гирифтани иҷозатнома заруранд (тибқи ҚҶТ «Дар бораи иҷозатномадиҳӣ ба баъзе намудҳои фаъолият»)</u>*

1. Тибқи моддаи 9 ҚҶТ «Дар бораи иҷозатномадиҳӣ ба баъзе намудҳои фаъолият», довталаби иҷозатнома барои гирифтани иҷозатнома ба мақомоти иҷозатномадиҳанда ҳуҷҷатҳои зеринро пешниҳод менамояд:

- ариза дар бораи додани иҷозатнома барои намуди фаъолияти иҷозатномадодашаванда, ки дар он маълумотҳои зерин нишон дода мешаванд:
    i. барои шахси ҳуқуқӣ – ном ва шакли ташкилию ҳуқуқии корхона, суроғаи ҳуқуқӣ, рақами суратҳисоб ва шӯъбаи бонк;
    ii. барои соҳибкори инфиродӣ – ному насаб, ҷойи истиқомат шиноснома, рақам ва таърихи гирифтани он (дар таҳрири ҚҶТ аз 28.07.2006, №195);

инчунин намуди фаъолияти иҷозатномадодашаванда, ки соҳибкори инфиродӣ ва шахси ҳуқуқӣ мақсади анҷом додани онро дорад ва мӯҳлате, ки дар давоми он чунин намуди фаъолият анҷом дода мешавад (дар таҳрири ҚҶТ аз 28.07.2006, №195);

- нусхаи ҳуҷҷат дар бораи бақайдгирии давлатии шаҳрванд ба сифати соҳибкори инфиродӣ – барои соҳибкори инфиродӣ;
- нусхаи шаҳодатнома дар бораи дар мақомоти андоз ба қайд гузоштани довталаби иҷозатнома;
- ҳуҷҷате, ки пардохти боҷи иҷозатномагириро (литсензиониро) барои аз ҷониби мақоми иҷозатномадиҳанда баррасӣ кардани ариза дар бораи додани иҷозатнома тасдиқ менамояд;
- маълумот дар бораи дараҷаи ихтисоси кормандони довталаби иҷозатнома.

Ғайр аз ҳуҷҷатҳои дар банди 1 Низомнома «Оид ба хусусиятҳои иҷозатномадиҳӣ ба намудҳои алоҳидаи фаъолият» зикршуда инчунин пешниҳоди ҳуҷҷатҳои дигаре пешбинӣ гардидааст, ки бо талаботу шартҳои муқарраршуда мувофиқат намудани довталаби иҷозатномаро тасдиқ менамоянд.

Аз довталаби иҷозатнома пешниҳоди ҳуҷҷатҳоеро, ки дар Қонуни мазкур ва Низомнома дар бораи хусусиятҳои иҷозатномадиҳӣ ба баъзе намудҳои фаъолият пешбинӣ нашудаанд, талаб кардан мумкин нест. Ҳамаи ҳуҷҷатҳое, ки ба мақомоти дахлдори иҷозатномадиҳанда барои гирифтани иҷозатнома пешниҳод мегарданд, тибқи рӯйхат қабул карда мешаванд ва нусхаи онҳо бо қайди рӯзи қабули ҳуҷҷатҳо аз ҷониби мақомоти мазкур ба довталаби иҷозатнома фиристода (дода) мешавад.

2. Иҷозатнома барои истифодаи сарватҳои зеризаминӣ ба муҳлати на камтар аз 3 сол дода мешавад (дар таҳрири ҚҶТ аз 13.06.2007, №277). Агар истифодабарандаи сарватҳои зеризаминӣ шарту талаботи иҷозатномавиро (литсензиониро) вайрон кунад ё чандин маротиба вайрон карда бошад, он гоҳ мақоми иҷозатномадиҳанда ҳуқуқ дорад, ки амали иҷозатномаро ба муҳлати на бештар аз се моҳ боздорад. Агар дар ин муҳлат камбудиҳо бартараф карда нашаванд, мақоми иҷозатномадиҳанда дар бораи бекор кардани иҷозатнома ба суд мурожиат менамояд.

3. Мақоми иҷозатномадиҳанда қарор дар бораи додан ё надодани иҷозатномаро дар мӯҳлати на зиёда аз сӣ рӯзи расидани аризаи довталаби иҷозатнома бо тамоми ҳуҷҷатҳои лозима қабул мекунанд. Қарори мазкур бо санади дахлдори мақоми иҷозатномадиҳанда ба расмият даровардa мешавад.

Асосҳои надодани иҷозатнома инҳо мебошанд:

- агар ҳуҷҷатҳои пешниҳодкардаи довталаби иҷозатнома дорои маълумоти нодуруст ё ғалат бошад;
- агар довталаби иҷозатнома, объектҳои ба ӯ тааллуқдошта ё аз тарафи ӯ истифодашаванда ба шарту талаботи иҷозатномадиҳӣ номувофиқ бошанд (дар таҳрири ҚҶТ аз 28.07.2006, №195);
- агар вобаста ба намуди пешбинишудаи фаъолият аз тарафи мақомоти дахлдор ҷиҳати мутобиқати шароити фаъолият ва талаботи ба онҳо пешбинишаванда хулосаи манфӣ дода шуда бошад (дар таҳрири ҚҶТ аз 28.07.2006, №195).

Ҳаҷми маҳсулоте (кору хизматрасоние), ки довталаби иҷозатнома истеҳсол мекунад (баҷо меоварад) ё истеҳсолашро (баҷо овbooрданашро) ба нақша гирифтааст, барои надодани иҷозатнома асос шуда наметавонад. Довталаби иҷозатнома ҳуқуқ дорад нисбати надодани

иҷозатнома аз тарафи мақоми иҷозатномадиҳанда  ё барои бефаъолиятии вай ба суд муроҷиат намояд.

4. Дар қарор оиди додани иҷозатнома ва ҳуҷҷате, ки мавҷуд будани онро тасдиқ мекунанд, инҳо нишон дода мешаванд:

- номи мақоми иҷозатномадиҳанда;
- барои шахси ҳуқуқӣ - ном ва шакли ташкилию ҳуқуқӣ, суроғаи ҳуқуқӣ ва маҳалли ҷойгиршавии он;
- барои соҳибкори инфиродӣ - ному насаб, ҷои истиқомат, маълумоти ҳуҷҷате, ки шахсиятро тасдиқ мекунанд;
- намуди фаъолияти иҷозатномадодашаванда;
- рақами бақайдгирӣ, рӯз ва мӯҳлати амали иҷозатнома;
- рақами мушаххаси  андозсупоранда;
- рақами иҷозатнома;
- рӯзи қабул кардани қарор оиди додани иҷозатнома (ҚҲТ аз 28.07.2006, №195, моддаи 11)

Андозаи боҷи иҷозатномадиҳиро барои намудҳои фаъолияте, ки бо моддаи 18 Қонун пешбинӣ гардидаанд, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯи ҳар як фаъолият дар Низомнома «Оид ба  хусусиятҳои иҷозатномадиҳӣ ба намудҳои алоҳидаи фаъолият» муайян мекунад (дар таҳрири ҚҲТ аз 28.07.2006, №195).

### *Тартиби гузарондани озмун барои ҳуқуқи истифодаи сарватҳои зеризаминӣ, маҳакҳои техникӣ ва молиявӣ барои тақсим кардан/гирифтан*

Бо мақсади таъмини шаффофият, истифодаи мақсаднок ва самарабахши захираҳои табиӣ, ҳимояи манфиатҳои иқтисодии  ҷумҳурӣ ва фароҳам овардани муҳити мусоид барои фаъолияти сармоягузор Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тартиби гузарондани озмунҳо барои ҳуқуқи истифодаи сарватҳои зеризаминӣ» аз 2 марти соли 2013, №89 қабул карда шуд, ки он тартибу шартҳои гузарондани озмунро барои муайян кардани ғолиби озмун, ки ба шартҳои озмун ҷавобгӯ буда, воситаҳои зарурии техникӣ ва молиявӣ дорад, муайян мекунад. Тибқи Тартиби мазкур, агар ба озмун ҳамагӣ як дархост пешниҳод шуда бошад, иҷозатнома ба дархостдиҳанда бо роҳи гуфтушуниди мустақим дода мешавад.

Озмунҳоро Комиссияи ҳукуматӣ оид ба гузарондани озмунҳо барои ҳуқуқи истифодаи сарватҳои зеризаминӣ ташкил мекунад. Рӯихати қитъаҳои сарватҳои зеризаминии ба озмун гузошташуда ва шартҳои озмунро бо пешниҳоди Комиссияи ҳукуматӣ Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ менамояд. Бо мақсади иштирок дар озмун барои ҳуқуқи истифодаи сарватҳои зеризаминӣ ба ширкатҳои манфиатдор зарур аст, ки якҷоя бо ҳуҷҷатҳои зарурӣ на дертар аз 3 моҳи баъди эълон карда шудани озмун дархост пешниҳод намоянд (дар шакли тасдиқшуда). Агар ҳамаи ҳуҷҷатҳо пешниҳод шуда бошанд, ариза ба қайд гирифта, ба ҳамаи иштирокчиёни озмун маҷмуи якхелаи ҳуҷҷатҳои озмунӣ, аз ҷумла маводи манбаи маълумоти коне, ки барои он озмун эълон карда шудааст, дар ҳаҷми барои таҳия намудани пешниҳодҳои озмунӣ кофӣ, инчунин шартҳо ва маҳакҳои пешниҳодҳои озмунӣ дода мешаванд.

Барои иштирок дар озмун бизоатмандии молиявӣ ва техникии иштирокчии озмун, комилҳуқуқӣ ва имкониятҳои техникӣ, идоракунӣ ва ташкилии ӯ шартҳои зарурӣ ба шумор меравbooнд.

Тибқи банди 18 қоидаҳои тасдиқшуда маҷмуи пешниҳодҳои озмунии иштирокчиёни озмун бояд аз ҳуҷҷатҳои зерин иборат бошад:

- шакли пешниҳоди молиявии иштирокчии озмун, ки андозаи пешбинишавандаи бонуси обунавӣ ва ӯҳдадориҳои ӯро оид ба харҷ кардани маблағҳо барои рушди иҷтимоию иқтисодии минтақа, рушди инфрасохторҳои он ва тайёр кардани кадрҳои миллӣ инъикос менамояд;
- нусхаи тасдиқшудаи шаҳодатнома дар бораи бақайдгирӣ ва ҳуҷҷатҳои муассисии иштирокчии озмун, ки онҳоро мақоми ваколатдор тасдиқ намудааст;
- шаҳодатнома дар бораи надоштани ягон хел қарз аз рӯи ӯҳдадориҳои андоз. Ин шаҳодатномаро мақоми ваколатдори андозе медиҳад, ки иштирокчии озмун дар он ҷо ба қайд гирифта шудааст;
- рӯйхати аз ҷониби шахси ваколатдори иштирокчии озмун тасдиқшудаи ҳар як саҳмиядор ё иштирокчие, ки соҳиби зиёда аз 5% саҳмияҳо ё ҳиссаи иштирокчии озмун мебошад. Чунин рӯйхат оид ба ҳар як молик бояд номи пурраи чунин саҳмиядор ё иштирокчӣ ва миқдори саҳмияҳо ё андозаи ҳиссаро бо ифодаи фоизӣ дар бар гирад;
- нусхаҳои ҳисоботи муҳосибӣ дар 3 соли молиявии охир – тавозуни муҳосибӣ, ҳисобот дар бораи фоида ва зарар (нусхаҳои ҳисоботи муҳосибӣ барои шахсони ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд дорои қайди мақомоти андоз ва барои шахсони ҳуқуқии хориҷӣ бо тартиби муқарраршуда тасдиқ шуда бошанд);
- ҳуҷҷати тасдиқкунанда дар бораи бизоатнокии молиявии иштирокчии озмун, ки бонки хизматрасон ё дигар ташкилоти қарздиҳию молиявӣ додааст (иқтибос бояд дар давоми 6 моҳ то додани пешниҳодҳои озмунӣ гирифта шуда бошад);
- маълумот дар бораи таҷрибаи идоракунӣ ё иҷрои асосноккуниҳои техникию иқтисодӣ, дизайнҳои муҳандисӣ, сохтмон, коркарди конҳо, ба истифода додан ва истифода бурдани конҳо камаш дар давоми 5 (панҷ) соли охир;
- маълумот, ҳуҷҷатҳо ва талаботи дигаре, ки дар ҳуҷҷатҳои озмунӣ нишон дода шудаанд.

Ғолиби озмунро Комиссияи ҳукуматӣ дар асоси маҷмуи маҳакҳои зерин муайян мекунад:

- мувофиқати иштирокчии озмун ба ҳамаи талаботи ҳуқуқӣ, молиявӣ ва техникӣ барои иштирок дар озмун;
- андозаи пешниҳодшавандаи бонуси обунавӣ, ки иштирокчии озмун ба фоидаи давлат пардохт мекунад;
- андозаи хароҷот барои рушди иҷтимоию иқтисодии минтақа, рушди инфрасохторҳои он ва тайёр кардани кадрҳои миллӣ.

Комиссияи ҳукуматӣ ба ғолиби озмун дар бораи ғалабаи он дар озмун ба таври расмӣ хабар медиҳад.

Қарори Комиссияи ҳукуматӣ барои мақоми иҷроия оид ба иҷозатномадиҳӣ ҷиҳати пешниҳод намудани лоиҳаи амри Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи додани иҷозатнома ба ғолиби озмун барои ҳуқуқи истифодаи сарватҳои зеризаминӣ асос мебошад ва ҳангоми аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул карда шудани қарор дар бораи иҷозатномадиҳӣ ё рад намудани иҷозатномадиҳӣ барои ҳуқуқи истифодаи сарватҳои зеризаминӣ ба ғолиби озмун хусусияти тавсиявӣ дорад.

Бо мақсади таъмини шаффофият дар соҳаи истифодаи сарватҳои зеризаминӣ, беҳтар намудани дастрасӣ ба иттилоот дар бораи истифодаи сарватҳои зеризаминӣ ва шартҳои иҷозатнома ба лоиҳаи Қонун «Дар бораи сарватҳои зеризаминӣ ва истифодаи сарватҳои зеризаминӣ» меъёри «Шаффофият ҳангоми истифодаи сарватҳои зеризаминӣ» ворид карда шудааст. Тибқи иловаи мазкур, «ҳамаи шахсони манфиатдор ҳуқуқ доранд, ки дар мақоми ваколатдори давлатӣ бо инҳо шинос шаванд:

- бо шартҳои гузарондани озмун барои ҳуқуқи истифодаи сарватҳои зеризаминӣ ва мазмуни қарор дар бораи натиҷаҳои он;
- бо иҷрои шартҳои озмун оид ба шартномаҳои басташуда».

***Иҷозатномаҳои дар солҳои 2015 - 2016 додашуда***

Солҳои охир иҷозатномаҳо барои ҳуқуқи истифодаи сарватҳри зеризаминӣ асосан бо роҳи гуфтушунидҳои мустақим дода мешаванд. Сабаб дар он аст, ки Ҳукумати мамлакат ният дорад қонунгузориро оид ба сарватҳои зеризаминии ҷумҳурӣ такмил диҳад, то ки имконияти қаллобиро дар оянда истисно намояд. Бинобар ин он дар назди ширкатҳои довталаб, аз ҷумла ширкатҳои хориҷӣ барои гирифтани иҷозатнома як қатор шартҳо мегузорад.

Чи тавре, ки роҳбарияти СРГ қайд намуд, «пештар баъзе ширкатҳои хориҷӣ аз номукаммалии қонунгузории Тоҷикистон истифода бурда, дар биржаҳои байналмилалӣ бо иҷозатномаҳои Тоҷикистон ҳаннотӣ мекарданд, гарчанде ки қонун ба ширкатҳои сеюм фурӯхтани онҳоро иҷозат намедиҳад. Дар натиҷа байни ҷумҳурӣ ва маҳз ширкатҳои сеюм мушкилот пайдо шуд. Пештар чунин мушкилот бо ширкатҳои машҳури хориҷӣ ҳангоми коркарди конҳои ангишти Назар -Айлоқ ва Зиддӣ ба вуҷуд омада буд[13]».

Ҳукумати Тоҷикистон рӯйхати талаботу шартҳоеро таҳия карда истодааст, ки бояд аз тарафи ширкатҳое, ки барои иктишоф ва истихроҷи ин ё он кон ва ё зуҳуроти маъданҳои фоиданок иҷозатнома мегиранд, иҷро карда шаванд. Ин шартҳо аз ҷумла гирифтани бонус (мукофот) барои иҷозатнома, муҳлати пешниҳоди асосноккуниҳои лоиҳа ва коркарди кон ва ғайраро пешбинӣ менамоянд.

**Соли 2015** Ҳукумати ҶТ бо роҳи гузарондани гуфтушунидҳои мустақим ба ширкатҳои зерин барои иҷрои **корҳои ҷустуҷӯи геологӣ** 4 иҷозатнома дод:

- ҶСК «Сементи Тоҷик» - барои коркарди кони оҳан дар ноҳияи Варзоб, муҳлати амали иҷозатнома аз 28.08.2015 то 29.08.2020.
- ҶДММ «Хуаксин Ғаюр Суғд Семент» - барои коркарди кони гаҷ дар ҳудуди шаҳри Конибодоми вилояти Суғд, муҳлати амали иҷозатнома аз 29.08.2015 то 29.08.2020.
- ҶДММ «Ғаюр» - барои коркарди кони гаҷ дар ҳудуди ноҳияи Ёвони вилояти Хатлон, муҳлати амали иҷозатнома аз 29.08.2015 то 29.08.2020.
- ҶДММ «Хуанджиан Ғаюр Индастриал» – барои коркарди кони гаҷ дар ҳудуди ноҳияи Ёвони вилояти Хатлон, муҳлати амали иҷозатнома аз 29.08.2015 то 29.08.2020.

**Соли 2015** Ҳукумати ҶТ бо роҳи гузарондани гуфтушунидҳои мустақим ба ширкатҳои зерин **барои истихроҷи маъдан** 8 иҷозатнома дод:

- КМ «Зарафшон» - барои истихроҷи тилло дар ҳудуди шаҳри Панҷакенти вилояти Суғд, кони тилло ва нуқраи Олимпӣ, муҳлати амали иҷозатнома аз 27.01.2015 то 27.01.2021.

---

[13] www.avesta.tj 10.01.2017. Конференсияи матбуотии сардори Сарраёсати геология

- ҶДММ МТК «Апрелевка» - барои истихроҷи тилло дар ҳудуди ноҳияи Ғафуров, вилояти Суғд, кони тилло ва нуқраи Кизил-Чеку, муҳлати амали иҷозатнома аз 20.08.2015 то 20.08.2024.
- ҶДММ МТК «Апрелевка» - барои истихроҷи тилло дар ҳудуди ноҳияи Ашт, вилояти Суғд, кони тилло ва нуқраи Апрелевка, муҳлати амали иҷозатнома аз 20.08.2015 то 20.08.2024.
- ҶДММ МТК «Апрелевка» - барои истихроҷи тилло дар ҳудуди ноҳияи Мастчоҳ, вилояти Суғд, кони тилло ва нуқраи Бургунда, муҳлати амали иҷозатнома аз 20.08.2015 то 20.08.2024.
- ҶДММ ТА КМ «Анзоб» - барои истихроҷи сурма дар ҳудуди вилояти Суғд, кони симобу сурмаи Ҷиҷикруд, муҳлати амали иҷозатнома аз 26.03.2015 то 26.03.2027.
- «Шӯрообад», корхонаи фаръии КВД «Ангишти Тоҷик», - барои истихроҷи ангишт дар ҳудуди ноҳияи Ш. Шоҳин, вилояти Хатлон, кони ангишти Шӯрообод, муҳлати амали иҷозатнома аз 27.01.2015 то 27.01.2020.
- ҶДММ «Корхонаи металлургии Тоҷикистон» - барои истихроҷи ангишт дар ҳудуди ноҳияи Айнӣ, вилояти Суғд, қитъаи Равот, майдони марказии кони ангишти Фон-Яғноб, муҳлати амали иҷозатнома аз 29.08.2015 то 29.08.2020.
- ҶСК КМБ «Исфара» - барои истихроҷи гаҷ дар ҳудуди шаҳри Исфара, вилояти Суғд, кони Кизил-Пилял, муҳлати амали иҷозатнома аз 27.01.2015 то 27.01.2025.

**Соли 2015** Вазорати энергетика ва захираҳои оби ҶТ дар мувофиқа бо Ҳукумати ҶТ барои **истихроҷи нафту газ** аз чоҳҳои аз ҳисоб баровардашуда ба инҳо иҷозатнома дод:

- ҶДММ «Ширкати Тоҷикистону Хитой – «Рушди энергетика» - барои истихроҷи нафту газ аз чоҳҳои аз ҳисоб баровардашудаи № 6, 25, 35, 36, 43, 44, 51, 53, 57, 67, 72, 81, 82 кони Палтинак, ноҳияи Балҷувон, вилояти Хатлон, муҳлати амали иҷозатнома аз 10.03.2015 то 10.03.2020.
- ҶДММ «Сетос» - барои истихроҷи нафту газ аз чоҳҳои аз ҳисоб баровардашудаи № 1, 3, 4, 10, 14, 16 ва 18 кони Қурғончаи Шимолӣ, муҳлати амали иҷозатнома аз 27.07.2015 то 10.03.2020.
- ҶСК «Нафту газ» - барои истихроҷи нафту газ аз чоҳҳои аз ҳисоб баровардашудаи № 5, 16, 22, 23, 70 ва № 12, 17 кони Шоҳамбари ва Қурғончаи Шимолӣ, мувофиқан, муҳлати амали иҷозатнома аз 04.09.2015 то 10.03.2020.

**Соли 2016** Ҳукумати ҶТ бо роҳи гуфтушуниди мустақим ба ширкатҳои зерин **барои истихроҷи маъдан** 4 иҷозатнома дод:

- ҶДММ ККМ «Такоб» - барои истихроҷи флюорит, сурб дар ҳудуди ноҳияи Варзоб, кони флюорит Теппаҳои сурх, муҳлати амали иҷозатнома аз 27.07.2016 то 27.07.2022
- ҶДММ ККМ «Такоб» - барои истихроҷи флюорит, сурб дар ҳудуди ноҳияи Варзоб, кони флюорити Сурбу, муҳлати амали иҷозатнома аз 27.07.2016 то 27.07.2022.
- Шахтаи «Ангишти Зиддӣ», корхонаи фаръии КВД «Ангишти Тоҷик» - барои истихроҷи ангишт дар ҳудуди ноҳияи Айнӣ, вилояти Суғд, қисми ғарбии кони Зиддӣ, муҳлати амали иҷозатнома аз 27.07.2016 то 27.07.2021.
- Шахтаи «Фон-Яғноб», корхонаи фаръии КВД «Ангишти Тоҷик» - барои истихроҷи ангишт дар ҳудуди ноҳияи Айнӣ, вилояти Суғд, қитъаи майдони ғарбии карйерии кони Фон-Яғноб, муҳлати амали иҷозатнома аз 01.07.2016 то 01.07.2021.

Оид ба иҷозатномаҳои мазкур дар Феҳристҳои дахлдори иҷозатномаҳо (замимаҳои 2,3,4) маълумоти муфассал дода шудааст.

## 2.3. ФЕҲРИСТИ ИҶОЗАТНОМАҲО

Тибқи моддаи 15 ҚҶТ «Дар бораи иҷозатномадиҳӣ ба баъзе намудҳои фаъолият» (дар таҳрири ҚҶТ аз 28.07.2006, №195) мақоми иҷозатдиҳанда Феҳристи (реестри) иҷозатномаҳоро тартиб медиҳад, ки дар он ғайр аз маълумоти дар моддаи 9 ҳамин Қонун зикршуда бояд инҳо нишон дода шаванд:

- маълумот оиди бақайдгирии иҷозатнома дар феҳристи иҷозатномаҳо;
- асосҳо ва санаи боздоштан ва барқарор кардани амали иҷозатнома;
- асос ва санаи бекор кардани амали иҷозатнома;
- маълумотҳои дигаре, ки дар низомнома дар бораи хусусиятҳои иҷозатномадиҳӣ ба баъзе намудҳои фаъолият муайян карда шудаанд.

Тибқи моддаи мазкури Қонун, маълумоти дар феҳристи иҷозатномаҳо мавҷудбуда барои шиносонидани шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ кушода аст. Маълумоти дар феҳристи иҷозатномаҳо мавҷудбуда дар бораи иҷозатномадори мушаххас дар шакли иқтибос ба шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ бо пардохти маблағ дода мешавад. Андозаи пардохти маблағ барои додани чунин маълумот як нишондиҳанда барои ҳисобҳоро ташкил медиҳад ва ба буҷети давлатӣ гузаронида мешавад (дар таҳрири ҚҶТ аз 28.07.2006, №195, аз 6.10.2008, №435). Маълумот аз феҳристи иҷозатномаҳо ба мақомоти ҳокимияти давлатӣ бемузд дода мешавад. Мӯҳлати додани маълумот аз феҳристи иҷозатномаҳо баъди қабули аризаи дахлдор набояд аз се рӯз зиёд бошад (дар таҳрири ҚҶТ аз 28.07.2006, №195). Феҳристи иҷозатномаҳо ба таври хронологӣ мувофиқи санаи бақайдгирии иҷозатномаҳо ва ба онҳо гузоштани рақами бақайдгирӣ тартиб дода мешавад.

Роҳбари мақоми иҷозатномадиҳанда масъул аст:

- барои сари вақт ва дуруст тартиб додани феҳристи иҷозатномаҳо;
- барои сари вақт додани маълумот аз ин феҳрист ба шахсони манфиатдор бо дархости онҳо.

Дар Тоҷикистон дар чаҳорчӯбаи таҳияи Ҳисоботи якуми миллӣ барои соли 2014 Феҳристи ягонаи иҷозатномаҳо тартиб дода шуд, ки ба туфайли Ҳисоботи мазкур ва ҷой додани он дар сомонаҳои зерин дастраси аҳли ҷомеа гардид:

http://minfin.tj/index.php?do=static&page=IPDO

http://www.ijozat.tj/images/spisok.pdf

http://eiti.tj/ru/dokumenty

Феҳристи иҷозатномаҳо барои иҷрои корҳои иктишофи геологӣ дар сомонаи Сарраёсати геологияи назди Ҳукумати ҶТ http://gst.tj/geologiya/litsenzirovanie.html (ба забони тоҷикӣ) ҷой дода шуд, ки дар он иттилооти зерин вуҷуд дорад:

a. Номи корхона
b. Маъданҳои фоиданок
c. Соҳиби иҷозатнома (корхона, мақоми ҳуқуқӣ, ноҳия)
d. Иҷозатнома (силсила ва рақам, намуди фаъолият, мӯҳлати амали иҷозатнома)

Дар сомонаи Кумитаи андози ҶТ http://andoz.tj/ru/register.html Феҳристи ягонаи андозсупорандагон ҷой дода шуд, ки дар он иттилооти зерин вуҷуд дорад:

a. Маълумот дар бораи андозсупорандагони ҳуқуқӣ
b. Маълумот дар бораи шахсони ҳуқуқӣ – намояндагони филиалҳо ва ташкилотҳои хориҷӣ
c. Маълумот дар бораи соҳибкорони инфиродӣ.

Дар ин сомона дар бораи РМА, ном, санаи бақайдгирӣ ва мақом маълумот дода шудааст. Феҳрист фақат ба раванди бақайдгирии шахси ҳуқуқӣ дахл дорад. Дар бораи он ки шахси ҳуқуқӣ барои истифодаи сарватҳои зеризаминӣ иҷозатнома гирифтааст ё не, дар ин феҳрист маълумот дода нашудааст. Дар он ҳамаи шахсони ҳуқуқӣ нишон дода шудаанд ва истифодабарандагони сарватҳои зеризаминӣ ба ягон категорияи алоҳида ҷудо карда нашудаанд.

Ба лоиҳаи ҚҶТ «Дар бораи сарватҳои зеризаминӣ ва истифодаи сарватҳои зеризаминӣ» меъёрҳо оид ба феҳристи иҷозатномаҳо дохил карда шудаанд, аз ҷумла ба қисми 2 моддаи 17 лоиҳа. Фасд дар бораи салоҳияти мақоми ваколатдори давлатӣ оид ба истифодаи сарватҳои зеризаминӣ бо сархати нави зерин пурра карда шудааст: «- дар соҳаи омӯзиши геологии маъданҳо Феҳристи кушодаи иҷозатномаҳо тартиб медиҳад, ки дар он оид ба ҳар як иҷозатнома маълумотҳои зерин вуҷуд доранд: санаи ариза, санаи додан ва муҳлати амали иҷозатнома, маълумот дар бораи истифодабарандаи сарватҳои зеризаминӣ – дорандаи иҷозатнома, намуди истифодаи сарватҳои зеризаминӣ ва ҷои воқеъшавии ҳудуди иҷозатномавӣ».

Дар айни замон талаботи ТШСИ-ро оид ба ифшои маълумот дар бораи координатаҳои қитъаи замине, ки дар он фаъолият иҷозат дода шудааст, ҳоло мувофиқи банди 15 моддаи 16 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сирри давлатӣ» иҷро намудан мумкин нест. Дар ин банд гуфта шудааст: *«маълумот дар соҳаи саноат, ки натиҷаҳои фаъолияти топографӣ, геодезӣ ё харитасозӣ, ки аҳамияти муҳими мудофиавӣ ё иқтисодӣ доранд, ба сирри давлатӣ мансубанд»*.

Чи тавре ки дар боло қайд кардем, дар чаҳорчӯбаи лоиҳаи «баланд бардоштани қобилияти рақобатпазирии бахши хусусӣ», ки аз ҷониби Бонки ҷаҳонӣ маблағгузорӣ мешавад, дар нимаи дуюми соли 2018 ба истифода додани Кадастри замонавии кӯҳӣ ба нақша гирифта шудааст. Рӯйхати пурраи иҷозатномаҳои барои ҳуқуқи истифодаи сарватҳои зеризаминӣ ва маълумоти муфассал дар бораи дорандаи иҷозатнома, маълумот дар бораи санаи ариза, санаи гирифтани иҷозатнома, муҳлати амали он, координатаҳои қитъаи замин, намуди фаъолият, номи маъдани фоиданок ва иттилооти дигар дар бораи иҷозатнома дар сомона ҷой дода мешавад. Сохторҳои дахлдори давлатӣ дар ин самт кор карда истодаанд.

Бо назардошти ин, барои Ҳисоботи дуюми миллии ТШСИ барои солҳои 2015-2016 Шӯрои ТШСИ дар ҷаласаи худ (суратмаҷлиси №4 аз 10 августи соли 2017) қарор дод, ки дар асоси қонунгузории амалкунандаи ҶТ, аз ҷумла ҚҶТ «Дар бораи сирри давлатӣ» Феҳрист маълумоту иттилооти дахлдори зеринро дар бар хоҳад гирифт:

-номи ширкат

- номи кон

- маъданҳои фоиданок

- маҳалли воқеъшавӣ

- намуди фаъолият

- силсила ва рақами иҷозатнома,

- санаи дода шудани иҷозатнома (оғози амал) ва анҷоми муҳлати амали иҷозатнома.

Вазорату идораҳои ваколатдор феҳристҳои дахлдори иҷозатномаҳоро мувофиқи шакли тадиқнамудаи Шӯрои ТШСИ пешниҳод намуданд, ки онҳо ба ҳамин Ҳисоботи ТШСИ дохил карда шуданд.

Феҳристҳои иҷозатномаҳо барои ҳуқуқи иҷрои корҳои иктишофи геологӣ, барои ҳуқуқи истихроҷи маъданҳои фоиданок ва барои ҳуқуқи истихроҷи нафту газ, ки дар давоми солҳои

2015 – 2016 дода шудаанд, ба ҳамин Ҳисоботи миллии ТШСИ дохил карда шудаанд (замимаҳои 2, 3 ва 4).

Дар замимаи 5 Феҳристи ягонаи иҷозатномаҳое, ки Ҳукумати ҶТ барои ҳуқуқи иҷрои корҳои иктишофи геологӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон додааст, ҷой дода шудааст.

Дар замимаи 6 Феҳристи ягонаи иҷозатномаҳое, ки Ҳукумати ҶТ барои ҳуқуқи истихроҷи маъданҳои фоиданок додааст, ҷой дода шудааст.

Дар замимаи 7 Феҳристи ягонаи иҷозатномаҳо барои ҳуқуқи истихроҷи маъданҳои фоиданок, маъданҳои фоиданоки маъмулӣ ҷой дода шудааст.

Дар замимаи 8 Феҳристи ягонаи иҷозатномаҳое, ки Ҳукумати ҶТ барои ҳуқуқи истихроҷи нафту газ додааст, ҷой дода шудааст.

Да замимаи 9 феҳристи ҷамъбастии иҷозатномаҳои то соли 2016 додашуда ҷой дода шудааст.

Феҳристҳои мазкур дар сомонаҳои зерини вазорату идораҳои дахлдори мамлакат ҷой дода шудаанд ва барои омма дастрас мебошанд:

- http://www.ijozat.tj/images/spisok.pdf
- http://gst.tj/images/docs/Ruykhati-omuzishi-geologi.pdf
- http://eiti.tj/ru/dokumenty
- http://minfin.tj/index.php?do=static&page=IPDO

## 2.4. МАЪЛУМОТ ДАР БОРАИ ШАРТНОМАҲО, СОЗИШНОМАҲО ВА КОНСЕССИЯҲО

### ***Шартномаҳо***

Истифодабарандаи сарватҳои зеризаминие, ки барои ҳуқуқи истифодаи сарватҳои зеризаминӣ иҷозатнома гирифтааст, уҳдадор аст, ки тибқи «Қоидаҳои муайян намудани андозаи бонуси обунавӣ, бонуси кашфи тиҷоратӣ ва бастани шартномаҳо барои истифодаи сарватҳои зеризаминӣ», ки бо Қарори Ҳукумати ҶТ аз 30 августи соли 2011, №426 тасдиқ гардидаанд, шартнома бандад. Ин Шартнома дар байни истифодабарандаи сарватҳои зеризаминӣ ва мақоми ваколатдори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба бастани шартномаҳо баста мешавад. Мақоми ваколатдор барои бастани шартномаҳо Сарраёсати геологияи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Истифодабарандаи сарватҳои зеризаминӣ барои бастани шартнома ба Сарраёсати геология ариза дар бораи бастани шартнома, нусхаи иҷозатнома, ҳуҷҷатҳое, ки тасдиқи захираҳоро собит менамоянд ва рақами инфиродии андозсупорандаро пешниҳод менамояд.

Сарраёсати геология дар муҳлати то як моҳ ариза барои истифодаи сарватҳои зеризаминиро баррасӣ мекунад, лоиҳаи шартномаро таҳия намуда, барои баррасӣ ба Комиссияи экспертизаи ҳатмии андоз мефиристад.

Сарраёсати геология баъди гирифтани хулосаи экспертии андоз дар давоми 15 рӯз шартномаро бо истифодабарандаи сарватҳои зеризаминӣ имзо мекунад. Муҳлати амали шартнома мувофиқи муҳлати амали иҷозатнома муқаррар карда мешавад.

Солҳои 2015–2016 ба Комиссияи экспертизаи ҳатмии андози назди Вазорати молияи ҶТ лоиҳаҳои шартномаҳо барои муқаррар намудани бонуси обунавӣ, бонуси кашфи тиҷоратӣ ва роялти пешниҳод карда шуданд.

Соли 2015 Сарраёсати геология барои муқаррар намудани бонуси обунавӣ, бонуси кашфи тиҷоратӣ ва роялти ба маблағи зиёда аз 42 175 млн сомонӣ шартномаҳо имзо намуд. Бонусҳои мазкури обунавӣ ва кашфи тиҷоратӣ бо 80 ширкат имзо карда шуданд.

Соли 2016 Сарраёсати геология барои муқаррар намудани бонуси обунавӣ, бонуси кашфи тиҷоратӣ ва роялти ба маблағи зиёда аз 97 196 млн сомонӣ шартномаҳо имзо намуд. Шартномаҳо бо 64 ширкат баста шуданд.

Ҳоло оид ба шартномаҳои басташуда иттилоот/феҳристҳои дастрасиашон озод вуҷуд надоранд. Дар мактуби Сарраёсати геология №8-1456 аз 8 ноябри соли 2017 гуфта шудааст: «*Бо супориши Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар назди Кумитаи сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии ҶТ аз ҳисоби намояндагони вазорату идораҳо гурӯҳи корӣ ташкил карда шудааст. Вазифаҳои асосии гурӯҳи корӣ аз инҳо иборатанд: таҳлили қонунгузории мавҷуда оид ба иҷозатномадиҳӣ ва низоми иҷозатдиҳӣ, таҳияи тавсияҳо дар бораи мавриди ислоҳот қарор додани қонунгузории ҶТ дар соҳаи истифодаи сарватҳои зеризаминӣ, аз ҷумла оид ба масъалаҳои таъмини шаффофияти иҷозатномадиҳӣ, иҷозатдиҳӣ ва бастани шартномаҳо бо мақсади таъмини воридшавии сармоягузориҳо ба иқтисоди ҷумҳурӣ*».

## *Шартномаҳои консессионӣ*

Шартномаҳои консессионӣ бо ҚҶТ «Дар бораи консессияҳо» танзим мегарданд. Қонуни мазкур принсипҳои асосии фаъолияти хоҷагии консессиониро дар Ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар намуда, муносибатҳои ҳуқуқӣ, иқтисодӣ ва дигар муносибатҳои молумулкии бо ин фаъолият алоқамандро муайян мекунад.

Шартномаи консессионӣ ба сармоягузори хориҷӣ барои истифодаи муваққатӣ супурдани замин, дигар захираҳои табиӣ, корхонаҳо (иттиҳодияҳо), дигар моликияти давлатиро, ки қонунгузорӣ манъ накардааст, пешбинӣ менамояд.

Ба консессия супоридани объектҳо маънои ба консессиядор додани ҳуқуқи ихтиёрдории объект ва ё ҳуқуқи бемӯҳлати иҷро намудани вазифаҳои муайяни давлатиро надорад.

Маҳсулот ва даромаде, ки консессиядор дар натиҷаи фаъолияти консессионӣ мегирад, дар ҳаҷми муайянкардаи шартномаи консессия моликияти ӯ мебошад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон барои харидорӣ намудани маҳсулоти истеҳсолнамудаи консессиядор ҳуқуқи бартариятнок дорад.

Консессияҳо дар асоси озмунҳо ва музоядаҳо дода мешаванд. Дар мавридҳои истисноӣ бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон объектҳо дар асоси гуфтушуниди мустақими байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва сармоягузорони эътимоднок ба консессия дода мешаванд.

Дар Тоҷикистон то имрӯз шартномаҳои зерини консессионӣ баста шудаанд:

- дар байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ширкати «Помир Энерджи» 24 майи соли 2002 шартномаи консессионӣ баста шуд, ки онро Парламенти ҶТ 26 июни соли 2002 ба тасвиб расонд;
- дар байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ширкати HOS Powertech International SDN BHD дар бораи ба консессия додани стансияи гармидиҳандаи барқии «Шӯроб» **17 феврали соли 2016** шартномаи консессионӣ имзо карда шуд, онро Парламенти мамлакат **15 апрели соли 2016, №416** ба тасвиб расонд.

## *Созишномаҳо дар бораи тақсими маҳсулот*

Қонуни ҶТ «Дар бораи созишномаҳо оид ба тақсими маҳсулот» асосҳои ҳуқуқии муносибатҳои байни давлат ва сармоягузорро, ки зимни сармоягузории дохилӣ ва хориҷӣ ба мақсади ҷустуҷӯй, тадқиқ ва истихроҷи маъданҳои фоиданок дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи шартҳои созишномаҳо оид ба тақсими маҳсулоти истеҳсолшуда ба миён меоянд, муқаррар менамояд.

Созишнома ҳамаи шартҳои истифодаи сарватҳои зеризаминӣ, аз ҷумла шартҳо ва тартиби тақсими маҳсулоти истеҳсолшударо дар байни тарафҳои созишнома муайян менамояд. Асоси ба номгӯй дохил кардани конҳои маъданҳои фоиданок, ки ҳуқуқи истифодаи онҳо бо шарти тақсими маҳсулот дода мешавад, номатлубии шартҳои маблағгузорӣ кардани корҳои барои қитъаи мазкур мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сарватҳои зеризаминӣ», набудани имконияти маблағгузории буҷавӣ барои истифодаи самараноки конҳои мазкур, аз ҷумла ҳолатҳои зерин буда метавонанд:

- кони маъданҳои фоиданок дар маҳалҳои баландкӯҳ ва ё дур аз маҳалҳои аҳолинишин ҷойгир шудааст ва барои истифодаи он шароит ва инфрасохторҳои лозимӣ вуҷуд надоранд;
- ҷустуҷӯ, иктишоф, тадқиқ ва коркарди кони маъданҳои фоиданок технологияи серхарҷ ва маблағи калонро талаб менамоянд.

Ҳуқуқи истифодаи сарватҳои зеризаминӣ бо шарти тақсими маҳсулот ба сармоягузор дар асоси созишнома дода мешавад.

Иҷозатномадиҳии фаъолият оид ба истифодаи сарватҳои зеризаминӣ тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иҷозатномадиҳӣ ба баъзе намудҳои фаъолият» амалӣ карда мешавад.

Дар созишнома бояд ӯҳдадориҳои сармоягузор оид ба масъалаҳои зерин пешбинӣ шуда бошанд:

- ба шахсони ҳуқуқии муқими Ҷумҳурии Тоҷикистон додани ҳуқуқи иштирок дар иҷрои корҳои тибқи созишнома ба сифати пудратчиён, молфиристонандагон, боркашонҳо ё намудҳои дигари фаъолият дар асоси шартномаҳои байни онҳо ва сармоягузор;
- ҷалб кардани кормандон–шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки миқдори онҳо бояд на камтар аз 70 фоизи шумораи умумии ҳамаи кормандони мувофиқи созишнома ба кор ҷалбшударо ташкил диҳад;
- ҷалб кардани шаҳрвандони хориҷӣ танҳо дар марҳалаи аввали корҳо мувофиқи созишнома ё ҳангоми аз ҷониби Ҷумҳурии Тоҷикистон мавҷуд набудани чунин кормандон дар марҳалаҳои минбаъдаи кор.

Дар давраи ҳисоботӣ созишномаҳо дар бораи тақсими маҳсулот имзо карда нашуданд.

Вале то давраи ҳисоботӣ дар Тоҷикистон се созишнома дар бораи тақсими маҳсулот имзо шуда буд:

- бо Ҷамъияти саҳомии пӯшидаи «Сомон Ойл» (қарори Ҳукумати ҶТ аз 03 апрели соли 2012, №138),
- бо Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Эдго Энерджи СА» (қарори Ҳукумати ҶТ аз 04 октябри соли 2013, №437);
- бо «Кулоб Петролеум Лимитед» (қарори Ҳукумати ҶТ аз 24 майи соли 2013, №237.)

***Созишномаҳои сармоягузорӣ***

Дар Тоҷикистон то соли 2016 дар бахшҳои гуногуни иқтисод ҳамагӣ 7 созишномаи сармоягузорӣ, аз инҳо дар бахши истихроҷи маъдан – 3 созишнома имзо шудааст.

Соли 2014 ҶДММ «Ширкати саноати кӯҳии Тоҷикистону Хитой» фаъолияти худро дар асоси созишномаи сармоягузорӣ дар байни Ҳукумати ҶТ ва «Ширкати саноати кӯҳии Тоҷикистону Хитой» дар бораи иктишофу истихроҷи кони «Зарнисори Шимолӣ» оғоз

намуд. Созишномаи мазкурро 24 июли соли 2014 аз номи Ҳукумати ҶТ раиси Кумитаи сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии ҶТ имзо намуд ва парламенти мамлакат 25 феврали соли 2015, №1796 ба тасвиб расонд. Дар фасли 2.7 ҳамин Ҳисобот дар бораи ин корхона маълумоти муфассал дода шудааст.

Дар байни Ҳукумати ҶТ ва ҶДММ «Ширкати истеҳсолии байналмилалии "Чжунтсай Моҳир Семент"» дар бораи сохтмон ва ба истифода додани корхонаҳои семент, гипсокартон ва халта дар ноҳияи Ёвони вилояти Хатлон созишномаи сармоягузорӣ баста шуд, ки он бо қарори Ҳукумати ҶТ аз 29 августи соли 2015, №547 тасдиқ намуда, аз тарафи МН МО ҶТ 16 декабри соли 2015, №259 ба тасвиб расонда шуд.

Дар байни Ҳукумати ҶТ ва ширкати «Huaxin Cement Co., Ltd.»-и Ҷумҳурии Халқии Хитой дар бораи сохтмон ва ба истифода додани хатҳои дуюм ва сеюми корхонаҳои семент дар ноҳияи Бобоҷон Ғафуров, вилояти Суғд ва дар ҳудуди МОИ «Данғара» созишномаи сармоягузорӣ баста шуд, ки он бо қарори Ҳукумати ҶТ аз 11 сентябри соли 2014 №603 тасдиқ намуда, аз тарафи МН МО ҶТ 11 феврали соли 2015, №1765 ба тасвиб расонда шуд.

## 2.5. ҲУҚУҚИ МАНФИАТДОРӢ (БЕНЕФИТСИАРӢ)

Тибқи Талаботи 2.5. (f. i.) Стандарти ТШСИ, «молик- бенефитсиар" нисбати ширкат маънои шахси (шахсони) воқеиеро дорад, ки ба моликияти ширкат ба таври мустақим ё ғайримустақим соҳибӣ ё назорат мекунад». То 1 январи соли 2017 ГБТМ бояд «Харитаи роҳнамо»-ро (барномаро) барои ифшои маълумот дар бораи ҳуқуқи бенефитсиарӣ чоп кунад.

***Таърифи ҳуқуқи бенефитсиарӣ (ҲБ) дар қонунгузории ҶТ***

Мафҳуми «бенефитсиар» дар як қатор санадҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода мешавад, аз ҷумла дар:

1. Кодекси граждании ҶТ,
2. ҚҶТ «Дар бораи фаъолияти бонкӣ»,
3. ҚҶТ «Дар бораи фаъолияти бонкии исломӣ»,
4. ҚҶТ «Дар бораи суғурта кардани пасандозҳои шахсони воқеӣ»,
5. ҚҶТ «Дар бораи ташкилотҳои маблағгузории хурд»,
6. ҚҶТ «Дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ»,
7. ҚҶТ «Дар бораи муқовимат ба қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом».

Тибқи моддаи 50 Кодекси граждании ҶТ шахсони ҳуқуқӣ ба *ташкилотҳои тиҷоратӣ*, ки ба даст овардани фоидаро мақсади асосии фаъолияти худ қарор додаанд, ва ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ, ки чунин мақсади ба даст овардани фоидаро надошта, фоидаро байни иштирокчиён тақсим намекунанд, ҷудо мешаванд. Фаҳмост, ки барои Ҳисоботи ТШСИ танҳо ташкилотҳои тиҷоратӣ мавриди таваҷҷуҳ қарор мегирад, зеро ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ бенефитсиар дошта наметавонанд. Ташкилотҳои тиҷоратӣ, дар навбати худ, тибқи моддаи 69 Кодекси граждании ҶТ ба сифати инҳо таъсис ёфта метавонанд:

- ширкатҳои хоҷагидорӣ – дар шакли ширкати комил ва ширкати ба боварӣ асосёфта (ширкати коммандитӣ),
- ҷамъиятҳои хоҷагидорӣ – ҷамъиятҳои саҳомӣ, ҷамъиятҳои дорои масъулияти маҳдуд ё иловагӣ.

Дар Кодекси граждании ҶТ ва Дастурамали Бонки миллии ҶТ №112 «Дар бораи ҳисоббаробаркунии нася дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» зери истилоҳи «бенефитсиар» «қарздиҳанда» фаҳмида мешавад.

Дар ҚҶТ «Дар бораи суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ» ва як қатор санадҳои меъёрию ҳуқуқии дигар истилоҳи «бенефитсиар» ба маънои «манфиатдор» истифода бурда мешавад. Масалан, дар фармони вазири молияи ҶТ аз 28.12. с.2004, №159 «Дар бораи тасдиқ намудани Таснифи буҷетии даромаду хароҷот ва дар амал ҷорӣ намудани он аз 1 январи соли 2005» «бенефитсиар» ба маънои «манфиатдор» кор фармуда шудааст. Қайд карда мешавад, ки ба субсидияҳо ва дигар трансфертҳои ҷорӣ воридоти андозеро мансуб донистан мумкин аст, ки як сатҳи идоракунии давлатӣ ситонда, ба сатҳҳои дигар гузарондааст. Ба ин категория трансфертҳои мақсаднок ва сермақсад, инчунин қарзҳои изофакунанда ё маошҳои бенефитсиар, ки на барои ташаккул додани сармояи асосӣ гирифта шудаанд, дохил карда мешаванд.

Дар дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ (асосан дар қонунгузории бонкӣ) истилоҳҳои «бенефитсиар» ва «молики ниҳоии бенефитсиарӣ» дучор мешаванд. Дар айни ҳол ба сифати онҳо на фақат шахси воқеӣ, балки шахси ҳуқуқӣ низ амал мекунад. Аз ҷумла, дар моддаҳо оид ба гирифтани иҷозатнома (моддаи 9) ва ташкили филиалҳои бонкҳои хориҷӣ (моддаи 12) ҚҶТ «Дар бораи фаъолияти бонкӣ» аз 19.05.2009 бенефитсиар ба маънои «бенефитсиари ниҳоии ҳиссаи иштироки афзалиятнок» зикр карда мешавад. Масалан, дар моддаи 9 «Ҳуҷҷатҳое, ки барои гирифтани иҷозатнома заруранд» зикр карда мешавад, ки ташкилотҳои қарзӣ пеш аз бақайдгирии давлатӣ ва гирифтани иҷозатнома бояд ба Бонки миллии Тоҷикистон дархост, ҳуҷҷатҳо, аз ҷумла маълумотномаро бо зикри ному насаб, шаҳрвандӣ, ҷойи доимии истиқомат, фаъолият ё касби молики ҳиссаи иштироки афзалиятнок, аз ҷумла манфиатдори ниҳоии ҳиссаи иштироки афзалиятнок, ки вазъи молиявии онҳоро тасдиқ мекунад, пешниҳод кунанд.

Қайд кардан зарур аст, ки тибқи моддаи 26 Қонуни мазкур манфиатдори ниҳоӣ ҳар гуна шахсе буда метавонад, ки бевосита ё бавосита, тавассути дигар шахсон ё якҷоя бо онҳо амал карда, мехоҳад ҳиссаи иштироки афзалиятнокро дар ташкилоти қарзӣ харидорӣ намояд.

Мафҳуми “молики бенефитсиарӣ” танҳо ба маънои шахси воқеӣ (як ё якчанд шахси воқеӣ) дар ҚҶТ «Дар бораи муқовимат ба қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом» дучор мешавад ва дар ин ҳуҷҷат “молики бенефитсиарӣ” ва “манфиатдор” мафҳумҳои якхелаанд. Иттилоот дар бораи бенефитсиари ниҳоӣ - шахси воқеӣ, тибқи ин қонун барои аҳли ҷомеа дастрас буда наметавонад[14].

## ***Феҳристи моликони бенефитсиарӣ***

Ҳоло дар Тоҷикистон Феҳристи моликони бенефитсиарӣ бо зикри ҳиссаи моликият, иштирок ва назорат, ки ба аҳли ҷомеа дастрас бошад, вуҷуд надорад.

Бо Қарори ҲҶТ аз 02.03.2013, №89 «Тартиби гузарондани озмунҳо барои ҳуқуқи истифодаи сарватҳои зеризаминӣ» тасдиқ карда шудааст, ки мувофиқи он иштирокчиёни озмун маҷмуи ҳуҷҷатҳоро пешниҳод менамоянд, аз ҷумла рӯихати аз тарафи шахси ваколатдори иштирокчии озмун тасдиқшудаи ҳамаи саҳмиядорон ё иштирокчиёне, ки дорои зиёда аз 5% саҳмияҳо ё андозаи ҳисса дар ифодаи фоизӣ мебошанд.

---

[14] Ниг. Замима «Таърифи ҲБ дар қонунгузории ҶТ»

Ба лоиҳаи Қонун «Дар бораи сарватҳои зеризаминӣ ва истифодаи сарватҳои зеризаминӣ» бо пешниҳоди Шӯрои ТШСИ-и ҶТ ба вазифаҳои мақоми ваколатдор оид ба масъалаи Феҳристи бенефитсиарҳо иловаи зерин ворид карда шуд: «- феҳристи кушодаи бенефитсиарҳо ва ташкилотҳо – истифодабарандагони сарватҳои зеризаминро тартиб медиҳад ва дар он номи бенефитсиарҳо ва дараҷаи иштироки саҳмии онҳоро зикр мекунад. Тартиби бурдани ин Феҳристро мақоми ваколатдори давлатӣ тасдиқ менамояд».
Ба моддаи «Ҳуқуқу уҳдадориҳои асосии истифодабарандаи сарватҳои зеризаминӣ»-и лоиҳаи қонуни мазкур чунин уҳдадории истифодабарандаи сарватҳои зеризаминӣ ворид карда шуд – «ба мақоми ваколатдори давлатӣ оид ба омӯзиш ва истифодаи сарватҳои зеризаминӣ пешниҳод намудани маълумот дар бораи ҳуҷҷатҳои муассисӣ ва бенефитсиарҳои худ».

Дар замимаи 10 ба ҳамин Ҳисоботи ТШСИ дар бораи муассисон ва моликияти онҳо дар ширкатҳои истихроҷ, ки барои муқоисаи минбаъда ба Феҳрист дохил карда шудаанд, маълумот дода шудааст.

## *Харитаи роҳнамо барои ифшои ҳуқуқи бенефитсиарӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон*

Шӯрои ТШСИ-и Ҷумҳурии Тоҷикистон барои гузарондани чорабиниҳои тайёрӣ ва ислоҳот 26 декабри соли 2016 **«Харитаи роҳнамо оид ба ҳуқуқи бенефитсиарӣ барои солҳои 2017 – 2020»**-ро тасдиқ ва нашр намуд. Дар ин харита мақсадҳои асосии кор (ҳамагӣ 12 мақсад), муҳлатҳои иҷро, шахсони масъул, хароҷот ва маблағгузорӣ, инчунин арзёбии иҷрои он дар дар ҳисоботи солона дар бораи кори Шӯрои ТШСИ муайян карда шудаанд[15].

Дар чаҳорчӯбаи мақсади 3-юми Харитаи роҳнамо корҳо оид ба гузарондани таҳлили қонунгузории ҶТ дар масъалаи ҳуқуқи бенефитсиарӣ ва ифшои он муайян карда шудаанд. Қайд кардан зарур аст, ки бо мақсади арзёбии воқеии имконияти гирифтани иттилооти муҳим оид ба иштироки бенефитсиарӣ дар Тоҷикистон соли 2014 «Тадқиқот оид ба фарогирии лоиҳаи таҷрибавии ҳуқуқи бенефитсиарӣ»[16], соли 2015 бошад, тадқиқоти «Арзёбии лоиҳаи пилотӣ оид ба ҳуқуқи бенефитсиарӣ дар Тоҷикистон» гузаронда шуд. Дар рафти ин тадқиқотҳо таҳлили мухтасари қонунгузорӣ дар соҳаи ҳуқуқи бенефитсиарӣ ва омодагии ширкатҳо ба пешниҳоди маълумоти зарурӣ гузаронда шуд[17]. Соли 2015 инчунин Ҳисоботи якуми миллии ТШСИ дар Тоҷикистон барои соли 2014 таҳия карда шуд.

Ба лоиҳаи қонуни дар боло зикршуда инчунин меъёрҳое илова карда шуданд, ки мафҳуми «бенефитсиар»-ро чунин таъриф мекунанд «бенефитсиар – шахси воқеӣ ё якчанд шахси воқеӣ, ки соҳиби ҳуқуқи моликият мебошанд, инчунин муштарӣ ва (ё) шахсеро, ки аҳд ба манфиати онҳо анҷом дода шудааст, ба таври воқеӣ назорат мекунанд (ба ин мафҳум инчунин шахсоне дохил карда шудаанд, ки шахси ҳуқуқӣ ё ташкилотро ба таври воқеӣ идора мекунанд)».

Дар чаҳорчӯбаи Харитаи роҳнамо оид ба ҳуқуқи бенефитсиарӣ моҳҳои апрел-июни соли 2017 Гурӯҳи корӣ бо дастгирии молиявии ИҶК БМ дар Тоҷикистон бо мақсади тавзеҳу таҳлили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳуқуқи бенефитсиарӣ тадқиқот гузаронд. Ғайр аз ин, таърифҳои мавҷудаи мафҳуми «бенефитсиар»-ро, ки дар ниҳодҳои байналмилалӣ ва мамлакатҳои хориҷӣ қабул шудаанд, тавзеҳ дод. Дар чаҳорчӯбаи ин кор «Дастуруламал оид ба таърифи моликии бенефитсиарӣ (дараҷа ва назорат)» таҳия намуда, тавсияҳои дахлдор дода шуданд. Ҳисобот дар сомонаҳои www.tfd.tj, www.minfin.tj, www.eiti.tj дастрас мебошад.

[15] http://www.eiti.tj/ru/otchet/otchet-po-benefetsiarnomu-pravu

[16] http://minfin.tj/index.php?do=static&page=IPDO

[17] http://www.eiti.tj/ru/otchet/otchet-po-benefetsiarnomu-pravu

Бо назардошти он ки тибқи талаботи 2.5 Шӯрои ТШСИ-и ҶТ бояд таърифҳои дахлдори истилоҳи «бенефитсиар»-ро барои Ҳисоботи дуюми миллии ТШСИ мувофиқа кунад, тавсияҳои мазкур 10 августи соли 2017 дар ҷаласаи Шӯро баррасӣ намуда (протоколи №4), чунин қарор қабул карда шуд:

- Ҳангоми таҳия намудани Ҳисоботи дуюми миллии ТШСИ барои солҳои 2015−2016 тартиб ва таърифи зерини истилоҳи "бенефитсиар" ба назар гирифта шавад:
  - "Субъектҳои ҳисобот дар бораи бенефитсиарҳо дар чаҳорчӯбаи Ҳисоботи дуюми ТШСИ барои солҳои 2015−2016 ҶДММ ва ҶС хоҳанд буд, аз ҷумла *бо ҳиссаи давлат дар сармояи оинномавӣ ё шумораи саҳмияҳои овоздиҳанда 50 фоиз ва аз ин камтар*, ки дар савдоҳо иштирок менамоянд, дороиҳои соҳаҳои истихроҷро истифода мебаранд ва сармоягузорӣ мекунанд».

Нисбати субъектҳои мазкур ин бенефитсиар мебошад:

- «Бенефитсиар – шахси (шахсони) воқеӣ, ки ба таври мустақим ё ғайримустақим ба шахси ҳуқуқии корпоративӣ соҳибӣ мекунад (анд) ё ба таври воқеӣ ба он назорат менамояд(янд)».
- «Соҳибӣ ба шахси ҳуқуқиии корпоративӣ ё назорати воқеӣ» чунин маъно дорад: мустақилона ё тавассути ягон кас ва ё якҷоя бо дигарон дар маҷмуъ соҳибӣ намудан ба 25 ва бештар фоизи сармояи оинномавӣ ё 25 ва бештар фоизи саҳмияҳои овоздиҳандаи шахси ҳуқуқии корпоративӣ;
- «Назорати воқеӣ» инчунин маънои назоратеро дорад, ки бо воситаҳои дигар амалӣ карда мешавад, аз ҷумла:
  - 50 ва бештар фоизи сармояи оинномавӣ ё саҳмияҳои овоздиҳандаро соҳибӣ ва ихтиёрдорӣ мекунад;
  - муайян кардани шартҳои пеш бурдани фаъолияти шахси ҳуқуқӣ ё иҷрои вазифаҳои мақоми иҷроияи он;
  - таъйин ё озод кардани зиёда аз нисфи аъзои мақоми роҳбарикунандаи ширкат;
  - розигӣ додан ба таъйини шахс ба сифати узви мақоми роҳбарикунандаи ширкати истихроҷ.
- Агар бенефитсиар шахси дорои мақоми сиёсӣ бошад, ҳиссаи ӯ бо тартиби пешбининамудаи талаботи тасдиқшуда оид ба ҳисоботдиҳӣ дар бораи иштироки бенефитсиарӣ ифшо карда мешавад.
- Ширкатҳои дар биржа расман ба қайд гирифташуда, аз ҷумла ширкатҳои фаръии 100-фоизаи онҳо, уҳдадор нестанд, ки маълумотро дар бораи бенефитсиари (бенефитсиарҳои) худ ифшо кунанд. Онҳо уҳдадоранд, ки номи биржаро нишон диҳанд, ба ҳуҷҷатҳои биржавие, ки дар онҳо ба қайд гирифта шудаанд, истинод намоянд, инчунин дастур диҳанд, ки дар биржа ба чунин маълумотҳо чи тавр дастрасӣ пайдо кардан мумкин аст.
- Дар мавриди корхонаҳои муштарак ҳар як иштирокчии корхонаи муштарак бояд бенефитсиари (бенефитсиарҳои) худро ифшо намояд, агар он дар биржа ба қайд гирифта нашуда бошад ё ширкати фаръии садфоизаи ширкати дар биржа расман ба қайдгирифташуда набошад.

Натиҷаҳои тадқиқот оид ба тавзеҳу таҳлили қонунгузории ҶТ дар бораи ҳуқуқи бенефитсиарӣ ва ифшои он 3 декабри соли 2017 дар ҷаласаи гурӯҳи корӣ бо иштироки тарафҳои манфиатдор муҳокима карда, тавсияҳои дар ҷаласа қабулшуда дар ҳуҷҷати хотимавии тадқиқот ба назар гирифта шуданд. Бо назардошти ин, Ҳисоботи такмилдодашудаи таҳлилӣ оид ба натиҷаҳои тадқиқот 15 декабри соли 2017 (протоколи №5) дар Шӯрои ТШСИ-и ҶТ баррасӣ карда шуд.

Инчунин моҳҳои май – июли соли 2017 «Тавзеҳ ва арзёбии муқоисавии стратегияҳои миллӣ, барномаҳо, нақшаҳо, санадҳои ба тасвиб расидаи байналмилалӣ, қонунгузории Тоҷикистон, инчунин тадқиқотҳо, хабарҳои воситаҳои ахбори омма дар мавзуи робитаи байни ҳуқуқи бенефитсиарӣ ва афзалиятҳои миллии мамлакат» гузаронда шуд. Онро гурӯҳи корӣ дар чаҳорчӯбаи супориши техникии лоиҳа, ки Намояндагии Ҷамъияти олмонӣ оид ба ҳамкории байналмилалӣ (GIZ) дар Тоҷикистон маблағгузорӣ намудааст, таҳия намуд.

Дар асоси тавзеҳи гузарондашуда оид ба иҷрои амалҳо ва чораҳои зарурии иловагӣ барои ифшои иштироки бенефитсиарӣ дар чаҳорчӯбаи стратегияҳои миллӣ, барномаҳо, нақшаҳо ва қонунгузории ҶТ, ки дар «Харитаи роҳнамо оид ба ифшои ҳуқуқи бенефитсиарӣ» (ХРҲБ) зикр гардидаанд, тавсияҳо тайёр карда шуданд. Ҳамин тариқ, ҲБ дар қаринаи Стратегияи миллии рушди ҶТ дар давраи то соли 2030, паст кардани сатҳи камбизоатӣ дар мамлакат ва ташкили ҷойҳои иловагии кор, мубориза бо коррупсия, барҳам додани иқтисоди соягӣ, такмил додани сиёсати молиявӣ, таъмини афзоиши қисми даромади буҷети мамлакат, муқовимат бо саркашӣ аз супурдани андозҳо, муқовимат бо қонунигардонии (расмикунонии) даромади бо роҳи ҷиноят ба даст овардашуда, маблағгузории терроризм, маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом, инчунин дар қаринаи таъмини шаффофият дар соҳаи истихроҷ ва ҷанбаҳои дигар баррасӣ карда шуд.

Гурӯҳи корӣ дар асоси тадқиқоти гузарондашуда бо мақсади зичтар алоқаманд намудани ҲБ бо афзалиятҳои миллӣ, инчунин амалисозии ҲБ дар чаҳорчӯбаи барномаҳои татбиқи ТШСИ дар ҶТ тавсияҳои зерин пешниҳод намуд:

- Таҳияи тавсияҳо оид ба ворид намудани тағйироти бо меъёру русумоти ҲБ алоқаманд ба қонунҳо дар бораи соҳаҳои истихроҷ ва стратегияҳои соҳавӣ, бо ин мақсад ташкил намудани зергурӯҳҳои алоҳидаи корӣ. Аз ҷумла ба қонунҳо инҳоро дохил намудан зарур аст: таърифи «бенефитсиар», ӯҳдадории ширкатҳо барои додани маълумот дар бораи бенефитсиарҳо, аз ҷониби мақомоти ваколатдори давлатӣ бурдани феҳристҳои моликони бенефитсиарӣ, дастрасии иттилоот ба аҳли ҷомеа; дар санадҳои ҳуқуқӣ русумот ва шаклҳои пешниҳоди ҳисобот баён карда шаванд.
- Меъёрҳои пешниҳодшудаи ҲБ дар лоиҳаи қонун «Дар бораи сарватҳои зеризаминӣ ва истифодаи сарватҳои зеризаминӣ» ҳангоми баррасии он инъикос намуда, барои пурра шарҳ додани мафҳуми «бенефитсиар» иловаҳои зарурӣ ворид карда шаванд, инчунин лоиҳаи қонуни мазкур то қабул гардидани он ҷонибдорӣ ва дастгирӣ карда шавад.
- Ба санадҳои ҳуқуқии зерин тағйиру иловаҳое дохил карда шаванд, ки бо татбиқи ҲБ дар қонунгузории ҶТ алоқаманд мебошанд:
    - Низомнома «Оид ба хусусиятҳои иҷозатномадиҳӣ ба намудҳои алоҳидаи фаъолият», ки бо Қарори ҲҶТ аз 3 апрели соли 2007, №172 (дар таҳрири Қарори ҲҶТ аз 12.02.2010, №62) тасдиқ шудааст;
    - Тартиби гузарондани озмунҳо барои ҳуқуқи истифодаи сарватҳои зеризаминӣ, ки бо Қарори ҲҶТ аз 2 марти соли 2013, № 89 тасдиқ шудааст;
    - Низомнома «Оид ба Сарраёсати геологияи назди ҲҶТ», ки бо Қарори ҲҶТ аз 28 декабри соли 2006, №617 (дар таҳрири қарорҳои ҲҶТ аз 30.12.2007, №656, аз 01.08.2008, №389) тасдиқ шудааст.
- Минбаъд баъди иҷро намудани талабот дар бораи ифшои маълуот оид ба молики бенефитсиарӣ дар қонунгузорӣ доир ба истифодаи сарватҳои зеризаминӣ таҷрибаи татбиқи ҳуқуқро дар ин масъала, чи дар доираи ҶТ ва чи дар доираи таҷрибаи байналмилалӣ таҳлил кардан зарур аст. Дар асоси ин таҳлил ҳангоми зарурат дар

бораи аз нав дида баромадани таърифи қабулшудаи молики бенефитсиарӣ ва ворид намудани ислоҳҳои дахлдор ба санадҳои дахлдори меъёрии ҳуқуқии ҶТ пешниҳодҳо тайёр кардан лозим аст.

- Имконияти мутобиқгардонии қонунҳоро дар қаринаи ҲБ таҳлил бояд намуд, то ки дарҳам-барҳамии таърифҳо пешгирӣ намуда, талаботҳо ба ифшои маълумот дар бораи моликияти бенефитсиарӣ дар соҳаҳои гуногун ба якдигар наздик карда шаванд.
- Тарзу усулҳои пешниҳод ва тафтиши маълумоте, ки ширкатҳои истифодабарандаи сарватҳои зеризаминӣ дар бораи бенефитсиарҳо медиҳанд, пайдо карда шаванд.

Тафтиши маълумот дар марҳалаи аввал то андозае раванди ошорсозии бенефитсиари ниҳоиро осон менамояд, зеро худи бенефитсиар ба пешниҳод кардани маълумот ҳавасманд мебошад, бинобар ин русумоти муфассали пешниҳоди маълумотро дар бораи бенефитсиари ниҳоии ширкатҳои истихроҷ ҳангоми бақайдгирӣ ва/ё иҷозатномагирӣ тартиб додан зарур аст.

Инчунин русумоти муайян кардани бенефитсиари ғайримустақимро тавассути нишон додани силсилаи бенефитсиарҳо муфассал баён кардан муҳим аст.

- Муайян кардани мақоми давлатие, ки барои татбиқи ҲБ дар чаҳорчӯбаи ТШСИ масъул мебошад.
- Дар чаҳорчӯбаи таҳияи Ҳисоботи дуюми миллии ТШСИ иҷрои тавсияҳои ҳисоботи пештара ва тадқиқотҳо оид ба ҲБ, хусусан иҷрои тавсияҳо оид ба такмил додани дастуруламал оид ба ҷамъоварии маълумот барои муқоисаи пардохтҳо ва ба шакли (формаи) умумии ҳисоботи ТШСИ барои солҳои 2015 – 2016 ворид намудани шаклҳои декларатсия дар бораи иштироки бенефитсиарӣ, гузарондани тренингҳои эзоҳотӣ барои шахсони масъули ширкатҳо тафтиш карда шавад. Ин имкон медиҳад, ки Ҳисобот тибқи талаботи Стандарти ТШСИ-2016 таҳия карда шавад. Аз тарафи дигар Котиботи байналмилалии ТШСИ ба ин баҳои мусбат хоҳад дод.

Ҳисоботҳо аз рӯи ду тадқиқот дар сомонаҳои www.tfd.tj, www.minfin.tj, www.eiti.tj дастрас мебошанд.

Соли 2017 дар ҳамаи минтақаҳои мамлакат 7 чорабинӣ (тренингҳо, семинарҳо бо тарафҳои манфиатдор) гузаронда шуданд, ки дар онҳо инчунин масъалаҳои ифшои ҲБ дар мисоли Тоҷикистон ва мамлакатҳои хориҷӣ муаррифӣ карда шуданд.

Соли 2017 ВАО дар бораи ҲБ дар чаҳорчӯбаи ТШСИ 15 мавод чоп карданд.

Дар Ҳисоботи солонаи Шӯрои ТШСИ-и ҶТ барои соли 2016 дар бораи оғози иҷрои харитаи роҳнамо оид ба ҲБ маълумот дода шудааст.

## 2.6. ТАВСИФИ СОҲАИ ИСТИХРОҶ

Ҳоло дар Тоҷикистон зиёда аз 600 кон ва 800 зуҳуроти маъданҳои фоиданок кашф ва тадқиқ карда шудаанд, ки қисман ба истифодаи саноатӣ омода мебошанд[18]. Тоҷикистон аз захираҳои минералии зеризаминии гуногун: тилло, оҳан, нуқра, мис, сурб, руҳ, висмут, стронсий, сурма, волфрам, намаки ошӣ ва ғ. бой аст. Саноати истихроҷи кӯҳии Тоҷикистон захираи хуби маъдан ва ашёи хом дорад ва ҳаҷми он кифист, ки рушди соҳа дар оянда таъмин карда шавад.




---

[18] Аз маърӯзаи раиси Кумитаи энергетика, саноат, сохтмон ва алоқаи МН МО ҶТ С. Шарифов дар муҳокимаи парламентии 27.12.2016.

**Ҷадвали 5**

**Тавсифи захираҳои маъдан ва ашёи хом дар минтақаҳо[19]**

| *№* | *Минтақа* | *Майдон* | *Тавсиф* |
|---|---|---|---|
| *1* | *2* | *3* | *4* |
| **1** | **Суғд** | **26,1 ҳаз. км²** | Конҳои сурб, руҳ, висмут, молибден, волфрам, сурма, стронсий, тилло, нуқра, оҳан, қалъагӣ, симоб, ангиштсанг, нефту газ, намаксанг, флюорит, санги сохтмонӣ ва дигар ашёи хоми минералӣ барои сохтмон ва саноат, обҳои зеризаминии минералӣ, термалӣ ва саноатӣ, озокерит ва сангҳои заргарӣ кашф карда шудаанд |
| **2** | **Хатлон** | **24,6 ҳаз. км²** | Конҳои ашёи хоми минералии гуногун – нафт ва газ, намаки ошӣ, масолеҳи сохтмон, ашёи хом барои истеҳсоли семент, обҳои минералӣ ва гарм, маъданҳои сурб, руҳ, стронсий, тиллои пошхӯранда ва як қатор маъданҳои дигаре кашф карда шудаанд , ки дар саноат ва хоҷагии халқи ҶТ истифода мешаванд |
| **3** | **ВМКБ** | **63,7 ҳаз. км²** | Зуҳуроти пешомадноки 23 намуд маъдани фоиданок, аз ҷумла оҳан, марганетс, мис, тилло, қалъагӣ, волфрам, ашёи хоми гилхок, инчунин гил барои истеҳсоли хишт, ашёи хоми семент, зуҳуроти пешомадноки нуқра, конҳои калони ашёи хоми боросиликатӣ, намак, молибден, висмут, асбест, ашёи хом барои истеҳсоли оҳак ва аглопорит, моддаҳои часпаки бесемент, керамзит, омехтаҳои қуму шағал ва рег. Ғайр аз ин дар ҳудуди вилоят обҳои зиёди минералӣ ва термалӣ вуҷуд доранд |
| **4** | **НТҶ** | **28,7 ҳаз. км²** | Конҳои маъданҳои фоиданок кашф карда шудаанд, аз қабили ашёи хом барои истеҳсоли семент, масолеҳи сохтмон, обҳои минералӣ ва гарм, пегматитҳои булӯрдор ва қалъагидор, оҳан (магнетит), волфрам, қалъагӣ, тилло, сурб, руҳ, флюорит, маъданҳои радиоактивӣ, алюминий, фосфоритҳо, гилҳои оташбардор, регсанги квартсдор, ангишт (ангиштсанг ва антрасит) ва ғ. Бисёре аз ин маъданҳои фоиданок барои корхонаи амалкунандаи маъдантозакунӣ ва дигар корхонаҳои саноатӣ манбаи муҳими ашёи хом ба шумор меравand. |

[19] ҲҶТ «Дар бораи Барномаи давлатии омӯзиш ва арзёбии захираҳои металлҳои нодир барои солҳои 2016 - 2026» (№728 аз 28.11.2015)

# *АНГИШТ*

Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ангишт бой мебошад. Конҳои ангишт дар минтақаҳои гуногуни он воқеъ гардидаанд. Дар ин ҷо 22% захираи ангиштсанги Осиёи Марказӣ (4,5 млрд тонна) ҷойгир шудааст.

## *Захираҳои ангишт ва мавқеи географии онҳо*

Захираҳои аниқшудаи ангишти ҷумҳурӣ 366,5 млн т, аз ҷумла саноатӣ - 320,4 млн т (73% захираҳои умумӣ), пешакӣ арзёбишуда - 408,1 млн т (9,3%), пешгӯишуда - 3638 млн т (83,4%)-ро ташкил медиҳанд.

Конҳои ангишти Тоҷикистон дар ду ҳавза ҷойгир шудаанд: Тоҷикистон ва Фарғона. Ҳавзаи якум аксарияти мутлақи объектҳои ангиштро, ки дар Тоҷикистони Марказӣ ва Ҷанубӣ ҷойгир шудаанд, дар бар мегирад. Объектҳои Тоҷикистони Шимолӣ ба ҳавзаи ангишти Фарғона дохил мешаванд. Қабатҳои ангиштдори ҳавзаи Тоҷикистон бештар дар шохаҳои кӯҳҳои Тиёншон ва Помиру Олой, ки пастхамиҳои Афғонистону Тоҷикистонро печонда




гирифтаанд, ҷойгир шудаанд.

Нерӯи саноатии ҳавза бузург аст. Дар ҳудуди он кони нодири антрасити камхокистар ва камсулфури Назар Айлоқ, кони калонтарини Осиёи Марказӣ – кони Яғноб ва якчанд объекти хурди ангиштсанг – ашёи хоми энергетикӣ ва химиявӣ воқеъ гардидаанд. Аз зиёда аз 36 кону зуҳуроти ангишт, ки дар ҳудуди Тоҷикистон маълуманд, танҳо ду кон – Шӯроб ва Фон-Яғноб муфассал омӯхта шудаанд. Дар як қатор конҳо иктишофи пешакӣ ва корҳои тафтишӣ гузаронда шуданд.

Дар баъзе аз онҳо солҳои гуногун маъдан истихроҷ карда мешуданд ва ҳоло низ истихроҷ карда мешаванд (Зиддӣ, Назар-Айлоқ, Миёнаду, Моғиён, Кштут-Зауран, Ташкутан, Суффа, Шӯрообод, Равнов). Ҳамаи конҳои ҷумҳурӣ аз рӯи захираҳои ангишт ба гурӯҳи конҳои на

чандон калон (то 50 млн т) дохил мешаванд, кони Фон-Яғноб аз рӯи захира ба қатори конҳои миёна дохил мегардад[20].

Ангишт на танҳо барои таъмини комплекси сӯзишворию энергетикии мамлакат, балки барои ташкили саноати технологию химиявӣ низ барои даҳсолаҳо мерасад.

### *Истихроҷи ангишт дар солҳои 2015 - 2016*

Ҳоло қариб 88% талаботи Тоҷикистон ба ангишт аз ҳисоби истихроҷи дохилӣ қонеъ гардонда мешавад. Истифодаи самараноки маблағҳои мутамаркази давлатӣ ва сармоягузориҳои хориҷӣ ба корхонаҳо имкон доданд, ки истеҳсоли ангиштро афзун намоянд. Дар соли 2015 он ба 1 млн 041 ҳаз. тонна расид, соли 2016 бошад, ангишткანони ҷумҳурӣ 1 млн 361 ҳаз. тонна ангишт истихроҷ намуданд.

Саноати ангишт бо дигар соҳаҳои иқтисод робитаи зич дошта, дар рушди хоҷагии халқи Тоҷикистон нақши муҳим мебозад. Имрӯз 208 корхонаи саноатӣ ва энергетикӣ ангиштро ба сифати сӯзишвории технологии алтернативӣ ба ҷои гази табиӣ истифода мебаранд. Ин тадбирҳо вобастагии иқтисоди ҷумҳуриро аз воридоти газу нафт кам карданд. Тибқи маълумоти Вазорати саноат ва технологияҳои нави ҶТ, харидори асосии ангишти дар мамлакат истеҳсолшаванда маркази электрикии гармидиҳии (ТЭЦ-2) Душанбе мебошад, ки тақрибан 50% ҳаҷми умумии ангишти истеҳсолшудаaро истифода мебарад[21].

Бо зиёд гардидани ҳаҷми истеҳсоли энергияи электр аз ангишт ҳиссаи он дар тавозуни сӯзишвории ҷумҳурӣ то соли 2021 метавонад то 3,3 млн тонна афзоиш ёбад.

Афзоиши истихроҷи ангишт дар шахтаи «Фон-Яғноб»-и корхонаи фаръии КВД «Ангишти Тоҷик», шахтаи «Ангишти Зиддӣ»-и корхонаи фаръии КВД «Ангишти Тоҷик», дар ҶДММ «Талко-Ресурс», ҶСК «Ангишт», ки дар заминаи онҳо нерӯгоҳҳои нави барқӣ ба лоиҳа гирифта шудаанд, дар назар дошта шудааст[22].

**Ҷадвали 6**

**Истихроҷи ангишт (ҳаз. тонна)**

| | 2015 | | | 2016 | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | **Ҳамагӣ** | **ангиштсанг** | **ангишти бӯр** | **Ҳамагӣ** | **ангиштсанг** | **ангишти бӯр** |
| **Ҳамагӣ** | **1041,9** | **984,5** | **57,4** | **1361,4** | **1311** | **50,4** |
| ВМКБ | 1,0 | 1,0 | - | - | - | - |
| Хатлон | 2,7 | 2,7 | - | 2,0 | 2,0 | - |
| Суғд | 804,1 | 746,7 | 57,4 | 1170,0 | 1119,6 | 50,4 |
| НТҶ | 234,1 | 234,1 | - | 189,4 | 189,4 | - |

[20] Маҷаллаи кӯҳӣ, ISSN 0017-2278 (нашри махсус, соли 2016)
[21] http://news.tj/news/tajikistan/economic/20161020/tadzhikistan-pobil-svoi-sobstvennii-rekord-po-dobiche-uglya

[22] Маҷаллаи кӯҳӣ, ISSN 0017-2278 (нашри махсус, с.2016)




### *Истеҳсолкунандагони калонтарини ангишт дар ҶТ*

Тибқи маълумоти Вазорати саноат ва технологияҳои нави ҶТ, дар Тоҷикистон 14 корхона бо истихроҷи ангишт машғул мебошад. Ҳиссаи асосии истихроҷи ангишт ба корхонаҳои зерин рост меояд:

- Шахтаи «Фон-Яғноб», корхонаи фаръии КВД «Ангишти Тоҷик» (57,7%),
- ҶДММ «Талко-Ресурс» (13,1%),
- Шахтаи «Ангишти Зиддӣ», корхонаи фаръии КВД «Ангишти Тоҷик» (11,2%),
- ҶСК «Ангишт» (5,6%),
- Шахтаи ангишти «Назар-Айлоқ», корхонаи фаръии КВД «Ангишти Тоҷик» (5%),
- ҶДММ «Сайёд» (3,2%),
- 4,2% -и ангиштро корхонаҳои боқимонда истихроҷ мекунанд.

## *НАФТ ВА ГАЗИ ТАБИӢ*

### *Маълумоти умумӣ дар бораи соҳаи нафту гази ҶТ*

Қитъаҳои пешомадноки нафту газдори Тоҷикистон дар ду минтақаи нафту газдор: Тоҷикистони Ҷанубӣ-Ғарбӣ ва Тоҷикистони Шимолӣ ҷойгир шудаанд. Аз лиҳози тектонӣ онҳо дар ҳудуди пастиҳои Афғонистону Тоҷикистон (29,4 ҳазор км$^2$) ва Фарғонаи Ғарбӣ (5,2

ҳазор км$^2$) воқеъ гардидаанд. Дар ҳудуди Тоҷикистони Ҷанубӣ-Ғарбӣ панҷ минтақаи калони геосохториро ҷудо мекунанд: Душанбе, Кофарниҳон, Вахш, Оби гарм ва Кӯлоб[23].

**Ҷадвали 7**

**Панҷ минтақаи калони геосохторӣ**

| Минтақа | Тавсиф |
|---|---|
| *Минтақаи Душанбе* | Масоҳати заминҳои пешомадноки ин минтақа 1,4 ҳазор км$^2$-ро ташкил медиҳад. Захираҳои пешгӯишудаи истихроҷи нафт ба миқдори 7,0 млн. тонна, газ – 37,0 млрд. м$^3$ арзёбӣ гардидаанд . <br>Дар ин минтақа се кон кушода шудааст: кони нафти Шоҳамбарӣ ва конҳои гази Андиген ва Комсомол. |
| *Минтақаи Кофарниҳон* | Масоҳати заминҳои пешомадноки ин минтақа 8,9 ҳазор км$^2$-ро ташкил медиҳад. Захираҳои пешгӯишудаи истихроҷи нафт ба миқдори 17,057 млн. тонна, гази озод бошад, 227,4 млрд. м$^3$ арзёбӣ шудаанд <br>Минтақаи мазкур ҳам бо усулҳои геофизикӣ ва ҳам бо пармакунии чуқур кам омӯхта шудааст. |
| *Минтақаи Вахш* | Масоҳати заминҳои пешомадноки ин минтақа 3,7 ҳазор км$^2$-ро ташкил медиҳад. Захираҳои пешгӯишудаи истихроҷи нафт ба миқдори 22,9 млн. тонна, газ – 151,9 млрд. м$^3$ арзёбӣ гардидааст. <br>Минтақаи Вахш тавассути корҳои геофизикӣ ва пармакунӣ пурра омӯхта шудааст. Дар пастхамии Вахш се кон кушода шудааст: конҳои нафти Камарборик, Сафедтеппа ва кони гази Сурхсимо. |
| *Минтақаи Кӯлоб* | Масоҳати заминҳои пешомадноки минтақаи Кӯлоб 8,6 ҳазор км$^2$-ро ташкил медиҳад. Захираҳои пешгӯишудаи истихроҷи нафт ба миқдори 20,275 млн. тонна арзёбӣ гардидааст. Қариб ҳамаи ин захираҳо – 19,275 млн. тонна дар маҷмааи палеогении нафту газ ҷойгир шудаанд. Захираи пешгӯишудаи истихроҷи гази озод 187,0 млрд. м$^3$-ро ташкил медиҳад. |
| *Минтақаи Оби гарм* | Масоҳати заминҳои пешомадноки минтақаи Оби гарм 6,8 ҳазор км$^2$-ро ташкил медиҳад. Захираи пешомадноки нафт 15,0 млн. тоннаро ташкил медиҳад, ки қисми зиёди он дар ҳаҷми 9,0 млн. тонна дар маҷмааи қабатҳои палеогенӣ ҷойгир шудааст. Захираҳои пешгӯишудаи газ ба миқдори 198,0 млрд. м$^3$ арзёбӣ шудааст. Дар минтақа объектҳои омодашуда ва амалкунандаи пармакунӣ вуҷуд надоранд. Дар минтақаи Оби гарм ягон кони карбогидридҳо кашф карда нашудааст, вале сарфи назар аз ин, минтақа барои кушодани конҳои калони газ дар қабатҳои карбонатии юраи болоӣ пешомадҳои калон дорад. |

[23] Юшин В.И. Таҳлили маводи геологӣ-геофизикии Тоҷикистони Ҷанубӣ-Ғарбӣ. Ҳисоботи илмию тадқиқотӣ, Асарҳои ШТ ВНИГНИ, 1978, Душанбе.

***Тоҷикистони Шимолӣ***[24]

Захираҳои умумии ибтидоии имконпазири ашёи хоми карбогидридӣ дар Тоҷикистони Шимолӣ ба миқдори 108 млн. тонна сӯзишвории шартӣ арзёбӣ мешавад, аз ҷумла нафт – 47,5 млн. тонна, газ – 53 млрд. $м^3$, конденсат – 7,5 млн. тонна.
Дар минтақаи Фарғонаи Ғарбӣ 10 кон кушода шудааст, ки дорои 37 қабат мебошанд, аз онҳо 25 қабати нафтдор ва 12 қабати дорои газ ва конденсати газ. Ҳоло истихроҷи нафт тақрибан 15 ҳазор тонна ва газ 3-5 млн. $м^3$-ро ташкил медиҳад.
Кони аз ҳама калонтарин Ниёзбек – Қарақчиқуми Шимолӣ мебошад. Захираи ибтидоии тавозунии нафти ин кон 5 057 ҳазор тоннаро ташкил медиҳад. Захираи ибтидоии истихроҷ - 1 564 ҳазор тонна.

## *Захираҳои гази табиӣ ва нафт дар Ҷумҳурии Тоҷикистон*

Ҳоло захираҳои карбогидридии ҷумҳурӣ хеле кам иктишоф гардидаанд. Захираҳои иктишофшудаи гази табиӣ 857 млрд $м^3$, захираҳои нафт зиёда аз 117 млн тоннаро ташкил медиҳанд. Захираҳои ибтидоии исботшудаи нафт ва конденсат тақрибан 40 млн тоннаро ташкил медиҳад, ки танҳо 11 млн тоннаи онро ба гурӯҳи гази истихроҷшаванда мансуб донистан мумкин аст. Дар айни ҳол захираҳои боқимондаи карбогидридҳои моеъ тақрибан 31 млн тоннаро ташкил медиҳанд, аз ҷумла 3 млн тонна карбогидридҳои истихроҷшаванда. Чунин манзараро дар масъалаи гази табиӣ низ мушоҳида кардан мумкин аст: захираҳои тавозунӣ тақрибан 3,5 млрд. $м^3$-ро ташкил медиҳанд, захираҳои боқимонда бошанд – 2 млрд. $м^3$-ро.[25]
Захираҳои ашёи хоми карбогидридиро дар ҳаҷми 1033,76 млн. тонна сӯзишвории шартӣ (қисми зиёди ин захираҳо (916 млн тонна сӯзишвории шартӣ) дар Тоҷикистони Ҷанубӣ-Ғарбӣ ҷойгир шудаанд, дар Тоҷикистони Шимолӣ бошад – 118 млн тонна сӯзишвории шартӣ), аз ҷумла 857 млрд. $м^3$ газ, 117,6 млн. тонна нафт ва 36 млн. тонна конденсати газ арзёбӣ мекунанд[26]. Вале ҳоло ҳамагӣ як қисми ками онҳо истихроҷ карда мешавад.
Тибқи маълумоти Намояндагии тиҷоратии Тоҷикистон дар Олмон, дар қаъри замини Тоҷикистон 113,1 млн тонна нафт, 863 млрд метри мукааб газ ва 36 млн тонна конденсати газ хобидааст. Майдонҳои зерин барои истихроҷи онҳо нисбатан пешомаднок ба ҳисоб мераванд[27]:

**Ҷадвали 8**

**Майдонҳо барои истихроҷи захираҳои нафту газ**

| *№* | *Ном* | *Минтақа* | *Захираҳои пешгӯишудаи нафт* | *Захираҳои пешгӯишудаи газ* |
|---|---|---|---|---|

[24] Мавлони Субҳонқул. Нафт ва газ: Нерӯи асосии сӯзишворию энергетикии Тоҷикистон // Минбари халқ, июни с. 2013.
[25] Таснифи захираи конҳо ва захираҳои пешгӯишудаи маъданҳои фоиданок (Қарори Ҳукумати ҶТ. 2009, № 429).
[26] Манбаъ: КВД «Нафту газ»
[27] http://www.news.tj/ru/news/posol-rt-v-rf-resursy-nefti-i-gaza-v-tadzhikistane-vesma-znachitelnye

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| 1 | Супетауи Шаркӣ | Тоҷикистони Шимолӣ | 5 млн тонна | 15 млрд м мукааб |
| 2 | Ренган | Тоҷикистони Ҷанубӣ-Ғарбӣ | - | 35 млрд м мукааб |
| 3 | Қашкақум | Тоҷикистони Ҷанубӣ-Ғарбӣ | 4,9 млн тонн | - |
| 4 | Олимтойи Шаркӣ | Тоҷикистони Ҷанубӣ-Ғарбӣ | 3,9 млн тонн | - |
| 5 | Ялгизкак | Тоҷикистони Ҷанубӣ-Ғарбӣ | - | то 20 млрд м мукааб |
| 6 | Саргазон | Тоҷикистони Ҷанубӣ-Ғарбӣ | - | 30 млрд м мукааб |

Инчунин арзёбии пешакии ширкати Gazprom International-ро дар ин ҷо овардан мумкин аст, ки мувофиқи он захираҳои пешгӯишудаи газ дар майдони Сариқамиш ба миқдори 18 миллиард метри мукааб, захираҳои имконпазири нафт — 17 миллион тонна, конденсати газ - 2 миллиард метри мукааб арзёбӣ карда мешавад.[28]

Дар майдони Сариқамиш, баъди пармакунии чоҳи ҷустуҷӯию баҳодиҳии № 1 дар чуқурии 6450м захираҳои пешомадноки карбогидридҳо дар қабатҳои палеогенӣ ва бӯрӣ ба миқдори зерин арзёбӣ карда шуд:

- захираҳои умумии газ аз рӯи категорияи С3 20,9 млрд. м$^3$-ро ташкил дод;

- захираҳои умумии нафт - 8065/1613 ҳазор тонна (геологӣ/истихроҷшаванда).

## *Истихроҷи нафт ва гази табиӣ дар ҶТ дар солҳои 2015 - 2016*

Истеҳсоли ҳарсолаи гази табиӣ – тақрибан 4-6 млн м$^3$, нафт - 28 ҳазор тонна. Мувофиқан, ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти нафт низ дар ҷумҳурӣ зиёд нест – дар шимол ва ҷануб ҳамагӣ се корхонаи на чандон калон бо истеҳсоли онҳо машғуланд, ки ҳосилнокиашон соле аз 25-30 ҳазор тонна зиёд нест. То 01.01.2015 дар мамлакат 7,29 млн тонна нафт, 8,16 млрд м$^3$ газ ва 0,49 млн тонна конденсати газ истеҳсол карда шудааст[29].

**Ҷадвали 9**

**Истихроҷи нафт (ҳаз. тонна) ва газ (млн. м$^3$) дар солҳои 2015-2016**

| | соли 2015 | | | соли 2016 | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | нафт | гази муқаррарӣ | гази табиӣ | нафт | гази муқаррарӣ | гази табиӣ |
| **Ҳамагӣ** | **24,6** | **4,1** | **3,8** | **25,0** | **3,2** | **2,9** |
| ВМКБ | - | - | - | - | - | - |

[28]http://ru.sputnik-tj.com/economy/20160712/1020134332.html

[29]Манбаъ: Вазорати энергетика ва захираҳои оби ҶТ

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Хатлон | 10,7 | 2,6 | 2,7 | 10,6 | 1,7 | 1,7 |
| Суғд | 11,5 | 1,5 | 2,1 | 11,7 | 1,5 | 1,2 |
| НТҶ | 2,4 | - | - | 2,7 | - | - |

**Ҷадвали 10**

**Истихроҷи нафт аз ҷониби ҳамаи ширкатҳои истихроҷ[30]**

| *Ном / сол* | *2015* | *2016* | *% -и нақша* |
|---|---|---|---|
| Нафт | 24631 тонна | 25123 тонна | 80,5% |
| Газ | 4111 ҳаз. $м^3$ | 2979 ҳаз. $м^3$ | 60,3% |

Дар бахши нафту гази ҶТ 8 ширкат бо истихроҷи нафту газ машғул аст, ки аз онҳо дутоашон давлатӣ (ҶСК «Нафту газ» ва ҶСК «Суғднафтугаз»), яктояшон муштарак (ҶДМММ «Петролеум Суғд») ва панҷтоашон хусусӣ (ҶДММ «Салоса», ҶДММ «Азизӣ», ҶДММ «Сетос», ҶСП «Ҳасан С» ва ҶДММ «Амон») мебошанд.

## Нишондиҳандаҳои истихроҷи нафту газ дар солҳои 2015 - 2016 (*аз ҷониби ширкатҳо*)

**Ҷадвали 11**

**Истихроҷи нафту газ дар соли 2015 аз ҷониби ширкатҳо**

| *Номи ташкилот* | *Номи нишондиҳанда* | *Нақшаи с.2015* | *Амалан дар с.2015* | *%-и иҷро* |
|---|---|---|---|---|
| ҶСК «Нафту газ» | Истихроҷи нафт (тонна) | 4 600 | 2 208 | 48,0 |
| | Истихроҷи газ (ҳаз. $м^3$) | 1 675 | 2 636 | 157,4 |
| ҶДММ «Салоса» | Истихроҷи нафт (тонна) | 9 000 | 9 034 | 100,4 |
| ҶДММ «Сетос» | Истихроҷи нафт (тонна) | - | 225 | - |
| ҶСП «Ҳасан ва К» | Истихроҷи нафт (тонна) | 300 | - | - |

[30]«Тавзеҳ ва арзёбии муқоисавии стратегияҳои миллӣ, барномаҳо, нақшаҳо, санадҳои ба тасвиб расидаи байналмилалӣ, қонунгузории Тоҷикистон, инчунин тадқиқотҳо, хабарҳои воситаҳои ахбори омма дар мавзуи робитаи байни ҳуқуқи бенефитсиарӣ ва афзалиятҳои миллии мамлакат». Душанбе, 2017 (бо дастгирии GIZ, Тоҷикистон).

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| | Истихроҷи газ (ҳаз. м³) | 500 | - | - |
| ҶДММ «Азизӣ» | Истихроҷи нафт (тонна) | 1 500 | 1 650 | 110,0 |
| ҶСК«Суғднафтугаз» | Истихроҷи нафт (тонна) | 700 | 56 | 8,0 |
| ҶДМММ «Петролеум-Суғд» | Истихроҷи нафт (тонна) | 14 550 | 11 346 | 78,0 |
| | Истихроҷи газ (ҳаз. м³) | 1 600 | 1 475 | 92,2 |
| ҶДММ «Амон» | Истихроҷи нафт (тонна) | 350 | 112 | 32,0 |
| **Ҳамагӣ** | **Истихроҷи нафт (тонна)** | **31 000** | **24 631** | **79,5** |
| | **Истихроҷи газ (ҳаз. м³)** | **4 275** | **4 111** | **96,2** |

**Ҷадвали 12**

**Истихроҷи нафту газ дар соли 2016 аз ҷониби ширкатҳо**

| ***Номи ташкилот*** | ***Номи нишондиҳанда*** | ***Нақшаи с.2016*** | ***Амалан дар с. 2016*** | ***%-и иҷро*** |
|---|---|---|---|---|
| ҶСК «Нафту газ» | Истихроҷи нафт (тонна) | 3 200 | 2 295 | 71,7 |
| | Истихроҷи газ (ҳаз. м³) | 2 400 | 1 442 | 60,1 |
| ҶДММ «Салоса» | Истихроҷи нафт (тонна) | 9 100 | 9 114 | 100,2 |
| ҶДММ «Сетос» | Истихроҷи нафт (тонна) | 1 000 | 274 | 27,4 |
| ҶСП «Ҳасан ва К» | Истихроҷи нафт (тонна) | 500 | - | - |
| | Истихроҷи газ (ҳаз. м³) | 500 | - | - |
| ҶДММ «Азизӣ» | Истихроҷи нафт (тонна) | 1 600 | 1670 | 104,4 |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| ҶСК «Суғднафтугаз» | Истихроҷи нафт (тонна) | 1 500 | 33 | 2,2 |
| ҶДМММ «Петролеум-Суғд» | Истихроҷи нафт (тонна) | 14 000 | 11732 | 83,8 |
| | Истихроҷи газ (ҳаз. $м^3$) | 1 538 | 1537 | 99,9 |
| ҶДММ «Амон» | Истихроҷи нафт (тонна) | 300 | 6 | 2,0 |
| **Ҳамагӣ** | **Истихроҷи нафт (тонна)** | **31 200** | **25 124** | **80,5** |
| | **Истихроҷи газ (ҳаз. $м^3$)** | **4 938** | **2 979** | **60,3** |

## *БАХШИ ИСТИХРОҶИ ТИЛЛОИ ҶТ ДАР СОЛҲОИ 2015 - 2016*

### *Маълумоти умумӣ дар бораи бахши истихроҷи тилло*

Қайд кардан лозим аст, ки ҷумҳурӣ дорои захираҳои бойи маъданҳои тиллодор мебошад. Конҳои асосии тиллои ҷумҳурӣ дар майдонҳои пешмадноки Шимолӣ, Тоҷикистони Марказӣ ва Помири Ҷанубӣ ҷойгир шудаанд. Захираҳои иктишофшуда дар конҳои тиллою квартси минтақаҳои маъдандори Ҷилав-Тарор ва Туркистон-Чорини Тоҷикистони Марказӣ ва объектҳои тиллою квартс ва тиллою сулфиди Қарамазор мавҷуд мебошанд. Дар ҷумҳурӣ ҳамагӣ 150 объекти маъдани тилло ошкор карда шудааст, ки қисми зиёди онҳо кам тадқиқ шудаанд[31].

Тоҷикистон дар рейтинги 100 мамлакати калонтарини ҷаҳон – дорандагони захираи тилло ҷои 67-умро ишғол менамояд. Захираи тиллою асъори Тоҷикистон 90% аз тиллои холис ва 10% аз асъор иборат мебошад. Захираи тиллою асъори Тоҷикистон ҳар сол ба ҳисоби миёна 40% меафзояд.

### *Истихроҷи тилло дар солҳои 2015 -2016*

Тибқи маълумоти Вазорати саноат ва технологияҳои нави ҶТ, истихроҷи тилло дар мамлакат соли 2015 назар ба соли 2014-ум 31,6% зиёд гардид. Аз рӯи натиҷаҳои соли 2015 ҳаҷми захираи тилло ва асъор дар мамлакат назар ба соли пештара 28% афзуд. Дар соли 2015 ҳаҷми умумии истеҳсоли тилло 4591,2 кг-ро ташкил дод.

Соли 2016 дар ҳудуди Тоҷикистон назар ба соли 2015-ум 8% зиёдтар, яъне 4962,0 кг тилло истеҳсол карда шуд.

Ба туфайли баланд бардоштани суръати кор дар ҳамаи корхонаҳи истихроҷи тиллои мамлакат хаҷми истихроҷи ин металли қиматбаҳо зиёд гардид.

### *Ширкатҳои истихроҷ ва истеҳсоли тилло дар Тоҷикистон*

[31] Маҷаллаи кӯҳӣ, ISSN 0017-2278 (нашри махсус, с. 2016)

Дар Тоҷикистон бо истихроҷ ва истеҳсоли тилло ҶДММ КМ «Зарафшон», ҶДММ МТХ «Апрелевка», КДҶ «Тиллои Тоҷик», Артели заршӯии «Одина», ҶДММ «Покруд», ҶДММ «Назирӣ», ҶДММ «Ганҷ», ҶДММ «Баракати истиқлол», ҶДММ «Таком Голд» ва ҶДММ «Шимшо» машғул мебошанд.

**Расми 1. Истеҳсолкунандагони асосии тилло (истихроҷ – ба ҳисоби фоиз):**




Дар Тоҷикистон калонтарин корхонаи истихроҷи тилло корхонаи муштараки Тоҷикистону Хитой «Зарафшон» мебошад, ки қариб 70 фоизи тамоми тиллои ҷумҳуриро истеҳсол мекунад. Дар давоми 9 соли охир ширкати саноати кӯҳии Хитой, ки 75 % саҳмияҳои ҶДММ КМ «Зарафшон» ба он тааллуқ дорад, барои навсозии корхона 306 миллион доллар ҷудо намуда, ду фабрикаи маъдантозакунӣ ва тсехи аффинаж сохт. Инчунин тсехи нави коркарди маъдан сохта шуд.

Дар Тоҷикистон корхонаҳои ҳаҷми истихроҷашон миёна фаъолият мекунанд – инҳо ҶДММ МТК «Апрелевка», корхонаи давлатии ҷумҳуриявии «Тиллои тоҷик», инчунин корхонаҳои хурд ва артелҳо мебошанд.

Корхонаи маъдантозакунии ҶДММ «Покруд» моҳи июни соли 2016 дар шаҳри Ваҳдат кушода шуд. Ин корхона бо ҷалби сармоягузории хориҷӣ ва дар ҳамкорӣ бо мутахассисони ҶХХ сохта шудааст. Тибқи хулосаи мутахассисон, захираи тилло дар ин минтақа барои 35 сол кифоя аст. Дар марҳалаи аввал корхона дар як шабонарӯз 1800 тонна, дар як сол 660 ҳазор тонна маъдан тоза мекунад.

Дар маросими кушодашавӣ қайд карда шуд, ки корхона дар марҳалаи аввал соле 1,3 ҳазор кг тиллои холис истеҳсол менамояд, баъди ба кор андохтани навбати дуюм истеҳсоли тиллои холис ба 2 ҳазор кг мерасад[32].

Комиссияи давлатии Тоҷикистон оид ба захираҳои маъданҳои фоиданок дар охири соли 2015 кони Кончочро ба Тавозуни давлатии ҷумҳурӣ гузаронд. Захираи тилло дар кони Кончоч зиёда аз 32 тонна, захираи нуқра бошад, тақрибан 14 тонна аст. Кони Кончоч бо захираҳои тилло, сурма, нуқра, симоб ва дигар маъданҳои фоиданокаш дар аввал ба сифати фақат кони симоб баррасӣ карда мешуд, зеро он дар минтақаи фавкуларзии резашавии сланетси палеозой ҷойгир шудааст. Ин минтақа дар нишебии рости водии дарё болотар аз Искондаркӯл воқеъ мебошад.

---

32 http://avesta.tj/2016/06/04/v-vahdate-s-uchastiem-prezidenta-zarabotalo-predpriyatie-tsvetnyh-metallov-pokrud-2

Дар охири моҳи ноябри соли 2015 Ҳукумати ҶТ пешниҳоди «ТАЛКО»-ро дар бораи коркарди гурӯҳи конҳои Кончоч дар ҳудуди ноҳияи Айнии вилояти Суғд маъқул донист. Ширкати алюминии Тоҷикистон («ТАЛКО») ҳоло барои коркарди гурӯҳи конҳои Кончоч шарикони нисбатан мувофиқеро ҷустуҷӯ менамояд, то ки лоиҳаи калонмиқёси ғайрисоҳавиро якҷоя маблағгузорӣ кунанд. Моҳи декабри соли 2016 ширкат барои 25 сол иҷозатнома гирифт. Ин ба вай ҳуқуқ медиҳад, ки коркарди гурӯҳи конҳои тиллодори Скалное ва Кончочро, ки дар ҳудуди ноҳияи Айнии вилояти Суғд ҷойгир шудаанд, амалӣ намояд.

**Расми 2. Захираҳои умумии гурӯҳи конҳои Кончоч**




«ТАЛКО» дар гурӯҳи конҳои Кончоч ҳар сол коркарди 900 ҳазор тонна маъданро ба нақша гирифтааст[33]. Гурӯҳи конҳои Кончоч аз се объект иборат аст: Чулбои (тилло, нуқра), Кончоч (тилло, нуқра, симоб, флюорит), Шаҳкон (тилло, сурма, арсен, флюорит).

Тибқи бизнес-нақшаи коркарди маҷмуии ин гурӯҳи конҳо, ки ширкат таҳия намудааст, баъди анҷом додани корҳои тайёрӣ кори мунтазами корхонае, ки дар заминаи захираҳои иктишофшудаи маъданҳо сохта мешавад, оғоз меёбад. Ин имкон медиҳад, ки маҳсулнокии корхона соле ба 900 ҳазор тонна маъдан расонда шавад. Ба туфайли ин корхонаи маъдантозакунӣ консентрати маҷмуии металлӣ (тилло, нақра, симоб, сурма ва ғ.) ҳосил намуда, минбаъд дар корхонаи металлургии худ коркард менамояд. Чунин ҳаҷми истеҳсол дар пешравии иқтисоди Тоҷикистон саҳми бузург мегузорад. Ширкат дар ҳудуди конҳо сохтани фабрикаи маъдантозакунӣ ва корхонаи металлургиро низ ба нақша гирифтааст.

Моҳи октяби соли 2016 ширкати хитоии саноати кӯҳии ҶДММ «ТВЕА Душанбе» дар кони маъдани тиллои Кумарги боло корҳои ҷустуҷӯи геологиро ба анҷом расонд. Дар марҳалаи оянда лоиҳакашӣ ва гирифтани иҷозатнома барои коркарди кон пешбинӣ гардидааст. Баъди иҷрои корҳои мазкур ба ширкати довталаб ба сохтмони фабрикаи маъдантозакунӣ ва истихроҷи маъдан шурӯъ кунад[34].

---

[33] ПайравЧоршанбиев. «ТАЛКО» усули чи тавр пеш бурдани иқтисоди Тоҷикистонро пайдо намуд» //*Тоҷикистон > Металлургия, истихроҷи маъдан > news.tj, 4 январи с. 2016 >* № 1605518

[34] Ба гуфти М. Ҷумъазода, сардори Сарраёсати геологияи ҶТ. Конференсияи матбуотӣ 10.01.2017

**Ҷадвали 13**

**Истихроҷи тилло аз ҷониби ширкатҳо дар солҳои 2015-2016**

| № | Номи ширкат | соли 2015 | соли 2016 |
|---|---|---|---|
| 1. | ҶДММ КМ "Зарафшон" | 3105,7 кг | 3301,2 кг |
| 2. | ҶДММ МТК "Апрелевка" | 575,5 кг | 581,5 кг |
| 3. | КДҶ "Тиллои Тоҷик" | 452,1 кг | 492,4 кг |
| 4. | ҶДММ "Артели заршӯии "Одина" | 267,8 кг | 186,7 кг |
| 5. | ҶДММ "Покруд" | - | 177,0 кг |
| 6. | Ширкатҳои дигар | 190,2 кг | 223,2 кг |

## *НУҚРА ВА ДИГАР МАЪДАНҲОИ ФОИДАНОК ДАР ҶТ ДАР СОЛҲОИ 2015 - 2016*

### *Нуқра: маълумоти умумӣ*

Ҷумҳурии Тоҷикистон дорои захираҳои бойи нуқра мебошад. Захираҳои асосии иктишофшудаи маъданҳои нуқрадор дар Тоҷикистони Шимолӣ – дар минтақаҳои маъдандори аз ҷиҳати саноати кӯҳӣ инкишофёфтаи Зарнисор ва Қарамазори Марказӣ ҷойгир шудаанд.

#### *Захира ва ҳаҷми истихроҷи нуқра*

Захираҳои иктишофшуда ва пешбинишавандаи нуқра зиёда аз 100 ҳазор тоннаро ташкил медиҳанд. Онҳо асосан дар шимоли мамлакат дар минтақаи маъданҳои кӯҳии Қарамазор ҷойгир шудаанд. Дар ин минтақа конҳои маъдани полиметаллӣ – Конимансури Калон, Конимансур, Канҷол ва дигар конҳои мису висмут ва нуқра – Алмадон, Конимансур (уфуқҳои поёнӣ) ва дигар конҳо воқеъ гардидаанд[35]. Ҳоло яке аз калонтарин конҳои нуқра – Конимансури Калон иктишоф шудааст, ки захираи тиллои он тибқи арзёбиҳои гуногун 50-70 ҳазор тоннаро ташкил медиҳад[36]. Он ҳанӯз солҳои 1970-80 иктишоф шуда буд.

Тибқи маълумоти охирини Сарраёсати геология, захираи кони Конимансури Калон, ки такроран аз ҷониби ширкати байналмилалии Micon.Int. ҳисоб карда шудааст, 70 ҳаор тонна нуқраро ташкил медиҳад. Кон ғайр аз нуқра инчунин аз сурб ва рух бой мебошад. Захираи маъдани кон зиёда аз 1 млрд тонна мебошад, ки ҳар як тоннаи он тақрибан 49 грамм тилло, 0,49% сурб ва 0,38% рух дорад. Дар лоиҳа Иттиҳодияи байналмилалии молиявӣ (IFC), узви Гурӯҳи Бонки Ҷаҳонӣ ба ҳайси мушовир фаъолият мекунад. Экспертизаи техникиро ширкати байналмилалии Micon. Int[37] гузаронд.

Комиссияи давлатӣ оид ба захираҳо захираҳои нуқраро дар кони Якҷилваи ноҳияи Мурғоб дар ҳаҷми 204 тоннаю 920 кг тасдиқ намудааст (мувофиқи маълумоти Комиссияи давлатӣ

---

[35] Ба гуфти М. Ҷумъазода, сардори Сарраёсати геологияи ҶТ. Конференсияи матбуотӣ 10.01.2017

[36] Маҷаллаи кӯҳӣ, ISSN 0017-2278 (нашри махсус, с.2016)

[37] https://news.tj/ru/news/bolshoi-konimansur-zatyazhnoi-kasting-ili-neudachnye-smotriny

оид ба захираҳо дар 12 июли соли 2016). Онҳо аз рӯи категорияи С1 - 113,14 тонна (миқдори нуқра дар 1 тонна маъдан - 791 грамм), аз рӯи категорияи С2 бошад – 93,34 тоннаро ташкил доданд (миқдори нуқра дар 1 тонна маъдан – 488 грамм)[38]. Якҷилва аз ҷиҳати миқдори нуқра дар 1 тонна маъдан аз ҳамин гуна нишондиҳандаи Конимансури калон чандин маротиба зиёд аст.

Тавозуни давлатии Тоҷикистон дар соли 2016 бо захираи як қатор маъданҳои фоиданок, аз он ҷумла нуқра (тақрибан 205 ҳаз. кг) пур карда шуд.

Соли 2015 корхонаҳои истихроҷ 3014,2 кг нуқра истеҳсол намуданд, ки ин назар ба соли 2014-ум 61,2% зиёд мебошад.

Соли 2016 истихроҷи нуқра назар ба соли 2015-ум 11,5% кам гардид ва ҳаҷми умумии он 2665,5 кг-ро ташкил дод.

### *Истеҳсолкунандагони асосии нуқра*

**Ҷадвали 14**

**Истеҳсолкунандагони асосии нуқра дар солҳои 2015 – 2016**

| № | Ширкат | Истихроҷ ба ҳисоби кг | |
|---|---|---|---|
| | | 2015 | 2016 |
| 1 | ҶДММ МТК «Апрелевка» | 1596,6 | 1612,8 |
| 2 | ҶДММ КМ «Зарафшон» | 1370,7 | 1009,4 |
| 3 | КДҶ «Тиллои Тоҷик» | 29,9 | 23,5 |
| 4 | ҶДММ А/З“Одина” | 17,0 | 10,8 |
| 5 | Ширкатҳои дигар | - | 9,3 |

## *Маъданҳои фоиданоки дигар дар ҶТ*[39]

### *Сурб ва руҳ*

Тоҷикистон аз ҷиҳати захираи сурб ва руҳ дар минтақаи Осиёи Марказӣ яке аз ҷойҳои намоёнро ишғол менамояд. Захираҳои саноатии сурб ва руҳ дар минтақаи Қарамазори Марказӣ воқеъ шудаанд. Захираҳои зиёди полиметаллҳо дар қисми ҷанубии депрессияи Фарғона вуҷуд доранд. Дар қабатҳои терригенӣ-карбонатии ин минтақа конҳои калони стратиформӣ мавҷуданд. Зиёда аз 90% захираҳои иктишофшудаи ин металлҳо дар минтақаи маъдандори Қарамазор ҷойгир шудаанд. Бояд қайд кард, ки танҳо дар кони Конимансури Калон ва объектҳои майдони маъдандори Олтин-Топкан зиёда аз 1 миллиард тонна маъдани сурбу руҳ иктишоф карда шудааст, ки қисми зиёди онро бо усули кушода истихроҷ кардан

[38] Ба гуфти М. Ҷумъазода, сардори Сарраёсати геологияи ҶТ. Конференсияи матбуотӣ 10.01.2017

[39]Маҷаллаи кӯҳӣ, ISSN 0017-2278 (нашри махсус, с.2016)

мумкин аст. Дар ин конҳо ғайр аз сурб, руҳ, нуқра, висмут, кадмий инчунин як қатор маъданҳои туфайлӣ вуҷуд доранд[40].

Дар кони Конимансури Шарқӣ корхонаи маъданҳои кӯҳии «Адрасмон» оид ба истихроҷи сурб ва руҳ амал мекунад, ки бо қарори Суди иқтисодии шаҳри Душанбе аз 9.11.2016 100% ба давлат тааллуқ дорад. Ин корхона ба истеҳсол ва коркарди маъданҳои сурбдор, ки дар таркибашон нуқра доранд ва барои истеҳсоли консентрати сурб таъйин шудаанд, махсус гардонда мешавад. Консентрати сурб барои коркард ба корхонаи металлургии Шимкент (Қазоқистон) фиристода мешавад. Манбаи захираи корхона кони Кониманcури Шарқӣ мебошад. Технологияи тоза кардани маъдан аз инҳо иборат аст: реза кардан, ду маротиба майда кардан, флотатсияи байнисиклии асосӣ ва санҷишӣ, амалҳои тозакунӣ, ғализгардонӣ ва полоиш. Миқдори сурб дар консентрати ҳосилшаванда 31-34%, нуқра - 2200-3300 г/т-ро ташкил медиҳад, ки аз онҳо мувофиқан 78% ва 73% сурб ва нуқра гирифтан мумкин аст. Объектҳое, ки дар кон сохта шудаанд, аз таҷҳизоти маъданкании зеризаминӣ, таҷҳизоти маъдантозакунӣ, тсехи нақлиёти автомобилӣ, тсехи барқӣ ва ғ. иборатанд.

Корхонаи асосии истихроҷкунандаи маъдани сурбу руҳ ҶДММ «Ширкати саноати кӯҳии Тоҷикистону Хитой» мебошад, ки дар асоси созишномаи сармоягузорӣ аз 24.11.2014 (муҳлати амалаш то 08.09.2021) фаъолият мекунад. Сурб ва руҳи дар солҳои 2015-2016 истихроҷнамудаи ширкат 100%-и ҳаҷми умумии истеҳсолро ташкил дод.

ҶДММ ККМ «Такоб» барои истихроҷи флюорит ва сурб дар кони Теппаҳои сурхи ноҳияи Варзоб иҷозатнома дорад (муҳлати амали иҷозатнома аз 27.07.2016 то 27.07.2022).

## *Сурма*

Конҳои симобу сурма дар майдонҳои маъдандори Шинг-Моғиён, Кончоч, Ҷиҷикрут ва Яғнобу Заҳоб ҷойгир шудаанд. Объектҳои симобу сурма тиллодор мебошанд, ки ин арзиши истеҳсолии онҳоро баланд мебардорад.

Захираҳои калони маъдан дар майдонҳои Ҷиҷикрут ва Кончоч воқеъ шудаанд. Сурма дар 72 объект вуҷуд дорад, ки 42-тои онҳо дар минтақаи геологию иқтисодии (МГИ) Панҷакент ва 4-тоашон дар МГИ Кухистони Мастчоҳ ҷойгир шудаанд, объектҳои боқимонда дар МГИ Айнии вилояти Суғд воқеъ шудаанд.

Бо истихроҷ ва коркарди сурма мувофиқан ду корхона: ҶДММ ТА КМ “Анзоб” (консентрати сурма) ва ҶДММ “Ширкати металлургии Анзоб” (сурмаи металлӣ) машғуланд.

ҶДММ КМ Тоҷикистону амрикоии «Анзоб» барои истихроҷи сурма дар кони симобу сурмаи Ҷиҷикрут, дар ҳудуди вилояти Суғд иҷозатнома дорад (муҳлати амали иҷозатнома аз 26.03.2015 то 26.03.2027). Соли 2015 ширкати мазкур 467 ҳаз. тонна, соли 2016 бошад, 457 ҳаз. тонна маъдан истихроҷ намуд.

## *Мис*

Дар ВМКБ кони мисдори Ширгтуган ва зуҳуроти зиёди мис иктишоф карда шуд. Мис ҷузъи иловагии маъданҳои полиметаллӣ (гурӯҳи конҳои Олтинтопкан), маъданҳои мису висмут ва нуқрадор (Алмадон ва Кониманcур), волфрамдор (Майхура), мису тиллодор (Тарор, Бургунда) нуқраю полиметаллдор (Кониманcур) ба шумор меравад. Дар Тоҷикистони ҷанубӣ-Ғарбӣ регзорҳои мисдор бисёр мебошанд. Ҷисмҳои маъданӣ қабатҳоеро ташкил

[40] http://www.tajik-gateway.org/wp/?page_id=25430

медиҳанд, ки ғафсиашон то 20 м мебошад. Дар ҳамин ҷо, дар майдони Гишун маъданҳои омехтаи мис-кобалт-никел дучор карда шуданд.

Соли 2015 миси истихроҷнамудаи ҶДММ «Ширкати саноати кӯҳии Тоҷикистону Хитой» 100%-и ҳаҷми умумии истеҳсол, соли 2016 бошад, 81,6%-и ҳаҷми умумии истеҳсолро ташкил дод, ҳаҷми боқимондаро (18,4%) дар соли 2016 КМ «Зарафшон» истихроҷ кардааст.

### *Волфрам*

Кони калонтарини волфрам – Майхура дар қисми ҷанубии қаторкӯҳи Ҳисор, 80 км дуртар аз шаҳри Душанбе воқеъ шудааст. Кон чун объекти маъдани волфрам иктишоф шуда буд. Дар натиҷаи иктишофи такрорӣ дар ин ҷо 19 ҷисми маъдании саноатии дарозиаш 50–425 м ва иқтидораш 2–22 м ошкор карда шуд. Миқдори миёнаи сеокиси волфрам - 0,91%. Кон ғайр аз волфрам инчунин ба миқдори истихроҷшаванда рух, мис, висмут ва кадмий дорад. Минералҳои асосии маъдании кон шеелит, сфалерит, пирротин, халкопирит мебошанд; дар объект минтақави туршшавӣ вуҷуд надорад.

Соли 2017 ҶДММ «Талко Флюорит» барои истихроҷи волфрам дар кони Майхураи ноҳияи Варзоб иҷозатнома гирифт (мӯҳлати амали иҷозатнома аз 27.05.2017 то 27.05.2042).

### *Оҳан*

Кони оҳану висмути Шоҳқадамбулоқ дар минтақаи аз ҷиҳати саноатӣ тараққикардаи ҷумҳурӣ, на чандон дур аз шаҳри Хуҷанд воқеъ шудааст. Дар тавозуни давлатӣ ба миқдори зиёда аз 100 млн тонна захираҳои маъдани магнетити ин объект ба қайд гирифта шудааст. Пешомади афзоиши маъданҳои оҳандор дар ҳаҷми чандин миллион тонна вуҷуд дорад. Миқдори миёнаи оҳан дар маъданҳо то 40%-ро ташкил медиҳад. Бинобар вуҷуд доштани висмут, тилло, нуқра ва баъзе элементҳои дигар дар маъданҳо, арзиши объект хеле меафзояд. Масъалаи коркарди маҷмуии кони Шоҳқадамбулоқ ва ба роҳ мондани истеҳсоли металлҳои сиёҳ дар зинаи баррасӣ қарор дорад.

Конҳои маъдани мегнетит: Барч – дар назди шаҳри Хоруғи ВМКБ, захираи пешгӯишавандааш - 270 млн т маъдан, ки дар таркибаш то 52% оҳан дорад; кони Харангон дар ноҳияи Варзоб[41].

Дар солҳои 2015 – 2016 бо роҳи гуфтушуниди мустақим ба ҶСК «Сементи Тоҷик» барои омӯзиши геологии оҳан дар кони Буваки ноҳияи Варзоб иҷозатнома дода шуд (мӯҳлати иҷозатнома аз 28.08.2015 то 29.08.2020).

### *Қалъагӣ*

Кони калонтарини қалъагӣ – Мушкистон дар водии Зарафшон ҷойгир шудааст. Дар заминаи захираҳои ин объект корхонаи маъдантозакунӣ (Broadtec) сохта шудааст. Ба зумраи металли профилкунандаи Тоҷикистони Марказӣ ва Помир дохил мешавад. ҶДММ «Broadtec investment co, LTD» соли 2010 дар майдони Пасируд (ВМКБ, Мурғоб) ба корҳои иктишофи геологӣ оғоз намуд ва соли 2015 натиҷаҳоро пешниҳод кард. Аз ҷониби КДЗ захираҳо аз рӯи категорияи С1 – 537 тонна ва аз рӯи категорияи С2 – 4 ҳаз. 900 тонна тасдиқ карда шуданд.

### *Металлҳои нодир*

Тибқи моддаи 8 ҚҶТ «Дар бораи дурнамо, консепсияҳо, стратегияҳо ва барномаҳои давлатии рушди иҷтимоию иқтисодии ҶТ» Ҳукумати мамлакат Барномаи давлатии омӯзиш

[41] Маҷаллаи кӯҳӣ, ISSN 0017-2278 (нашри махсус, с.2016)

ва арзёбии захираҳои металлҳои нодирро барои солҳои 2016–2026 (№728 аз 28.11.2015) тасдиқ намуд. Мақсади асосии Барнома вусъат додани базаи минералию ашёи хоми металлҳои ранга, дар асоси он барқарор намудани корхонаҳои маъдани металлҳои ранга ва сохтмони корхонаҳои нави маъдантозакунӣ мебошад. Дар Барнома масъалаҳои ҷустуҷӯ, иктишоф ва арзёбии захираҳои металлҳои нодир дар шакли пегматитҳо баррасӣ намуда, нақшаи давра ба давра пеш бурдани корҳои иктишофи геологӣ, ки бо имкониятҳои хадамоти геологии Тоҷикистон мувофиқ мебошанд, тартиб дода шудааст.

То ҳол дар тавозуни захираҳои маъданҳои фоиданоки Тоҷикистон металлҳои нодир ба қайд гирифта нашудаанд. Бо вуҷуди ин тахминан ба ҳар се нуқтаи маъдандори металлҳои ранга як зуҳуроти маъдание рост меояд, ки аз онҳо 10-тояшон пешомаднок мебошанд. Инҳо зуҳуроти Гапиров, Александров, Зорбурулюк, Хаданго, Ванҷруд, Ясногор, Родниковое, Тутек, Самжон, Ҷиндон мебошанд.

Конҳои танталу ниобий танҳо дар ду минтақаи геологию иқтисодӣ мушоҳида карда мешаванд: дар Помири Марказӣ ва Помири Ҷанубӣ-Шарқӣ. Дар натиҷаи тадқиқотҳои геологии аз соли 1958 то соли 1994 гузаронидашуда ғайр аз майдони Намангут боз 13 майдони пегматитдор ошкор карда шуд, ки дорои захираҳои пешомадноки саноатии тантал, ниобий, бериллий, тсезий, литий, қалъагӣ, металлҳои нодири зергурӯҳи тсерий буда, аҳамияти калони стратегӣ доранд. Ба онҳо мансубанд: Колхозобод - Таглихас, Пиш - Хидорҷев, Вездара, Курустик - Марказӣ, Курустык - Асосӣ, Порҷуз, Шевчор, Ясногор, Агаҷан, Шазуд - Дузахдара ва Багчигир.

Корҳои ҷустуҷӯӣ ва ҷустуҷӯию арзёбии металлҳои нодир ва элементҳои туфайлӣ (элементҳои нодири зергурӯҳи тсерий) давра ба давра иҷро намуда, аз ҳисоби буҷет маблағгузорӣ карда мешаванд[42].

СРГ майдонҳои пешомаднокро омӯхта, дар онҳо иктишофи геологӣ мегузаронад. Аз рӯи ҳисобу китоби пешакӣ, дар ҳудуди ҷумҳурӣ 12-то чунин объекти пешомаднок вуҷуд дорад, ки дар ҳудуди ВМКБ ва водии Зарафшон ҷойгир шудаанд. Ҳоло дар се объект корҳои геологӣ ба ҷо оварда мешаванд. Талабот ба ин намуди металлҳо ва нархи онҳо сол то сол меафзояд. Пештар содиркунандаи асосии ин металлҳои қиматбаҳо Хитой буд. Вале чандин сол аст, ки Хитой содиротро қатъ намудааст. Акнун воридкунандагони калон барои харидории ин металлҳо бозорҳои дигар меҷӯянд.

## КОРҲОИ ИКТИШОФИ ГЕОЛОГИЕ, КИ ДАР СОЛҲОИ 2015 - 2016 ИҶРО КАРДА ШУДААНД

Солҳои 2015 - 2016 фаъолияти иктишофи геологӣ мувофиқи Барномаи давлатии рушди соҳаи геологияи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2012–2020 амалӣ карда шуд.

Сарраёсати геологияи Ҷумҳурии Тоҷикистон корҳои иктишофи геологиро дар ҳаҷми зерин ба анҷом расонд[43]:

- соли 2015 ба маблағи зиёда аз 22,340 млн сомонӣ,
- соли 2016 ба маблағи зиёда аз 24,441 млн сомонӣ.

Корҳои иктишофи геологӣ, шартномавӣ ва пудратӣ аз ҳисоби буҷети давлатӣ, инчунин бо усули хоҷагӣ ва мувофиқи лоиҳаҳои шартномавӣ анҷом дода шуданд.

[42] ҲҶТ «Дар бораи Барномаи давлатии омӯзиш ва арзёбии захираҳои металлҳои нодир барои солҳои 2016–2026» №728 аз 28.11.2015.

[43] Тибқи маълумоти Сарраёсати геолгияи ҶТ

Аз ҳисоби буҷети давлатӣ тибқи 33 лоиҳа ба маблағи зерин корҳо иҷро карда шуданд:

- соли 2015 - 11 млн сомонӣ,
- соли 2016 - 13 млн сомонӣ.

Маблағи корҳои шартномавӣ аз рӯи 32 лоиҳа

- дар соли 2015 – 11,340 млн сомонӣ,
- дар соли 2016 – 11,441 млн сомониро ташкил дод.

Соли 2015 ба Комиссияи эксперизаи ҳатмии андози назди Вазорати молияи ҶТ лоиҳаҳои шартномаҳо барои муқаррар намудани бонуси обунавӣ, бонуси кашфи тиҷоратӣ ва роялти пешниҳод карда шуданд.

Соли **2015** Сарраёсати геология барои муқаррар намудани бонуси обунавӣ, бонуси кашфи тиҷоратӣ ва роялти ба маблағи зиёда аз 42,175 млн сомонӣ шартномаҳо имзо намуд. Бонусҳои обунавӣ ва бонусҳои кашфи тиҷоратии мазкур бо 80 ширкат имзо карда шуданд.

Соли **2016** Сарраёсати геология барои муқаррар намудани бонуси обунавӣ, бонуси кашфи тиҷоратӣ ва роялти ба маблағи зиёда аз 97,196 млн сомонӣ шартномаҳо имзо намуд. Шартномаҳо бо 64 ширкат имзо карда шуданд. Қайд кардан зарур аст, ки бонуси обунавӣ пардохти якдафъаина ва ҳаҷмаш аниқ муқарраршудаи истифодабарандаи сарватҳои зеризаминӣ барои соҳиб шудан ба ҳуқуқи истифодаи сарватҳои зеризаминӣ дар ҳудуди шартномавӣ мебошад.

Рӯихати объектҳое, ки дар онҳо аз ҳисоби буҷет корҳои иктишофи геологӣ гузаронда шудаанд, дар ҷадвали поён дода мешавад:

**Ҷадвали 15**

**Иҷрои Барномаи рушди соҳаи геологияи ҶТ барои солҳои 2015–2016**

| № | Номи объектҳо | Маблағ (сомонӣ) соли 2015 | Маблағ (сомонӣ) соли 2016 |
|---|---|---|---|
| | **Вилояти Суғд** | | |
| 1 | Пурра омӯхтани пешомадҳои тиллонокии кон ва зуҳуроти симобу сурмаи майдони маъдани Шингу Моғиён | 720 000 | 720 000 |
| 2 | Ҷустуҷӯи муфассали тилло дар майдони маъдани Ошобаи ноҳияи Ашт | 340 000 | 330 000 |
| 3 | Корҳои ҷустуҷӯию арзёбӣ дар зуҳуроти флюорити майдони маъдани Қазноқи ноҳияи Айнӣ | 280 000 | 520 000 |
| | **Ҳамагӣ** | **1 340 000** | **1 570 000** |
| | **Вилояти Хатлон** | | |
| 1 | Ҷустуҷӯи тиллои пошхӯранда дар байни дарёҳои Чашмаи Латиф ва Шоҳкамон (ноҳияҳои Муъминобод, Шӯрообод ва Балҷувон) | 950 000 | 1 000 000 |

| | | | |
|---|---|---|---|
| 2 | Корҳои ҷустуҷӯию арзёбӣ дар зуҳуроти сурб ва руҳи Екунҷи ноҳияи Ховалинг | 650 000 | 430 000 |
| 3 | Корҳои ҷустуҷӯию арзёбӣ дар зуҳуроти сурб ва руҳи Сурбиёни ноҳияи Балҷувон | 200 000 | 600 000 |
| | **Ҳамагӣ** | **1 800 000** | **2 030 000** |
| | **ВМКБ** | | |
| 1 | Ҷустуҷӯи муфассали ашёи хоми сангҳои қиматбаҳо дар Помири Ҷанубӣ-Ғарбӣ, дар ноҳияи Рошткалъа | 280 000 | 350 000 |
| 2 | Иктишофи пешакии уфуқҳои поёнии кони Барфи ноҳияи Мурғоб | 520 000 | 800 000 |
| | **Ҳамагӣ** | **800 000** | **1 150 000** |
| | **НТҶ** | | |
| 1 | Кори ҷустӯҷӯию арзёбӣ дар зуҳуроти оҳани Куҳандараи ноҳияи Ваҳдат | 1 010 000 | 1 061 000 |
| 2 | Кори ҷустӯҷӯию арзёбӣ дар зуҳуроти ашёи хоми сангҳои қиматбаҳо дар ноҳияи Ҳисор | 300 000 | 150 000 |
| 3 | Корҳои ҷустуҷӯию геохимиявӣ барои пайдо кардани тилло дар байни дарёҳои Қаротоғ – Лӯчоб, микёс 1:25000 (тарафи ҷанубии Қаторкӯҳи Ҳисор) | 100 000 | 683 000 |
| | **Ҳамагӣ** | **1 410 000** | **1 894 000** |
| 1 | Гидрогеология, геологияи муҳандисӣ, геоэкология, геофизика, ашёи хоми радиоактивӣ ва корҳои мавзуӣ | 5 650 000 | 6 356 000 |
| | **Ҷамъ:** | **11 000 000** | **13 000 000** |

Соли 2016 Дар Шӯрои илмию техникии Сарраёсати геология 29 лоиҳа оид ба иҷрои корҳои иктишофи геологӣ, 28 ҳисобот дар бораи иҷрои корҳои иктишофи геологӣ ва 6 ҳисоботи иттилоотӣ баррасӣ карда шуд. Дар Комиссияи давлатии захираҳои ҶТ 43 ҳисобот экспертиза намуда, захираҳо тасдиқ карда шуданд.

Дар натиҷаи корҳои иҷрошуда захираҳо мувофиқи категорияҳои дахлдор тасдиқ намуда, тавозуни давлатӣ бо намудҳои зерини маъданҳои фоиданок пурра гардонда шуд[44]:

[44] Ҳисоботи солонаи Сарраёсати геологияи ҶТ -2016

**Ҷадвали 16**

**Иҷрои Барномаи рушди соҳаи геологияи ҶТ барои солҳои 2015–2016**

| Маъдани фоиданок | Воҳиди ченак | Категория | |
|---|---|---|---|
| | | $C_1$ | $C_2$ |
| Нуқра | кг | 111 610,00 | 93 310,0 |
| Оҳак | $м^3$ | 10 361 652,00 | 2 217 825,0 |
| Гил | $м^3$ | 1 728 725,61 | 872 253,0 |
| Омехтаи регу шағал | $м^3$ | 1 757 867,50 | 523 054,3 |
| Гач | $м^3$ | 429 931,40 | |

Соли 2015-ум 25 ҳисоботи геологӣ оид ба маъданҳои фоиданок баррасӣ намуда, захираҳои зерин (аз рӯи категорияҳои гуногун) тасдиқ карда шуданд:

сурма – 333 517 т,

симоб– 8 237 т,

гил – 1 368 779,50 $м^3$,

оҳак – 4 024 734,70 $м^3$

омехтаи регу шағал – 1 753 568,35 $м^3$ [45].

## 2.7. САҲМИ БАХШИ ИСТИХРОҶ ДАР ИҚТИСОДИ МАМЛАКАТ

Саноат, ки чун соҳаи муҳими истеҳсолот ба сатҳи рушди мамлакат таъсири ҳалкунанда расонда, асосии моддии индустриаликунонии иқтисод ба шумор меравад, ба рушди бахши воқеии иқтисоди миллӣ саҳми сазовор мегузорад.

Аҳамияти соҳаи саноат барои иқтисоди миллӣ дар СМР-2030 таъкид шудааст. Дар ин ҳуҷҷат дарстур дода шудааст, ки иқтисоди мамлакат аз иқтисоди аграрӣ-саноатӣ ба саноатӣ-аграрӣ табдил дода шавад.

Ҳиссаи саноат дар сохтори ММД дар соли 2014-ум 12,1%, дар соли 2015-ум – 13,3% ва аз рӯи маълумоти пешакии Агентии омори назди Президенти ҶТ, дар соли 2016-ум аллакай 15,1%-ро ташкил дод[46].

Дар соҳаи саноат бахши истихроҷи маъданҳои кӯҳӣ нақши муҳим мебозад. Ҳиссаи он дар ҳаҷми умумии истеҳсолоти саноатӣ аз 13,3%-и соли 2014 дар соли 2016-ум то 19,9% зиёд

[45] Ҳисоботи солонаи Сарраёсати геологияи ҶТ -2015

[46] Маълумоти оморӣ барои соли 2016 мувофиқи арзёбии пешакии Агентии омори назди Президенти ҶТ пешниҳод шудааст.

гардид[47]. Ҳиссаи бахши истихроҷ дар сохтори ММД дар соли 2015-ум 3,4%, дар соли 2016 бошад, он 2,1 пункт афзуда, 5,5%-ро ташкил дод.

Рушди бахши истихроҷи маъданҳои кӯҳӣ яке аз шартҳои муҳимтарини баланд бардоштани суръати устувори рушди иқтисоди ҶТ ба шумор меравад. Он барои ноҳияҳои баландкӯҳи дурдаст моҳиятан ягона роҳи баланд бардоштани некӯаҳволии иҷтимоию иқтисодии аҳолӣ маҳсуб мешавад.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон борҳо дар паёмҳои худ ба парламент зарурати барқарор намудани соҳаи истихроҷи маъданро таъкид кардааст. Масалан, дар паёми Президенти ҶТ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2015 гуфта шудааст: «Дар шароити имрӯза самаранок ва оқилона азхуд намудани сарватҳои зеризаминии Тоҷикистон, маблағгузории истихроҷ ва коркарди маъданҳои фоиданок, корҳои иктишофи геологӣ, кушодани конҳои нав тавассути ҷалб намудани сармоягузориҳои ватанӣ ва хориҷӣ яке аз самтҳои муҳимтарини рушди саноат ва ҳалли мушкилоти иҷтимоӣ, хусусан ташкили ҷойҳои нави корӣ ба шумор меравад»[48].

Солҳои 2015–2016 дар Тоҷикистон ҳаҷми пардохтҳои андоз ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷет аз соҳаҳои истихроҷ рӯ ба афзоиш ниҳод. Масалан, соли 2015 даромади буҷети давлатӣ аз бахши истихроҷ 815,1 млн сомониро ташкил дод, ки ин дар ҳаҷми умумии даромадҳои буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳисоби воридоти андоз, ғайриандоз ва грантҳо 6,4%-ро ташкил менамояд. Соли 2016 бошад, даромади буҷети давлатӣ аз бахши истихроҷи мамлакат 1054 млн сомонӣ ё 7,5% даромади буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистонро аз ҳисоби воридоти андоз, ғайриандоз ва грантҳо ташкил медиҳад.

Суръати афзоиши ҳаҷми истеҳсолоти саноатӣ дар солҳои 2014–2016-ум 143,2%, суръати афзоиши ҳаҷми истеҳсолот дар саноати истихроҷ бошад, дар худи ҳамин давра 214,3%-ро ташкил дод (ҷадвали №17).

**Ҷадвали 17**

**Суръати афзоиши ҳаҷми истеҳсолот, ба ҳисоби %**

| | 2015/2014 | 2016/2015 | 2016/2014 |
|---|---|---|---|
| Тамоми саноат | 113,4 | 116 | 143,2 |
| Истихроҷи маъданҳои кӯҳӣ | 117,9 | 153,3 | 214,27 |
| Истихроҷи маводи энергетикӣ | 90,9 | 119 | 97,80 |
| Истихроҷи маводи ғайриэнергетикӣ | 123 | 156,7 | 236,77 |

[47] Тибқи маълумоти Агентии омори назди Президенти ҶТ

[48]http://www.president.tj/ru/node/8137

**Ҷадвали 18**

**Нишондиҳандаҳои асосии саноати истихроҷи маъданҳои кӯҳии ҶТ дар солҳои 2015 - 2016**[49]

| | **Шумораи корхонаҳо** | | **Ҳаҷми маҳсулот (млн сомонӣ)** | | **Шумораи шахсони дар соҳа машғулбуда (ҳаз. наф.)** | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | **2015** | **2016** | **2015** | **2016** | **2015** | **2016** |
| Саноат – ҳамагӣ | **2310** | **2043** | **12196** | **15090** | **81,2** | **80,9** |
| Саноати истихроҷи маъданҳои кӯҳӣ | **214** | **232** | **1640** | **3004** | **8,7** | **9,7** |
| Истихроҷи маводи энергетикӣ, аз ҷумла: | **34** | **31** | **203** | **222** | **1,5** | **1,4** |
| *Истихроҷи ангишт* | 19 | 19 | 155 | 179 | 0,9 | 0,8 |
| *Истихроҷи нафт ва гази табиӣ; хизматҳое, ки бо истихроҷи нафту газ алоқаманданд, ғайр аз корҳои тадқиқотӣ* | 14 | 12 | 48 | 43 | 0,6 | 0,6 |
| **Истихроҷи ашёи хоми ғайриэнергетикӣ, аз ҷумла:** | **180** | **201** | **1437** | **2782** | **7,2** | **8,3** |
| *Истихроҷи маъданҳои металлӣ* | *18* | *20* | *1335* | *2658* | *5,3* | *6,3* |
| *Соҳаҳои дигари саноати истихроҷи маъдан ва коркарди конҳо* | *162* | *181* | *102* | *124* | *1,9* | *1,9* |

Истихроҷи маводи энергетикӣ дар соли 2016 назар ба соли 2014-ум ба маблағи 5 млн сомонӣ кам шуд, маводи ғайриэнергетикӣ бошад, 2,37 маротиба зиёд гардид (расми3).

**Расми 3. Ҳаҷми маҳсулоти саноатӣ, млн. сом.**




[49] Тибқи маълумоти Агентии омори назди Президенти ҶТ.

Аз 13,3% ҳиссаи саноати истихроҷ дар ҳаҷми умумии истеҳсолоти саноатӣ дар соли 2014 ҳиссаи истихроҷи моводи энергетикӣ 2,1%, моводи ғайриэнергетикӣ бошад, 11,2%-ро ташкил дод. Ҳиссаи истихроҷи моводи энергетикӣ паст рафт, моводи ғайриэнергетикӣ бошад, тадриҷан рӯ ба афзоиш ниҳод (расми 4).

**Расми 4. Тағйирот дар сохтори бахши истихроҷи маъдан, ба ҳисоби %**




Дар саноати истихроҷи маъдан шумораи корхонаҳо меафзояд. Масалан, агар дар соли 2014 шумораи онҳо ба 154 воҳид расида бошад (33 корхонаи истихроҷи моводи энергетикӣ ва 121 корхонаи истихроҷи моводи ғайриэнергетикӣ), пас дар соли 2015 ба 214 (мувофиқан 34 ва 180), дар соли 2016 бошад, ба 232 расид (мувофиқан 31 ва 201).

Тибқи маълумоти Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, содироти маҳсулоти минералӣ дар соли 2016-ум ба маблағи 307,2 млн доллари ИМА арзёбӣ карда шуд, ки ин назар ба соли 2015-ум 1,5 маротиба зиёд аст. Агар дар соли 2015 ҳиссаи содироти маҳсулоти минералӣ 22,9%-и ҳаҷми умумии содиротро ташкил карда бошад, пас дар соли 2016 ҳиссаи содироти маҳсулоти минералӣ дар ҳаҷми умумии содирот 11,3 пункт афзуда, 34,2%-и ҳаҷми умумии содиротро ташкил дод. Аз ҷумла, консетратҳои сурб, руҳ, сурма, мис ва нуқра ба маблағи 239,1 млн доллар содирот карда шуд, ки ин назар ба соли 2015-ум 1,6 маротиба зиёд аст. Агар дар соли 2015 ҳаҷми умумии содироти ҳамаи намудҳои маъдан ва консентратҳои онҳо 202,7 ҳаз. тоннаро ташкил дода бошад, пас дар соли 2016-ум 297,1 ҳаз. тоннаро ташкил дод.

Арзиши маъданҳои фоиданоки истихроҷшуда ба ҳар сари аҳолӣ дар соли 2015-ум 192,9 сомонӣ, дар соли 2016-ум бошад, 345,3 сомониро ташкил дод.

Ҳукумати мамлакат ҳиссаи муайяни бахши ғайрирасмиро дар соҳаи истихроҷ ба назар гирифта, барои танзими ҳуқуқии фаъолияти бахши хусусӣ корҳои муайянро ба анҷом мерасонад.

Дар ҚҶТ «Дар бораи металлҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳо» (дар таҳрири қонун аз 29.04.2006, №186; аз 30.07.2007, №311; аз 31.12.2008, №465; аз 5.10.2009, №552; аз 28.06.20, №743; аз 28.12.2013, №1049; аз 27.11.2014, №1156) асосҳои ҳуқуқии танзими муносибатҳо дар соҳаи омӯзиши геологӣ ва иктишофи конҳои металлҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳо, истихроҷ, истеҳсол, коркард, истифода ва гардиши онҳо (гардиши гражданӣ) муайян карда шудаанд.

Ғайр аз ин, дар қонун барои бахши ғайрирасмӣ меъёрҳои ҳуқуқии истихроҷи металлҳо ва сангҳои қиматбаҳо муқаррар карда шудаанд. Тибқи ин қонун усули худфаъолӣ ва худбиёрӣ

тарзи ташкили истихроҷи маъданҳои фоиданоки пошхӯрда мебошад, ки тибқи иҷозати мақоми ваколатдори давлатӣ аз ҷониби соҳибкорони инфиродӣ ва шахсони ҳуқуқӣ дар минтақаҳои қаъри замини захираҳояш ҳисобнашуда ва дар тавозуни давлатии захираҳои маъданҳои фоиданоки Ҷумҳурии Тоҷикистон гузоштанашуда амалӣ карда мешавад.

Ба истихроҷи худфаъолӣ усули ташкили кори истихроҷи металлҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳо мансуб дониста мешавад, ки берун аз кор ва ҷои истиқомати доимӣ ба муҳлати зиёда аз чор моҳ амалӣ карда мешавад. Дар айни ҳол барои ташкил ва нигоҳдории объектҳои инфрасохтори иҷтимоии ҷои иҷрои чунин корҳо аз ҳисоби буҷет маблағ сарф карда намешавад.

Фаъолияти худбиёрӣ – вақте ки металлҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳои ёфтшуда ва истихроҷшуда ихтиёран ба давлат супурда мешаванд.

Итихроҷи металлҳои қиматбаҳо - ин ҷудо карда гирифтани металлҳои қиматбаҳо аз конҳои асосӣ (маъданӣ), конхои пошхӯрдаю техногенӣ ва ҳосил кардани консентрат ва дигар ниммаҳсулоти дорои металлҳои қиматбаҳо мебошад. Истихроҷи сангҳои қиматбаҳо – ин ҷудо карда гирифтани сангҳои қиматбаҳо аз конҳои асосӣ, пошхӯрдаю техногенӣ ва ҳамчунин саракорӣ, навъҷудокунӣ, нархгузории ибтидоии сангҳои қиматбаҳо мебошад.[50]



Истихроҷи маъданҳои фоиданоки пошхӯрда бо усули худфаъолӣ ва худбиёриро соҳибкорони инфиродӣ ва шахсони ҳуқуқие амалӣ карда метавонанд, ки бо тартиби муқаррарнамудаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи низоми иҷозатдиҳӣ» иҷозат гирифтаанд. Шартҳои иҷозат барои истихроҷи маъданҳои фоиданоки пошхӯрда тибқи қоидаҳои тасдиқнамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешаванд *(дар таҳрири ҚҶТ аз 28.12.2013,* №1049*).*

Шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ба истихроҷи металлҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳо, истеҳсоли металлҳои қиматбаҳо аз рӯзи гирифтани иҷозатномаи дахлдор то беэътибор гардиданаш ҳуқуқдор мешаванд *(дар таҳрири ҚҶТ аз 28.12.2013,* №1049*).*

Бахши ғайрирасмӣ бештар дар ҳудуди минтақаи Кӯлоб рушд кардааст. Дар ин ҷо бисёр сокинони он дар соҳили дарёҳо, дар шимоли Ховалинг, дар дараҳои кӯҳӣ ва дар деҳаҳои Шугнов тилло истеҳсол мекунанд. Дар маҳалҳои душворгузари соҳили дарёи Яхсу ҳанӯз дар асри 19 одамон ба истеҳсоли тилло сар карда буданд.

Солҳои охир сокинони минтақа фаъолона бо заршӯӣ машғул мешаванд. Дар ин ҷо истеҳсоли ин металли қиматбаҳо дастӣ анҷом дода мешавад. Мавсими кори заршӯён дар соҳилҳои ларёи тиллодори Яхсу аз моҳи июн сар шуда, то фаровасии сардӣ, одатан то моҳи октябр давом мекунад. Дар ин ҷо асосан ҷавонмардони 20-35-сола кор мекунанд. Заршӯён металли ҷамъовардаашонро ба нуқтаи хариди металлҳо, ки дар Сиёҳфарк воқеъ шудааст, мефурӯшанд.

[50] Моддаи 2 ҚҶТ «Дар бораи металлҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳо»// http://mmk.tj/ru/legislation/legislation-base/

Дар маҳалли Лангари ноҳияи Мӯъминободи вилояти Хатлон низ қитъаҳое ҳастанд, ки дар он ҷо сокинони ноҳия бо заршӯӣ машғул мешаванд.

Вазорати молияи ҶТ бо мақсади танзими ин фаъолият соли 2016 лоиҳаи «Тартиби додани иҷозатнома барои истихроҷи маъданҳои фоиданоки пошхӯрда бо усули худфаъолӣ ва худбиёрӣ»-ро барои баррасӣ ба идораҳои соҳавии мамлакат ирсол намуд. Дар лоиҳа пешниҳод гардидааст, ки бо мақсади қонунигардонии ҷараёни истихроҷи тиллои пошхӯрда ва сангҳои қиматбаҳо аз тарафи заршӯён ва сокинони маҳаллӣ Вазорати молия барои додани ҳуҷҷатҳои иҷозатдиҳанда ба шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ барои истихроҷи маъданҳои фоиданоки пошхӯрда бо усули худфаъолӣ ва худбиёрӣ мақоми ваколатдор таъйин карда шавад. Баъди қабул гардидани қарори дахлдор шаҳрвандони мамлакат метавонанд, дар асоси ҳуҷҷатҳои иҷозатдиҳанде, ки Вазорати молияи ҶТ медиҳад, дар минтақаҳои қаъри замини захираҳояш ҳисобнашуда ва дар тавозуни давлатии захираҳои маъданҳои фоиданоки Ҷумҳурии Тоҷикистон гузоштанашуда озодона бо истихроҷ машғул шаванд.

Ба рӯихати маъданҳои фоиданоки пошхӯрдае, ки иҷозат додани истихроҷи онҳо бо усули худфаъолӣ ва худбиёрӣ ба нақша гирифта шудааст, тилло, қалъагисанг, сангҳои қиматбаҳо ва нимқиматбаҳо, сурмаҳои пошхӯрдаи элювиалӣ, делювиалӣ ва коллювиалӣ, флюорит ва дигар маъданҳои фоиданок дохил мешаванд. Ин иқдом имкон медиҳад, барои шахсони инфиродӣ қитъаҳое ҷудо карда шаванд, ки дорои маъданҳои пошхӯрдаи заррашакл буда, барои кори корхонаҳои калон фоиданок нестанд (захираҳои саноатии тилло надоранд). Пешбинӣ гардидааст, ки дар соҳилҳои дарёҳои тиллодор нуктаҳои қабули маъданҳои қиматбаҳои ҷамъовардашуда кушода мешаванд.

Истихроҷ дар ҳудудҳое амалӣ карда мешавад, ки тибқи иҷозатнома дар ихтиёри ягон ширкат нестанд ва барои тиллоҷӯён минтақаи озод эълон карда мешаванд. Дар ин ҷойҳо ҳар як хоҳишманд метавонад металли қиматбаҳо истихроҷ намояд.

Агентии омори назди Президенти ҶТ фаъолияти бахши ғайрирасмиро дар соҳаи истихроҷи маъданҳои кӯҳӣ ҳисобу китоб намекунад. Баъди қабули «Тартиби додани иҷозатнома барои истихроҷи маъданҳои фоиданоки пошӯранда бо усули худфаъолӣ ва худбиёрӣ» истихроҷи металлҳои қиматбаҳо ва ғайриқиматбаҳоро бо усулҳои худфаъолӣ ва худбиёрӣ Вазорати молияи ҶТ танзим хоҳад кард.

Соли 2016 бахши ғайрирасмӣ маҳсулоти зеринро истеҳсол намуд/ба давлат фурӯхт:

- тилло - 1,663 кг, ба маблағи 328 549 сомонӣ;
- нукра - 0,992 кг, ба маблағи 3 304 сомонӣ;
- ёқут - 7,793 г, ба маблағи 5 447 сомонӣ;
- металлҳои қиматбаҳои дигар - 3923,92 г, ба маблағи 530 471 сомонӣ.

## *Шуғл*

Умуман дар саноат тақрибан 8% (80,9 ҳаз.наф.)-и аҳолии коркунандаи мамлакат бо кор машғул мебошанд; миқдори зиёди аҳолии аз ҷиҳати иқтисодӣ фаъол дар бахшҳои асосие, ки рушди худи комплекси саноатии мамлакатро таъмин мекунанд, машғул мебошанд. Соли 2015 дар бахши истихроҷ 10,7%-и шумораи умумии аҳолии дар саноат коркунанда ё 8,7 ҳазор нафар, дар соли 2016 бошад, 12%-и шумораи умумии аҳолии дар саноат коркунанда ё 9,7 ҳаз. нафар машғули кор буданд.

**Расми 4. Шумораи шахсоне, ки дар саноати истихроҷ машғули кор мебошанд (ҳаз. наф.).**




Бахши хусусӣ дар ҳамаи мамлакатҳои ҷаҳон манбаи калонтарини ҷойҳои хушсифати корӣ ба шумор меравад. Дар Тоҷикистон аз ҳаҷми умумии машғулбудагон ҳамагӣ 13% дар бахши хусусӣ расман бо кор таъмин карда шудаанд.

Дар Паёми Президенти ҶТ Эмомалӣ Раҳмон ба парламенти мамлакат аз 20.01.2016 қайд карда шудааст, ки соли 2015 дар чаҳорчӯбаи барномаҳои давлатӣ ва соҳавӣ 205 ҳазор ҷои нави корӣ ташкил карда шудааст[51]. Соли 2015 аз он ҷумла дар бахши истихроҷ 2222 ҷои корӣ ташкил карда шуд.

Шуғл дар бахши ғайрирасмии иқтисоди ҶТ низ мушоҳида карда мешавад. Тибқи пешгӯиҳо, ҳиссаи аҳолии дар бахши ғайрирасмӣ машғулбуда умуман дар иқтисоди ҶТ соли 2020 – 37%, соли 2025 – 35% ва соли 2030 30%-ро ташкил хоҳад дод.[52]

Соли 2004 ва соли 2009 аз ҷониби Агентии омори назди Президенти ҶТ тадқиқи қувваи корӣ гузаронда шуд. Тибқи тадқиқоти моҳҳои июн-июли соли 2009 гузарондашуда, дар иқтисоди мамлакат шумораи аҳолии ғайрирасмӣ бо кор машғулбуда дар соли 2009-ум 470,5 ҳазор нафарро ташкил дод[53]. Аз онҳо дар соҳаҳои истеҳсолӣ – 198,7 ҳазор нафар ва дар саноати истихроҷ – 2,7 ҳазор нафар.

Тибқи методологияе, ки ҳангоми гузарондани ин тадқиқот чун асос интихоб шуда буд, барои муайян кардани воҳидҳои бахши ғайрирасмӣ маҳакҳои зерин қабул карда шуданд: вуҷуд надоштани бақайдгирии давлатӣ ба сифати шахси ҳуқуқӣ (аз ҷиҳати ҳуқуқӣ ба қайд гирифта нашудаанд); ҳисоботи пурра вуҷуд надорад; камтар аз 5 нафар бо кор машғуланд; фаъолияти ғайри кишоварзӣ; ба фонди суғуртаи иҷтимоӣ пул намегузаронанд, шартномаи меҳнатии хаттӣ вуҷуд надорад, муваққатӣ ва номунтазам будани кор.

Моҳҳои июл–августи соли 2016 Агентии омор тадқиқи нави қувваи кориро гузаронд, ки маълумотҳои он ҳанӯз расман чоп нашудаанд, аммо натиҷаҳои пешакӣ шаҳодат медиҳанд, ки дар бахши ғайрирасмии Тоҷикистон вазъият тағйир меёбад. Масалан, агар дар соли 2009 ҳиссаи шахсони дар саноати истихроҷ гайрирасмӣ машғулбуда умуман дар саноати

---

[51] http://www.president.tj/ru/node/10587

[52] http://medt.tj/documents/main/strategic_national_programm/strategic_national_prog_ru.pdf

[53] Вазъият дар бозори меҳнати ҶТ аз рӯи натиҷаҳои тадқиқи қувваи корӣ, июн-июли с.2009. Душанбе. Агентии омор с.2010 – саҳ.159.

мамлакат 4,59%-ро ташкил дода бошад, пас дар соли 2016 (июл–август) он кам шуда, 2,4%-ро ташкил дод[54].

### *Минтақаҳои асосии истихроҷ*

Аз ҳаҷми умумии истихроҷи ангишт дар соли 2016-ум 85,9%-и он дар шимоли мамлакат, дар вилояти Суғд истихроҷ карда мешавад. Минтақаи дуюме, ки дар он аз ҳама бештар ангишт истихроҷ карда мешавад, ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ мебошанд. Дар онҳо 13,9%-и ангишти ҷумҳурӣ истихроҷ карда мешавад. Бо назардошти торафт афзоиш ёфтани талаботи мамлакат ба ангишт истеҳсоли он дар соли 2016-ум назар ба соли 2000-ум 62 маротиба зиёд гардид.

Маъданҳои сурб, рух, сурма, мис ва нуқрадор дар корхонаҳои воқеъ дар вилояти Суғд истихроҷ карда мешаванд.

Ҳамин тариқ, минтақаи асосии истихроҷи маводи энергетикӣ ва ҳар гуна маъданҳо вилояти Суғд ба шумор меравад. Соли 2016 дар ин ҷо 85,9%-и ҳаҷми умумии ангишт ва қариб 100%-и ҳаҷми умумии ҳамаи намудҳои маъдан (маъданҳои нақра, руҳ, сурб, мис ва сурмадор) истихроҷ карда шуд.

Минтақаи асосие, ки дар он қисми зиёди маводи ғайримаъдании ғайриэнергетикӣ истеҳсол карда мешавад, ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ мебошанд. Дар ин минтақа 45,3%-и ҳаҷми умумии масолеҳи сохтмони ғайримаъданӣ, 26,6%-и омехтаҳои регу шағал; 46,6%-и шағал; 70,8%-и сангреза истихроҷ карда шуд.

Минтақаи дуюм аз ҷиҳати истихроҷи маводи ғайримаъдании ғайриэнергетикӣ вилояти Хатлон мебошад.

ВМКБ аз намудҳои гуногуни маъданҳои фоиданок бой мебошад, вале барои азхуд намудани онҳо сармоягузории зиёд зарур аст.

Масалан, Комиссияи давлатии захираҳо захираи нуқраро дар кони Якчилваи ноҳияи Мурғоб дар ҳаҷми 204 тоннаю 920 кг тасдиқ намудааст. Нишондиҳандаҳои кони Якчилва аз ҷиҳати миқдори нуқра дар як тонна маъдан аз нишондиҳандаҳои калонтарин кони нуқра дар Осиёи Марказӣ – Конимансури Калон чанд маротиба зиёдтаранд, аммо дар ин кони калонтарини нуқра истироҷ кай оғоз меёбад, алҳол маълум нест.

Давраи азхудкунии кони Якчилва 12,5 солро ташкил медиҳад. Маълумоти аввалин дар бораи дар Мурғоб вуҷуд доштани чунин кон соли 1962 пайдо шуда буд, иктишофи геологӣ солҳои 1984–1991 оғоз ёфт ва дар солҳои 2007–2013 аз ҷониби ширкати қазоқистонии C.A. MINERALS давом дода шуд.

Ширкати C.A. MINERALS ҳоло корҳои иктишофи геологиро идома медиҳад ва метавонад ҳамзамон барои истихроҷ иҷозатнома гирад. Вале ин минтақаи ноҳияи Мурғоб душворгузар маҳсуб мешавад, дар он ҷо 6 моҳ ҳаво сард шуда, то 30 дараҷа паст мефурояд. Ҳоло проблемаи асосӣ таъмини барқ мебошад. Дар оянда лоиҳа ва асосноккунии техникию иқтисодии (АТИ) лоиҳа тартиб дода, масъалаи мувофиқи мақсад будани азхудкунии кон баррасӣ карда мешавад.

Ширкати дигаре ҳам, ки ният дорад дар ин ҷо, дар Мурғоб ба истихроҷи қалъагӣ сар кунад, бо мушкилоти душворгузар будани маҳалли кон ва вуҷуд надоштани хати барқ дучор шудааст.

ООО «Broadtec investment co, LTD» соли 2010 дар майдони Пасируд ба иктишофи геологӣ сар кард ва соли 2015 натиҷаҳои кори худро пешниҳод намуд. Дар натиҷа аз ҷониби КДЗ аз

[54] Тибқи маълумоти Шуъбаи меҳнат ва шуғли Агентии омори назди Президенти ҶТ.

рӯи категорияи С1 – 537 тонна ва аз рӯи категорияи С2 – 4 ҳаз. 900 тонна захира тасдиқ карда шуд.

Ин кон тақрибан 50 км дуртар аз Якчилва воқеъ шудааст ва ширкати сармоягузор бо худи ҳамон мушкилот – мавҷуд набудани инфрасохтор ва хати барқ дучор омадааст, ки ин самаранокии иҷрои корҳои истихроҷро ба сифр баробар мекунад.

Сохтмони нерӯгоҳи хурди обӣ дар дарёи Мурғоб аз сабаби он ки дар ин ҷо дар ҳарорати -30° оби дарё 5-6 моҳ ях мебандад, имконнопазир аст. Истифодаи агрегатҳои барқии бо сӯзишворӣ коркунанда бошад, арзиши аслии металлҳои дар ин конҳо истихроҷшавандаро зиёд мекунад. Сарфи назар аз ин сармоягузорон корҳои АТИ-ро идома медиҳанд.

### *Сармоягузориҳо ба бахши истихроҷ*

Истифодаи сарватҳои зеризаминӣ ояндаи наздик яке аз самтҳои афзалиятноки иқтисод ба шумор меравад. Рушди бахши истихроҷ бошад, бевосита аз ҷалби сармоягузориҳо ба ин бахш вобаста аст. Дар навбати худ, ҷалби сармоягузорӣ бо мақсади истифодаи оқилонаи захираҳои маъдани ҶТ имрӯз аз такмил додани заминаи меъёрию ҳуқуқии соҳаи истифодаи сарватҳои зеризаминӣ вобаста мебошад.

Ҷалби сармоягузориҳои хориҷӣ ва ватанӣ яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати иқтисодии давлат маҳсуб мешавад. Аксарияти вазифаҳо ҷиҳати баланд бардоштани ҷолибияти Тоҷикистон ба сармоягузорӣ дар СМР-2030 инъикос ёфтаанд.

Дар мамлакат инчунин Барномаи рушди миёнамуҳлати ҶТ барои солҳои 2016–2020 (минбаъд - БРМ 2016–2020) тартиб дода шудааст.

Тоҷикистон солҳои наздик гузариш ба амсилаи нави рушди иқтисодро, ки ба сармоягузорӣ, содирот ва ба ҷои маҳсулоти воридотӣ истеҳсол намудани ҳамин гуна маҳсулот равона гардидааст, амалӣ менамояд. Ин вазифа шарти асосии иҷрои СМР -2030 ба шумор меравад. Аммо вазнинии асосии саъю кӯшиш барои иваз намудани амсилаи рушд ба давраи амали БРМ 2016–2020 рост меояд.

Бо мақсади беҳтар намудани муҳити сармоягузорӣ Кодекси андоз дар таҳрири нав, инчунин Қонунҳои ҶТ «Дар бораи сармоягузорӣ» дар таҳрири нав, «Дар бораи минтақаҳои озоди иқтисодӣ», Консепсияи сиёсати давлатии ҷалб ва ҳимояи сармоягузорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул карда шуданд. Инчунин Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани муҳити сармоягузорӣ ташкил карда шудааст ва ҳоло амал мекунад.

Имрӯз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 68 лоиҳаи сармоягузории давлатӣ ба маблағи умумии 2,4 млрд доллари ИМА амалӣ карда мешавад[55].

Дар баробари фаъол гардондани сармоягузориҳои дохилӣ барои ҷорӣ намудани амсилаи нави рушд, тибқи СМР, ҷалби сармоягузориҳои мустақими хориҷиро (СМХ) ҷоннок намудан лозим аст. Воридшавии ҳарсолаи онҳо бояд то 10%-и ММД, яъне назар ба дараҷаи миёнаи давраи солҳои 2004–2013-юм 2 маротиба зиёд карда шавад. Чунин дараҷаи СМХ дар солҳои алоҳида ба даст оварда шуда буд, ки ин бо иҷрои лоиҳаҳои калони инфрасохторӣ вобастагӣ дошт. Акнун диверсификатсияи сармоягузориҳо талаб карда мешавад, яъне сармоягузориҳо бояд на танҳо инфрасохтор ва истихроҷи маъданҳои фоиданок, балки инчунин лоиҳаҳои рушди кишоварзӣ, саноати коркарди маҳсулот, бахшҳои хизматрасонӣ ва дигар соҳаҳои иқтисодро дар бар гиранд.

---

[55] БРМ барои солҳои 2016-2020.

Дар БРМ қайд карда мешавад, ки *барои беҳтар намудани муҳити сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ дар соҳаҳои саноат* такмил додани муҳити сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ дар саноати истихроҷи маъданҳои кӯҳӣ, инчунин таҳияи тавзеҳҳои соҳавӣ (White paper) барои ҷалби сармоягузорӣ ба бахшҳои афзалиятнок зарур аст.

Яке аз манбаъҳои сармоягузории давлатӣ кӯмакҳои беруние мебошанд, ки ба Тоҷикистон расонда мешаванд. Сармоягузориҳои давлатӣ дар рушди иқтисоди Тоҷикистон нақши бузург мебозанд. Бо вуҷуди ин қайд кардан лозим аст, ки манбаи мазкур кам шуда истодааст ва он асосан ба бахши кишоварзӣ равона карда мешавад.

Манфиатҳои иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дарояндаи дарозмуҳлат аз вазъи захираҳои минералию ашёи хом вобаста хоҳад шуд. Соҳаи истифодаи сарватҳои зеризаминӣ бояд самти асосии афзалиятнок ва рақобатпазири хоҷагии халқ ва соҳаҳои саноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, яке аз омилҳои таъминкунандаи рушди босуръат, диверсификатсияи иқтисоди мамлакат ва беҳтаршавии некӯаҳволии аҳолӣ гардад.

Дарояндаи дарозмуҳлат барои рушди мунтазами минтақаҳои ҷумҳурӣ азхуд намудани ноҳияҳои баландкӯҳ, ки 93 фоизи ҳудуди ҷумҳуриро ташкил медиҳанд, бағоят зарур аст. Ин минтақаҳо барои ҷалб гардидан ба муомилоти хоҷагӣ имкониятҳои маҳдуд доранд ва соҳаи истифодаи сарватҳои зеризаминӣ дар рушди онҳо нақши ҳалкунанда бозида метавонад.

Тибқи маълумоти Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз соли 2007 то соли 2015 воридшавии сармоягузории хориҷӣ ба иқтисоди ҶТ 6 млрд 663,0 млн доллари ИМА-ро ташкил дод, ки аз онҳо 2 млрд 876,5 млн доллари ИМА сармоягузориҳои мустақим, 3 млрд 784,7 млн доллари ИМА – дигар сармоягузориҳо* ва 1,8 млн доллари ИМА – сармоягузориҳои ҷузвдонӣ (портфелӣ)-ро ташкил медиҳанд[56].

**Ҷадвали 19**

**Воридшавии сармоягузориҳои хориҷӣ дар ҶТ дар солҳои 2007 - 2016 (млн долл. ИМА)**

| *Ҷалби сармоягузориҳо мувофиқи солҳо* | *Ҷалби сармоягузориҳо* | | | *Ҳамагӣ* |
|---|---|---|---|---|
| | *мустақим* | *дигар* | *ҷузвдонӣ* | |
| 2007 | 388,4 | 472,2 | - | 860,6 |
| 2008 | 425,7 | 563,6 | - | 989,3 |
| 2009 | 89,4 | 293,8 | - | 383,2 |
| 2010 | 238,9 | 228,2 | - | 467,1 |
| 2011 | 161,4 | 164,0 | - | 325,5 |
| 2012 | 391,4 | 355,0 | 0,1 | 746,4 |
| 2013 | 341,1 | 670,6 | 0,1 | 1011,9 |

[56] http://gki.tj/ru/nvestitsii_v_rt/nformatsiya_i_statistika/analiz_/

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| 2014 | 377,4 | 530,4 | 0,2 | 909,2 |
| 2015 | 470,9 | 506,9 | 1,4 | 977,8 |
| 2016 | 434,2 | 408,4 | 0,0 | 842,7 |
| **Ҳамагӣ** | **3 318,7** | **4 193,1** | **1,8** | **7 513,6** |

Аз ҳаҷми умумии сармоягузориҳои мустақими дар солҳои 2007 – 2015 воридшуда ба соҳаи энергетика 596,8 млн долл. ИМА, ба соҳаи истихроҷ – 700,3 млн долл. ИМА, ба саноат – 200,3 млн долл. ИМА равона карда шуд.

Аз ҳаҷми умумии сармоягузориҳои дигари дар солҳои 2007 – 2015 воридшуда ба соҳаи истихроҷ 64,9 млн долл. ИМА, ба соҳаи энергетика 66,5 млн долл. ИМА ва ба тамоми саноат 244,4 млн долл. ИМА равона карда шуд.

Дар рафти иҷлосияи ҳафтуми Платформаи минтақавии муколамаи хусусии давлатӣ дар мавзуи «Базаи қонунгузорӣ дар соҳаи истифодаи сарватҳои зеризаминӣ» (майи соли 2016) Кумитаи давлатии сармоягузорӣ қайд намуд, ки Тоҷикистон дар нӯҳ соли охир ба соҳаи истифодаи сарватҳои зеризаминӣ ба маблағи зиёда аз $765 млн СМХ ҷалб намудааст. Ҳукумати Тоҷикистон бо сармоягузорони калони соҳаи истифодаи сарватҳои зеризаминӣ бо мақсади азхудкунии конҳо, истеҳсоли семент, рушди металлургия ва ғ. шаш созишнома бастааст.[57]

Дар давраи солҳои 2007–2015 ба иқтисоди Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 51 давлати хориҷӣ сармоягузориҳои хориҷӣ ҷалб карда шуданд; бисёртар аз ҳама аз Хитой – 1 млрд 449,4 долл. ИМА (алоқа, сохтмон, хизматрасониҳои молиявӣ, **иктишоф ва тадқиқоти геологӣ**, насби таҷҳизоти техникӣ, саноат ва ғ.), аз Россия - 1 млрд 400,7 долл. ИМА (сохтмон, алоқа, **иктишофи геологӣ**, хизматрасониҳои моливӣ, тандурустӣ, саноат, савдо, энергетика, сайёҳӣ ва ғ.), аз Британияи Кабир - 453,4 млн долл. ИМА (**иктишоф ва тадқиқоти геологӣ**, сохтмон, хизматрасониҳои моливӣ, саноат, савдо), аз Қазоқистон - 522,7 млн долл. ИМА (хизматрасониҳои молиявӣ, **иктишоф ва тадқиқоти геологӣ,** саноат, савдо), аз ИМА – 438,0 млн долл. ИМА (алоқа, хизматҳои молиявӣ, таҳсилот, кишоварзӣ, тандурустӣ, барқарорсозии инфрасохторҳо ва корҳои соҳилмустаҳкамкунӣ, сохтмон, **иктишоф ва тадқиқоти геологӣ**, саноат), аз Аморати Муттаҳидааи Араб 159,3 млн долл. ИМА (хизматрасониҳои молиявӣ, **иктишоф ва тадқиқоти геологӣ,** саноат, савдо) ва аз давлатҳои дигар - 813,3 млн долл. ИМА.

Соли 2015 ҳаҷми аз ҳама зиёди кӯмаки мамлакатҳои донор ба бахши энергетика равона шуда буд ва он 151,291 ҳазор долл. ИМА ё 48,7%-и ҳаҷми умумии кӯмаки дар соли 2015 расондаи мамлакатҳои донорро ташкил дод. Донорҳои асосии бахши энергетика инҳо мебошанд: ҶХХ, ки ба андозаи 146,015 ҳазор долл. ИМА, ё 96,5% кӯмак расондааст; Иттиҳоди Аврупо ба андозаи 2,801 ҳазор долл. ИМА ё 1,9%-и ҳаҷми умумии маблағҳои дар соли 2015 ба ин бахш пардохтшуда; Швейсария – 1,239 ҳазор долл. ИМА, ё 0,8%. Аз ҳисоби ҶХХ лоиҳаи «Сохтмони навбати дуюми маркази гармидиҳии (ТЭС-2) ш. Душанбе» ба маблағи 141,175 ҳазор долл. ИМА ва «Азнавсозии зеристгоҳи Регар - 500 кВ» ба маблағи 4,840 ҳазор долл. ИМА амалӣ карда шуд[58].

[57] Тоҷикистон дар се сол ба соҳаи истифодаи сарватҳои зеризаминӣ ба андозаи $1 СМХ-ро ҷалб мекунад//Азия плюс 25/05/2016

[58] Ҳисобот дар бораи ёрии берунӣ. Душанбе, 2016.- С.21 // http://amcu.gki.tj/images/FAR_2015/far_2015_ru.pdf

Аз ҳаҷми умумии сармоягузориҳои мустақими хориҷии дар соли 2015 воридшуда 20,72 фоизашон ба бахши **истихроҷи маъдан ва гузарондани иктишофи геологӣ** равона карда шуд. Масалан, филиали «СА Минералис» барои гузарондани иктишофу тадқиқотҳои геологӣ аз Голландия 37,8 ҳазор долл. ИМА, аз Қазоқистон - 56,0 ҳазор долл. ИМА ва аз Хитой 38,5 ҳазор долл. ИМА гирифт. ҶСКМ «Сомон ойл» барои иктишофи геологӣ аз Швейтсария ба маблағи 323 ҳазор долл. ИМА сармоягузории мустақим гирифт. ҶДММ «Покруд» барои корҳои ҷустуҷӯию тадқиқотӣ аз Шоҳигарии Муттаҳида 57428,4 ҳазор долл. ИМА гирифт.

Шоҳигарии Муттаҳида барои истихроҷ ба Намояндагии ширкати саҳомии ҶДММ «Кӯлоб Петролеум Лимитед» 353,8 ҳазор долл. ИМА сармоягузории мустақим ҷудо намуд; Сингапур ба ҶСП «Тоҷик Эмерат Бритиш Майнинг» 1 230 ҳазор долл. ИМА; Хитой ба КМ «Зарафшон» – 14 500 ҳазор долл. ИМА; Россия ба ҶДММ «Коминтек» - 13,9 ҳазор долл. ИМА; Қирғизистон ба ҶДММ «Намояндагии Викторияпетрол дар ҶТ» 187,67 ҳазор долл. ИМА; Хитой ба ҶДММ «Дин Щин ХЭ ШСК» 146,12 ҳазор долл. ИМА ҷудо намуданд. Хитой барои иктишофи геологӣ дар вилояти Хатлон ба Филиали «БЧП ИНК Чайна нешнл Перлолеум Корпорэйшн дар ҶТ» 10 900 ҳазор долл. ИМА ҷудо кард. Дар НТҶ барои истихроҷи нафти хом ва газ Россия ба ҶСП «Газпром» ба андозаи 7 326,8 ҳазор долл. ИМА сармоягузории мустақим равона намуд.

Соли 2015 дар байни сармоягузориҳои боқимонда барои иктишофи геологӣ ва истихроҷ сармоягузориҳои мустақим равона нашуда буданд.

Дар нимсолаи якуми соли 2016 ба мамлакат барои соҳаи истихроҷи маъдан 45 млн доллари ИМА ворид карда шуд, асосан барои тараққӣ додани ҶДММ «Покруд» ва барои корҳои сохтмон дар корхонаи металлургии ширкати саноати кӯҳии Тоҷикистону Хитой, ки кони сурбу руҳи Зарнисори Шимолиро азхуд менамояд. Хати якуми ин корхона соли 2017 ба истифода дода мешавад[59]. Дар давоми 10 соли кор дар ин кон зиёда аз $100 миллион сарф карда шудааст.

Соли 2016 воруди сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ ба ҷамҳурӣ кам шуда, тибқи маълумоти пешакии Агентии омор 434 152.09 ҳазор доллари ИМА, сармоягузориҳои дигар бошад 408 442.7 ҳазор доллаи ИМА-ро ташкил дод.

Соли 2016, тибқи маълумоти пешакии Агентии омор, аз ҳаҷми умумии сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ барои гузарондани иктишоф ва тадқиқоти геологӣ 49% (211,9 млн долл. ИМА) ҷудо карда шуд.

Мамлакатҳои асосие, ки ба бахши истихроҷ маблағ гузоштаанд, инҳо мебошанд: Шоҳигарии Муттаҳида, Хитой, Эрон, Россия, Швейтсария, Фаронса, ва дигарон. Аз ҳаҷми умумии сармоягузориҳои дигар ба иқтисоди мамлакат 0,76%-ро барои бахши истихроҷ Хитой ва Британия равона кардаанд.

Масалан, дар ш. Душанбе маблағгузориҳои мустақимро инҳо ҷудо намуданд: Шоҳигарии Муттаҳида ба ширкати «Петролеум Лимитед» ба андозаи 52,6 ҳазор долл. ИМА, Хитой ба филиали «СА Минералис» - 14,9 ҳазор долл. ИМА, Россия ба ҶДММ «Спецстройбурение Тоҷикистон» - 121,9 ҳазор долл. ИМА, Швейсария ба ҶДММ «Сомон Ойл» – 35 ҳазор долл. ИМА.

Моҳи июни соли 2007 дар заминаи Раёсати минералҳои Олтин-Топкан ҶДММ «Ширкати саноати истихроҷи маъдани Тоҷикистону Хитой» ташкил карда шуд ва он ба фаъолият сар

[59] **Тоҷикистон.** Хитой > Металлургия, истихроҷи маъдана > news.tj, 28 июля 2016 > № **1847736**// http://hl.mailru.su/mcached?q=Добыча%20минералов%20в%20Таджикистане&qurl=http%3A%2F%2Feasttime.ru%2Fnews%2Ftadzhikistan%2Fo-perspektivakh-dobychi-zolota-v-tadzhikistane%2F5616&c=14-1%3A398-

кард. Ширкат моҳи августи соли 2007 ба барқарорсозии конҳои минералӣ оғоз намуд. Аз соли 2007 то 1 апрели соли 2015 ҳаҷми сармоягузорӣ аз ҷониби ин ширкат зиёда аз 121,4 млн доллари ИМА-ро ташкил дод.

Моҳи сентябри соли 2014 Меморандум дар бораи ҳамкорӣ доир ба лоиҳаи «Минтақаи саноатии Тоҷикистон ва Хитой» имзо карда шуд. Мақсади ин ҳуҷҷат инкишоф додани саноати истихроҷи маъданҳои кӯҳӣ, ҷалби сармоягузориҳои хориҷӣ, технологияҳои нави истеҳсолӣ, ба кор андохтани иқтидорҳои нави саноатӣ, ташкили ҷойҳои нави корӣ, бо кор таъмин кардани аҳолии маҳаллӣ, истеҳсоли маҳсулоти ниҳоӣ, рушди инфрасохторҳои минтақаҳои саноатӣ, зиёд намудани истеҳсоли маҳсулоти воридотии саноатӣ мебошад.

Хитой дар шимоли Тоҷикистон сохтани корхонаи калони металлургиро ба маблағи $200 млн ба нақша[60] гирифтааст. Корхона дар шаҳри Истиқлол сохта, барои истеҳсоли сурб ва руҳ махсус гардонда мешавад. Дар натиҷаи ба кор андохтани ин корхонаи калони саноатӣ солҳои наздик 1,3 ҳазор одам бо ҷои кор ва маоши хуб таъмин карда мешавад, ки 90 фоизашон сокинони маҳаллӣ мебошанд. Пешбинӣ гардидааст, ки баъдтар дар корхона дар баробари сурб ва руҳ инчунин оҳаксанг истеҳсол карда мешавад. Дар марҳалаи аввал 80 сокини маҳаллӣ ва 20 мутахассиси хитоӣ ба корҳои сохтмонӣ ҷалб карда шудаанд.

Дар солҳои 2016–2018 сохтани ду корхонаи коркарди нафт (бо иқтидори қариб 2 млн тонна), се корхонаи семент (бо иқтидори зиёда аз 3 млн тонна) ва се корхонаи саноати химия ба нақша гирифта шудааст. Инчунин сохтани корхонаи коркарди металлҳои ранга (бо иқтидори 1,4 ҳазор кг тилло), корхонаи калони металлургӣ (бо иқтидори 50 ҳазор тонна руҳ ва 50 ҳазор тонна сурб), инчунин як корхонаи металлургӣ (бо иқтидори 400 ҳазор тонна) дар назар дошта мешавад. Баъди бомуваффақият иҷро намудани лоиҳаҳои мазкур зиёда аз 4 ҳазор ҷои нави корӣ ба вуҷуд оварда, ба иқтисоди мамлакат зиёда аз $1 млрд сармоягузории мустақими хориҷӣ ворид мегардад[61].

Дар сомонаи Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии ҶТ рӯихати лоиҳаҳои сармоягузорӣ барои саноати истихроҷи маъданҳои кӯҳӣ, ки ба маблағгузорӣ эҳтиёҷ доранд, оварда шудааст[62].

---

[60] Хитоиён дар Тоҷикистон заводи сурбу руҳ месозанд *//Хитой. Тоҷикистон > Металлургия, истихроҷи маъдан > metalbulletin.ru, 15 июня 2016 >* № 1791427

[61] Тоҷикистон дар се сол ба соҳаи истифодаи сарватҳои зеризаминӣ ба андозаи $1 СМХ-ро ҷалб мекунад//Азия плюс 25/05/2016

[62] http://www.gki.tj/ru/investkarta/

**Ҷадвали 20**

**Лоиҳаҳое, ки ба маблағгузорӣ эҳтиёҷ доранд**

| Номи лоиҳа | Вилоят |
|---|---|
| Кони ангишти бӯри Шӯроб | Вилояти Суғд |
| Сохтмони корхонаи семент дар базаи ҶСК «Корхонаи масолеҳ ва конструксияҳои бинокорӣ»-и ноҳияи Спитамен | Вилояти Суғд |
| Лоиҳаи истеҳсоли кокс ва маҳсулоти дигаре, ки аҳамияти саноатию хоҷагӣ доранд, аз ангишти кони Фон-Яғноб | Вилояти Суғд |
| Сохтмони корхонаи шиша | Вилояти Суғд |
| Сохтмони корхонаи хурди хишти сафолӣ бо иқтидори соле 5 млн дона дар ноҳияи Балҷувон | Вилояти Хатлон |
| Кони антраситҳои Назар-Айлоқ дар ноҳияи Рашт | Ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ |
| Лоиҳаи тадқиқот оид ба омӯзиши гилхок аз минералҳои кони Курговад (Помири ғарбӣ) барои истеҳсоли алюминий | ВМКБ |

## 2.8. ИСТЕҲСОЛ (ҲАҶМИ ИСТИХРОҶ)

Саноати истихроҷи маъдани Тоҷикистон заминаи хуби минералӣ ва ашёи хом дорад, ки барои таъмини рушди ояндаи соҳа комилан кофист. Дар Стрегияи миллии рушди ҶТ то соли 2030 барои саноати истихроҷ афзоиши ҳаҷми истеҳсолот 5,7 маротиба аз рӯи сенарияи индустриалӣ ва 6,4 маротиба аз рӯи сенарияи индустриалию инноватсионӣ пешбинӣ шудааст. Истихроҷи нафт, газ ва ангишт ба индикаторҳои асосии мақсадноки СМР-2030[63] дохил карда шудаанд (ҷадвади 21).

**Ҷадвали 21**

**Пешгӯии истихроҷи нафт, ангишт ва газ**

| Номи индикатор | Воҳиди ченак | 2015 | Сенарияи индустриалӣ | | | Сенарияи индустриалию инноватсионӣ | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | 2020 | 2025 | 2030 | 2020 | 2025 | 2030 |
| Истихроҷ нафт | ҳазор тонна | 24,6 | 25,0 | 30,0 | 36,0 | 30,6 | 37,5 | 45,0 |
| Истихроҷи газ | ҳазор $м^3$ | 4102 | 4600 | 5000 | 6000 | 5750 | 6250 | 7500 |
| Истихроҷи ангишт | млн тонна | 1,04 | 4,05 | 6,9 | 10,4 | 5,3 | 10,3 | 15,1 |

[63] Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи то соли 2030.

Чун анъана дар корхонаҳои кӯҳии ҷумҳурӣ баъди истихроҷи маъдан ва коркарди аввалияи он консентрат истеҳсол менамоянд, коркарди металлургии он бошад, берун аз ҳудуди ҷумҳурӣ анҷом дода мешавад. Мавҷуд набудани иқтидорҳо барои истеҳсоли маҳсулоти ниҳоӣ рушди соҳаро хеле бозмедорад. Солҳои охир вазъият дар ин самт беҳтар мешавад.

Дар мамдакат аз маводи энергетикӣ ангиштсанг ва ангишти бӯр, нафт ва газ истихроҷ карда мешавад, аз маводи ғайриэнергетикӣ бошад, - дар қатори маводи маъданӣ инчунин маводи ғайримаъданӣ – масолеҳи сохтмон, омехтаи регу шағал, қум, шағал, сангреза, намак ва маъданҳои металлӣ[64].

**Расми 5. Ҳаҷми истихроҷи ангишт ба ҳисоби ҳазор тонна**




**Расми 6. Ҳаҷми истихроҷи нафт ва газ ба ҳисоби млн м³**




Дар соли 2015 истихроҷи умумии нафт ва газ 24 631 тонна нафт ва 4 111 ҳазор м³ газ, дар соли 2016 – 25 123 тонна нафт ва 2 979 ҳазор м³ газро ташкил дод.

[64] Тибқи маълумоти Агентии омори назди Президенти ҶТ.

**Ҷадвали 22**

**Истихроҷи маводи энергетикӣ дар минтақаҳои мамлакат (ҳазор сомонӣ)**

| Арзиши маҳсулоти истеҳсолшуда | | Вилояти Суғд | НТҶ | ВМКБ | Вилояти Хатлон | ҶАМЪ |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Ангиши бӯр | 2015 | 14 408,3 | - | - | - | 14 408,3 |
| | 2016 | 13 204,3 | - | - | - | 13 204,3 |
| Ангиштсанг | 2015 | 104 371,2 | 35971,1 | 234,5 | 656,2 | 141 233,0 |
| | 2016 | 120 825,3 | 19744,9 | 0 | 425,4 | 140 955,6 |
| Нафт | 2015 | 25 010,1 | 895,8 | - | 9 132,1 | 35 038 |
| | 2016 | 20 852,1 | 1178,1 | - | 9 072,0 | 31 102,2 |
| Гази табиӣ | 2015 | 440 | - | - | 1 069,5 | 1 509,5 |
| | 2016 | 540 | - | - | 522 | 1 062 |
| Гази муқаррарӣ | 2015 | 639,6 | - | - | 1 069,5 | 1 709,1 |
| | 2016 | 640,6 | - | - | 652,2 | 1 292,8 |

Дар паёми Президенти ҶТ ба парламенти мамлакат 22.12.2016 қайд гардидааст, ки то соли 2018 истеҳсоли ангишт аз ҳисоби сохтмони корхонаҳои нави истихроҷи ангишт ба 2 млн тонна расонда мешавад.

Аз сабаби нарасидани захираҳои газ зиёда аз 200 корхонаи калони Тоҷикистон ба сифати сӯзишворӣ ангиштро истифода мебаранд. Зиёд намудани истеҳсоли ангишт дар мамлакат бо он алоқаманд аст, ки корхонаҳои калони саноатии ҷумҳурӣ аз гази табиӣ ба ангишт мегузаранд. Ғайр аз ин, корхонаҳое ба истифода дода шудаанд, ки бо ангишт кор мекунанд. Аҳолии мамлакат низ истеъмолкунандаи калони ангишт ба ҳисоб меравад. Бо сабаби нарасидани энергияи электр дар давраи тирамоҳу зимистон ва ҷорӣ намудани лимит барои истифодаи барқ сокинони деҳот барои гарм кардани манзил ва тайёр кардани хӯрок аз ангишт истифода мебаранд. Тибқи ҳисобу китоби пешакӣ, талаботи воқеии мамлакат ба ангишт, аз ҷумла талаботи саноат, аҳолӣ ва марказҳои гармидиҳӣ дар соли 2017 зиёда аз 1,8 млн тоннаро ташкил медиҳад.

Бо назардошти афзоиши тадриҷии талаботи мамлакат ба ангишт, истеҳсоли он дар соли 2015-ум 1041,9 ҳазор тонна, дар соли 2016-ум бошад, аллакай 1361,4 ҳазор тоннаро ташкил дод.



Истихроҷи шабонарӯзии ин намуди сӯзишворӣ дар мамлакат қариб се ҳазор тоннаро ташкил дод. Калонтарин конҳои ангишт, ки ҳоло азхуд карда мешаванд, Фон-Яғноб, Зиддӣ, Назар-Айлоқ, Шӯроб, Сайёд мебошанд.

Истихроҷи масолеҳи сохтмони ғайриэнергетикии ғайримаъдании бинокорӣ умуман дар ҶТ дар солҳои 2015–2016 хеле тағйир ёфт (расмҳои 7-8).

**Расми 7. Истихроҷи маводи ғайриэнергетикӣ дар минтақаҳои ҶТ дар соли 2015 (ҳазор м³)**




**Расми 8. Истихроҷи маводи ғайриэнергетикӣ дар минтақаҳои ҶТ дар соли 2016 (ҳазор м³)**



**Истеҳсоли тилло**

Тибқи маълумоти Вазорати саноат ва технологияҳои нав, истихроҷи тилло дар мамлакат дар соли 2015 назар ба соли 2014-ум 31,6% зиёд гардид. Ҳаҷми умумии истеҳсоли тилло дар соли 2015ум 4591,2 кг-ро ташкил дод. Соли 2016 дар Тоҷикистон 4962,0 кг тилло истихроҷ карда шуд. Тилло асосан дар шимоли Тоҷикистон истихроҷ гардид.

Арзиши тиллои истихроҷшуда ба ҳисоби сомонӣ:

Соли 2014 74176,2 ҳаз. сомонӣ

Соли 2015 1068757,3 ҳаз. сомонӣ

Соли 2016 1413367,3 ҳаз. сомонӣ

**Истеҳсоли нуқра**

Соли 2015 корхонаҳои истихроҷ 3014,2 кг нуқра истихроҷ намуданд, ки ин назар ба соли 2014-ум 61,2% зиёд аст.

Соли 2016 истихроҷи нуқра дар муқоиса бо соли 2015-ум 11,5% кам шуд ва ҳаҷми умумии он 2665,5 кг-ро ташкил дод.

Арзиши нуқраи истихроҷшуда ба ҳисоби сомонӣ:

Соли 2015 10 549 700 сомонӣ

Соли 2016 9 329 250 сомонӣ

**Истеҳсоли дигар маъданҳои фоиданок**

Натиҷаҳои фаъолияти корхонаҳои истихроҷкунандае, ки барои истихроҷи сурб, руҳ, мис ва сурма иҷозатнома доранд, дар соли 2015 рақамҳои зеринро ташкил доданд: консентрати сурб – 59 294,4 т, консентрати руҳ – 99 621,3 т, консентрати мис – 6 969,6 т, консентрати сурма – 29 036,2 т ва сурмаи металлӣ – 725,5 т.

Нишондиҳандаҳои соли 2016 дар ин соҳа мусбат арзёбӣ карда шуданд ва онҳо чунинанд: консентрати сурб – 84 623,0 т, консентрати руҳ – 145 964,5 т, консентрати мис – 12 580,0 т, консентрати сурма – 60 026,7 т ва сурмаи металлӣ – 2 143,3 т.

Истеҳсоли намудҳои гуногуни консентратҳо дар соли 2016 назар ба соли 2015-ум хеле зиёд гардид (ҷадвали 23). Истеҳсоли консентратҳои сурб дар давраи баррасишуда 1,43 маротиба, консентраҳои сурма 2 маротиба, умуман аз рӯи ҳамаи намудҳо 1,54 маротиба афзуд.

**Ҷадвали 23**

**Истеҳсоли консентратҳо дар солҳои 2015 - 2016 (ҳазор тонна)**

| Намудҳои консентрат | с.2015 | | с.2016 | |
|---|---|---|---|---|
| | ҳазор тонна | млн сом. | ҳазор тонна | млн сом. |
| сурбдор | 59,294 | 425,48 | 84,623 | 824,59 |
| руҳдор | 99,621 | 356,18 | 145,964 | 809,13 |
| сурмадор | 29,036 | 109,23 | 60,026 | 262,89 |
| мисдор | 6,969 | 70,89 | 12,58 | 126,67 |
| нуқрадор | 0,6 | 1,41 | 0,05 | 8,35 |
| Ҷамъи маъданҳо | **195,52** | **963,18** | **303,243** | **2 031,62** |

## 2.9. СОДИРОТИ МАҲСУЛОТИ БАХШИ ИСТИХРОҶИ МАЪДАНҲО (ҲАҶМИ СОДИРОТ)

Бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 январи соли 2015, №21 Барномаи давлатии мусоидат ба содирот ва воридотивазкунӣ барои солҳои 2016–2020 (БМСВ) қабул карда шуд.

БМСВ тибқи муқаррароти асосии СМР-2030 ва Барномаи рушди миёнамуҳлати ҶТ барои солҳои 2016-2020 бо мақсади мушаххасгардонии иҷрои мақсадҳо, вазифаҳо ва механизмҳои ба даст овардани онҳо дар соҳаи фаъолияти берунии иқтисодӣ тартиб дода шудааст.

Ба зумраи вазифаҳои мақсадноки БМСВ инҳо дохил мешаванд: таъмини афзоиши истеҳсолоти воридотивазкунанда ва содиротӣ аз ҳисоби чораҳои мусоидат ба содиркунандагони имконпазир ва сармоягузорон; рушди кооператсия, силсилаҳои арзиши иловашуда ва кластеризатсия; ташкили марказҳои муосири таъминоти моддӣ ва васеъ намудани долонҳои байналмилалии коммуникатсионӣ, нақлиётӣ ва иқтисодӣ.

Манбаъҳои маблағгузории иҷрои Барнома инҳо мебошанд: маблағҳои Фонди дастгирии соҳибкории Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҷузвдони муттаҳиди қарздиҳии бахши бонкӣ, аз ҷумла қарзҳои мақсаднок ва дарозмуҳлат, маблағҳои буҷетӣ барои хариди давлатии молу хизматҳо, ёрии техникӣ ва дастгирии шарикон оид ба рушд, маблағҳои алоҳидаи буҷетии вазорату идораҳои соҳавӣ, инчунин мақомоти маҳаллии ҳокимияти иҷроия, маблағҳои сармоягузориҳои мустақими давлатӣ ва сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ, маблағҳои худии бахши хусусӣ.

Дар барномаи мазкур ташкили ниҳодҳои мусоидат ба содирот, аз ҷумла таъсис додани Бонки содиротие, ки барои додани қарзҳои имтиёзнок ва дарозмуҳлат ба содиркунандагон ваколат дорад; ташкили Агентии мусоидат ба содирот, таҳияи Феҳристи умумии содиркунандагон ва воридкунандагони Тоҷикистон бо ҷудо кардани гурӯҳи «иштирокчиёни боэътимоди бозор», ташкили ниҳоди омбудсмен оид ба ҳуқуқи сармоягузорон ва содиркунандагон (соҳибкорон)-и назди Президенти ҶТ ба нақша гирифта шудааст.

Дар натиҷаи амалисозии БМСВ муомилоти савдои берунии ҶТ аз 5050,0 млн долл. ИМА-и соли 2015 дар соли 2020-ум то 6520,0 млн долл. ИМА ё 29,1% афзоиш хоҳад ёфт. Илова бар ин, ҳаҷми содироти молу хизматҳо аз ҶТ дар соли 2020 дар сатҳи 1860,0 млн долл. ИМА, ё назар ба соли 2015-ум 79,4 % зиёд пешгӯи шудааст. Мувофиқан, ҳаҷми воридоти молу хизматҳо ба ҶТ дар соли 2020 дар сатҳи 4660,0 млн долл. ИМА, ё назар ба соли 2015-ум 16,1% зиёдтар пешгӯӣ шудааст.

Сиёсати пешгирифтаи ҳукумат дар соҳаи саноати истихроҷ ва коркард ба кам кардани вобастагии иқтисоди мамлакат аз воридоти ангишт, семент ва дигар намудҳои масолеҳи бинокорӣ, инчунин ба муҳайё намудани замина барои содироти онҳо равона гардидааст.

Амалисозии чорабиниҳои БМСВ имкон медиҳад, ки сохтори содироти маҳсулот тағйир дода шавад. Дурнамои ҷараёни афзоиши содироту воридоти Тоҷикистон пешбинӣ менамояд, ки миқдори намудҳои маҳсулот барои содирот босуръат меафзояд ва метавонад то соли 2020 ба 150 – 170 намуд расад. Воридот низ вусъат меёбад, вале бо суръати сусттар ва то соли 2020 ба 240 – 250 намуд мерасад.

Соҳаи истихроҷи маъданҳои кӯҳӣ аҳамияти калони содиротӣ дошта, ба ҷараёни рушди сохтори содироти мамлакат таъсир мерасонад. Тибқи маълумоти Агентии омори назди Президенти ҶТ, арзиши содироти маҳсулоти минералӣ дар соли 2016 ба маблағи 307,2 млн доллари ИМА арзёбӣ шуда буд, ки ин назар ба соли 2015-ум 1,5 маротиба зиёд аст. Агар дар соли 2015 ҳиссаи содироти маҳсулоти минералӣ дар ҳаҷми умумии содирот 22,9%-ро ташкил

дода бошад, пас дар соли 2016-ум ҳиссаи содироти маҳсулоти минералӣ дар ҳаҷми умумии содирот 11,3 пункт зиёд гардид.

**Расми 9. Ҳаҷми содирот (млн доллари ИМА)**




**Расми 10. Ҷараёни тағйирёбии ҳиссаи маҳсулоти минералӣ дар ҳаҷми умумии содироти мамлакат (ба ҳисоби %)**




***(маълумотҳои соли 2016 маълумотҳои пешакӣ мебошанд)**

Агентии омори назди Президенти ҶТ дар маҷмуаи «Фаъолияти берунии иқтисодӣ» содироти маъданҳо ва консентратҳоро якҷоя нишон медиҳад. Ҷараёни тағйирёбии содироти гурӯҳи молии бахши истихроҷи маъданҳо дар ҷалвали 24 нишон дода шудааст.

**Ҷадвали 24**

**Нишондиҳандаи содироти консентратҳо дар солҳои 2015-2016.**

| | **2015** | | **2016** | |
|---|---|---|---|---|
| | **ҳазор $** | **тонна** | **ҳазор $** | **тонна** |
| консентратҳои сурбдор | 68 519 | 64 590 | 101 712 | 93 715 |
| консентратҳои руҳдор | 57 991 | 114 143 | 94 334 | 164 588 |
| консентратҳои сурмадор | 14 764 | 16 362 | 26 224 | 27 454 |
| консентратҳои мисдор | 11 130 | 7 636 | 16 253 | 11 352 |

Тибқи маълумоти Агентии омор, дар солҳои 2015-2016 дар ҳаҷми зерин сангҳои қиматбаҳо, тилло ва нуқра содир карда шуд:

**Ҷадвали 25**

| № | Номи маҳсулот | соли 2015 | | соли 2016 | |
|---|---|---|---|---|---|
| | | Қимат ба ҳисоби кг | Қимат ба ҳисоби доллари ИМА | Қимат ба ҳисоби кг | Қимат ба ҳисоби доллари ИМА |
| 1 | Тилло (коркарднашуда, нопурра коркардшуда ё дар шакли консентрат) | 1834 | 69 351 350 | 2456 | 98 035 300 |
| 2 | Нуқра (коркарднашуда, нопурра коркардшуда ё дар шакли консентрат) | 3013 | 1 564 000 | 2155 | 1 182 400 |
| 3 | Сангҳои қиматбаҳо | 3834 | 59500 | 48 | 35800 |

Тибқи моддаи 353 Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон, арзиши гумрукии моле, ки аз ҳудуди гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон содир мешавад, дар асоси нархи муомилотие, ки воқеан пардохта шудааст ва ё ҳангоми фурӯши он барои содирот бояд пардохта шавад, муайян карда мешавад. Яъне, содиркунандаи маҳсулоти бахши истихроҷ худаш дар асоси нархи муомилоти молҳо арзиши молро муайян мекунад.

Аммо дар сурати вуҷуд надоштани нархи муомилотӣ арзиши гумрукии моли содиротӣ дар асоси нусхаи ҳуҷҷати муҳосибавии фурӯшандаи содиркунанда дар бораи хароҷоти вобаста ба истеҳсол ё харид, нигоҳдорӣ ва интиқоли моли содиротӣ, ки аз тарафи декларант пешниҳод мешавад, муайян карда мешавад.

Дар сурати мавҷуд набудани маълумоти тасдиққунандаи арзиши гумрукии арзшудаи моли содиротӣ арзиши гумрукии чунин мол тибқи маълумот дар бораи моли шабеҳ ва ё ҳамҷинс, ки мақоми гумрук дар ихтиёр дорад, аз ҷумла тибқи маълумоте, ки бо истифода аз натиҷаи экспертизаи мустақил пешниҳод шудаааст, муайян мегардад.

Тибқи моддаи 235 Кодекси андози ҶТ, манбаи андози роялти барои истихроҷ дар давраи андоз ин арзише мебошад, ки дар асоси нархи таҳвил ё дар ҳолати мавҷуд набудани таҳвил дар асоси арзиши аслии маҳсулоти молии якуми аз маъданҳои фоиданок истихроҷшуда дар натиҷаи коркарди аввалия (полоиш, тозакунӣ) ҳосилшуда бе андоз аз арзиши иловашуда муайян карда мешавад. Арзиши металлҳои қиматбаҳо (тилло, нуқра ва платина) ва дигар металлҳои дар давраи андоз истихроҷкардаи истифодабарандаи сарватҳои зеризаминӣ дар асоси нархи миёнаи таҳвили чунин металлҳо, ки дар давраи андоз дар биржаи металлҳои Лондон ва биржаи металлҳои қиматбаҳои Лондон ташаккул ёфтааст, ҳисоб карда мешавад.

Содироти консентратҳои сурбдор 29 125 тонна зиёд гардид. Агар дар соли 2015 нархи миёнаи 1 тонна 1061 долларро ташкил карда бошад, пас дар соли 2016 як тонна чунин намуди консетрат бо нархи миёнаи 1085 доллар барои як тонна фурӯхта шуд. Дар соли 2016 содиркунандаи асосии консентратҳои сурбдор ҶДММ «Ширкати саноати маъданҳои кӯҳии Тоҷикистону Хитой» буд.

Содироти консентратҳои руҳдор 50 445 тонна зиёд шуд. Нархи миёнаи 1 тонна консентрат дар соли 2015-ум 508 доллар, дар соли 2016 бошад, 573 долларро ташкил дод. Истеҳсолкунанда ва содиркунанда ва таҳвилкунандаи асосии консентратҳои руҳдор ҶДММ «Ширкати саноати маъданҳои кӯҳии Тоҷикистону Хитой» буд.

Содироти консентратҳои сурмадор 1,68 маротиба афзуд. Нархи як тоннаи он аз 902 доллар то 955 доллар боло рафт. Содиркунандаи ин намуди консентрат ҶДММ КМ ТА «Анзоб» буд.

Содироти консентратҳои мисдор 1,49 афзуд. Нархи 1 тоннаи онҳо аз 1458 то 1432 доллар паст фуромад.

Солҳои 2015–2016 дар содироти молҳои бахши истихроҷ тағйиротҳои сохторӣ ба вуҷуд омаданд. Масалан, ҳиссаи зиёдтаринро дар содироти консентратҳо содироти консентратҳои сурбдор ташкил медиҳад, вале ба ин нигоҳ накарда, вазни қиёсии онҳо аз 44,96%-и соли 2015 дар соли 2016-ум то 42,54%, яъне 2,42 пункт кам шуд. Ҳиссаи содироти консентратҳои руҳдор аз 38,05%-и соли 2015 дар соли 2016-ум то 39,45%; консентратҳои сурмадор аз 9,68% то 10,97% зиёд гардид. Ҳиссаи консентратҳои мисдор бошад, аз 7,30% то 6,80% кам шуд.

Дар сохтори географии содирот низ тағйиротҳо ба вуҷуд омаданд. Агар соли 2015 дар байни мамлакатҳои ИДМ маҳсулот ба Қазоқистон ва Россия содир шавад, пас дар соли 2016 ба Ӯзбекистон ва Қазоқистон содир карда шуд.

Дар байни мамлакатҳои хориҷии дур маҳсулоти бахши истихроҷ дар соли 2015 ба Хитой ва Голландия, дар соли 2016 бошад, ба Британияи Кабир содир карда шуд.

Ҳиссаи асосии содирот аз ҳаҷми умумӣ ба Қазоқистон (79,17% дар с. 2015 ва 76,54% дар с. 2016) ва Хитой рост меояд.

Соли 2015-ум 21 тонна ангиштсанг ба маблағи 5 ҳазор долл. ИМА, соли 2016 бошад, 9 маротиба зиёдтар, яъне 190 тонна ба маблағи 7 ҳазор долл. ИМА фурӯхта шуд. Тамоми содироти ангиштсанг ба Хитой рост меояд.

Тоҷикистон маҳсулоти минералиро асосан бо нақлиёти роҳи оҳан ва нақлиёти боркаш тавассути вилояти Суғд содир менамояд.

Тоҷикистон аз бозорҳои ҷаҳонӣ ва шоҳроҳҳои асосии нақлиётӣ дар масофаи дур ҷойгир шудааст, бинобар ин хароҷоти нақлиёт ва хароҷот барои рушди инфрасохторҳо омилҳое мегарданд, ки ба истихроҷ ва содироти захираҳои минералӣ монеъ мешаванд. Аз ин рӯ дар мамлакат барои беҳтар намудани инфрасохторҳои нақлиётӣ кӯшиши зиёд ба харҷ дода мешавад.

## 2.10. ИШТИРОКИ ДАВЛАТ ДАР СОҲАИ ИСТИХРОҶ

Тибқи Қонуни ҶТ «Дар бораи корхонаҳои давлатӣ» (дар таҳрири қонунҳои ҶТ аз 6.10.2008 №426[65] ва аз 29.12.2010 №659) ба корхонаҳои давлатӣ инҳо дохил мешаванд:

I. корхонаҳои воҳиди давлатии дорои моликияти давлатӣ бо ҳуқуқи пешбурди хоҷагидорӣ ;

II. корхонаи давлатӣ бо ҳуқуқи идораи оперативӣ.

Корхонаи воҳиди давлатӣ (минбаъд – КВД) ташкилоти тиҷоратиест, ки ҳуқуқи ба амволи вобастакардаи молик соҳиб шуданро надорад.

Корхонаи воҳиди давлатӣ метавонад баробари дигар корхонаҳои таъсисёфта дар соҳаҳои зерин амал намояд: истихроҷ, истеҳсол, ҳамлу нақл, коркард, гӯркунӣ, фурӯши уран ва дигар маводи радиоактивӣ, ба андозаи зиёда аз меъёри истифодаи онҳо, бе зарурати истифодаи воситаҳои махсуси муҳофизат. Корхонаи воҳиди давлатӣ аз ҳисоби даромадҳои худии фаъолияташ нигоҳ дошта мешавад.

Корхонаи давлатӣ (минбаъд – КД) метавонад баробари корхонаҳои дигари таъсис ёфта дар соҳаҳои зерин фаъолият намояд:

- иҷрои корҳои наҷотбахшӣ дар кӯҳсор ва дигар корҳои махсус дар вазъияти фавқуллода ва садамавӣ, ҳифз аз сӯхтор, обхезиҳо ва дигар фалокатҳои табиӣ;
- иҷрои корҳои топографию геодезӣ ва картографӣ;
- анҷом додани фаъолияти истеҳсолию хоҷагидорӣ дар соҳаи тандурустӣ, ҳифзи табиат, маориф, ҳифзи иҷтимоӣ, илм, фарҳанг ва варзиш;
- анҷом додани дигар фаъолияти истеҳсолию хоҷагидорӣ, ки дар нақшаҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба рушди иҷтимоию иқтисодӣ пешбинӣ шудаанд.

Танҳо корхонаҳои воҳиди давлатӣ ҳуқуқи таъсиси корхонаи давлатии фаръиро доранд.

Корхонаи давлатии фаръӣ, ки моликияти ҷумҳуриявӣ мебошад, бо мувофиқаи молики корхонаи асосӣ таъсис дода мешавад.

Корхонаи давлатии фаръӣ дар шакли корхонаи воҳиди давлатӣ таъсис дода мешавад ва дорои ҳуқуқҳои муқаррарнамудаи Қонуни мазкур барои чунин навъи корхонаҳои давлатӣ мебошад.

Шартҳои соҳибӣ ба ҳиссаи давлатӣ дар оинномаҳои корхонаҳо, шартномаҳои сармоягузорӣ, шартномаҳо дар бораи консессияҳо ва созишномаҳо дар бораи тақсими маҳсулот нишон дода шудаанд.

Ба зумраи корхонаҳои дорои ҳиссаи муайяни моликияти давлатӣ, ки дар бахши истихроҷ кор мекунанд, 26 корхона мансуб мебошад (ҷадвали 26).

---

[65] Қонун дар бораи корхонаҳои давлатӣ//http://mmk.tj/ru/legislation/legislation-base/

**Ҷадвали 26**

**Рӯихати корхонаҳои дорои ҳиссаи муайяни моликияти давлатӣ**

| **Номи ширкат** | | **Ҳиссаи моликияти давлатӣ** | |
|---|---|---|---|
| | | **2015** | **2016** |
| 1 | ҶСК «Сементи Тоҷик» | 100% | 100% |
| 2 | ҶДММ МТК «Апрелевка» | 51% | 51% |
| 3 | ҶСК «Чамаст» | 100% | 100% |
| 4 | ҶСК «МК Адрасмон» | 0% | 100% |
| 5 | Корхонаи давлатии ҷумҳуриявии «Тиллои Тоҷик» | 100% | 100% |
| 6 | Шахтаи «Фон-Яғноб», корхонаи фаръии КВД «Ангишти Тоҷик» | 100% | 100% |
| 7 | Шахтаи «Ангишти Зиддӣ», корхонаи фаръии КВД «Ангишти Тоҷик» | 100% | 100% |
| 8 | Шахтаи «Ангишти Шӯрообод», корхонаи фаръии КВД «Ангишти Тоҷик» | 100% | 100% |
| 9 | Шахтаи «Ангишти Истиқлол», корхонаи фаръии КВД «Ангишти Тоҷик» | 100% | 100% |
| 10 | ҶСК «Ангишт» | 100% | 100% |
| 11 | КВД «Востокредмет» | 100% | 100% |
| 12 | Шахтаи ангишти «Назар-Айлоқ», корхонаи фаръии КВД «Ангишти Тоҷик» | 100% | 100% |
| 13 | ҶДММ «КМТ Такоб» | 100% | 100% |
| 14 | ҶСК «Нафту Газ» | 100% | 100% |
| 15 | ҶДММ КМ «Зарафшон» | 25% | 25% |
| 16 | ҶДМММ «Петролеум Суғд» | 42,5% | 42,5% |
| 17 | ҶДММ «Талко Ресурс» | 30% | 30% |
| 18 | Комиссияи давлатии захираҳои маъданҳои фоиданоки Сарраёсати геологияи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | 100% | 100% |

| | | | |
|---|---|---|---|
| 19 | Корхонаи воҳиди давлатии «Экспедитсияи иктишофи геологии Помир», Сарраёсати геологияи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | 100% | 100% |
| 20 | Корхонаи воҳиди давлатии «Экспедитсияи иктишофи геологии Моғиён», Сарраёсати геологияи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | 100% | 100% |
| 21 | Корхонаи воҳиди давлатии «Экспедитсияи иктишофи геологии Тоҷикистони Ҷанубӣ», Сарраёсати геологияи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | 100% | 100% |
| 22 | Корхонаи воҳиди давлатии «Экспедитсияи геофизикии ҷанубӣ», Сарраёсати геологияи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | 100% | 100% |
| 23 | Корхонаи воҳиди давлатии «Экспедитсияи гидрогеологии ҷанубӣ», Сарраёсати геологияи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | 100% | 100% |
| 24 | Корхонаи воҳиди давлатии «Экспедитсияи маҷмуии геологии Қайроққум», Сарраёсати геологияи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | 100% | 100% |
| 25 | Корхонаи воҳиди давлатии «Экспедитсияи ҷустуҷӯию аксбардории геологӣ», Сарраёсати геологияи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | 100% | 100% |
| 26 | Корхонаи воҳиди давлатии «Озмоишгоҳи марказӣ», Сарраёсати геологияи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | 100% | 100% |

Чи тавре ки аз маълумоти ҷадвали 26 маълум мешавад, дар корхонаи маъданҳои кӯҳии «Адрасмон» оид ба истихроҷи сурб ва руҳ дар сатҳи иштироки давлат дар соли 2016 тағйирот ба вуҷуд омадааст. Бо қарори Суди иқтисодии ш. Душанбе аз 04 ноябри соли 2016, №8/97 ва варақаи иҷрои №2-217/16, К-88/17 100% саҳмияҳои Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Адрасмон» ба давлат дар шахси Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон баргардонда шуд.

Тағйирёбии ҳисса аз рӯи шаклҳои моликият дар Феҳристи ягонаи давлатии шахсони ҳуқуқӣ, ки Кумитаи андози назди Ҳукумати ҶТ тартиб медиҳад, ба қайд гирифта мешавад[66].

Дар Феҳристи ягонаи давлатӣ оид ба ҳар як корхона, сарфи назар аз бахши иқтисоди миллӣ, маълумоти зерин пешниҳод карда мешавад:

1) шакли ташкилию ҳуқуқии шахси ҳуқуқӣ;

---

[66] http://www.andoz.tj/ru/registry-legal.html

2) номи пурраи фирмавии (дар ҳолати мавҷуд будан, инчунин номи кӯтоҳи) шахси ҳуқуқӣ бо забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

3) маълумот дар бораи тағйирёбии номи фирмавии шахси ҳуқуқӣ;

4) маҳалли ҷойгиршавии (суроғаи) шахси ҳуқуқӣ (роҳбари шахси ҳуқуқӣ), маълумот дар бораи тағйир ёфтани он, маълумот барои тамос бо онҳо;

5) тарзи ташкилёбии шахси ҳуқуқӣ (таъсисёбӣ ё азнавташкилдиҳӣ);

6) санаи бақайдгирии давлатии таъсисёбии шахси ҳуқуқӣ;

7) маълумот дар бораи муассисон (нисбати ҷамъиятҳои саҳомӣ маълумот оид ба дорандаи феҳристи саҳмдорон) ва роҳбари шахси ҳуқуқӣ (номгӯи шахси ҳуқуқӣ ё маълумот аз ҳуҷҷате, ки шахсияти шахси воқеиро тасдиқ мекунад);

8) маълумот дар бораи бақайдгирии давлатии шахси ҳуқуқӣ, ки бо роҳи азнавташкилдиҳӣ таъсис ёфтааст (шакли азнавташкилдиҳӣ, санаи бақайдгирии давлатии таъсисёбии шахси ҳуқуқие, ки бо роҳи азнавташкилдиҳӣ таъсис ёфтааст (дар мавриди мавҷуд будани чунин ҳолат);

9) маълумот дар бораи филиалҳо ва намояндагиҳои шахси ҳуқуқӣ (қарор дар бораи таъсис ё барҳам додани филиал ва намояндагӣ, маълумот аз ҳуҷҷате ки шахсияти роҳбари филиал ва намояндагиро тасдиқ мекунад, маълумот барои тамос бо он), маҳалли ҷойгиршавии (суроғаи) онҳо, санаи ворид намудани маълумот дар бораи онҳо ба Феҳристи ягонаи давлатӣ;

10) маълумот дар бораи сармояи оинномавӣ;

11) маълумот оид ба қарор доштани шахси ҳуқуқӣ дар ҷараёни барҳамдиҳӣ;

12) маълумот дар бораи барҳамдиҳии шахси ҳуқуқӣ;

13) намуди (намудҳои) асосии фаъолияте, ки шахси ҳуқуқӣ нияти амалӣ кардани онро (онҳоро) дорад;

14) маълумот дар бораи мақоми ваколатдори идоракунии давлатӣ нисбат ба корхонаи давлатӣ ва маълумот нисбат ба шахси барои иҷрои вазифаҳои давлатӣ ваколатдор, ки ҳиссаи (саҳмияҳои) дар сармояи оинномавии ташкилотҳои тиҷоратӣ қарордоштаи моликияти худро дар давраи дар хизмати давлатӣ буданаш ба шахси дигар бо ҳуқуқи идораи ба боварӣ асосёфта додааст, инчунин маълумот дар бораи васӣ ва парастори муассиси (муассисони) шахси ҳуқуқӣ, ки худ шахси ноболиғ мебошад (ҚҶТ аз 14.05.2016, № 1319)[67].

Тибқи ҚҶТ «Дар бораи корхонаҳои давлатӣ», инчунин мутобиқи талаботи байналмилалӣ (барои корхонаҳои давлатӣ ҳиссаи давлат 50+1% аст), муқаррар карда шудааст, ки дар бахши истихроҷи мамлакат ҳоло 23 корхона кор мекунад (ҷадвали 27), аз ҷумла 22-тои онҳо бо ҳиссаи 100% давлат ва як корхонае, ки дар он ҳиссаи давлат 51%-ро ташкил медиҳад.

---

[67] Қонуни ҶТ «Дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ». http://mmk.tj/ru/legislation/legislation-base/2009/

**Ҷадвали 27**

**Рӯихати корхонаҳои давлатӣ дар солҳои 2015 – 2016**

| **Номи корхона** | | **Ҳиссаи моликияти давлатӣ** | |
|---|---|---|---|
| | | **2015** | **2016** |
| **1** | **2** | **3** | **4** |
| 1 | ҶСК «Сементи Тоҷик» | 100% | 100% |
| 2 | ҶДММ МТК «Апрелевка» | 51% | 51% |
| 3 | ҶСК «Чамаст» | 100% | 100% |
| 4 | Корхонаи давлатии ҷумҳуриявии «Тиллои Тоҷик» | 100% | 100% |
| 5 | Шахтаи «Фон-Яғноб», корхонаи фаръии КВД «Ангишти Тоҷик» | 100% | 100% |
| 6 | Шахтаи «Ангишти Зиддӣ», корхонаи фаръии КВД «Ангишти Тоҷик» | 100% | 100% |
| 7 | Шахтаи «Ангишти Шӯрообод», корхонаи фаръии КВД «Ангишти Тоҷик» | 100% | 100% |
| 8 | Шахтаи «Ангишти Истиқлол», корхонаи фаръии КВД «Ангишти Тоҷик» | 100% | 100% |
| 9 | ҶСК «Ангишт» | 100% | 100% |
| 10 | КВД «Востокредмет» | 100% | 100% |
| 11 | Шахтаи ангишти «Назар-Айлоқ», корхонаи фаръии КВД «Ангишти Тоҷик» | 100% | 100% |
| 12 | ҶДММ «КМТ Такоб» | 100% | 100% |
| 13 | ҶСК «Нафту Газ» | 100% | 100% |
| 14 | ҶСК «МК Адрасмон» | 0% | 100% |
| 15 | Комиссияи давлатии захираҳои маъданҳои фоиданоки Сарраёсати геологияи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | 100% | 100% |
| 16 | Корхонаи воҳиди давлатии «Экспедитсияи иктишофи геологии Моғиён», Сарраёсати геологияи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | 100% | 100% |

| | | | |
|---|---|---|---|
| 17 | Корхонаи воҳиди давлатии «Экспедитсияи иктишофи геологии Помир», Сарраёсати геологияи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | 100% | 100% |
| 18 | Корхонаи воҳиди давлатии «Экспедитсияи иктишофи геологии Тоҷикистони Ҷанубӣ», Сарраёсати геологияи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | 100% | 100% |
| 19 | Корхонаи воҳиди давлатии «Экспедитсияи геофизикии ҷанубӣ», Сарраёсати геологияи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | 100% | 100% |
| 20 | Корхонаи воҳиди давлатии «Экспедитсияи гидрогеологии ҷанубӣ», Сарраёсати геологияи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | 100% | 100% |
| 21 | Корхонаи воҳиди давлатии «Экспедитсияи маҷмуии геологии Қайроққум», Сарраёсати геологияи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | 100% | 100% |
| 22 | Корхонаи воҳиди давлатии «Экспедитсияи ҷустуҷӯию аксбардории геологӣ», Сарраёсати геологияи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | 100% | 100% |
| 23 | Корхонаи воҳиди давлатии «Озмоишгоҳи марказӣ», Сарраёсати геологияи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | 100% | 100% |

КВД «Ангишти Тоҷик» дар корхонаҳои зерин ҳиссаи 100-фоиза дорад:

1. Корхонаи фаръии «Шахтаи Фон-Яғноб».

2. Корхонаи фаръии «Шахтаи «Ангишти Зиддӣ».

3. Корхонаи фаръии «Шахтаи «Ангишти Шӯрообод».

4. Корхонаи фаръии «Шахтаи «Ангишти Истиқлол».

5. Корхонаи фаръии «Шахтаи ангишти «Назар-Айлок».

**Дар сомонаҳои зерин оид ба фаъолияти ширкатҳо маълумот пайдо кардан мумкин аст:**

1) Сарраёсати геологияи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон - https://www.gst.tj/

2) Иттифоқи ташкилотҳои ҷомеаи шаҳрвандии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Шаффофият барои рушд» - www.tfd.tj

**Корхонаи давлатии ҷумҳуриявии истихроҷи тиллои «Тиллои Тоҷик»,** ки дар ноҳияи Ховалинги вилояти Хатлон воқеъ шудааст, корхонаи истихроҷи тилло мебошад, ки дар асоси оиннома амал мекунад. Он соли 2008 дар асоси барҳам додани Корхонаи муштараки Тоҷикистону Британия «Дарвоз» бо Қарори ҲҶТ аз 01.10.2008, №508, дар таҳрир аз 07.02.2008, №58 таъсис ёфтааст. Тибқи ин қарор, ҳамаи моликияти Корхонаи муштараки барҳамхӯрдаи Тоҷикистону Британия «Дарвоз» ба тавозуни КДҶ «Тиллои Тоҷик» дода шуд. Дар Оинномаи КДҶ "Тиллои Тоҷик" қайд карда шудааст, ки муассиси Корхонаи давлатӣ Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақоми ваколатдор оид ба идоракунии Корхонаи давлатӣ

бошад, Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Нигоҳдорӣ ва маблағгузории Корхонаи давлатӣ аз ҳисоби буҷети ҷумҳурӣ амалӣ карда мешавад.

Корхонаи давлатӣ бо мақсади истеҳсол ва истихроҷи тиллои пошхӯрда, тиллопораҳои худрӯй ва дигар металлҳои қиматбаҳои туфайлии кони тиллои пошхӯрдаи Яхсу ва иҷрои кору хизматҳо ташкил карда шудааст. Самтҳои фаъолияти Корхонаи давлатӣ инҳо мебошанд:

- иктишоф ва коркарди тиллои пошхӯрда:
- иҷрои корҳои маркшейдерӣ;
- истихроҷи тиллои пошхӯрда дар конҳои тиллои пошхӯрда;
- коркарди маъданҳои тиллодор;
- нигоҳдорӣ ва интиқоли маҳсулоти коркарди конҳои тиллои пошхӯрда;
- бо тартиби муқarraranамудаи қонунгузорӣ қабул ва харидорӣ кардани металлҳои қиматбаҳо аз заршӯён, худбиёрон ва дигар шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ;
- ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид намудани маводу таҷҳизоти барои фаъолияти истеҳсолии зарурӣ.

Корхонаи давлатӣ шахси ҳуқуқӣ аст. Маҳсулоти асосии истеҳсол мекардаи он тилло мебошад, ки дар заводи аффинажи мамлакат аффинаж намуда, тиллои аз ҷиҳати химиявӣ холис гирифта мешавад. Тиллои истихроҷшуда асосан барои пур кардани захираи тиллои мамлакат истифода бурда мешавад.

Корхонаи давлатӣ тамоми металли қиматбаҳои истихроҷшударо дар ҳамон муҳлат ва дар ҳамон ҳаҷме, ки мақоми ваколатдор муқаррар намудааст, ба Хазинаи сарватҳои қиматбаҳои назди Вазорати молияи Ҷумҳурииии Тоҷикистон месупорад.

Фонди оинномавии Корхонаи давлатӣ аз моликияти Корхонаи муштараки бо қарори ҲҶТ барҳамдодашудаи Тоҷикистону Британия «Дарвоз», ки бо тартиби муқарраршуда ба тавозуни Корхонаи давлатӣ дода шудааст, иборат мебошад.

Солҳои 2015-2016 корхонаи «Тиллои Тоҷик» тиллоро дар шакли молӣ (натуралӣ) истеҳсол намуда, ба давлат супурд. Корхонаи «Тиллои Тоҷик» ташкилоти буҷетӣ мебошад ва тамоми хароҷотҳои истеҳсолии он аз ҳисоби буҷети ҷумҳурӣ маблағгузорӣ карда мешавад, бинобар ин корхона тамоми тиллои пошхӯрандаи истихроҷшударо барои пур кардани Фонди давлатӣ ройгон ба Хазинаи давлатии сарватҳои қиматбаҳои назди Вазорати молия месупорад.

Ҳамин тариқ, соли 2015 Корхонаи «Тиллои Тоҷик» аз ҳисоби буҷет ба миқдори 75,2 млн. сомонӣ маблағгузорӣ карда шуд. Корхона дар ҳаҷми 452,1 кг (бо ифодаи пулӣ ба маблағи 105,4 млн. сомонӣ) тиллои пошхӯрда истеҳсол намуда, ба хазинаи давлат супурд.

Соли 2016 барои Корхонаи «Тиллои Тоҷик» аз буҷети давлатӣ 75,0 млн. сомонӣ ҷудо карда шуд ва он дар ҳаҷми 492,4 кг (бо ифодаи пулӣ ба маблағи 159,2 млн. сомонӣ) тиллои пошхӯранда истеҳсол намуда, ба хазинаи давлат супурд .

**ҶСП «Чамаст»** ягона корхонаест, ки дар Тоҷикистон бо ҷустуҷӯ, иктишоф ва истихроҷи сангҳои қиматбаҳо машғул мебошад. Он дар ҳудуди ноҳияи Рошткалъаи ВМКБ-и Ҷумҳурии Тоҷикистон воқеъ шудааст. Кон бо наздиктарин маҳалли аҳолинишин – деҳаи Шувоз (Лесхоз) бо роҳи автомобилу тракторгард (30 км) ва сипас бо роҳи калони асфалтпӯш бо маркази вилоят – ш. Хоруғ (90 км) ва бо пойтахти ҷумҳурӣ – ш. Душанбе (627 км) пайваст мебошад.

Самтҳои асосии рушд:

- коркарди конҳои нави маъданҳои фоиданок;
- зиёд намудани истихроҷи маъдан, ҳаҷми коркарди маъданҳо дар конҳои азхудшуда;
- сохтмони корхонаҳо барои гирифтани маҳсулоти ниҳоӣ.

Талаботи рӯзафзуни саноат (талаботи ҳарсола ба лазурит аз 5 то 40 тоннаро ташкил медиҳад) зарурати иҷрои корҳои истифодабариро барои истихроҷи лазурити заргарию ороишӣ ба миён меорад.

Дар тавозуни КВД "Чамаст" зиёда аз 10 кон қарор дорад, вале коркард ҳамагӣ дар ду кон ба роҳ монда шудааст. Ин фаъолият ба хазинаи давлат ҳанӯз даромади зиёд намеорад. Масалан, КВД «Чамаст» дар кони Барфӣ, ки дар ноҳияи Мурғоб, дар баландии 4,4 ҳазор метр аз сатҳи баҳр воқеъ шудааст, кор мекунад. Дар ин гуна шароити вазнини иқлимӣ танҳо шахсони ҷисман бақувват ва фақат дар фасли тобистон кор карда метавонанд. Корхона инкишоф намеёбад, зеро ба он маблағҳои кофӣ ҷудо карда намешаванд. Ҳар сол барои рушди он тақрибан 400 ҳазор сомонӣ ($0,09 млн) ҷудо карда мешавад[68].

**Корхонаи воҳиди давлатии «Эспедитсияи маҷмуии геологии Қайроққум»** дар шаҳраки Сирдарёи шаҳри Қайроққуми вилояти Суғд, дар шимоли ҷумҳурӣ воқеъ шудааст. Он соли 2001 бо роҳи муттаҳид намудани се экспедитсияи пештара: экспедитсияи иктишофи геологии Қайроққум, экспедитсияи гидрогеологии шимолии иттиҳодияи истеҳсолии «Тоҷикгеология» ва экспедитсияи гидрогеологии иттиҳодияи истеҳсолии «Гидроспетсгеология» таъсис ёфтааст. Мақсади асосии фаъолияти Экспедитсия қонеъ гардондани талаботи хоҷагии халқи Ҷумҳурии Тоҷикистон  ба захираҳои минералӣ ва ашёи хом мебошад.

Корхона аз якчанд бахш иборат аст: гурӯҳҳои иктишофи геологии маъданҳо ва ғайримаъданҳо, озмоишгоҳи маҷмуии химиявӣ ва дигар бахшҳои ёрирасон.

Экспедитсия дар самтҳои зерин фаъолият мекунад: иҷрои корҳои ҷустуҷӯи геологии тилло дар майдони маъдандори Ошоба (ноҳияи Ашт), омӯзиши сатҳ ва ҳолати обҳои зеризаминӣ дар объекти «Ҷорӣ намудани Кадастри давлатии об дар ҳавзаҳои дарёҳои Сир ва Зарафшон», омӯзиши геоэкологии ифлосшавии муҳити табиӣ дар шаҳрҳои Хуҷанд, Чкаловск, Қайроққум ва ноҳияи Б. Ғафуров, хадамоти давлатии назорат ба равандҳои геологии хавфноки экзогенӣ дар ҳудуди вилояти Суғд, ҷустуҷӯи обҳои зеризаминӣ барои бо об таъмин кардани объектҳои таъйиноти иҷтимоӣ, тандурустӣ ва таълимӣ дар вилояти Суғд.

Объектҳои номбаршуда аз ҳисоби буҷети давлатӣ маблағгузорӣ мешаванд. Экспедитсия бо бисёр ширкатҳои хориҷӣ (корхонаҳои муштарак), шахсони воқеӣ ва хоҷагиҳои деҳқонӣ низ корҳои шартномавиро ба ҷо меорад. Объектҳои асосии корҳои шартномавӣ инҳо мебошанд: иктишофи муфассали кони сурбу руҳи Зарнисори Шимолӣ, кор бо ҶДММ МТК «Апрелевка»,  кор бо корхонаҳои истеҳсоли масолеҳи бинокорӣ (оҳак, доломит, мармар, гил, омехтаҳои регу санг ва ғ.). Имрӯз дар экспедитсия 155 нафар кор мекунад.

Ҳаҷми маблағгузории корҳои иктишофи геологӣ дар фасли «2.6. Тавзеҳи соҳаи истихроҷ» дар қисми корҳои иктишофи геологӣ дар солҳои 2015–2016» нишон дода шудааст.

**Корхонаи воҳиди давлатии «Эспедитсияи иктишофи геологии Моғиён»** соли 1948 бо Қарори Шӯрои Вазирони РСС Тоҷикистон таъсис ёфтааст. Аввал дар ҳавзаи дарёи Моғиён дар шаҳраки Моғиён воқеъ шуда буд, аз соли 1963 дар шаҳраки Геологҳои ш. Панҷакент (ҳоло шаҳраки ба номи Б.Холмуродов) дар қисми ҷанубӣ-ғарбии ш. Панҷакент ҷойгир шудааст. Минтақаи корҳои Корхонаи воҳиди давлатии «Эспедитсияи иктишофи геологии Моғиён» ҳудуди зеринро ташкил медиҳад: ҳавзаи дарёи Зарафшон: аз шарқ болооби дарёи Зарафшон – ноҳияи Мастчоҳӣ кӯҳӣ, дар мобайн – ноҳияи Айнӣ, дар ғарб – ноҳияи Панҷакент то сарҳади Ҷумҳурии Ӯзбекистон, аз шимол – нишебии ҷанубии қаторкӯҳи Туркистон, аз ҷануб

[68] В. Касимбекова. Хазинаи истифоданашуда. Барои чӣ сарватҳои зеризаминии Тоҷикистон дар хизмати халқ нестанд?//Азия-Плюс. 11:52 20.09.2009// Манбаъ - Asia-Plus; Суроғаи доимии мақола - http://www.centrasia.ru/newsA.php?st=1253433120

– нишебии шимолии Қаторкӯҳи Ҳисор. Ба туфайли хизматҳои мутахассисони Корхонаи воҳиди давлатии «Эспедитсияи иктишофи геологии Моғиён» имрӯз дар Тоҷикистони Марказӣ чунин корхонаҳои калони истихроҷи маъдан, ба монанди КМ ТА «Анзоб» оид ба истихроҷи сурма, Шахтаи «Фон-Яғноб», корхонаи фаръии КВД «Ангишти Тоҷик» оид ба истихроҷи ангишт, ҶДММ КМ «Зарафзон» оид ба истихроҷи тилло фаъолият мекунанд.

Экспедитсия дар ду самт фаъолият мекунад: корҳои иктишофи геологӣ аз ҳисоби маблағҳои давлатӣ ва корҳои иктишофи геологии шартномавие, ки аз ҳисоби ширкатҳои хориҷӣ ва маҳаллӣ маблағгузорӣ мешаванд. Дар экспедитсия озмоишгоҳи маҷмуии таҳлилӣ, базаи автомобилӣ, тсехи механикӣ, хоҷагии ёрирасон, боғчаи кӯдакон ва хобгоҳи умумӣ амал мекунанд.

**Экспедитсияи иктишофи геологии Помир** дар Помир вуҷуд доштани намудҳои алоҳидаи маъданҳои фоиданокро меомӯзад, аз қабили тилло, нуқра, сурб, мис, лазурит, шпинел, ёқут ва ғ. Дар рафти аксбардориҳои геологии давлатӣ зуҳуроти маъдани қалъагии Эллису ва кони маъданҳои боросиликатии Акархар ошкор карда шуданд.

Дар натиҷаи корҳои иҷрошуда қисми зиёди ҳудуди Помир дар миқёси 1: 50 000 харитабардорӣ намуда, зуҳуроти калони шпати плавик (Ҷамбай), зуҳуроти маъдани қалъагӣ ва волфрами майдони маъдани Пшарт, майдони маъдани Акархар (сурб, руҳ), зуҳуроти маъдани волфрами Киршеит, кони қалъагии Заречное ошкор карда шуданд. Ҳамзамон бо аксбардории геологӣ корҳои махсуси ҷустуҷӣ барои ошкор намудани қалъагӣ, волфрам, тилло, нуқра мис, металлҳои нодир (бериллий, литий, тантал, ниобий ва ғ.), молибден, симоб, алюминий, сурб, руҳ, оҳан, бор, флюорит, асбест, флогопит, мусковит, талк, гаҷ, ангиштсанг, намаксанг, масолеҳи бинокорӣ анҷом дода шуданд. Кони қалъагӣ ва волфрами Трезубетс-Юбилейное мавриди омӯзиш ва арзёбӣ қарор дода шуд.

Конҳои тиллою волфрами Икар ва Хуф, кони тиллои Рангкӯл, як қатор зуҳуроти пешомадноки нуқра дар майдонҳои маъдани Якчилвва ва Марҷанай омӯхта, зуҳуроти пешомадноки миси Дараи Танг, мис ва никели Хукас, Гишун, зуҳуроти металлҳои нодири (бериллий, литий, тантал ва ғ.) омӯхта, пешакӣ арзёбӣ карда шуданд, инчунин пешомаднокии майдонҳои пегматитии металлҳои нодири Шуғнон, Аличури ҷанубӣ ва Намадгут муқаррар карда шуд. Зуҳуроти маъдани молибдените Сунгат ошкор намуда, мусбат арзёбӣ карда шуд. Корҳои ҷустуҷӯи симоб ба ҷо оварда, як қатор минтақаҳои пешомадноки симоб ва сурма ошкор карда шуданд.

Дар ҳудуди Помир як қатор зуҳуроти маъдани оҳандор ошкор карда шуд, ки калонтарини онҳо Барч аст. Кашфиёти калонтарини ин давра кони нодири бори Акархар мебошад. Барои пайдо намудани флюорит низ корҳои махсуси ҷустуҷӯӣ анҷом дода шуданд, ки дар натиҷаи ин миқдори зиёди зуҳуроти флюорит ошкор карда шуд, баъзеи онҳо ба гурӯҳи конҳо дохил карда шуданд.

Ҳоло дар майдони зуҳуроти маъданҳои мису никели Гишун ва Хукас корҳои ҷустуҷӯию арзёбӣ, дар майдонҳои маъдани марганетси Помири шимолӣ – корҳои иктишофӣ, дар майдони маъдандори Якчилав корҳои иктишофи пешакӣ ба ҷо оварда мешаванд. Барои ҷалб намудани сармоягузорони хориҷӣ ва маҳаллӣ оид ба маъданҳои фоиданоки маъданӣ ва ғайримаъдании Помир мавод тайёр карда мешавад.

Тибқи маълумоти Агентии омори назди Президенти ҶТ, корхонаҳои бахши саноати кӯҳие, ки бевосита бо истихроҷ машғул мебошанд, аз рӯи шакли моликият ба гурӯҳҳои зерин тақсим мешаванд (расми 11):

**Расми 11. Таносуби корхонаҳои бахши истихроҷи маъдан аз рӯи шакли моликият, ба ҳисоби %**




**Расми 12. Сохтори ҳаҷми маҳсулоти истеҳсолнамудаи корхонаҳои бахши истихроҷи маъдан аз рӯи шакли моликият, ба ҳисоби %**




Тибқи моддаи 2 Қонун «Дар бораи буҷети давлатӣ барои соли 2016», ҳаҷми умумии хароҷоти Буҷети давлатии ҶТ ба маблағи 18594,4 млн сомонӣ муайян шудааст, аз ҷумла барои маблағгузории истихроҷ ва коркарди маъданҳои фоиданок, саноати истихроҷи маъданҳои кӯҳӣ ва сохтмон 121,2 млн сомонӣ ҷудо гардидааст.[69]

Қоидаҳо ва амалияи муносибатҳои молиявӣ бо қонунҳои ҶТ дар бораи Буҷети давлатии ҶТ, дар бораи молияи давлатӣ, дар бораи корхонаҳои давлатӣ, дар бораи ҷамъияти саҳомӣ, КА, КГ ҶТ танзим карда мешаванд, ки дар онҳо барои корхонаҳои соҳаи истихроҷ ягон хел истиноию махсусиятҳо пешбинӣ нагардидаанд.

[69] Қонун дар бораи буҷети давлатии ҶТ.

Муносибатҳои молиявии корхонаи давлатӣ ба муносибаҳои байни инҳо асос меёбанд: корхонаи давлатӣ ва буҷет – дар масъалаи пардохт ба буҷет ва гирифтани маблағ аз буҷет; корхонаи давлатӣ ва фондҳои давлатии ғайрибуҷетӣ; корхонаи давлатӣ ва давлат дар шахси Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии ҶТ.

Роҳбари корхонаи давлатии бахши истихроҷро Ҳукумати ҶТ ё дар шахси Вазорати энергетика ва захираҳои оби ҶТ, ё дар шахси Вазорати саноат ва технологияҳои нави ҶТ ва ё дар шахси Сарраёсати геологияи назди ҳукумати ҶТ таъйин мекунад.

Тамоми моликияти корхонаи давлатӣ, инчунин фоида ва дигар захираҳои молиявии аз истифодаи онҳо ба даст овардашуда моликияти давлат ба ҳисоб мераванд. Дар мавридҳои пешбининамудаи қонунгузорӣ бо қарори Ҳукумати ҶТ дар заминаи молу мулки дар моликияти давлатӣ қарордошта корхонаи воҳиди давлатӣ бо ҳуқуқи идораи оперативӣ - корхонаи давлатӣ ташкил кардан мумкин аст. Ҳукумати мамлакат барои уҳдадориҳои корхонаи давлатӣ ҳангоми нокифоя будани моликияти он ҷавобгарии субсидиарӣ дорад.

Ҳуҷҷати таъсисдиҳии корхонаи давлатӣ оинномаи он мебошад, ки онро Ҳукумати ҶТ тасдиқ менамояд. Дар он муайян карда мешаванд: ҳисоботдиҳии ҳатмӣ дар шаклҳои муқаррарнамудаи Ҳукумати ҶТ; масъулияти шахсии роҳбар барои натиҷаҳои фаъолияти хоҷагӣ; уҳдадорӣ дар бораи мувофиқи мақсад истифода бурдани маблағҳои давлатӣ; намудҳои фаъолият ва тартиби тақсим намудани фоида.

Фаъолияти истеҳсолию хоҷагии корхонаи воҳиди давлатӣ (КВД) мувофиқи нақшаи фармоиш ва нақшаи рушди корхона амалӣ карда мешавад.

Мақоми аз тарафи Ҳукумати ҶТ ваколатдоршуда ҳар сол бо назардошти рушди корхона ва дар асоси талабот ба маҳсулоти (корҳо, хизматҳои) истеҳсолнамудаи корхона бо мақсади таъмин намудани таҳвили маҳсулот барои эҳтиёҷоти давлатӣ, иҷрои фармоиши давлатӣ ва шартномаҳои басташуда нақшаи фармоишро, ки барои иҷро ҳатмӣ буда, бо Вазорати молияи ҶТ ва Вазорати рушди иқтисод ва савдои ҶТ мувофиқа карда шудааст, тасдиқ намуда, ба маълумоти корхона мерасонад.

Нақшаи рушд мустақилона бо ризоияти мақоми ваколатдор тартиб дода мешавад. Дар айни ҳол мақоми ваколатдор ба иҷрои нақша-фармоиш ва нақшаи рушд бо роҳи ҳисоботи муҳосибӣ ва оморӣ пешниҳод намудани корхона назорат мекунад.

Маҳсулоти мувофиқи нақшаи фармоиш истеҳсолшуда бо нархҳои муқаррарнамудаи мақоми ваколатдор фурӯхта мешавад. Фонди музди меҳнати кормандони корхона барои ҳаҷми нақшаи фармоиш дар асоси меъёрҳои тарофавии музди меҳнати кормандони корхона муайян карда мешавад.

Маблағгузорӣ барои иҷрои нақшаи фармоиш ва нақшаи рушди корхона ва рушди истеҳсолию иҷтимоии он аз ҳисоби даромад аз фурӯши маҳсулот амалӣ карда мешавад.

Ғайр аз ин, дар давраи ҳисоботӣ аз ҳисоби буҷети ҷумҳуриявӣ барои рушди бахши истихроҷ дар соли 2015-ум 91,5 млн сомонӣ ва дар соли 2016-ум 91,3 млн сомонӣ ҷудо карда шуд, аз ҷумла:

- Ба Корхонаи давлатии ҷумҳуриявии «Тиллои Тоҷик» - дар соли 2015-ум 75,2 млн сомонӣ ва дар соли 2016-ум 75 млн сомонӣ барои истихроҷи тилло. Мувофиқан тамоми металли қиматбаҳои истеҳсолшуда тибқи муҳлат ва ҳаҷми муқаррарнамудаи мақоми ваколатдор ба Хазинаи сарватҳои қиматбаҳои назди Вазорати молияи ҶТ ройгон супурда мешавад;
- барои ҶСК «Нафту Газ» - дар солҳои 2015 ва 2016 мувофиқан 5,4 млн сомонӣ ва 4,6 млн сомонӣ – барои иҷрои корҳои пармакунӣ;
- Ба Сарраёсати геологияи назди Ҳукумати ҶТ чун ихтиёрдори асосии захираҳои молиявӣ барои иҷрои корҳои иктишофи геологӣ, аз ҷумла тавассути экспедитсия дар соли 2015-ум 10,9 млн сомонӣ ва дар соли 2016-ум 11,7 млн сомонӣ.

**Ҷадвали 28**

**Субсидияҳо барои нигоҳдории экспедитсияҳои Сарраёсати геология (млн) дар солҳои 2015-2016**

| | **2015** | **2016** |
|---|---|---|
| Комиссияи давлатии захираҳои маъданҳои фоиданоки Сарраёсати геологияи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | 0,15 | 0,16 |
| Корхонаи воҳиди давлатии «Экспедитсияи иктишофи геологии Моғиён», Сарраёсати геологияи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | 1,0 | 1,35 |
| Корхонаи воҳиди давлатии «Экспедитсияи иктишофи геологии Помир», Сарраёсати геологияи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | 1,83 | 1,6 |
| Корхонаи воҳиди давлатии «Экспедитсияи иктишофи геологии Тоҷикистони Ҷанубӣ», Сарраёсати геологияи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | 1,8 | 1,73 |
| Корхонаи воҳиди давлатии «Экспедитсияи геофизикии ҷанубӣ», Сарраёсати геологияи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | 0,33 | 0,37 |
| Корхонаи воҳиди давлатии «Экспедитсияи гидрогеологии ҷанубӣ», Сарраёсати геологияи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | 0,72 | 1,0 |
| Корхонаи воҳиди давлатии «Экспедитсияи маҷмуии геологии Қайроққум», Сарраёсати геологияи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | 0,63 | 0,6 |
| Корхонаи воҳиди давлатии «Экспедитсияи ҷустуҷӯию аксбардории геологӣ», Сарраёсати геологияи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | 1,94 | 2,2 |
| Корхонаи воҳиди давлатии «Озмоишгоҳи марказӣ», Сарраёсати геологияи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | 0,05 | 0,06 |

Дар давраи баррасишаванда нигоҳ доштани маблағҳои кор карда ба даст овардаи корхонаҳои давлатӣ аз тарафи Ҳукумати мамлакат мушоҳида нашудааст, корхонаҳои давлатиро тарафҳои сеюм маблағгузорӣ накардаанд.

Ҳуқуқи истифодаи қитъаҳои замин ва дигар захираҳои табииро харидорӣ намудани сармоягузорон мутобиқи қонунгузории ҶТ амалӣ карда мешавад. Тибқи моддаи 17 ҚҶТ «Дар бораи сармоягузорӣ», ҳангоми ба даст овардани ҳуқуқи моликият ба бино ва иншоот, якҷоя бо ин объектҳо ҳуқуқи истифодаи қитъаи замин низ мувофиқи тартиб ва шартҳои пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба сармоягузор мегузарад.

Ҳукумати ҶТ дар давраи ҳисоботӣ (солҳои 2015–2016) ба корхонаҳои бахши истихроҷ қарз ва кафолатҳо барои қарз надодааст.

Мувофиқи ҚҶТ «Дар бораи сармоягузорӣ», сармоягузории такрорӣ – сармоягузориҳо ба объектҳои фаъолияти соҳибкорӣ дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳисоби даромад ё фоидаи сармоягузороне, ки аз сармоягузорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба даст омадааст. Онҳо бо КА низ танзим карда мешаванд. Сармоягузор метавонад бо салоҳдиди худ фоидаи

пас аз пардохти андозҳо бадастомадаро дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон такроран сармоягузорӣ намояд. Ҳангоми амалӣ кардани сармоягузории такрорӣ сармоягузор ба пуррагӣ аз ҳимояи ҳуқуқӣ, кафолатҳо ва имтиёзҳое, ки ҚҶТ «Дар бораи сармоягузорӣ» ва Кодекси андози ҶТ муқаррар намудааст, истифода менамояд. Сармоягузории такрорӣ дар асоси шартнома ва созишнома бо тарафҳои сеюм тасбит карда мешавад.

Мувофиқи маълумоти пешниҳоднамудаи Вазорати молияи ҶТ, дар рафти таҳияи ин ҳисоботи миллии ТШСИ дар солҳои 2015 – 2016 чунин ҳолат вуҷуд надошт.

Ба сармоягузорон имтиёзҳои андоз, гумрукӣ ва имтиёзҳои дигар бо тартибу шартҳои муқарранамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, созишномаҳои сармоягузорӣ, шартномаҳо ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон эътироф намудааст, дода мешаванд.

Ҳаҷми андозҳо ва имтиёзҳои андозро КА ва КГ ҶТ танзим менамоянд (дар фасли дахлдори Ҳисобот маълумот дода шудааст).

Бо Қарори ҲҶТ аз 25 феврали соли 2017, №99, номгӯй ва миқдори молҳое, ки ҶДММ «Ширкати саноати кӯҳии Тоҷикистону Хитой» барои сохтмони корхонаи металлургии иқтидори истеҳсолиаш соле 50 ҳазор тонна сурб дар шаҳри Истиқлоли вилояти Суғд ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид мекунад ва онҳо аз ААИ ва боҷи гумрукӣ озод карда мешаванд, муайян карда шудаанд.

Бо мақсади таъмини иҷрои банди 9.3 моддаи 9 Созишномаи сармоягузории байни Ҳукумати ҶТ ва ҶДММ «Ширкати истеҳсолии байналмилалии "Чжунгтсай Моҳир Семент"» дар бораи сохтан ва ба истифода додани корхонаи семент, гипсокартон ва халта дар ноҳияи Ёвони вилояти Хатлон аз 4 сентябри соли 2015, бо Қарори ҲҶТ аз 1 июли соли 2016 номгӯи молҳое, ки ҶДММ-и мазкур ворид мекунад ва онҳо аз пардохти андоз аз арзиши иловашуда ва боҷҳои гумрукӣ озод карда шудаанд, тасдиқ карда шуд.

Бо Қарори ҲҶТ аз 25 сентябри соли 2015, № 591 «Дар бораи ворид намудани иловаҳо ба Қарори ҲҶТ «Номгӯй ва миқдори масолеҳ, таҷҳизот ва воситаҳои нақлиёте, ки ба Тоҷикистон дар чаҳорчӯбаи иҷрои лоиҳаи сохтмони газопроводи «Тоҷикистон – Хитой» ворид карда мешаванд ва аз пардохти боҷҳои гумрукӣ ва андоз аз арзиши иловашуда озод карда мешаванд» ба қарори номбурда бандҳои 12 – 52 илова карда шуданд.

Грантҳои натурии давлатӣ ба сармоягузорон аз тарафи Ҳукумати ҶТ тавассути мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи сармоягузорӣ дар чаҳорчӯбаи шартномаҳои сармоягузорӣ ва дигар шартномаҳо дода мешаванд. Андозаи гранти натурии давлатӣ, шартҳои истифода ва ба моликияти шахсӣ додани онҳо, инчунин баргардондани гранти натурӣ дар мавриди бекор карда шудани шартнома бо созиши байни сармоягузор ва мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи сармоягузорӣ муайян карда мешаванд.

Масъалаҳои идоракунии қарзи давлатӣ ва ифшои транзаксияҳо, агар онҳо ҷой дошта бошанд, аз тарафи Вазорати молияи ҶТ танзим карда мешаванд.

Бо қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон барои фаъолияти хоҷагии корхонаҳои давлатӣ ягон низоми алоҳидаи андоз ё додани қарзҳои имтиёзноки махсус пешбинӣ нашудааст, ғайр аз ёрии молиявӣ аз буҷети ҷумҳуриявӣ.

Дар баробари ин, бо ҚҶТ «Дар бораи дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷет» аз 28.08.2006, №197 (дар таҳрири ҚҶТ аз 14.11.2016 №1368) ситонидани пардохт аз фоидаи соф муқаррар гардидааст.

Тибқи ин қонун, пардохт аз фоидаи соф аз фоидаи софи корхонаҳои давлатӣ ва ҷамъиятҳои хоҷагидорие, ки 100 фоизи сармояи оинномавиашон (шарикиашон) ба давлат тааллуқ дорад, ситонида мешавад. Пардохт аз фоидаи софи дар соли ҳисоботӣ гирифтаи корхонаҳои

(ҷамъиятҳои) мазкур тибқи баҳисобгирии андозӣ муайян карда шуда, пас аз пардохти андоз аз фоида дар як сол як маротиба пардохт карда мешавад.

Ҷамъиятҳои саҳомие, ки дар онҳо ҳиссаи давлат 100 фоиз ва аз ин камтарро ташкил медиҳад, тибқи ҚҶТ «Дар бораи ҷамъиятҳои саҳомӣ» ухдадоранд, ки соле камаш як маротиба дар бораи пардохти дивидендҳо қарор қабул кунанд. Дар сурати қабул гардидани қарор дар бораи пардохти дивидендҳо маблағи дивидендҳо тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пардохт карда мешавад.

Меъёри пардохт аз фоидаи софи корхонаҳои давлатӣ ва ҷамъиятҳои хоҷагидорие, ки 100 фоизи сармояи оинномавиашон (шарикиашон) ба давлат тааллуқ дорад, аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар карда мешавад. Тибқи Қарори ҲҶТ №499 аз 02.11.2013 (дар таҳрири Қарори ҲҶТ аз 30.04.2016г.№206), меъёри пардохт аз фоидаи соф ба даромади буҷетҳои ҷумҳуриявӣ ва маҳаллӣ 10 фоизро ташкил медиҳад.

Тибқи Ҳисоботи мушовир оид ба муайян намудани ҳадди ниҳоӣ ва коркарди маълумот дар асоси иттилооти Кумитаи андози назди Ҳукумати ҶТ, аз рӯи натиҷаҳои солҳои 2015 – 2016 бисёр ширкатҳо фоида надоштанд ё фоидаи кам доштанд, бинобар ин маблағи пардохт аз фоидаи соф бисёр нест.

## 2.11. ХАРОҶОТҲОИ КВАЗИМОЛИЯВИИ ШИРКАТҲОИ ДАВЛАТӢ

Соли 2016 тадқиқот анҷом дода, ҳисоботи «Хароҷотҳои квазимолиявии корхонаҳои давлатии соҳаи истихроҷи Тоҷикистон» тайёр карда шуд, ки он дар сомонаи Вазорати молияи ҶТ (http://minfin.tj) ва Шӯрои ТШСИ ҶТ (http://eiti.tj) ҷой дода шудааст. Дар ин ҳисобот вазъи хароҷотҳои квазимолиявии соҳаҳои истихроҷи Тоҷикистон мавриди тадқиқ қарор гирифтааст.

Аз ҷумла қайд карда мешавад, ки бо Қарори ҲҶТ аз 19 сентябри соли 2008, № 454 дар назди Вазорати молия Раёсати мониторинги фаъолияти молиявию хоҷагии корхонаҳои калони давлатӣ (РМКД) таъсис дода шудааст. Ин Раёсат ба муайян намудани хатарҳои имконпазири молиявӣ ва таҳияи Ҳисобот дар бораи хатарҳои молиявии бо корхонаҳои давлатӣ алоқаманд шурӯъ кард.

РМКД саравval мониторинги нишондиҳандаҳои молиявии 10 корхонаи калони давлатиро гузаронд, вале баъди аз нав ташкилёбии якчанд корхона доираи мониторинг то 16 корхонаи давлатӣ ва 130 филиали ин корхонаҳо васеъ карда шуд. Соли 2013 боз 8 корхонаи давлатӣ ба рӯихати корхонаҳои ба раванди мониторинг ҷалбшуда илова карда шуд.

То имрӯз РМКД оид ба хатарҳои молиявии алоқаманд бо корхонаҳои давлатӣ дар солҳои молиявии 2011 -2015-ум 5 ҳисобот чоп кардааст.

Муҳтавои ин ҳисоботҳо танҳо бо хатарҳои молиявие маҳдуд мешаванд, ки бо ухдадориҳои шартӣ, фаъолияти квазимолиявӣ  ва қарзи корхонаҳои калони давлатӣ, ки тибқи ҚҶТ «Дар бораи баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ» аз 26 марти соли 2011, №702 дар категорияи «субъектҳои манфиати умум» қарор доранд, алоқаманд мебошанд.

Дар асоси Қарори ҲҶТ «Дар бораи чораҳои иловагии танзими баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ» аз 3 апрели соли 2012, №154 ба категорияи «субъектҳои манфиати умум» ташкилотҳое (ба истиснои ташкилотҳои буҷетӣ ва хоҷагиҳои деҳқонӣ) меафтанд, ки нишондиҳандаҳои молиявӣ ва миқдориашон дар соли гузаштаи ҳисоботӣ ҳеҷ набошад ба яке аз нишондиҳандаҳои зерин мувофиқат мекунанд:

- Ҳаҷми даромади умумӣ, бо назардошти ҳамаи андозҳо, на камтар аз 30 (сӣ) миллион сомонӣ.
- Шумораи коргарон на камтар аз 1000 (ҳазор) нафар.

Чи тавре ки дар Ҳисоботи «Хароҷотҳои квазимолиявии корхонаҳои давлатии соҳаи истихроҷи Тоҷикистон» қайд карда шудааст, дар Тоҷикистон барои ҳалли проблемаҳои инъикоси ҳисоботҳои квазимолиявии (ҲКМ) корхонаҳои давлатии соҳаи истихроҷ дар ҳисоботи ТШСИ шартҳои мусоиди зерин вуҷуд доранд:

- дар назди Вазорати молияи ҶТ вуҷуд доштани РМКД, ки маҳз бо омӯзиш ва мониторинги хатарҳои молиявии корхонаҳои давлатӣ, ҷвмъоварии маълумот дар бораи онҳо, бо арзёбии миқдории чунин хатарҳо машғул мешавад;
- аз тарафи РМКД тартиб додани ҳисоботҳо дар бораи хатарҳои молиявии корхонаҳои давдатӣ. Азбаски КФД яке аз намудҳои хатари молиявӣ мебошад, дар ҳисоботи соли 2015 баъзе маълумоти умумӣ дар бораи  КФД КД Тоҷикистон вуҷуд дорад;
- дар РМКД аллакай механизми таҳияшудаю озмудашудаи ҷамъоварии маълумот, мониторинг ва арзёбии миқдории хатарҳои молиявии КД, инчунин таҷрибаи кофии кор дар ин соҳа вуҷуд доранд. Номгӯи корхонаҳои давлатиеро, ки ба мониторинг ҷалб карда шудаанд, аз ҳисоби корхонаҳои давлатии соҳаи истихроҷ васеъ кардан мумкин аст;
- дар ҳисоботҳо оид ба хатарҳои молиявии бо корхонаҳои давлатӣ алоқаманд, ки РМКД таҳия намудааст, аллакай таърифи КВД мавҷуд аст ва ин маънои онро дорад, ки ин таърифро чи дар Вазорати молия ва чи дар ҳукумати мамлакат қабул кардаанд. МСГ низ метавонад таърифи КФД-ро барои Ҳисоботи ИПДО истифода барад;
- «чемпион», яъне мақоми ваколатдор оид ба пешбурди ТШСИ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Вазорати молия мебошад, ки барои таҳия ва иҷрои буҷети давлатӣ масъул аст, РМКД бошад, маҳз ба ҳамин вазорат тобеъ мебошад.

Яке аз тавсияҳои Ҳисоботи мазкур масъалаи васеъ намудани рӯихати корхонаҳои давлатие мебошад, ки ба мониторинги хатарҳои молиявии дар соҳаи истихроҷ ҷойдошта, инчунин ба раванди ТШСИ ҷалб карда шудаанд. Тибқи маълумоти Вазорати молия (№7.18-26/457 аз 24.07.2017) ҳоло барои амалӣ намудани мониторинг аз соҳаҳои истихроҷ 2 корхона – ҶСК «Нафту Газ» ва ҶСК «Сементи Тоҷик» ҷалб карда шудаанд. Қайд кардан зарур аст, ки лоиҳаи бо пешниҳоди ББА тайёр кардашуда тибқи қарори дахлдори ҲҶТ дар бораи ба ин рӯихат ворид намудани КВД «Ангишт» дар зинаи баррасӣ қарор дорад. Кори васеъ намудани номгӯи ширкатҳои истихроҷ дар мониторинг давом дода мешавад.

Аз 27 корхонаи давлатии дар ҷадвали боло номбаршуда барои тафтиши пардохтҳо ширкатҳои зерин интихоб карда шуданд:

1. Корхонаи давлати ҷумҳуриявии «Тиллои Тоҷик».
2. Шахтаи «Фон-Яғноб», корхонаи фаръии КВД «Ангишти Тоҷик».
3. Шахтаи ангишти «Назар-Айлоқ», корхонаи фаръии КВД «Ангишти Тоҷик».
4. ҶСК «Нафту Газ».
5. ОАО «Сементи Точик»
6. ҶДММ МТК «Апрелевка»

Тибқи маълумоти ширкатҳо, дар солҳои 2015 ва 2016 корхонаҳои давлатии мазкур мувофиқан ба маблағҳои 982 159 сомонӣ ва  1 624 007 сомонӣ хароҷоти квазимолиявӣ карданд.

**Ҷадвали 29**

**Ширкатҳое, ки дар солҳои 2015-2016 хароҷотҳои квазимолиявӣ кардаанд**

| Корхона | с. 2015 | | с. 2016 | |
|---|---|---|---|---|
| | **Маблағ сомонӣ** | **Мақсад ва ҷои хароҷот** | **Маблағ сомонӣ** | **Мақсад ва ҷои хароҷот** |
| Корхонаи давлати ҷумҳуриявии «Тиллои Тоҷик» | - | | | |
| Шахтаи «Фон-Яғноб», корхонаи фаръии КВД «Ангишти Тоҷик» | 12 350 | Ёрии моддӣ ба муассисаҳои иҷтимоӣ | 380 041 | Ёрии моддӣ ба муассисаҳои иҷтимоӣ |
| Шахтаи ангишти «Назар-Айлоқ», корхонаи фаръии КВД «Ангишти Тоҷик» | - | | - | |
| ҶСК «Нафту Газ» | 5 880 | Ёрии моддӣ ба муассисаҳои иҷтимоӣ | - | |
| ҶСК «Сементи Тоҷик» | - | | - | |
| ҶДММ МТК «Апрелевка» | 963 929 | Ёрии моддӣ ба ташкилотҳои буҷетӣ, қисмҳои ҳарбӣ, мактабҳо, оилаҳои камбизоат | 1 243 966 | Ёрии моддӣ ба ташкилотҳои буҷетӣ, қисмҳои ҳарбӣ, мактабҳо, оилаҳои камбизоат |

Тибқи маълумоти Сарраёсати геологияи назди Ҳукумати ҶТ, дар солҳои 2015–2016 корхонаҳои давлатие, ки ба ин мақомот дохил мешаванд, асосан барои мақсадҳои иҷтимоӣ, аз қабили: ёрӣ ба мактаб-интернатҳо, маъюбон, ёрӣ ба аҳолӣ, ба зарардидагон аз офати табиӣ ба маблағи умумии 130 ҳазор сомонӣ хароҷоти квазимолиявӣ карданд.

## 2.12. ХАРОҶОТИ ИҶТИМОИИ ШИРКАТҲОИ ИСТИХРОҶ

Стандарти ТШСИ талаб мекунад, ки маълумот оид ба идоракунии даромаду хароҷот ифшо намуда, ба тарафҳои манфиатдор имконият дода шавад, то арзёбӣ намоянд, ки бахши истихроҷ то кадом андоза ба натиҷаҳои дилхоҳи иҷтимоию иқтисодӣ ноил мегардад.

Дар рафти таҳия намудани Ҳисоботҳои якум ва дуюми миллии ТШСИ муқаррар карда шуд, ки ширкатҳои истифодабарандаи сарватҳои зеризаминӣ ғайр аз андоз ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ аксар вақт ба ҳукумат ё мақомоти маҳаллии ҳокимият ва мақомоти худидоракунии маҳаллӣ, ба ҷамъиятҳо, ТҒҲ ва дигар шахсони сеюм пардохтҳои, ба истилоҳ, иҷтимоӣ мекунанд. Аксарияти ширкатҳои соҳаи истихроҷ маблағгузорӣ ва иҷрои барномаҳои махсусро оид ба рушди минтақае, ки дар он фаъолият мекунанд, ба зиммаи худ мегиранд.

Чунин пардохтҳо ҳар хел номида мешаванд - «хароҷоти иҷтимоӣ», «пардохтҳои иҷтимоӣ» ё «сармоягузориҳои иҷтимоӣ», ва шаклҳои гуногун гирифта метавонанд: хайрия, грантҳо, аз ҷумла пардохтҳо бо пули нақд ва додани дороиҳо барои сохтмони роҳ, мактабҳо, объектҳои варзишӣ ва фарҳангӣ, дастгирии соҳаи таҳсилот ва инфрасохторҳои иҷтимоӣ, хизматрасониҳо дар шакли таълим, хизматрасонии тиббӣ, мақсадҳои эҳсонкорӣ ва ғ. Муайян ва тасдиқ намудани андозаи мушаххаси онҳо баъзан аз имкон берун аст. Хароҷотҳои мазкур метавонанд ба уҳдадориҳои ҳуқуқӣ ё шартномаӣ асос ёбанд, вале аксари вақтҳо пардохтҳои ихтёрии ширкатҳо мебошанд, ки чи бо ташаббуси худ ва чи ҷавобан ба муроҷиати мақомоти ҳокимият ё шахсони сеюми номбурда амалӣ менамоянд.

Чи тавре ки таҳлили дар рафти таҳияи Ҳисобот гузарондашуда нишон дод, мафҳумҳои «уҳдадориҳои иҷтимоӣ» ва «хароҷотҳои иҷтимоӣ» дар шакли тасвиятёфта дар қонунҳои ҶТ вуҷуд надоранд. Инчунин ягон хел меъёрҳое, ки ширкатҳои истихроҷро ба амалӣ намудани хароҷотҳои иҷтимоӣ ва пешниҳод намудани ҳисобот доир ба ин хароҷотҳо уҳдадор мекарда бошанд, пешбинӣ нашудаанд.

Бо вуҷуди ин Қарори ҲҶТ аз 02.03.2013 №89 «Тартиби гузарондани озмунҳо барои ҳуқуқи истифодаи сарватҳои зеризаминӣ»-ро қайд кардан мумкин аст, ки мувофиқи он иштирокчиёни озмун маҷмуи ҳуҷҷатҳо, аз ҷумла шакли (формаи) пешниҳоди молиявии иштирокчии озмунро пешниҳод мекунанд, ки дар он андозаи пешниҳодгардидаи бонуси обунавӣ ва уҳдадориҳои он оид ба харҷ намудани маблағҳо барои рушди иҷтимоию иқтисодии минтақа, рушди инфрасохторҳои он ва тайёр кардани кадрҳои миллӣ инъикос ёфтаанд. Ғолиби озмунро комиссияи ҳукуматӣ дар асоси маҳакҳои зерин муайян мекунад:

- мувофиқати иштирокчии озмун ба ҳамаи талаботҳои ҳуқуқӣ, молиявӣ ва техникӣ барои иштирок дар озмун;
- андозаи пешниҳодшудаи бонуси обунавӣ, ки иштирокчии озмун ба даромади давлат пардохт мекунад;
- андозаи хароҷот барои рушди иҷтимоию иқтисодии минтақа, рушди инфрасохторҳои он ва тайёр кардани кадрҳои миллӣ.

Аммо дар ин ҳуҷҷат муайян карда нашудааст, ки чи тавр ва дар кадом андоза ин уҳдадориҳо ифода меёбанд, дар бораи иҷрои онҳо оё ҳисобот пешниҳод карда шудааст, ба онҳо чи тавр назорат карда мешавад. Ҳоло дар мамлакат механизми баҳисобгирии хароҷоти иловагии ширкатҳо барои рушди иҷтимию иқтисодии минтақаҳо вуҷуд надорад, дар қонунгузории Тоҷикистон бошад, меъёрҳое, ки ширкатҳои истихроҷро барои ҳисобот додан аз рӯи Стандарти ТШСИ дар бораи хароҷоти иҷтимоии худ уҳдадор намоянд, мавҷуд нестанд. Илова бар ин, барои иштироки ширкатҳо дар ҷараёни ТШСИ монеаҳои меъёрию ҳуқуқӣ вуҷуд надоранд. Аз рӯи ҷамъбасти Ҳисоботи якуми миллии ТШСИ барои соли 2014 Маъмури мустақил дар яке аз тавсияҳои худ қайд намуд: «Мақомоти давлатиеро, ки барои пешниҳод намудани маълумот оид ба ҳар як сатри пардохт дар фаслҳои «Хароҷоти иловагии ширкатҳо» ва «Дигар пардохтҳои муҳим» масъуланд, муайян карда, ба онҳо дар сатҳи қонунгузорӣ барои ҷамъоварӣ ва коркарди ин маълумот, ки аз ширкатҳо ворид мешаванд, ваколат додан зарур аст».

Бо назардошти тавсияи дар боло овардашудаи Ҳисоботи якуми миллии ТШСИ ба лоиҳаи қонун «Дар бораи сарватҳои зеризаминӣ ва истифодаи сарватҳои зеризаминӣ» моддаи нави зерин дохил карда шуд: **«Аз ҷониби мақомоти ваколатдори давлатӣ пешниҳод намудани маълумот дар чаҳорчӯбаи ТШСИ», ки мувофиқи он «мақомоти ваколатдори давлатӣ ҳар сол дар чаҳорчӯбаи ТШСИ аз рӯи тартиб ва шаклҳои ҳисобот, ки Ҳукумати ҶТ тасдиқ намудааст, пешниҳод мекунанд: .... –мақомоти ваколатдори давлатӣ дар соҳаи таҳсилот, меҳнат ва шуғли аҳолӣ, тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоӣ, фарҳанг, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти**

**давлатӣ – дар бораи хароҷот барои дастгирии таҳсилот ва инфрасохторҳои иҷтимоӣ, ки мувофиқи қонун ё шартнома бо Ҳукумат талаб карда мешаванд».**

Инчунин дар моддаи ҳамин лоиҳаи қонун, ки ба ҳуқуқу уҳдадориҳои асосии истифодабарандаи сарватҳои зеризаминӣ дахл дорад, уҳдадории зерини ширкатҳо ба таври илова зикр гардидааст: **«- пешниҳод намудани маълумот дар бораи иҷрои уҳдадориҳои шартномавӣ оид ба рушди маҳал, инчунин хароҷот барои омӯзондани мутахассисони маҳаллӣ ва хароҷот барои рушди иҷтимоию иқтисодии минтақа ва рушди инфрасохторҳои он, ки маълумоти махфӣ ба ҳисоб намераванд»**.

Қабули чунин қонунгузории ваколатдоркунанда бешубҳа ба беҳтар иҷро намудани талабот нисбати ифшои маълумот мусоидат мекард. Дар қонун нишон додани иҷрокунандагони мушаххас – мақомоти давлатие, ки дар бораи бахши истихроҷ маълумот ҷамъ ва пешниҳод менамояд, инчунин тавсифи вазифаю ваколатҳои онҳо тавсияи хуб аст, зеро ин раванди мураккаби ҳисоботдиҳиро содатар мекунад.

Дар банди Ь талаботи 6.1 зикр гардидааст: «ГБТМ ба таҳияи раванди ҳисоботдиҳӣ бо мақсади ба даст овардани шаффофияте, ки бо шаффофияти дигар пардохту даромадҳо муқоисашаванда мебошад, ҳавасманд менамояд. Агар тафтиши транзаксияҳои асосӣ имконнопазир бошад (масалан, вақте ки пардохтҳои ширкатҳо «шакли молӣ» дошта бошанд ё ё аз ҷониби тарафи сеюм  амалӣ карда шаванд), ГБТМ метавонад ифшои яктарафаи маълумотҳоро аз ҷониби ширкатҳо ва/ё ҳукумат баррасӣ намояд». Дар асоси гуфтаҳои боло Шӯрои ТШСИ ҶТ дар ҷаласаи худ (суратмаҷлиси №4 аз 10 августи соли 2017) дар он хусус қарор қабул кард, ки маълумот дар бораи хароҷоти иҷтимоӣ барои Ҳисоботи дуюми ТШСИ бевосита аз ширкатҳои истихроҷе, ки аз аудит гузаштаанд, бо ин ҳисобот фаро гирифта шудаанд ва дар муқоисаи пардохтҳо иштирок мекунанд, ҷамъ оварда шавад. Шакли (формаи) махсуси ҳисоботдиҳӣ таҳия намуда, ба ширкатҳое, ки дар муқоиса иштирок мекунанд, барои пур кардан дода шуданд.

13 ширкате, ки аз ҳадди аҳамиятнокӣ ва аудит гузаштаанд, дар бораи хароҷотҳои иҷтимоӣ маълумот пешниҳод карданд. Дар ҷадвали 30 хароҷотҳои иҷтимоиии ширкатҳое, ки аз ҳадди аҳамиятнокӣ ва аудит гузаштаанд, нишон дода шудаанд.

**Ҷадвали 30. Хароҷотҳои иҷтимоии ширкатҳо дар солҳои 2015 – 2016 ки ба муқоиса дохил карда шудаанд**

| № | Ширкат | Дар соли 2015 | | | Дар соли 2016 | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | ✲ | **Ҳамагӣ (сомонӣ)** | ***Дастгирии таҳсилот (сомонӣ)*** | ***Дастгирии инфрасохторҳои иҷтимоӣ, сомонӣ*** | **Ҳамагӣ (сомонӣ)** | ***Дастгирии таҳсилот (сомонӣ)*** | ***Дастгирии инфрасохторҳои иҷтимоӣ, сомонӣ*** |
| 1 | ҶДММ «Ширкати саноати кӯҳии Тоҷикистону Хитой» | 680 063 | - | 680 063 | 1 299 386 | - | 1 299 386 |
| 2 | ҶДММ КМ «Зарафшон» | 3 395 030 | - | 3 395 030 | 3 249 855 | - | 3 249 855 |
| 3 | ҶДММ МТК «Апрелевка» | 54 038 | 54 038 | - | 77 051 | 77 051 | - |
| 4 | Шахтаи «Фон-Яғноб», корхонаи фаръии КВД «Ангишти Тоҷик». | 13 527 | 13 527 | - | 11 625 | 11 625 | - |
| 5 | ҶДМММ «Петролуем Суғд» | 21 468 | 7 900 | 13 568 | 23 150 | - | 23 150 |
| 6 | ҶДММ «Бохтар Оперейтинг Компани Б.В.» | 2 112 | 2 112 | - | - | - | - |
| 7 | ҶСК «Комбинати Масолеҳи Бинокории Исфара» | 38 000 | 12 369 | 25 631 | 39 450 | 10 812 | 28 638 |
| 8 | ҶДММ «Корхонаи сементи ба номи Б. Самадов» ш. Исфара | 31 588 | - | 31 588 | 51 147 | - | 51 147 |
| 9 | ҶСК «Нафту Газ» | 6 000 | 6 000 | - | 7 012 | 7 012 | - |
| 10 | Ширкати «Артели заршӯии Одина» | 1 950 456 | 1 113 115 | 837 341 | 2 087 177 | 1 343 247 | 743 930 |
| 11 | ҶДММ «Баракати Истиқлол» | 15 000 | - | 15 000 | 20 000 | - | 20 000 |
| 12 | ҶДММ «Покруд» | 60 000 | - | 60 000 | 150 000 | - | 150 000 |
| 13 | ҶДММ КМ ТА «Анзоб» | 112 459 | 24 944 | 87 515 | 659 967 | 104 473 | 555 494 |
| | **Ҷамъ** | **6 379 741** | **1 234 005** | **5 145 736** | **7 675 820** | **1 554 220** | **6 121 600** |

Чи тавре аз ҷадвал бармеояд, ҳамаи хароҷотҳои иҷтимоӣ ба 2 гурӯҳ тақсим карда шудаанд: дастгирии таҳсилот ва дастгирии инфрасохтори иҷтимоӣ (рушди инфрасохтор). Хароҷотҳои иҷтимоии мазкур барои рушди маҳалҳо равона гардидаанд.

Сарфи назар аз он ки ҳиссаи хароҷоти иҷтимоӣ дар хароҷоти умумии ширкатҳо чандон зиёд нест, вале он дар масъалаи дастгирии рушди маҳал нақши муҳим мебозад. Масалан,

- Аз соли 2014 то имрӯз дар ноҳияи Фархори вилояти Хатлон ширкати «ЭПА. Ат Бетайлигунгсгезельшафт М.б.х.» ба маблағи 6,5 млн доллари ИМА мактаб месозад. Ҳоло 70% сохтмон ба анҷом расидааст[70].
- ҶДММ «ЭдгоЭнерджи. СА.» дар бораи тайёр кардани кадрҳои соҳаи нафту газ уҳдадорӣ қабул кардааст ва дар робита бо ин ҳар сол барои ин мақсад 25 ҳазор доллари ИМА сарф карда мешавад (ҳоло як донишҷӯ аз ҳисоби ҶДММ «ЭдгоЭнерджи. СА.» дар хориҷа таҳсил мекунад)[71].
- Тибқи аҳду паймоне, ки дар байни Ҳукумати ҶТ ва ширкати хитоии Tabian Apparatus Stoc Co (TBEA) ба даст омадааст, ширкат дар минтақаҳои гуногуни ҷумҳурӣ панҷ мактаби таҳсилоти миёнаи умумӣ месозад[72]. Мувофиқи маълумоти Вазорати маориф ва илми ҶТ, тибқи ҳуҷҷатҳо ҳамаи 5 мактаб бояд то охири соли 2017 сохта шаванд. Объектҳои мазкур дар шаҳрҳои Душанбе ва Ваҳдат, инчунин дар ноҳияҳои Данғара, Файзобод ва Рӯдакӣ ҷойгир шудаанд. Онҳо барои 4 ҳазору 320 хонанда пешбинӣ шудаанд ва комилан пурра сохта хоҳанд шуд. Барои ширкати энергетикии TBEA-и Хитой, ки зиёда аз 6 сол аст дар Тоҷикистон кор мекунад, ин лоиҳаҳои иҷтимоӣ яке аз ҷузъҳои таркибии аҳду паймонест, ки бо ҳукумати ҶТ ба даст омадааст. Маблағгузории сохтмони объектҳои мазкур ройгон аст. Маблағи умумии барои сохтмони мактабҳо ҷудошуда 80 млн сомониро ташкил дод. 30 августи соли 2016 аз панҷ мактаби ба нақша гирифташуда аввалини мактаби миёна бо иштироки Президенти мамлакат, Сафири ҶХХ дар ҶТ, намояндагони ширкати TBEA дар Душанбе ба истифода дода шуд.
- Дар чаҳорчӯбаи лоиҳаи азнавсозии зеристгоҳи «Регар-500»-и ширкати Tabian Apparatus Stoc Co (TBEA) системаи автоматиконидашудаи идоракунии объект ба кор андохта шуд. Пудратчии объект TBEA барои идора кардани зеристгоҳи нав мутахассисҳо тайёр кард (солҳои 2015 – 2016). Ҳоло зеристгоҳро мутахассисони маҳаллӣ идора мекунанд..
- Дар натиҷаи иҷрои самарабахши ислоҳоти иқтисодӣ ва фароҳам овардани муҳити мусоиди сармоягузорӣ корхонаи муштараки «Зарафшон» солҳои охир фоидаи хуб ба даст меорад. Ин корхона аз соли 2015 то имрӯз ба бахшҳои иҷтимоии шаҳри Панҷакент ба маблағи зиёда аз 3 млн сомонӣ кӯмак расонд.[73]

Дар ҶТ дар давраи ҳисоботӣ хароҷот тавассути тарафҳои сеюм вуҷуд надошт, ҳамаи хароҷотҳо бевосита ба бенефитсиарҳо равона карда шуданд.

Моҳи августи соли 2017 аъзоёни Шӯрои ТШСИ аз зумраи намояндагони Иттифоқи ҶШ барои лоиҳа ба ИҶК БМ ҶТ дархост пешниҳод намуданд, ки дар чаҳорчӯбаи он тавзеҳи амалияи мавҷудаи хароҷотҳои иҷтимоии ширкатҳои истихроҷ (хароҷотҳои квазимолиявӣ

---

[70] Тибқи маълумоти Вазорати энергетика ва захираҳои оби ҶТ

[71] Тибқи маълумоти Вазорати энергетика ва захираҳои оби ҶТ

[72] http://avesta.tj/2016/09/05/kitajskaya-tvea-dostraivaet-dve-shkoly-v-tadzhikistane

[73] Суханронӣ дар расми ифтитоҳи корхонаи маъдантозакунии Корхонаи муштараки «Зарафшон» 03.08.2011, 19:00, ш. Панҷакент //http://president.tj/ru/node/1235

барои корхонаҳои давлатӣ) ва ба ҳисоб гирифтани онҳо дар буҷетҳои маҳаллии Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронда шуд.

Дар чаҳорчӯбаи тадқиқоти мазкур омӯхта шуд, ки дар Тоҷикистон оид ба хароҷотҳои иҷтимоӣ ва квазимолиявии ширкатҳо, воридшавии ин пардохтҳо ба буҷетҳои маҳаллӣ чи гуна маълумот вуҷуд дорад ва пешниҳод карда мешавад. Инчунин камбудиҳо ошкор намуда, барои ба даст овардани шаффофияти бештар ва ифшои ин маълумот тавассути ҳисоботҳои ТШСИ чораҳои зарурӣ андешида шуданд.

Аз рӯи натиҷаҳои ин тадқиқот Хулосаи таҳлилии «Тавзеҳи амалияи мавҷуда оид ба хароҷотҳои иҷтимоии (квазимолиявии) ширкатҳо дар соҳаи истихроҷ ва ба ҳисоб гирифтани онҳо дар буҷетҳои маҳаллии минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин таҷрибаи додани иҷозатномаҳо» таҳия карда шуд.

Дар Хулосаи таҳлилӣ қайд гардидааст, ки бо мақсади омӯзиши таҷрибаи воқеии баҳисобгирӣ ва ҳисоботнокии хароҷотҳои иҷтимоӣ ва квазимолиявии ширкатҳои истихроҷ пурсиш, инчунин бо намояндагони вазорату идораҳои манфиатдор, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ (минбаъд – МИМҲД) ва ширкатҳои соҳаи истихроҷ машварат гузаронда шуд. Чи тавре ки пурсиш нишон дод, дар шартномаҳои ширкатҳо уҳдадории ба амал овардани хароҷотҳои иҷтимоӣ дар шакли умумӣ баён гардидааст, яъне бе нишон додани лоиҳаҳо, объектҳо, маблағҳо ва ғ. Он минбаъд аз тарафи ягон кас махсус назорат карда намешавад. Дар шаклҳои мавҷудаи ҳисоботи оморӣ ягон шакли (формаи) алоҳида ё банди алоҳида пешбинӣ нашудааст.

Баъзе ширкатҳо бо МИМҲД ба муҳлати як сол шартнома мебанданд. Дар он объектҳои мушаххаси инфрасохтори иҷтимоӣ (асосан мактабҳо, роҳҳо), ки дар сохтмон ё таъмири онҳо ширкат иштирок менамояд, ё маблағи мушаххаси хароҷот зикр карда мешаванд. Масалан, чунин шартнома дар байни Ширкати саноати кӯҳии Тоҷикистону Хитой бо МИМҲД ш Гулистон (вилояти Суғд) баста шудааст.

Ҳамин тариқ, гуфтан мумкин аст, ки хароҷотҳои иҷтимоию квазимолиявии ширкатҳое, ки дар соҳаҳои истихроҷи Тоҷикистон кор мекунанд, асосан хусусияти ихтиёрӣ доранд. Аксар вақт ширкатҳо хароҷотҳои иҷтимоиро баъди мурочиати раисони вилоятҳо, ноҳияҳо, шаҳрҳо мекунанд. Ин мурочиатҳо ба дастуру паёмҳои Президенти ҶТ ё суханрониҳои Сардори давлат дар бораи ҷалб намудани сохторҳои бизнес ба ҳалли масъалаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии маҳалҳо ва фаъолияти эҳсонкорӣ асос меёбанд.

Баъзан дар мурочиатҳо ба муқаррароти Қонунҳои ҶТ дар бораи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии шаҳраку деҳот оид ба ташкили фондҳои рушди маҳал, ҷалб намудани маблағҳо барои иҷрои барномаҳои рушди иҷтимоию иқтисодӣ, барномаҳои мусоидат ба шуғли аҳолӣ, ҳалли масъалаҳои дорои аҳамияти маҳаллӣ ва ғ. истинод карда мешвад. Чунин мурочиатҳо мазмунан шакли хоҳишро доранд. Дар онҳо мумкин аст номи объектҳои мушаххас ё андозаи маблағи дархостшаванда зикр карда шавад ё онҳо метавонанд хусусияти умумӣ дошта бошанд. Азбаски ин хароҷотҳо дар шартномаҳо навишта нашудаанд, ба ширкатҳо лозим меояд, ки ин масъаларо бо саридораҳои худ, ки берун аз ҳудуди ҷумҳурӣ воқеъ гардидаанд, мувофиқа намоянд.

Баҳисобгирии хароҷотҳо гоҳ-гоҳ, бештар ҳангоми тайёр кардани ҳисоботҳои сардорони ҳукуматҳои маҳаллӣ бо дархости раёсатҳо ва шуъбаҳои омор ё саноати МИМҲД амалӣ карда мешавад. Дар ҳисоботҳо маълумот оид ба хароҷотҳои иҷтимоӣ дар шакли умумӣ, дар миқёси ширкат, бе тақсим кардан ба соҳаҳо ва корхонаҳои алоҳида инъикос карда мешавад. Бо вуҷуди ин, манбаи маълумоти бо ин роҳ ҷамъоваришуда дар мавриди дархост намудани мақоми ваколатдор, яъне Вазорати молия, имкон медиҳад, ки барои ҳисоботи ТШСИ маълумоти муҳим ва зарурӣ гирифта шавад. Қариб ҳамаи пурсидашудагон, чи хизматчиёни давлатӣ ва чи кормандони ширкатҳо изҳор намуданд, ки тайёранд дар сурати ворид

гардидани чунин дархост маълумот пешниҳод кунанд. Масалан, дар рафти суҳбат дар шаҳрҳои Панҷакент, Гулистон, Истиқлол, Кӯлоб, Бохтар маълум гардид, ки дар баъзе мавридҳо таъмири муассисаҳои тиббӣ ё таълимиро ширкат ба ҷо овардааст ва баъди ин Санади қабулу супурдани корҳо имзо гардидааст, ки ин метавонад барои муқоисаи минбаъда асос шавад.

Умуман, пурсидашудагон фикрро дар бораи ифшои маълумот оид ба хароҷотҳои иҷтимоӣ ва квазимолиявӣ, пешниҳодҳоро дар бораи дар қонунгузорӣ нишон додани ухдадориҳои ширкатҳои истихроҷ доир ба амалӣ намудани чунин хароҷотҳо, ҳатто нишон додани андозаи онҳо ба ҳисоби фоиз аз фоида, ташкили баҳисобгирӣ ва пешниҳоди ҳисобот дар бораи хароҷотҳои иҷтимоӣ ва квазимолиявӣ дастгирӣ намуданд. Бо назардошти қонунгузории амалкунанда ҳоло пешниҳод гардидааст, ки ҷамъоварӣ ва пешниҳоди маълумот дар асоси дархости мақоми ваколатдори давлатӣ, хубаш бо супориши Ҳукумат амалӣ карда шавад. Ба ақидаи ҳуқуқшиносон, танзими ҳисоботдиҳӣ бо қарори Ҳукумат ва бо талаб кардани пешниҳоди маълумот сарфи назар аз шакли моликият ва соҳаи фаъолияти истифодабарандаи сарватҳои зеризаминӣ имконпазир мебошад.

Дар рафти машваратҳо оид ба хароҷотҳои иҷтимоие, ки ширкатҳои истихроҷ кардаанд, маълумоти иловагӣ гирифта шуд. Масалан,

- КМ «Апрелевка» соли 2016 ба бахши иҷтимоии шаҳраки Консой дар ҳаҷми зиёда аз 1 млн. 815 ҳазор сомонӣ кӯмак расонд. Соли гузашта КМ «Апрелевка» барои дастгирии аҳолии маҳаллӣ ва рушди минтақа бо мақсадҳои зерин маблағ ҷудо намуд: − таъмир ва истифодаи маҷмааи истиқоматӣ – 111 000 сомонӣ; − кабудизоргардонӣ ва ободонии боғҳо ва қитъаҳои замин – 500 000 сомонӣ; − кӯмак ба собиқадорон ва маъюбони Ҷанги Бузурги Ватанӣ – 19000 сомонӣ; − расондани кӯмак ба зарардидагони офатҳои табиӣ ва бартараф намудани оқибатҳои офатҳои табиӣ – 387 000 сомонӣ; − тайёр кардан ва такмил додани ихтисоси кормандон – 67 500 сомонӣ. Инчунин барои дастгирӣ ва рушди объектҳои иҷтимоии худи корхона: − боғчаи кӯдакон – 96 000 сомонӣ; − мактаб-интернат, беморхона –120 000 сомонӣ; − ташкили истироҳати тобистонаи кӯдакон дар лагерҳо – 75 000 сомонӣ; − мақсадҳои табобатию профилактикӣ – 90 800 сомонӣ маблағ ҷудо карда шуд.
- Корхонаи «Суғднафтугаз» соли 2016 бо ин мақсадҳо маблағ ҷудо намуд: а) барои дастгирии аҳолии маҳаллӣ ва рушди минтақа: таъмири ҷории мактаб – 600 сомонӣ; -кабудизоргардонӣ ва ободонии боғҳо ва қитъаҳои замин – 6500 сомонӣ; -расондани кӯмак ба собиқадорони Ҷанги Бузурги Ватанӣ ва маъюбони камбизоат – 1600 сомонӣ; -расондани кӯмак ба зарардидагони офатҳои табиӣ ва бартараф намудани оқибатҳои офатҳои табиӣ – 4500 сомонӣ. б) барои дастгирӣ ва рушди объектҳо ва инфрасохторҳои зерини иҷтимоӣ маблағ ҷудо карда шуд: - боғчаи кӯдакон - 600 сомонӣ; - мактаб-интернат – 800 сомонӣ; - таъмир ва истифодаи маҷмааи истиқоматӣ – 500 сомонӣ; -таъмири беморхона – 1800 сомонӣ. – таъмири роҳи автомобилгард – 2000 сомонӣ.
- Корхонаи фаръии «Кони Ангишт», ки дар ҳудуди ноҳияи Ш. Шоҳини вилояти Хатлон бо истихроҷи ангишт машғул аст, ҳоло яке аз корхонаҳои пешрафтаи минтақа мебошад, ки дар ҳалли мушкилоти маҳал ёрии муҳим мерасонад. Корхонаи фаръии «Кони Ангишт» соли 2016 барои дастгирии аҳолии маҳаллӣ ва рушди минтақа дар ҳаҷми зиёда аз 27000 сомонӣ маблағ ҷудо намуд. Хароҷотҳои мазкур ба таъмири роҳҳои автомобилгард, кабудизоргардонӣ ва ободонии боғу қитъаҳои замин, ёрӣ расондан ба собиқадорон ва маъюбони Ҷанги Бузурги Ватанӣ, ба зарардидагони офатҳои табиӣ ва бартарафсозии оқибатҳои ин офатҳо, ба тайёр кардан ва такмил додани кормандони баландихтисос, инчунин ба нигоҳдории объектҳои соҳаи иҷтимоӣ равона карда шуданд.

Бо маводи тадқиқоти мазкур дар сомонаҳои зерин шинос шудан мумкин аст: www.tfd.tj, www.minfin.tj , www.eiti.tj

## 2.13. ТАҚСИМИ ДАРОМАД АЗ СОҲАИ ИСТИХРОҶ

Ҷумҳурии Тоҷикистон дар раванди буҷетӣ аз талаботҳои «Омори давлатии молиявӣ барои соли 2001»-и Хазинаи байналмилалии асъор истифода мебарад. Ин талаботҳо дар «Таснифи даромаду хароҷоти Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Дастуруламали татбиқи он»[74], ки бо Фармони вазири молияи ҶТ аз 13 июни соли 2012, №40 тасдиқ гардидааст, истифода мешаванд.

Тибқи талаботи ҚҶТ «Дар бораи молияи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 28.06.2011 №723[75] муайян карда шудааст, ки андозҳои маҳаллӣ пурра ба буҷетҳои маҳаллӣ гузаронида мешаванд. Тақсимоти андозҳои умумидавлатӣ дар байни буҷети ҷумҳуриявӣ ва буҷетҳои маҳаллӣ салоҳияти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, ҳамасола бо Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли молиявии навбатӣ тасдиқ карда мешавад.

Тибқи моддаи 4 ҚҶТ «Дар бораи дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷет» аз 28 июли соли 2006, №197, намудҳои пардохтҳои ҳатмӣ ва ҷудошавии онҳо ба пардохтҳои умумиҷумҳуриявӣ ва маҳаллӣ муайян карда шудаанд.

Мутобиқи моддаи 237 Кодекси андози ҶТ, тартиби муқаррар намудан ва пардохти роялти барои истихроҷ дар шакли молӣ (натуралӣ) муайян карда шудааст. Мувофиқи тартиби мазкур, истифодабарандаи сарватҳои зеризаминӣ ба ҳисоби пардохти роялти барои истихроҷ маблағи баробар бо роялти барои истихроҷро ба қабулкунанда медиҳад, қабулкунанда бошад, маблағи баробар бо роялти барои истихроҷро дар шакли пулӣ ба буҷет мегузаронад. Дар ҳар сурат андозҳо ба буҷет дар ифодаи пулӣ супурда мешаванд ва ҳамаи андозҳо, боҷҳои гумрукӣ ва дигар пардохтҳо ва хироҷҳои ҳатмии давлатӣ танҳо бо асъори миллӣ – сомонӣ амалӣ намуда, дар ҳаҷми пурра ба буҷети давлатӣ ворид мегарданд.

Ҳамин тариқ, ҳамаи намудҳои пардохтҳои мазкур ба давлат ба қисми даромади буҷети давлатӣ ҳамроҳ карда мешаванд.

Солҳои 2015–2016 дар Тоҷикистон ҳаҷми пардохтҳои андоз ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷет аз соҳаҳои истихроҷ афзоиш ёфт. Масалан, дар соли 2015 воридот ба даромади буҷети давлатӣ аз ин бахши иқтисод 815, 1 млн сомониро ташкил дод, ки ин 6,4%-и ҳаҷми умумии даромади Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистонро аз ҳисоби воридоти андоз, ғайриандоз ва грантҳо ташкил медиҳад.

Дар соли 2016 бошад, даромади буҷети давлатӣ аз бахши истихроҷ 1054 млн сомониро ташкил дод, ки ин 7,5%-и даромади Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистонро аз ҳисоби воридоти андоз, ғайриандоз ва грантҳо ташкил медиҳад [76].

Андозғундорӣ аз истифодабарандагони сарватҳои зеризаминӣ (бонуси обунавӣ барои омӯзиши геологии сарватҳои зеризаминӣ, бонуси обунавӣ барои истихроҷ, бонуси кашфи тиҷоратӣ, роялти барои истихроҷ) ба истисноӣ роялти барои об дар соли 2015-ум 185,9 млн сомониро ташкил дод, ки ин назар ба соли 2014-ум 21% зиёд мебошад; дар соли 2016 андозғундорӣ 365,9 млн сомониро ташкил дод, ки ин назар ба соли 2015-ум 97% зиёд аст.

Сабаби афзоиши андозғудорӣ барои захираҳои табиӣ дар он аст, ки ҳаҷми истихроҷи захираҳои табиӣ зиёд шуда, чораҳои назорат ба андозсупорӣ ва идораи андоз пурзӯр гардиданд.

---

[74] http://minfin.tj/downloads/files/Klass-ya%20rusi.pdf.

[75] http://www.mmk.tj/ru/legislation/legislation-base/2011

[76] http://minfin.tj/downloads/zakon01032016.pdf

**Расми 13. Ҷараёни ҷамъовари андоз аз истифодабарандагони сарватҳои зеризаминӣ (млн сомонӣ)**




Намудҳои асосии пардохтҳое, ки ширкатҳои истихроҷ месупоранд, масалан пардохтҳои андоз ва пардохтҳои ғайриандози ҳатмӣ, аз қабили андоз аз фоида, андози иҷтимоӣ, андози замин, ААИ, аксизҳо, пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷет ва ғ. (умуман, вобаста ба амалиёти андозбандии объекти андозбандишаванда ширкатҳои истихроҷ метавонанд то 38 намуд пардохтро амалӣ намоянд) дар моддаҳои 5, 13 ва 19 Буҷети давлатии ҶТ барои солҳои 2015–2016 инъикос ёфтаанд.[77]

Тибқи фасли XII Кодекси андози ҶТ, андозҳо барои захираҳои табиӣ ба буҷетҳои маҳаллии ҷои воқеъшавии кон супурда мешаванд. Дар моддаи 13 қонунҳо дар бораи Буҷети давлатии ҶТ барои солҳои 2015 ва 2016 таносуби воридоти андозӣ ва ғайриандозӣ ба буҷетҳои ҷумҳурӣ ва маҳаллӣ бе истифодаи формулаи махсус муқаррар карда шудаанд.

Тибқи моддаи 5 КҶТ «Дар бораи дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷет», пардохтҳои умумиҷумҳуриявӣ ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ бевосита ба даромади буҷети ҷумҳуриявӣ, пардохтҳои маҳаллӣ ё дигар пардохтҳои ҳатмӣ бошанд, бевосита ба қисми даромади буҷетҳои дахлдор (ноҳиявӣ ё шаҳрӣ) супурда мешаванд. Ҳиссаҷудокунӣ аз дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷет мутобиқи қонунҳо дар бораи буҷети давлатӣ муайян карда мешаванд.

Чунин андозҳо, ба монанди андоз барои нақлиёт, замин, объектҳои ғайриманқул, роялти барои истихроҷ, бонуси обунавии истифодабарандаи сарватҳои зеризаминӣ бевосита ба буҷетҳои маҳаллӣ супурда мешаванд. Соли 2015 пулгузорониҳои мазкур аз СИ 199 млн сомонӣ, соли 2016 бошад 375,9 млн сомониро ташкил дод.

Воридоти дигари андозӣ ва ғайриандозӣ ба буҷетҳои ҷумҳуриявӣ ва маҳаллӣ дар солҳои 2015–2016 тибқи моддаи 13 буҷети давлатӣ тақсим карда шуданд.

Инчунин аз буҷети ҷумҳуриявӣ ба буҷетҳои маҳаллӣ трансфертҳо пешниҳод карда мешаванд, бе ҷудо кардани онҳо вобаста ба намуди андоз ё пардохте, ки аз СИ ё дигар бахшҳои иқтисод гирифта мешаванд. Ҳаҷми трансфертҳои умумӣ (субвенсияҳо) ҳар сол бо қонун дар бораи буҷети давлатӣ тасдиқ карда мешавад. Дар моддаи 10 қонунҳои ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи буҷети давлатӣ барои солҳои 2015 ва 2016 маблағҳои мақсадноке (субвенсияҳое), ки аз буҷети ҷумҳуриявӣ ба буҷетҳои маҳаллӣ ҷудо карда мешаванд, муайян карда шудаанд.

Соли 2015 аз буҷети ҷумҳуриявӣ барои рушди бахши истихроҷ 91,5 млн сомонӣ, соли 2016 бошад, 91,3 млн сомонӣ ҷудо карда шуд.

[77] www.mmk.tj/ru/legislation/legislation-base/budget

## 2.14. ИДОРАКУНИИ ДАРОМАДУ ХАРОҶОТ

### *- Равандҳои буҷетӣ ва аудиторӣ*

### *(а) Раванди буҷетӣ дар ҶТ*

Равандҳои буҷетӣ дар Тоҷикистон бо санадҳои қонунгузории зерин танзим карда мешаванд:

**Ҷадвали 31**

**Санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ки раванди буҷетиро танзим менамоянд**

| | |
|---|---|
| **Қонунҳо ва кодексҳои ҶТ** | – Дар бораи молияи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон<br>– Дар бораи буҷети давлатӣ<br>– Дар бораи назорати давлатии молиявӣ<br>– Дар бораи хазинадорӣ<br>– Дар бораи палатаи ҳисоб<br>– Дар бораи қарзҳои давлатӣ ва кафолатноки давлатӣ<br>– Дар бораи дурнамо, консепсияҳо, стратегияҳо ва барномаҳои давлатии рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон<br>– Дар бораи хариди давлатии молҳо ва кору хизматҳо<br>– Дар бораи ҳуқуқ ба дастрасии иттилоот<br>– Дар бораи мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот<br>– Дар бораи омори давлатӣ<br>– Кодекси андоз<br>– Кодекси гумрук |
| **Санадҳои зерқонунӣ** | – Фармонҳои Президенти ҶТ<br>– Қарорҳои Ҳукумати ҶТ<br>– Амрҳои Ҳукумати ҶТ<br>– Фармонҳои вазири молияи ҶТ<br>– Стратегияи идоракунии молияи давлатии ҶТ барои солҳои 2009-2018 |
| **Санадҳои меъёрии ҳуқуқие, ки тарзу усулҳои ҳисоббаробаркунӣ, сатҳҳои хароҷот, русумоти пешниҳоди ҳуҷҷатҳо ва ғайраро танзим менамоянд** | – Дастуруламали Вазорати молияи ҶТ дар бораи ташаккул додани самтҳои асосии сиёсати молиявӣ ва буҷети давлатии ҶТ барои солҳои муайян (Дастуруламали марҳалаи якум)<br>– Дастуруламали Вазорати молияи ҶТ дар бораи ташаккул додани буҷети давлатии ҶТ барои соли 2015 ва дурнамои нишондиҳандаҳои буҷети давлатӣ барои солҳои муайян (Дастуруламали марҳалаи дуюм) |

Буҷети давлатии ҶТ аз ду сатҳ иборат аст:

***Низоми буҷети давлатии ҶТ***

*Сатҳи якум* — **Буҷети ҷумҳуриявӣ** | **Буҷети фондҳои мақсадноки давлатӣ**

*Сатҳи дуюм* — **Буҷетҳои маҳаллӣ**




Буҷети давлатӣ барои соли молиявии навбатӣ ва ду соли минбаъдаи он тартиб дода мешавад. Соли молиявӣ ба соли тақвимӣ мувофиқ буда, аз 1 январ то 31 декабр давом мекунад (замимаи 11). Буҷети давлатӣ дар шакли Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли молиявии навбатӣ бо пешниҳоди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул карда мешавад.

Кумитаи МН МО ҶТ оид ба иқтисод ва молия мувофиқи қарори Шӯрои Маҷлиси Намояндагон инҳоро амалӣ менамояд:

- лоиҳаҳои қарорҳо, қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқиро пешакӣ баррасӣ намуда, хулосаҳои худро пешниҳод менамояд
- муҳокимаҳои парламентиро ташкил мекунад;
- оид ба лоиҳаи қонун дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон хулосаю таклифҳои худро пешниҳод мекунад;
- муҳокимаи ҷамъиятии лоиҳаҳои алоҳидаи қонунҳоро ташкил менамояд.

Кумитаи МН МО ҶТ оид ба иқтисод ва молия дигар ваколатҳоеро амалӣ менамояд, ки бо Конститутсияи ҶТ, Қонуни конститутсионии ҶТ «Дар бораи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон», дигар қонунҳои конститутсионӣ пешбинӣ гардидаанд. Дар сомонаи ин кумита – http://pbo.tj/ru/analyses/ – бо гузоришҳои таҳлилӣ оид ба иҷрои буҷетҳои давлатӣ (аз ҷумла барои соли 2016) шинос шудан мумкин аст.

Тибқи моддаи 38 ҚҶТ «Дар бораи молияи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» раванди таҳияи буҷети давлатӣ аз ду марҳала иборат мебошад.

**Ҷадвали 32**

**Марҳалаҳои таҳияи буҷети давлатӣ**

| *Марҳалаҳо* | *Раванд* | *Мақомоти масъул* |
|---|---|---|
| *ЯКУМ* | Таҳияи самтҳои асосии сиёсати давлатии молиявию буҷетӣ ва андозӣ барои давраи банақшагирии буҷетӣ | Вазорати молияи ҶТ |
| | Барои баррасӣ ба Комиссияи доимоамалкунандаи буҷетии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намудани самтҳои асосии мазкур | |
| | Қабули қарор дар бораи маъқул донистани самтҳои асосӣ бо назардошти тағйиру иловаҳои зарурӣ ва инчунин дар бораи нашри онҳо | Ҳукумати ҶТ |
| | Ба маълумоти тақсимкунандагони асосии маблағҳои буҷетӣ расондани ҳадди ниҳоии хароҷот аз рӯи нишондиҳандаҳои васеи гурӯҳбандии буҷетӣ | Вазорати молияи ҶТ |
| *ДУЮМ* | Таҳияи стратегияи миёнамӯҳлати хароҷоти буҷети бахшҳои дахлдор ва тақсими хароҷоти буҷетӣ мувофиқи гурӯҳбандии буҷетӣ, тартиб додани дархостҳои буҷетӣ. Ба Вазорати молияи ҶТ пешниҳод намудани ҳуҷҷатҳо | Тақсимкунандагони асосии маблағҳои буҷетӣ |
| | Ба Вазорати молияи ҶТ пешниҳод намудани лоиҳаҳои буҷетҳои маҳаллӣ оид ба даромад ва хароҷот мувофиқи гурӯҳбандии буҷетӣ | Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ |
| | Ташаккул додани сохтори ҷамъбастии хароҷот оид ба нишондиҳандаҳои васеи гурӯҳбандии буҷетӣ, тартиб додани лоиҳаи ҚҶТ дар бораи Буҷети давлатии ҶТ барои соли молиявии навбатӣ ва мактуби тавзеҳотии он. Пешниҳод намудан ба Ҳукумати ҶТ | Вазорати молияи ҶТ |
| | Баррасии лоиҳаи қонун дар бораи Буҷети давлатии ҶТ барои соли молиявии навбатӣ бо ҳуҷҷату маводи зарурии пешниҳодгардида. Пешниҳод кардан ба МН МО ҶТ. | Ҳукумати ҶТ |

Марҳалаи стратегии таҳияи буҷетро Низоми иттилоотии идоракунии молия (НИИМ) дастгирӣ менамояд. НИИМ ба ташаккули буҷети заминавӣ ва дархостҳо барои афзалиятҳои нави буҷетӣ мусоидат менамояд, инчунин таҳияи автоматикунонидашудаи ҳисоботҳои Вазорати молияро таъмин мекунад[78].

Бо мақсади таҳкими раванди буҷетӣ ва таъмини шаффофияти он ҳуҷҷатҳои методӣ таҳия намуда, дар сомонаи Вазорати молияи ҶТ http://minfin.tj. ҷой дода шудаанд. Ҳар сол Вазорати молияи ҶТ оид ба ташаккул додани самтҳои асосии сиёсати молиявӣ ва Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои се сол, тартиб додани лоиҳаи Буҷети давлатӣ барои соли дахлдор, инчунин дурнамои нишондиҳандаҳои буҷетӣ барои ду сол Дастуруламал таҳия мекунад, ки он дар сомонаи Вазорати молия (http://minfin.tj) ҷой дода мешавад.

Инчунин дар сомонаи Вазорати молияи ҶТ Протоколҳои Комиссияи доимӣ оид ба буҷет, ки дар онҳо масъалаҳои қисмҳои даромад ва хароҷоти буҷет барои соли дахлдор баррасӣ гардидаанд, чоп карда мешаванд. Дар сомонаи Вазорати молияи ҶТ Ҳисоботҳо дар бораи иҷрои буҷети ҶТ ва раванди буҷетии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳисоботҳо дар бораи иҷрои буҷети давлатӣ ҷой дода мешаванд – http://minfin.tj/index.php?do=static&page=budget .

78 Ниг. Замима «Таҳияи буҷети давлатӣ»

*(б) Аудити маблағҳои молиявии давлатӣ дар ҶТ*

Дар Тоҷикистон раванди аудити маблағҳои молиявии давлатӣ бо санадҳои қонунгузории зерин танзим карда мешаванд:

1. Дар бораи молияи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон.
2. Дар бораи Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон.
3. Дар бораи идоракунии молиявӣ ва назорати дохилӣ дар бахши давлатӣ.
4. Дар бораи аудити дохилӣ дар ташкилотҳои бахши давлатӣ.

Бо Қарори Ҳукумати ҶТ аз 3 марти соли 2007, №87 Стратегияи рушди назорати давлатии дохилии молиявӣ тасдиқ карда шуд, ки дар он қабули ду қонуни нав – «Дар бораи идоракунӣ ва назорати молиявӣ дар бахши давлатӣ» (баъдтар 21 июли соли 2010, №626 қабул гардид) ва «Дар бораи аудити дохилӣ дар бахши давлатӣ» (23.07.2016, №1354 қабул гардид) тавсия шуда буд.

- Мақоми олии назорати молиявӣ – Палатаи ҳисоб ба қисмҳои даромад ва хароҷоти буҷети давлатӣ, маблағҳои ғайрибуҷетӣ, инчунин сармоягузориҳое, ки аз хориҷа ба иқтисоди миллӣ ворид мешаванд, назорат мекунад. Ваколати Палатаи ҳисоб вобаста ба гузаронидани аудити мустақили беруна ба тамоми шохаҳои ҳокимияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон паҳн мегардад. Палати ҳисоб ба сардори давлат ва Парламенти мамлакат тобеъ мебошад. Он дар бораи ҳисоботи солона оид ба иҷрои буҷети давлатӣ барои соли гузашта хулосаи аудиторӣ медиҳад. Фаъолияти Палатаи ҳисоб ҳар сол аз ҷониби ширкати аудитории касбӣ бояд таҳти аудити молиявӣ қарор дода шавад, ки он аз ҷониби раиси Палатаи ҳисоб пас аз гузаронидани озмун (тендер) таъин мегардад <u>(тибқи ҚҶТ «Дар бораи палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон»).</u>
- Тибқи моддаи 61 ҚҶТ «Дар бораи молияи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» назорати давлатии молиявӣ ва аудитро мақомоти ҳокимият ва идоракунии давлатӣ, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти ваколатдори давлатӣ дар соҳаи назорати давлатии молиявӣ, Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомоти молияи маҳаллӣ, тақсимкунандагони асосӣ ва тақсимкунандагони маблағҳои буҷетӣ амалӣ менамоянд. Вазорати молияи ҶТ дар доираи ваколатҳои худ аудити дохилии ташкилотҳои буҷетиро, ки шӯъбаи аудити дохилӣ надоранд, мегузаронад; таҳлил ва мониторинги вазъи молиявии маблағгирандагони буҷетӣ, аз ҷумла, онҳоеро, ки қарз, грантҳо, мусоидати молиявӣ (субвенсия), кӯмаки молиявӣ (субсидия) ва кафолатҳои давлатӣ мегиранд, мегузаронад; фаъолияти низоми аудити дохилиро дар асоси стандартҳои байналмилалӣ, мақсаду принсипҳо ва вазифаҳои ягонаи аудити дохилӣ таъмин менамояд.
- <u>ҚҶТ «Дар бораи идоракунии молиявӣ ва назорати дохилӣ дар бахши давлатӣ</u> асосҳои ташкилӣ ва ҳуқуқии низоми идоракунии молиявӣ ва назорати дохилиро дар бахши давлатӣ ва ташкилотҳое, ки аз Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон маблағгузорӣ мешаванд, муқаррар менамояд. Мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи идоракунии молиявӣ ва назорати дохилӣ дар ташкилотҳои бахши давлатӣ Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад (моддаи 4), ки ҳисоботи солонаро оид ба ҳолати назорати дохилӣ дар ташкилотҳои бахши давлатӣ ҳар сол то 1 май ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод мекунад.
- <u>ҚҶТ «Дар бораи аудити дохилӣ дар ташкилотҳои бахши давлатӣ»</u> амали аудити дохилиро дар ташкилотҳои бахши давлатӣ (минбаъд - БД) муқаррар менамояд. Мақоми ваколатдори давлатӣ оид ба аудити дохилӣ дар ташкилотҳои бахши давлатӣ Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Дар ташкилотҳои бахши давлатие,

ки воҳиди сохтории аудити дохилӣ надоранд, аудити дохилӣ тибқи тартиби муқаррарнамудаи онҳо аз ҷониби мақоми ваколатдор гузаронида мешавад. Дар ташкилотҳои бахши давлатие, ки дар тобеияти мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ мебошанд ва пурра аз ҳисоби буҷети маҳаллӣ маблағгузорӣ карда мешаванд, аудити дохилӣ аз ҷониби аудиторҳои дохилии мақомоти маҳаллии молия мувофиқи дастурҳои методии мақоми ваколатдор амалӣ карда мешавад.

Тибқи ин қонун, гузориши аудитӣ - ҳуҷҷати расмии аудити дохилӣ мебошад, ки аз иттилоот оид ба доираи фарогирӣ ва мақсадҳои супориши аудиторӣ иборат буда, аз ҷумла хулосаҳои воқеӣ ва пешниҳодҳои аудиторро дар бар мегирад.

Баъди анҷом додани санҷиш аудиторҳои дохилӣ ё роҳбари гурӯҳи аудиторони дохилӣ ӯҳдадоранд дар давоми даҳ рӯз ду нусхаи ҳисоботи хаттиро тайёр намоянд, ки як нусхаи он ба роҳбари ташкилоти бахши давлатии санҷидашуда супорида мешавад ва нусхаи дигараш дар воҳиди сохтории аудити дохилӣ нигоҳ дошта мешавад. Шакл, мазмун ва тартиби пешниҳод намудани ҳисоботи аудитӣ дар дастурҳои методии мақоми ваколатдор муайян карда мешавад. Онҳо инчунин дар сомонаи Вазорати молияи ҶТ [http://minfin.tj/index.php?do=static&page=methodics](http://minfin.tj/index.php?do=static&page=methodics) ҷой дода шудаанд.

### *Ҷалб намудани аҳли ҷомеа ба раванди муҳокимаи буҷети давлатӣ ва тақсими он*

Низоми буҷети давлатии ҶТ ба як қатор принсипҳо асос ёфтааст, ки яке аз онҳо шаффофияти буҷет мебошад. Ошкоро будани буҷетҳо, ки маънои интишори ҳатмии буҷетҳои тасдиқшуда ва ҳисобот оид ба иҷрои онҳо дар воситаҳои ахбори омма, пурра пешниҳод намудани ахборот дар бораи рафти иҷрои буҷетҳо, дастрас будани маълумоти дигар дар бораи буҷетҳо, ба истисноии маълумоти дорои сирри давлатӣ ва сирри дигари бо қонун ҳифзшаванда, инчунин ҳатман ошкоро будани **раванди** буҷетӣ барои ҷамъият ва воситаҳои ахбори оммаро дорад (моддаи 8 ҚҶТ «Дар бораи молияи давлатии ҶТ»).

Ғайр аз ин, тибқи моддаи 6 ҚҶТ «Дар бораи дастрасӣ ба иттилоот», принсипҳои асосии таъмини ҳуқуқ ба дастрасии иттилоот инҳо мебошанд: (а) дастрас ва ошкор будани иттилоот; (б) саҳеҳ ва пурра будани иттилоот; (в) сари вақт пешниҳод карда шудани иттилоот.

Бо назардошти он ки буҷети давлатӣ дар шакли қонун тасдиқ карда мешавад, нисбати он бояд меъёрҳои ҚҶТ «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» татбиқ карда шаванд. Дар ин қонун чунин принсипҳои ҳуқуқэҷодкунӣ номбар гардидаанд: «ошкорбаёнӣ, илмият, касбият». Тибқи банди 2 моддаи 5 «Ошкорбаёнӣ ва шаффофият дар фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ»-и ин қонун, лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқӣ барои муҳокимаи умум тавассути воситаҳои ахбори омма, аз ҷумла дар сомонаҳои расмии субъектони ваколатдори ҳуқуқэҷодкунанда мумкин аст интишор карда шавад. Шахсони воқеӣ ва ҳуқуқии манфиатдор ҳуқуқ доранд бо мазмуни чунин лоиҳа шинос шаванд. Таклифу пешниҳодҳои воридшуда ҳангоми такмили лоиҳа бояд аз ҷониби субъекти ваколатдори ҳуқуқэҷодкунанда баррасӣ гарданд.

Ғайр аз ин, қонунгузорӣ дар ВАО инъикос намудани ҳисоботҳоро дар бораи иҷрои буҷети давлатӣ танзим мекунад. Масалан, тибқи моддаи 62 ҚҶТ «Дар бораи молияи давлатии ҶТ», Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳисоботи семоҳаро оид ба иҷрои буҷети давлатӣ тавассути воситаҳои ахбори омма на дертар аз ду моҳи баъди ба анҷом расидани семоҳаи мазкур нашр менамояд. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳисоботи солонаро дар бораи иҷрои буҷети давлатӣ пас аз тасдиқ шудани он аз тарафи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар воситаҳои ахбори омма нашр менамояд (моддаи 67).

Солҳои 2012–2015 **Индекси шаффофияти буҷет** гузаронда шуд, ки аз он чунин хулоса баровардан мумкин аст: соли 2015 дар муқоиса бо соли 2012 дастрасии иттиллоти буҷетӣ дар ҶТ 10 пункт афзуд. Тибқи маълумоти тадқиқот, дар байни манбаъҳои иттилоот оид ба

буҷети ҷумҳуриявӣ манбаъҳои зерин бартарият доранд: дӯстон, хешовандон, ҳамсояҳо, ВАО-и ҷумҳуриявӣ - 78%, ВАО-и маҳаллӣ - 50%. Дар байни манбаъҳои боқимондаи иттилооти буҷетӣ оид ба буҷети ҷумҳуриявӣ инҳо низ мавқеи муҳим доранд: интернет (18%), чорабиниҳои ҳукумат/ҷамоат ва муҳокимаҳои ҷамъиятӣ - 16%[79].

ВАО-и Тоҷикистон дар солҳои 2015–2016 оид ба масъалаҳои буҷети давлатӣ ва иҷрои он тақрибан 195 мақола нашр карданд (ниг. замимаи 11 «Нашри мақолаҳо оид ба масъалаҳои буҷети давлатӣ дар ВАО»).

Барномаи «Дастгирии назорати парламентӣ ба идоракунии молияи давлатӣ ва шаффофияти буҷет дар Тоҷикистон»[80], ки мақсади он пурзӯр намудани назорати парламентӣ дар идоракунии молияи давлатӣ мебошад, соли 2016 бо иштироки вакилон ва мушовирони калони МН МО ҶТ, намояндагони мақомоти ҳокимияти давлатӣ, донорҳо, ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва ВАО як қатор чорабиниҳо гузаронд. 29 сентябри соли 2016 дар ноҳияи Рӯдакӣ бо дастгирии Парламенти ҶТ ва хусусан кумитаи иқтисод ва молияи он муҳокимаҳои ҷамъиятии пилотӣ гузаронда, ба он коршиносони миллӣ аз ташкилотҳои ҷамъиятӣ даъват карда шуданд. То соли 2019 идома додани чунин фаъолият ба нақша гирифта шудааст[81].

Бо дастгирии Лоиҳаи Иттиҳоди Аврупо «Дастгирии самтҳои алоҳидаи идоракунии молияи давлатӣ», ки ширкати LouisBerger дар ҳамкорӣ бо ширкатҳои SAFEGE, ADE ва GT амалӣ менамояд, барои аҳли ҷомеа ҳуҷҷати «Буҷети давлатӣ. Намунаи содакардашудаи буҷети давлатии ҶТ барои соли 2016» таҳия карда шуд.

«Буҷети шаҳрвандӣ» тавзеҳи мухтасари буҷети давлатии ҶТ мебошад, ки доираи маълумоти шаҳрвандонро дар бораи самтҳои фаъолияти Ҳукумат дар соли молиявии ба нақша гирифташуда васеъ менамояд. «Буҷети шаҳрвандӣ» манбаъҳои даромади буҷети давлатии ҶТ, инчунин самтҳои хароҷоти онҳоро мухтасар шарҳ медиҳад. «Буҷети шаҳрвандӣ» дар сомонаи Вазорати молияи ҶТ: http://minfin.tj/downloads/FINAL%20Citizen's%20Budget.pdf ҷой дода шудааст.

Яке аз ҳуҷҷатҳои муҳимтарине, ки бевосита аз номи Ҳукумат дар бораи рушди соҳаи истихроҷ, дурнамои ҳаҷми истихроҷ, даромадҳои ин соҳа, саҳми он дар рушди иҷтимоию иқтисодии мамлакат ба аҳли ҷомеа маълумот медиҳад, Паёми ҳарсолаи Президенти ҶТ ба Парламенти мамлакат мебошад.

Қайд кардан зарур аст, ки ҳамаи шабакаҳои ҷумҳуриявӣ ва маҳаллии телевизион ва радио Паёми мазкурро мустақиман пахш менамоянд. Инчунин матни Паём бо ду забон (тоҷикӣ ва русӣ) дар ҳамаи ВАО чоп намуда, дар сомонаи Президенти ҶТ – president.tj – ва сомонаҳои вазорату идораҳои мамлакат ҷой дода мешаванд. Ҳуҷҷати мазкур дар байни аҳли ҷомеа мавриди муҳокимаю муколамаҳои васеъ қарор дода мешавад.

---

79 http://www.osiaf.tj/ru/category/analiticheskie-stati/«Арзёбии талабот, манфиатҳо ва мушкилоти ҷомеаи Тоҷикистон, ки бо идоракунии молияи давлатӣ ва равандҳои буҷетӣ алоқаманд мебошанд». Барномаи Институти «Ҷамъияти Кушода» Бунёди Мадад дар Тоҷикистон бо дастгирии Вазорати рушди байналмилалии Британияи Кабир. Душанбе, 2016. - 74 с.; Бозрикова Т.Н., номзади илми фалсафа.

80 Барномаи «Дастгирии назорати парламентӣ ба ИМД ва шаффофияти буҷет» аз ҷониби ширкати Development Alternatives Incorporated (DAI) амалӣ ва аз ҷониби Вазорати рушди байналмилалии Британияи Кабир (DFID) мабдағгузорӣ карда мешавад.

81 Ниг. Замимаи «Муҳокимаҳои ҷамъиятии буҷети давлатӣ», инчунин ба www.pbo.tj

**ТАШАББУСИ ШАФФОФИЯТИ СОҲАҲОИ ИСТИХРОҶ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

**Ҳисобот дар бораи натиҷаҳои воқеии муқоисаи пардохтҳо**

**дар солҳои 2015-2016**

**Ба Шӯрои Ташаббуси шаффофияти соҳаҳои истироҷ (ТШСИ)**
**дар Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Мутобиқи шартнома аз 01 майи соли 2017 (минбаъд - "Шартнома"), мо Ҳисоботи худро оид ба Натиҷаҳои Расмиёти Мувофиқашуда (минбаъд – "Ҳисобот") дар бораи муқоисаи воридоти пул, ки солҳои 2015 – 2016 мақомоти давлатӣ аз ширкатҳои соҳаи истихроҷи Ҷумҳурии Тоҷикистон гирифтаанд, пешниҳод менамоем.

**Манбаъҳои маълумот**

Ҳисобот дорои маълумоте мебошад, ки ба мо роҳбарони ширкатҳои бахши истихроҷ ва мақомоти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҷавоби дархостҳои хаттии мо пешниҳод кардаанд. Мо инчунин аз роҳбарони ширкатҳо дар шакли шифоҳӣ маълумот гирифтем.

**Ҳаҷми кор**

Дар ҳисобот оид ба ҷараёни воридшавии пул аз 29 ширкати бахши истихроҷи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2015–2016 маълумот дарҷ гардидааст.

Мо супориши худро тибқи Стандарти байналмилалии 4400 «Супориш оид ба амалисозии расмиёти мувофиқашудаи пешниҳоди маълумоти молиявӣ» ба иҷро расондем .
Азбаски расмиёти дар боло зикршуда аудит ё тафсири тибқи Стандартҳои байналмилалии аудит ё Стандартҳои байналмилалии супориши муфассал гузарондашуда нестанд, мо бо боварии комил гуфта наметавонем, ки дар бораи ҳамаи масъалаҳои ҷиддие, ки дар рафти аудит ё тавзеҳ ошкор кардан мумкин аст, маълумот пайдо карда метавонем.

Агар мо расмиёти иловагиро иҷро менамудем ё агар мутобиқи Стандартҳои байналмилалии Аудит ё Стандартҳои байналмилалии супориши муфассал аудит ё тафсири ҳисоботи молиявӣ мегузарондем, эҳтимол ба масъалаҳои дигар низ таваҷҷуҳ зоҳир мекардем ва онҳоро дар ҳисоботамон инъикос менамудем.

Мувофиқи талаби шумо мо танҳо он расмиётеро иҷро намудем, ки дар Шартнома зикр гардидаанд, ва натиҷаҳои ин расмиётро ба ин Ҳисобот дохил кардем. Ҳаҷми супоришро танҳо шумо муайян кардед, аз ин рӯ мо наметавонем дар бораи мувофиқат ва/ё номувофиқатии онҳо дар вазъияти мушаххаси Шумо шарҳу тафсир пешниҳод кунем ва пешниҳод ҳам намекунем.

**Мақсади ин Ҳисобот**

Ҳисоботи мо танҳо барои мақсадҳои дар Шартнома тасвиятёфта ва барои маълумоти Шумо таъйин шудааст. Ин ҳисобот барои истифода бурдан бо ягон мақсади дигар таъйин нагардидааст.

Мо барои истифодаи ин Ҳисобот аз ҷониби шахсони дигаре, ки мумкин аст Ҳисобот ба онҳо нишон дода шавад ё дода шавад, ҷавобгар нахоҳем буд.

Бо камоли самимият,

Бахтиёр Рустамов

Ҳамшарик

## 3.1. ТАВСИФИ СУПОРИШ

### 3.1.1 Мақсади супориш

Мақсади супориши мазкур гузарондани муқоисаи пардохтҳои ширкатҳои бахши истихроҷи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2015–2016 ва тайёр кардани ҳисобот аз рӯи натиҷаҳои муқоиса мебошад.

### 3.1.2 Ҳаҷми супориш

Ҳаҷми супориш гузарондани муқоисаи пардохтҳои 29 ширкати бахши истихроҷи Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар солҳои 2015 – 2016 дар бар мегирад. Миқдор ва рӯйихати ширкатҳоро Шӯрои ТШСИ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян кардааст. Дар муқоиса инчунин маълумот дар бораи пардохтҳо, ки аз 4 мақомоти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон гирифта шудааст, тафтиш карда мешавад.

Рӯйихати ширкатҳо баъди тадқиқоти муфассале, ки коршиноси мустақили таъйиннамудаи ГБТМ моҳҳои ноябр – декабри соли 2016 дар асоси маълумотҳои соли 2015 гузаронда буд, муайян карда шуд.

Мақсади ин тадқиқот ба ГБТМ пешниҳод намудани фикру андешаи ҳирфаӣ дар бораи он соҳаҳое буд, ки дар ҳисоботи ТШСИ фаро гирифта мешаванд ва онҳоро ба сифати бахшҳои истихроҷи маъданҳои кӯҳӣ ва нафту газ тасниф кардан мумкин аст.

Барои муайян кардани ҷараёнҳои асосии пардохтҳо таҳлили ҳаматарафаи даромадҳо аз соҳаҳои истихроҷи Тоҷикистон гузаронда шуд. Дар маҷмуъ 220 ширкати истихроҷкунанда бо таҳлил фаро гирифта шуд.

Аз рӯйи ҷамъбасти тадқиқот ба Шӯрои ТШСИ барои дохил намудани ширкатҳо ба рӯйихат ва ифшои пардохтҳо дар чаҳорчӯбаи ТШСИ аз рӯйи пардохтҳои умумӣ ба буҷети давлатӣ ба андозаи 1 млн сомонии тоҷикӣ дар як сол ҳадди асосият тавсия дода шуд. Ҳадди асосият тахминан 0,01% маблағи тамоми пардохтҳои ширкатҳоеро, ки соли 2015 дар расмиёти муқоиса иштирок мекунанд, ташкил дод. Матни пурраи тадқиқоти муфассалро дар сомонаи Вазорати молия: http://minfin.tj/downloads/ochet%20oxvata%20IPDO.zip дастрас кардан мумкин аст.

Аз рӯйи натиҷаҳои тадқиқот ҳамагӣ 39 ширкат интихоб карда шуд, вале баъди таҳлили иловагии маълумот аз ҷониби Шӯрои ТШСИ дар соли 2017-ум мувофиқи Протоколи №4/2017 аз 10 августи соли 2017-ум 14 ширкат аз ин рӯйихат хориҷ намуда, боз 4 ширкати дигар илова карда шуд ва дар натиҷа шумораи ширкатҳо ба 29 расид. Пардохтҳои умумии андозӣ ва гумрукии ин ширкатҳо дар солҳои 2015 – 2016 тақрибан 87% пардохтҳои умумии андозию гумрукии дар солҳои 2015 – 2016 амалинамудаи ҳамаи ширкатҳои бахши истихроҷи Ҷумҳурии Тоҷикистонро ташкил медиҳад.

Рӯйихати ниҳоии ширкатҳои бахши истихроҷи маъданҳои кӯҳии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ба раванди муқоисаи пардохтҳо ҳамроҳ карда шудаанд:

| | |
|---|---|
| 1 | ЧДММ «Ширкати саноати кӯҳии Тоҷикистону Хитой» |
| 2 | ЧДММ КМ «Зарафшон» |
| 3 | ЧДММ «Покруд» |
| 4 | ЧСК «Сементи Тоҷик» |
| 5 | ЧДММ муштараки Тоҷикистону Канада «Апрелевка» |
| 6 | Шахтаи «Фон-Яғноб», корхонаи фаръии КВД «Ангишти Тоҷик» |
| 7 | Филиали ЧДММ «Тотал И энд Пи Тоҷикистон Б.В.» |
| 8 | ЧДМММ «Петролеум Суғд» |
| 9 | Корхонаи давлатии ҷумҳуриявии «Тиллои Тоҷик» |
| 10 | Филиали ЧДММ «Си Эн Пи Си Сентрал Эйжа Б.В.» |
| 11 | ЧДММ «Бохтар Оперейтинг Компани Б.В.» |
| 12 | ЧСК «Комбинати масолеҳи бинокории Исфара» |
| 13 | ЧДММ «Корхонаи сементи ба номи Б. Самадов» ш. Исфара |
| 14 | ЧДММ «Салоса» |
| 15 | Шахтаи ангишти «Назар-Айлоқ», корхонаи фаръии КВД «Ангишти Тоҷик» |
| 16 | ЧДММ «Нури Шамс» |
| 17 | ЧСК «Нафту газ» |
| 18 | Кооперативи тиҷоратии «Артели заршӯии Одина» |
| 19 | ЧДММ «Талко Ресурс» |
| 20 | ЧДММ «Гули Мурод» |

| | |
|---|---|
| 21 | ҶДММ «Баракати Истиқлол» |
| 22 | ҶДММ «Хуаксин Ғаюр Семент» |
| 23 | ҶДММ КМ ТА «Анзоб» |
| 24 | ҶСК «Авиcенна» |
| 25 | ҶДММ «Хуаксин Ғаюр Суғд Семент» |
| 26 | ҶДММ «Суғд Семент» |
| 27 | ҶСК «Ангишт» |
| 28 | ҶДММ «Броадтек Тоҷикистон Майнинг Инвестмент Лимитед» |
| 29 | ҶДММ «Креатив» |

Рӯйихати мақомоти давлатие, ки ба раванди муқоисаи пардохтҳо ҳамроҳ карда шудаанд:

| № | **Номи мақомоти давлатӣ** | **Бахши масъулият барои пардохтҳо** |
|---|---|---|
| 1 | Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Пардохтҳои андоз |
| 2 | Кумитаи гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Пардохтҳои гумрук |
| 3 | Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии ҶТ | Дивидендҳое, ки аз фурӯши аксияҳо ворид шудаанд |
| 4 | Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи назди Ҳукумати ҶТ | Андози иҷтимоӣ (1%) аз кормандон |

### 3.1.3 Тавсифи муфассали усулу расмиёти муқоисаи маълумот

Барои гузарондани муқоиса ва тайёр кардани ҳисобот мо расмиёти зеринро гузарондем:

- Шиносшавӣ бо стандартҳои ТШСИ ва ҳисобот дар бораи фаъолияти Шӯрои ТШСИ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо роҳи гузарондани вохӯриҳо бо аъзоёни Шӯрои ТШСИ, иштирок дар семинарҳо, омӯхтани ҳисоботу ҳуҷҷатҳои дахлдор.
- Шиносшавӣ бо рӯйихати ширкатҳои соҳаи истихроҷи кӯҳӣ, ки аз ҷониби Шӯрои ТШСИ ба раванди муқоиса ҳамроҳ карда шудаанд.
- Шиносшавӣ бо рӯйихати мақомоти давлатие, ки дар расмиёти муқоиса иштирок менамоянд.
- Шиносшавӣ ва такмил додани шакли ҳисобот ва дастурамалҳо барои пешниҳод намудани иттилоот аз ҷониби ширкатҳо ва мақомоти давлатӣ. Барои гирифтани маълумот оид ба пардохтҳо барои ширкатҳо ва мақомоти давлатӣ шаклҳои гуногуни ҳисобот истифода шуданд.
- Ба ширкатҳои соҳаи истихроҷ фиристодани дархостҳо ва дастурамалҳо барои пешниҳод намудани маълумот дар бораи пардохтҳо дар солҳои 2015–2016.
- Ба мақомоти давлатӣ фиристодани дархостҳо ва дастурамалҳо барои пешниҳод намудани маълумот дар бораи пардохтҳо дар солҳои 2015–2016.
- Аз ширкатҳо гирифтани маълумот дар бораи пардохтҳои андоз дар солҳои 2015 - 2016, гузарондани тавзеҳ ва муқоисаи онҳо бо маълумотҳои пешниҳоднамудаи мақомоти давлатӣ бо усули баҳисобгирии хазинавӣ.
- Аз ширкатҳо гирифтани маълумот дар бораи боҷҳои гумрукӣ дар солҳои 2015 - 2016, гузарондани тавзеҳ ва муқоисаи онҳо бо маълумотҳои пешниҳоднамудаи мақомоти давлатӣ бо усули баҳисобгирии хазинавӣ.
- Аз ширкатҳо гирифтани маълумот дар бораи дигар пардохтҳои асосӣ дар солҳои 2015 - 2016, гузарондани тавзеҳ ва ба ҳисобот дохил намудани онҳо. Бояд қайд намуд, ки бо сабаби вуҷуд надоштани мақоми давлатии барои пешниҳод намудани маълумоти дахлдор масъулбуда аз рӯйи ин пардохтҳо муқоиса гузаронда нашуд.
- Дар сурати ошкор гардидани номувофиқатӣ дар маълумотҳо гирифтани шарҳу тафсир аз ширкатҳо ва мақомоти давлатӣ тавассути гузарондани вохӯриҳо, мактубҳои электронӣ ё зангҳои телефонӣ.
- Ҳуҷҷатикунонии фарқиятҳои ҷиддии маълум карданашуда ва инъикос намудани онҳо дар ҳисобот.
- Тайёр кардани ҳисобот аз рӯйи натиҷаҳои муқоисаи пардохтҳо.

Мувофиқи талаботи стандартҳои ТШСИ (4.1), намудҳои пардохте муайян шуда буданд, ки ширкатҳо бояд дар бораи онҳо маълумот пешниҳод мекарданд. Барои ин пардохтҳо ба 41 намуд тақсим карда шуданд, ки онҳоро Шӯрои ТШСИ маъқул донист. Пардохтҳои мазкур ба чор гурӯҳи асосӣ ҷудо карда шуданд:

- пардохтҳои андоз;
- пардохтҳои гумрук;
- дигар пардохтҳои асосӣ;
- хароҷоти иловагии ширкатҳо.

Ҳадди асосият барои ҳар як чараёни пардохт муайян нашуда буд ва ширкатҳое, ки ба рӯйихат дохил карда шуда буданд, бояд оид ба ҳамаи намудҳои пардохт, новобаста аз маблағи пардохт, маълумот пешниҳод мекарданд.

Тафсири муфассали намудҳои пардохт, ки ба раванди муқоисаи маълумотҳо дохил карда шудаанд:

| **Пардохтҳои андоз** | **Рамзи сатр** |
|---|---|
| Андоз аз даромад, ки аз шахсони воқеӣ нигоҳ дошта мешавад | 01 |
| Андози иҷтимоӣ, ки аз шахсони воқеӣ нигоҳ дошта мешавад (1%) | 02 |
| Андози иҷтимоӣ, ки аз кордиҳанда нигоҳ дошта мешавад (25%) | 03 |
| Андоз аз фоида, аз ҷумла пешпардохтҳо | 04 |
| Андоз аз фоидаи софи муассисаи доимии шахси ҳуқуқии хориҷӣ | 05 |
| Андоз аз дивидендҳо | 06 |
| Андоз аз даромадҳои ғайрирезидент аз манбаъҳо дар ҶТ | 07 |
| Андоз аз арзиши иловашуда барои таҳвили молҳо, иҷрои корҳо ва хизматҳо | 08 |
| Андоз аз арзиши иловашудае, ки аз ғайрирезидентҳо нигоҳ дошта мешавад | 09 |
| Андози аксизӣ барои молҳое, ки дар ҶТ истеҳсол карда шудаанд | 10 |
| Андози замин | 11 |
| Андоз аз молу мулки ғайриманқул | 12 |
| Андоз аз истифодабарандагони роҳҳои автомобилгард | 13 |
| Андоз аз воситаҳои нақлиёт | 14 |
| Бонуси обунавӣ барои омӯзиши геологии қаъри замин | 15 |
| Бонуси обунавӣ барои истихроҷ | 16 |
| Бонуси кашфи тиҷоратӣ | 17 |
| Роялти барои истихроҷ | 18 |
| Роялти барои об | 19 |
| Андози пардохтнамудаи субъектҳои бизнеси хурд (андоз аз рӯйи низоми содакардашуда) | 20 |
| Андозҳои дигар, аз ҷумла ҷаримаҳо ва пеняҳо | 21 |

| **Пардохтҳои гумрукӣ** | **Рамзи сатр** |
|---|---|
| Боҷҳои гумрукӣ | 22 |
| Хироҷҳои гумрукӣ | 23 |
| Андоз аз арзиши иловашуда барои молҳое, ки ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид карда мешаванд | 24 |
| Андози аксизӣ барои молҳое, ки ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид карда мешаванд | 25 |
| **Дигар пардохтҳои асосӣ** | |
| Пардохтҳо барои намудҳои ҳатмии суғурта | 26 |
| Пардохти маблағ барои консессияҳо | 27 |
| Дивидендҳое, ки барои маҷмуи давлатии саҳмияҳо пардохт карда шудаанд | 28 |
| Пардохти маблағ барои ҳиссаи давлатие, ки ширкат харидааст | 29 |
| Боҷи давлатӣ ва хироҷ барои додани иҷозатнома барои ҳуқуқи истифодаи сарватҳои зеризаминӣ | 30 |
| Пардохтҳо ва хироҷҳо барои ба расмият даровардани ҳуқуқи истифодаи замин | 31 |
| Ҷуброни фоидаи аз даст додашуда ҳангоми додани қитъаҳои замин | 32 |
| Ҷуброни талафоти истеҳсолоти кишоварзӣ ва ҷуброни поймолшавии киштзорҳо | 33 |
| Ҷуброни талафоти хоҷагии ҷангал | 34 |
| Пардохт барои гузарондани экспертиза, иҷозатдиҳӣ ва мувофиқасозии лоиҳаи корҳо (ҲЛС, АТМЗ ва ғ.) | 35 |
| Пардохти маблағ барои ифлос кардани муҳити атроф ва ҷуброни зарари ба муҳити зист расондашуда | 36 |
| Пардохтҳои ҳатмӣ барои додани шаҳодатномаҳо ва дигар ҳуҷҷатҳои иҷозатдиҳанда | 37 |
| Пардохтҳое, ки дар созишномаҳои бо Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон басташуда муқаррар гардидаанд | 38 |
| **Хароҷоти иловагии ширкатҳо** | |
| Дастгирии таҳсилот | 39 |
| Дастгирии инфрасохтори иҷтимоӣ | 40 |
| Хароҷоти ҳамлу нақли маъданҳои фоиданок | 41 |
| **Пардохтҳои гумрукӣ** | **Рамзи сатр** |
| Боҷҳои гумрукӣ | 24 |
| Хироҷҳои гумрукӣ | 25 |
| Андоз аз арзиши иловашуда барои молҳое, ки ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид карда мешаванд | 09 |
| Андози аксизӣ барои молҳое, ки ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид карда мешаванд | 12 |
| **Дигар пардохтҳои асосӣ** | |
| Пардохтҳо барои намудҳои ҳатмии суғурта | 26 |
| Пардохти маблағ барои консессияҳо | 27 |
| Дивидендҳое, ки барои маҷмуи давлатии саҳмияҳо пардохт карда шудаанд | 28 |
| Пардохти маблағ барои ҳиссаи давлатие, ки ширкат харидааст | 29 |
| Боҷи давлатӣ ва хироҷ барои додани иҷозатнома барои ҳуқуқи истифодаи сарватҳои зеризаминӣ | 30 |
| Пардохтҳо ва хироҷҳо барои ба расмият даровардани ҳуқуқи истифодаи замин | 31 |

| | |
|---|---|
| Ҷуброни фоидаи аз даст додашуда ҳангоми додани қитъаҳои замин | 32 |
| Ҷуброни талафоти истеҳсолоти кишоварзӣ ва ҷуброни поймолшавии киштзорҳо | 33 |
| Ҷуброни талафоти хоҷагии ҷангал | 34 |
| Пардохт барои гузарондани экспертиза, иҷозатдиҳӣ ва мувофиқасозии лоиҳаи корҳо (ҲЛС, АТМЗ ва ғ.) | 35 |
| Пардохти маблағ барои ифлос кардани муҳити атроф ва ҷуброни зарари ба муҳити зист расондашуда | 36 |
| Пардохтҳои ҳатмӣ барои додани шаҳодатномаҳо ва дигар ҳуҷҷатҳои иҷозатдиҳанда | 37 |
| Пардохтҳое, ки дар созишномаҳои бо Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон басташуда муқаррар гардидаанд | 38 |
| **Хароҷоти иловагии ширкатҳо** | |
| Дастгирии таҳсилот | 39 |
| Дастгирии инфрасохтори иҷтимоӣ | 40 |
| Хароҷоти квазимолиявӣ | 41 |

Пардохтҳои андоз ва гумрук ҳамаи андозҳо ва боҷҳои ҳатмиеро, ки тибқи Кодексҳои андоз ва гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон супурда мешаванд, дар бар мегиранд. Мувофиқи қонунгузории андоз ва гумруки Тоҷикистон ҳамаи пардохтҳои андоз ва гумрук фақат дар шакли пул бо асъори миллӣ - сомонӣ супурда мешаванд ва дар ҳаҷми пурра ба буҷети давлатӣ ворид мегарданд.

Дигар пардохтҳои асосӣ, ки пардохтҳо ва боҷҳои дигари ҳатмии давлатиро дар бар гирифта, ба қонунгузории андоз ва гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид карда нашудаанд, фақат дар шакли пул бо асъори миллӣ - сомонӣ супурда мешаванд ва дар ҳаҷми пурра ба буҷети давлатӣ ворид мегарданд.

Тартиби тақсим намудани ҳиссаи давлат мувофиқи СТМ ва мақомоте, ки ҳиссаи давлатро ба ҳисоб мегирад, дар СТМ нишон дода мешавад.

Хароҷотҳои иловагӣ хароҷоти ширкатҳоро барои дастгирии таҳсилот ва инфрасохтори иҷтимоӣ, ки мувофиқи қонун ё мувофиқи шартнома бо ҳукумат талаб карда мешаванд, инчунин хароҷот барои ҳамлу нақли маъданҳои фоиданок, ки ба давлат ё ширкатҳои давлатӣ пардохт карда шудаанд, дар бар мегиранд. Хароҷотҳои иловагиро ҳам дар шакли пул ва ҳам дар шакли натуралӣ асосан бевосита ба таҳвилкунандагони молҳо ва иҷрокунандагони хизматҳо пардохт кардан мумкин аст.

Қурби расмии миёнаи сомонӣ ба ҳисоби доллари ИМА дар солҳои 2015-2016-ум ба як доллари ИМА 6.2319, 7.869 сомониро ташкил дод.

**Тақсими воридоти андозӣ ва ғайриандозӣ дар байни буҷети ҷумҳуриявӣ ва буҷетҳои маҳаллӣ (пардохтҳои фаръии миллӣ ва интиқолҳои фаръии миллӣ)**

Мувофиқи талаботи стандартҳои ТШСИ, Ҳисобот бояд дар бораи пардохтҳои фаръии миллӣ ва интиқолҳои фаръии миллӣ маълумот диҳад. Дар Тоҷикистон талаботҳо оид ба пардохтҳои мустақим ба мақомоти давлатии маҳаллӣ дар сатҳи қонунгузорӣ ё дар сатҳи шартномаҳо дар шакли пардохтҳои фаръии миллӣ вуҷуд надоранд, ғайр пардохтҳои андоз, ки ба буҷети маҳаллӣ супурда мешаванд.

Дар Ҳисобот интиқолҳои фаръии миллӣ чун тақсими пардохтҳо дар байни буҷетҳои ҷумҳуриявӣ ва маҳаллӣ муайян гардидаанд.

Ҳамаи пардохтҳои ҳатмии ширкатҳо, ки дар ҳисобот нишон дода шудаанд, маҳз пардохтҳои андоз, гумрук ва дигар пардохтҳои асосӣ (сатрҳои 1-38), бевосита ба буҷети давлатӣ ворид гардида, тибқи Қонун дар бораи буҷети давлатии ҳарсола дар байни буҷетҳои ҷумҳуриявӣ ва маҳаллӣ тақсим карда мешаванд.

Масалан, тибқи Қонун дар бораи буҷети давлатии солҳои 2015–2016 воридоти андозӣ ва ғайриандозӣ дар байни буҷети ҷумҳуриявӣ ва буҷетҳои маҳаллӣ чунин тақсим карда шуд:

| Номи даромад | 2016 | | 2015 | |
|---|---|---|---|---|
| Номи даромад | Буҷети ҷумҳуриявӣ | Буҷети маҳаллӣ | Буҷети ҷумҳуриявӣ | Буҷети маҳаллӣ |
| Андоз аз фурӯши нахи пахта ва алюминийи аввалия | 100 % | 0 % | 100 % | 0 % |
| Боҷи гумрукӣ | 100 % | 0 % | 100 % | 0 % |
| Андоз аз арзиши иловашуда ва аксиз, ки ба воситаи мақомоти гумрук ворид мешавад | 100 % | 0 % | 100 % | 0 % |
| Дигар пардохтҳои ҳатмӣ ва даромадҳои ғайриандозии умумидавлатӣ (инчунин муҷозоти ҷаримавии онҳо), хироҷи ҳаракати воситаҳои нақлиёти автомобилии хориҷӣ дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон | 100 % | 0 % | 100 % | 0 % |
| Аз Ширкати саҳомии холдингии кушодаи «Барқи Тоҷик» - андоз аз арзиши иловашуда, андоз аз истифодабарандагони роҳҳои автомобилгард, андоз аз фоида, инчунин андоз аз захираҳои табиӣ (роялти барои об) аз неругоҳҳои барқи обии «Сангтӯда-1» ва «Сангтӯда-2» (фақат барои соли 2015) | 100 % | 0 % | 100 % | 0 % |
| Аз корхонаи воҳиди давлатии «Роҳи оҳани Тоҷикистон» ва Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Тоҷиктелеком» - андоз аз арзиши иловашуда ва андоз аз фоида | 100 % | 0 % | 100 % | 0 % |
| Аз корхонаҳои воҳиди давлатии «Ширкати алюминийи Тоҷик» - андоз аз арзиши иловашуда | 100 % | 0 % | 100 % | 0 % |
| Аз Бонки давлатии амонатгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон «Амонатбонк» - андоз аз фоида | 100 % | 0 % | 100 % | 0 % |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| Аз марказҳои идораи лоиҳаҳои сармоягузорӣ, намояндагиҳои дипломатӣ, консулгариҳо ва шахсони ба онҳо баробаркардашуда - андози даромад | 100 % | 0 % | 100 % | 0 % |
| Аз ширкатҳои алоқаи мобилӣ - андоз аз арзиши иловашуда ва андози аксизӣ (ба истиснои Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Тоҷиктелеком») | 100 % | 0 % | 100 % | 0 % |
| Аз Бонки миллии Тоҷикистон - андоз аз арзиши иловашуда, андоз аз даромад ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ | 100 % | 0 % | 100 % | 0 % |
| Пардохти бонуси обунавии якдафъаинаи истифодабарандагони сарватҳои зеризаминӣ аз ҳисоби истихроҷи маъданҳои фоиданок (ғайр аз маъданҳои фоиданоки маъмул, обҳои зеризаминӣ ва лойи шифобахш) – фақат дар соли 2016 | 100 % | 0 % | - | - |
| Андоз аз арзиши иловашуда (ғайр аз шаҳрҳои Душанбе ва Ваҳдат барои соли 2015 ва ғайр аз шаҳрҳои Душанбе, Ваҳдат ва Роғун барои соли 2016) | 0 % | 100 % | 0 % | 100 % |
| Андоз аз арзиши иловашуда аз шаҳри Душанбе | 55 % | 45 % | 60% | 40 % |
| Андоз аз арзиши иловашуда аз шаҳри Ваҳдат | 45 % | 55 % | 55 % | 45 % |
| Андоз аз арзиши иловашуда аз шаҳри Роғун | 47 % | 53 % | - | - |
| Андоз аз фоида (ғайр аз ш. Душанбе барои соли 2016) | 0 % | 100 % | 0 % | 100 % |
| Андоз аз фоида аз шаҳри Душанбе | 30 % | 70 % | - | - |
| Андоз аз даромад (ғайр аз вилояти Суғд, шаҳрҳои Душанбе, Ваҳдат ва Роғун барои соли 2015 ва ғайр аз вилояти Суғд, шаҳрҳои Душанбе, Ваҳдат, Роғун ва ноҳияи Рӯдакӣ барои соли 2016) | 0 % | 100 % | 0 % | 100 % |
| Андоз аз даромад аз вилояти Суғд | 30 % | 70 % | 24 % | 76 % |
| Андоз аз даромад аз шаҳри Душанбе | 50 % | 50 % | 55 % | 45 % |
| Андоз аз даромад аз шаҳри Ваҳдат | 30 % | 70 % | 51 % | 49 % |
| Андоз аз даромад аз шаҳри Роғун | 100 % | 0 % | 100 % | 0 % |
| Андоз аз даромад аз ноҳияи Рӯдакӣ | 13 % | 87 % | - | - |
| Андоз аз истифодабарандагони роҳҳои автомобилгард (ғайр аз вилояти Суғд, шаҳрҳои Душанбе, Ваҳдат ва ноҳияи Рӯдакӣ барои соли 2015 ва ғайр аз вилояти Суғд ва шаҳри Душанбе барои соли 2016) | 0 % | 100 % | 0 % | 100 % |
| Андоз аз истифодабарандагони роҳҳои | 47 % | 53 % | 25 % | 75 % |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| автомобилгард аз вилояти Суғд | | | | |
| Андоз аз истифодабарандагони роҳҳои автомобилгард аз шаҳри Душанбе | 61 % | 39 % | 59 % | 41 % |
| Андоз аз истифодабарандагони роҳҳои автомобилгард аз шаҳри Ваҳдат | - | - | 30 % | 70 % |
| Андоз аз истифодабарандагони роҳҳои автомобилгард аз ноҳияи Рӯдакӣ | - | - | 100 % | 0 % |
| Аксизҳо | 0 % | 100 % | 0 % | 100 % |
| Низоми махсуси андозбандӣ | 0 % | 100 % | 0 % | 100 % |
| Андозҳои маҳаллӣ, дигар пардохтҳои ҳатмии маҳаллӣ ва воридоти дигари ғайриандозии маҳаллӣ | 0 % | 100 % | 0 % | 100 % |

Пардохтҳои суғуртаи иҷтимоӣ чунин тақсим карда шуданд:

**Дар соли 2015:**

- - дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ 100 фоиз ба суратҳисоби раёсат ва шӯъбаҳои дахлдори Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- - дар шаҳри Душанбе 28,5 фоиз ба суратҳисоби Раёсати Агентии давлатии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи шаҳр ва 71,5 фоиз ба суратҳисоби Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- - дар шаҳри Роғун 22,8 фоиз ба суратҳисоби шӯъбаи Агентии давлатии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи шаҳр ва 77,2 фоиз ба суратҳисоби Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Дар соли 2016:**

- - дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ 100 фоиз ба суратҳисоби раёсат ва шӯъбаҳои дахлдори Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- - дар шаҳри Душанбе 32 фоиз ба суратҳисоби Раёсати Агентии давлатии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи шаҳр ва 68 фоиз ба суратҳисоби Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- - дар шаҳри Роғун 22 фоиз ба суратҳисоби шӯъбаи Агентии давлатии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи шаҳр ва 78 фоиз ба суратҳисоби Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Инчунин барои гирифтани маълумоти ғайримолиявӣ аз ширкатҳо саволҳои зерин пешниҳод карда шуданд:

| Номи нишондиҳандаҳо | Рамзи сатр |
|---|---|
| Оё дар ширкати шумо барои соли 2014 аудити мустақили ҳисоботи молиявӣ гузаронда шуд? | 42 |
| Ширкат оё ҳисоботи молиявии аудитшудаи дастрасиаш озод дорад? Агар дошта бошад, фаҳмонед, ки чӣ тавр онро гирифтан мумкин аст ё ба ин ҳисобот истинод намоед. | 43 |

### *Фурӯши ҳиссаи истихроҷи давлат ва даромадҳои дигар*

Мувофиқи стандартҳои ТШСИ, ба рӯйихати дар боло овардашудаи пардохтҳо аз рӯйи сатри №38 «Пардохтҳое, ки дар созишномаҳои бо Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон басташуда муқаррар гардидаанд» пардохтҳо аз фурӯши ҳиссаи истихроҷи давлат ва даромадҳои дигаре, ки дар шакли молӣ гирифта шудаанд, дохил карда шуданд. Пардохтҳо аз рӯйи ин категория дар Ҳисобот то дараҷаҳои ҳамандоза бо ҳисобот аз рӯйи дигар пардохтҳо ва ҷараёнҳои даромад хурд карда шуданд.

Солҳои 2015-2016 дар шакли молӣ ба давлат аз ҳисоби истеҳсоли тилло танҳо корхонаи «Тиллои Тоҷик» дод. Корхонаи «Тиллои Тоҷик» ташкилоти буҷетӣ буда, ҳамаи хароҷотҳои он аз ҳисоби буҷети ҷумҳуриявӣ маблағгузорӣ карда мешаванд бинобар ин корхона тамоми тиллои пошхӯрдаи истихроҷшудаaро барои пур кардани Фонди давлатӣ ройгон ба Хазинаи давлатии сарватҳои қиматбаҳои назди Вазорати молия месупорад.
Ҳамин тариқ, соли 2015 Корхонаи «Тиллои Тоҷик» аз ҳисоби буҷет ба миқдори 75,2 млн. сомонӣ маблағгузорӣ карда шуд. Корхона дар ҳаҷми 452,1 кг (бо ифодаи пулӣ ба маблағи 105,4 млн. сомонӣ) тиллои пошхӯрда истеҳсол намуда, ба хазинаи давлат супурд.

Соли 2016 барои Корхонаи «Тиллои Тоҷик» аз буҷети давлатӣ 75,0 млн. сомонӣ ҷудо карда шуд ва он дар ҳаҷми 492,4 кг (бо ифодаи пулӣ ба маблағи 159,2 млн. сомонӣ) тиллои пошхӯрда истеҳсол намуда, ба хазинаи давлат супурд.

### *Хароҷоти иҷтимоӣ ва инфрасохторӣ*

Инчунин мувофиқи стандартҳои ТШСИ, ба рӯйихати пардохтҳо аз рӯйи сатри №40 «Дастгирии инфрасохтори иҷтимоӣ» пардохтҳо аз рӯйи хароҷоти иҷтимоӣ, ки мувофиқи қонун ё мувофиқи шартнома бо ҳукумат талаб карда мешаванд, инчунин пардохтҳо дар асоси созишнома, ки таъмини молу хизматҳоро (аз ҷумла иҷора, грантҳо ва корҳои инфрасохториро) ба ивази иктишоф ё истихроҷи нафт, газ ё иштироки саноати истихроҷи кӯҳӣ дар бар мегиранд, дохил карда шуданд. Пардохтҳо аз рӯйи ин категория дар ҳисобот то дараҷаҳои ҳамандоза бо ҳисобот аз рӯйи дигар пардохтҳо ва ҷараёнҳои даромад хурд карда шуданд.

Ширкатҳо дар бораи хароҷотҳо барои объектҳои иҷтимоӣ ва/ё хароҷотҳое, ки аҳамияти иҷтимоӣ доранд, ба маблағи 5 145 736 сомонӣ ва 6 121 600 сомонӣ мувофиқан барои солҳои 2015 ва 2016 ҳисобот доданд. Ин хароҷотҳо асосан барои ободонӣ – таъмири биноҳо, роҳҳо, маҳаллаи истиқоматӣ, кӯдакистон, ёрии моддӣ ба мактабҳои ҷамоат ва худи ҷамоат, ки ширкат дар ҳудуди он воқеъ шудааст, равона гардидаанд.

Дар ҷадвал хароҷотҳои иҷтимоии ширкатҳое, ки аз ҳадди асосият ва аудит гузаштаанд, нишон дода шудаанд.

**Ҷадвали 33**

**Хароҷотҳои иҷтимоии ширкатҳо, ки ба муқоисаи маълумоти солҳои 2015-2016 дохил карда шудаанд (ба ҳисоби сомонӣ)**

| | **Ширкатҳо** | ***с.2015*** | ***с.2016*** |
|---|---|---|---|
| 1 | ҶДММ «Ширкати саноати кӯҳии Тоҷикистону Хитой» | 680 063 | 1 299 386 |
| 2 | ҶДММ КМ «Зарафшон» | 3 395 030 | 3 249 855 |
| 5 | ҶДМММ «Петролеум Суғд» | 13 568 | 23 150 |
| 7 | ҶСК «Комбинати масолеҳи бинокории Исфара» | 25 631 | 28 638 |
| 8 | ҶДММ «Корхонаи сементи ба номи Б. Самадов» ш. Исфара | 31 588 | 51 147 |
| 10 | Кооперативи тиҷоратии «Артели заршӯии Одина» | 837 341 | 743 930 |
| 11 | ҶДММ «Баракати Истиқлол» | 15 000 | 20 000 |
| 12 | ҶДММ «Покруд» | 60 000 | 150 000 |
| 13 | ҶДММ КМ ТА «Анзоб» | 87 515 | 555 494 |
| | **Ҷамъ** | **5 145 736** | **6 121 600** |

### *Хароҷот барои ҳамлу нақл*

Хароҷоти ҳамлу нақли маъданҳои фоиданок ба сатри №41 дохил карда шуданд. Дар ин сатр бояд ҳамаи пардохтҳо барои ҳамлу нақл, ки ба давлат ва ширкатҳои давлатӣ амалӣ карда шудаанд, дохил карда мешуданд. Дар солҳои 2015 – 2016 пардохтҳо аз рӯйи ин категория, ки тибқи талаботи стандарти 4.4 бо давлат ё ширкатҳои давлатӣ алоқамананд, вуҷуд надоштанд, гарчанде ки ширкатҳо дар бораи хароҷотҳо барои ҳамлу нақл ба маблағи 20 988 178 сомонӣ ва 27 884 085 сомонӣ мувофиқан барои солҳои 2015 ва 2016 ҳисобот додаанд.

### *Тартиби аудит ва тасдиқи маълумотҳо дар ширкатҳо ва мақомоти давлатӣ*

Дар рафти гузарондани муқоисаи маълумот инчунин тартиби аудит ва тасдиқи дурустии маълумотҳо дар ширкатҳо ва мақомоти давлатие, ки дар чараёни ҳисоботи ТШСИ иштирок мекунанд, аз ҷумла қонуну меъёрҳои дахлдор ва ҳама гуна ислоҳоти ба нақша гирифташаванда ё гузарондашаванда баррасӣ карда шуданд.

### *Ҳифзи маълумоти махфӣ*

Пеш аз муқоисаи пардохтҳо ГБТМ ва Маъмури Мустақил барои ҳифзи маълумоти махфӣ шароитҳои заруриро мувофиқа ва таъмин намуданд. Тарафҳо ба мувофиқа расиданд, ки ҳамаи маълумоти аз ширкатҳо ва мақомоти давлатӣ гирифташуда дар рафти муқоиса махфӣ мебошанд ва бояд дар идораи Маъмури Мустақил дар шароити дахлдор нигоҳдорӣ шаванд.

### *Тартиби аудит ва тасдиқи маълумот дар ширкатҳо*

Дар бораи гузарондани аудит дар ширкатҳо ҳаминро гуфтан лозим аст, ки дар Тоҷикистон ҷиҳати гузарондани аудит барои ширкатҳои соҳаҳои истихроҷ талаботи ҳатмӣ вуҷуд надорад.

Ширкатҳо ҳамон вақт вазифадоранд аз аудити ҳатмӣ гузаранд, ки агар ба гурӯҳи «субъекти манфиати умум» дохил шаванд. Бо Қарори Ҳукумати ҶТ №154 аз 03 апрели соли 2012, ташкилотҳои зерин субъектҳои манфиати умум эътироф карда мешаванд:

а) бонкҳо, новобаста аз шакли ташкилию ҳуқуқӣ ва шакли моликияташон;

б) ташкилотҳои суғурта, новобаста аз шакли ташкилию ҳуқуқӣ ва шакли моликияташон;

в) биржаҳо, новобаста аз шакли ташкилию ҳуқуқӣ ва шакли моликияташон;

г) фонди кафолати пасандозҳои шахсони воқеӣ;

д) фондҳои нафақавӣ (ба истисной ташкилотҳои буҷетӣ);

е) шахсони ҳуқуқие, ки коғазҳои қиматнокашон дар биржаҳои хазинавии Ҷумҳурии Тоҷикистон гардиш мехӯранд;

ж) субъектҳои инҳисори табиӣ;

з) субъектҳое, ки (ба истисной ташкилотҳои буҷетӣ ва хоҷагиҳои деҳқонӣ) нишондиҳандаҳои молиявӣ ва миқдориашон дар давраи (соли) ҳисоботӣ ақаллан бо яке аз нишондиҳандаҳои зерин мувофиқат мекунанд:

- ҳаҷми дороиҳои умумӣ на камтар аз 100000000 (сад миллион) сомонӣ,
- миқдори кормандон на камтар аз 1000 (ҳазор) нафар;

и) ташкилотҳо ва фондҳои ҷамъиятии ғайритиҷоратие, ки ҳаҷми умумии воридоташон бо назардошти ҳамаи андозҳо дар давраи (соли) охирини ҳисоботӣ на камтар аз 10000000 (даҳ миллион) сомониро ташкил медиҳад.

Субъектҳои манфиати умум ва дигар ташкилотҳое, ки мувофиқи стандартҳои байналмилалӣ ҳисоботи молиявӣ тайёр мекунанд, вазифадоранд, ки ба депозитарияи ҳисоботи молиявии назди Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳисоботи солонаи молиявӣ ва хулосаи аудиторӣ пешниҳод намоянд.

Дар рафти муқоисаи маълумот мо аз ширкатҳо пешниҳод намудани иттилооти дар боло зикршударо дархост накардем ва, мувофиқан, тасдиқ карда наметавонем, ки оё ягон ширкати дар ҳисоботи ТШСИ иштироккунанда ба гурӯҳи Субъектҳои манфиати умум дохил мешавад ва оё онҳо вазифадор ҳастанд, ки тибқи талаботи қонунгузории ҶТ аудити ҳисоботи молиявӣ гузаронанд. Аз депозитарияи назди Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон гирифтани маълумот дар бораи ҳисоботи молиявӣ ва хулосаи аудитории ширкатҳои дар раванди муқоиса иштироккунанда низ аз имкон берун аст, зеро ин ташкилот алҳол фаъолият намекунад.

Мувофиқи талаботи стандартҳои ТШСИ мо ба ширкатҳо оид ба гузарондани аудити ҳисоботи молиявӣ ва дастрасии ин ҳисобот барои инъикос намудани ин маълумот дар Ҳисобот саволҳои зеринро ирсол намудем.

| Номи нишондиҳандаҳо | Рамзи сатр |
|---|---|
| Оё дар ширкати шумо барои солҳои 2015 – 2016 аудити мустақили ҳисоботи молиявӣ гузаронда шуд? | 42 |
| Ширкат оё ҳисоботи молиявии аудитшудаи дастрасиаш озод дорад? Агар дошта бошад, фаҳмонед, ки чӣ тавр онро гирифтан мумкин аст ё ба ин ҳисобот истинод намоед. | 43 |

Иттилооти аз ширкатҳо дар ҷавоби саволҳои боло гирифташуда дар матни ҳисоботи мо ҷой дода шудааст.

Тибқи қонунгузории ҶТ, барои ҳамаи ширкатҳое, ки ба рӯйихати ширкатҳои ҳисоботдиҳанда дохил шудаанд, аудитори берунӣ доштан талаб карда намешавад, аз ин рӯ гирифтани тасдиқнома аз аудитори берунӣ амалан имконнопазир буд. Бинобар ин барои таъмини пуррагӣ ва саҳеҳии маълумот ГБТМ ва Маъмури Мустақил қарор доданд, ки шахси

мансабдори калони ширкат бояд ба шакли пуркардашудаи ҳисобот оид ба маълумотҳои пешниҳодшуда ба сифати тасдиқи пуррагӣ ва дақиқии ин маълумотҳо имзо гузорад. Маълумотҳои пешниҳоднамудаи ширкатҳо бо имзои роҳбарони аввал ва муҳри ин ширкатҳо тасдиқ карда шуданд.

### *Тартиби аудит ва тасдиқи маълумот дар мақомоти давлатӣ*

Аудити фаъолияти мақомоти давлатиро Палати ҳисоб амалӣ менамояд. Тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, Палати ҳисоб мақоми олии назорати молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шумор рафта, ҷиҳати арзёбии иҷрои буҷети давлатӣ аудити мустақили берунӣ мегузаронад ва оид ба такмили он пешниҳодот таҳия менамояд.

Ваколатҳои Палати ҳисоб дар гузарондани аудити мустақили берунӣ ба ҳамаи шохаҳои ҳокимияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дахл мекунанд.

Аудити аз ҷониби Палатаи ҳисоб гузаронидашаванда сохторҳо ва намудҳои фаъолияти зеринро дар бар мегирад:

- тамоми мақомоте, ки аз буҷети давлатӣ маблағгузорӣ карда мешаванд, аз ҷумла сохторҳое, ки қисман ё пурра дар ҳисоби хоҷагӣ қарор доранд;
- ҳамаи ташкилотҳое, ки дар онҳо ҳиссаи сармояи давлат назоратӣ мебошад;
- Бонки миллии Тоҷикистон ва дигар бонкҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- фондҳои ғайрибуҷетӣ ва барномаҳои мақсадноки умумидавлатӣ;
- Агентии давлатии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа;
- ташкилотҳои дорои ҳама гуна шакли моликият, ки ба онҳо дар шакли субсидия (дар асоси бебозгашт) маблағҳои буҷетӣ ҷудо карда мешаванд;
- иҷрои созишномаҳои байниҳукуматие, ки оқибатҳои молиявӣ ва дигар оқибатҳои хоҷагӣ доранд;
- хусусигардонии моликияти давлатӣ, аз ҷумла иҷрои шартномаҳои хусусигардонии бо давлат басташуда аз ҷониби соҳибони нав;
- идора кардан ва истифода бурдани захираҳои табиии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла иҷрои созишномаҳо оид ба тақсими маҳсулот;
- истифодабарии кӯмакҳо ва хизматрасонии маблағҳои қарз ва захираҳои давлатӣ бо асъори хориҷӣ аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- воридоти маблағҳо ба буҷети давлатӣ аз сарчашмаҳои хориҷии сармоягузорӣ ва мувофиқи мақсад сарф кардани онҳо.

Азбаски дар давраи гузарондани муқоиса асоси меъёрию ҳуқуқӣ барои гирифтани тасдиқномаи Палати ҳисоб оид ба маълумоти пешниҳоднамудаи мақомоти давлатӣ тайёр карда нашуда буд, мо натавонистем аз мақомоти давлатии ҳисоботдиҳанда дархост намоем, ки дар бораи дақиқии маълумотҳои аз тарафи ин мақомот ифшошуда аз аудитори берунии он - Палатаи ҳисоб тасдиқнома пешниҳод намояд. Бинобар ин барои таъмини пуррагӣ ва саҳеҳии маълумот ГБТМ ва Маъмури Мустақил қарор доданд, ки шахси мансабдори калони мақомоти давлатӣ бояд ба шакли пуркардашудаи ҳисобот оид ба маълумотҳои пешниҳодшуда ба сифати тасдиқи пуррагӣ ва дақиқии ин маълумотҳо имзо гузорад.

Маълумотҳои пешниҳоднамудаи мақомоти давлатӣ бо имзои роҳбарони аввал ва муҳри ин ташкилотҳо тасдиқ карда шуданд.

## 3.2. НАТИҶАИ МУҚОИСАИ ПАРДОХТҲО

### 3.2.1 Ҷараёни умумии маблағҳои пулӣ аз рӯи намудҳои пардохт

Аз рӯйи ҷамъбасти муқоисаи пардохтҳо ҷараёни умумии маблағҳои пулӣ аз рӯи намудҳои пардохт дар соли 2015-ум мувофиқи маълумоти ширкатҳо 736 529 485 сомонӣ ва мувофиқи маълумоти мақомоти давлатӣ 777 090 698 сомонӣ, дар соли 2016-ум - мувофиқи маълумоти ширкатҳо 1 050 568 829 сомонӣ ва мувофиқи маълумоти мақомоти давлатӣ 962 677 277 сомониро ташкил дод. Сабабҳо ва тафсилоти фарқиятҳои маълум карданашуда дар ҳисоботи мазкур оварда шудаанд. Ҳамаи пардохтҳо бо маблағҳои пулӣ гузаронда шудаанд, дар давраи ҳисоботӣ пардохт дар шакли натуралӣ вуҷуд надошт. Ҳамаи пардохтҳо ба чор гурӯҳи асосӣ тақсим карда шудаанд, ки дар ҷадвали поён оварда шудаанд:

**Ҷадвали 34**

**Тақсими пардохтҳо ба гурӯҳҳо дар соли 2015 (ба ҳисоби сомонӣ)**

| Намудҳои пардохт | Маблағи тасҳеҳшуда ба ҳисоби сомонӣ | | Фарқият | Фоизи фарқият |
|---|---|---|---|---|
| | Мувофиқи маълумоти ширкатҳо | Мувофиқи маълумоти мақомоти давлатӣ | | |
| Пардохти андоз | 584 176 933 | 645 750 540 | 61 573 607 | 10.54% |
| Пардохти гумрук | 105 377 537 | 131 340 158 | 25 962 621 | 24.64% |
| Дигар пардохтҳои асосӣ | 18 624 937 | - | - | 0.00% |
| Хароҷоти иловагӣ | 28 350 078 | - | - | 0.00% |
| **Ҷамъ** | **736 529 485** | **777 090 698** | **87 536 228** | **11.88%** |

**Ҷадвали 35**

**Тақсими пардохтҳо ба гурӯҳҳо дар соли 2016 (ба ҳисоби сомонӣ)**

| Намудҳои пардохт | Маблағи тасҳеҳшуда ба ҳисоби сомонӣ | | Фарқият | Фоизи фарқият |
|---|---|---|---|---|
| | Мувофиқи маълумоти ширкатҳо | Мувофиқи маълумоти мақомоти давлатӣ | | |
| Пардохти андоз | 864 714 808 | 824 915 472 | -39 799 336 | -4.60% |
| Пардохти гумрук | 108 679 344 | 137 761 805 | 29 082 461 | 26.76% |
| Дигар пардохтҳои асосӣ | 39 990 765 | - | - | 0.00% |
| Хароҷоти иловагӣ | 37 183 912 | - | - | 0.00% |
| **Ҷамъ** | **1 050 568 829** | **962 677 277** | **-10 716 876** | **-1.02%** |

## Сабабҳои фарқият

Дар вақти арзёбии пешакӣ мо ҳолатҳои зеринро мушоҳида намудем, ки ба пайдоиши фарқиятҳо таъсир мерасонанд:

1. Ширкат ва мақоми давлатӣ (Кумитаи гумруки назди Ҳукумати ҶТ ва/ё Кумитаи андози назди Ҳукумати ҶТ) маълумотҳоро оид ба пардохтҳо/воридот зиёд карда нишон додаанд/кам карда нишон додаанд ё тамоман пешниҳод накардаанд .
2. Аз 29 ширкат 2 ширкат маълумот пешниҳод накарданд. Маблағи умумии пардохтҳои андозӣ ва гумрукии ин ширкатҳо дар солҳои 2015 ва 2016 тибқи маълумоти Кумитаи андоз ва Кумитаи гумрук мувофиқан 154 362 669 сомонӣ ва 158 009 280 сомониро ташкил дод.
3. Пардохтҳо/воридот ба сатрҳои нодуруст дохил карда шудаанд ва/ё умумӣ карда шудаанд. Дар шакли (формати) дархости мо андоз аз истихроҷи маъданҳои фоиданок ба намудҳои зерин тақсим карда шудааст: бонуси обунавӣ барои омӯзиши геологии сарватҳои зеризаминӣ, бонус барои истихроҷ, бонуси кашфи тиҷоратӣ, роялти барои истихроҷ ва роялти барои об. Гарчанде ки дар системаи мақоми андоз ин намуди андоз чун «андоз барои маъданҳои фоиданок» инъикос гардидааст. Мо онҳоро ислоҳ накардем, зеро онҳо ба натиҷаи ниҳоӣ таъсир нарасонданд.
